Юнуси ИМОМНАЗАР

# Деҳаи заркез



Тошканд
«Turon zamin ziyo»
2016

УЎК: 811.222.8(079)
КБК 81.2-8
И-30

Имомназар, Юнус

**Деҳаи зархез:** рисолаи пажўҳишӣ-бадеӣ (дар бораи арзишҳои миллии деҳаи Эчӣ ноҳияи Нурато ва намунаҳо аз осори эҷодкорони он) / Юнуси Имомназар. – Т.: «Turon zamin ziyo», 2016. – 224 саҳ.

ISBN 978-9943-4724-4-0

Деҳаи Эҷ яке аз қадимтарин ва бузургтарин деҳоти кўҳистони Нуратост. Ин деҳа бо сарвати бебаҳои худ – тилло, ки дар зери заминаш фаровон аст, маъруф шудааст. Вале дар асл шуҳрати воқеии Эҷ на ба хотири ин неъмати табиӣ, балки ба ҳиммати сокинони кўшо, боталош ва илмдўсту фарҳангиаш доман густурдааст, ки дар тўли торих аз худ осори боарзиши илмию фарҳангӣ ва адабию ҳунарӣ боқӣ гузоштаанд. Гўйиши хос, таронаю сурудҳои мардумӣ, катибаҳо, осори дилпазири насрию назмӣ аз ҷумлаи арзишҳои бебаҳои деҳаи ёдшуда ба шумор мераванд. Агар тиллои нуҳуфта қишрҳои заминро оро диҳад, ин арзишҳо ба монанди зарпораҳо олами илму фарҳангу ҳунарро тобишу зинат мебахшанд. Китоби мазкур нигоштае аз ҳамин арзишҳои маънавӣ буда,ба сифати як сарчашмаи илмию бадеӣ ҷиҳати ошноии бештар бо деҳаи Эҷ ва бошандагони он кумак хоҳад кард ва барои доираи васеи хонандагон пешниҳод мегардад.

УЎК: 811.222.8(079)
КБК 81.2-8

Муҳаррири масъул:

**ПАЙМОН,**
шоир, узви Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон

Омодакунандаи аксҳо: **Раҳими Мустафо**

ISBN 978-9943-4724-4-0

©"Turon zamin ziyo",
Тошканд, 2016.

# ДАВОМИ НЕК РОҲАТРО

Юнуси Имомназар аз нависандагони варзида ва писандидаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон аст. Дӯстдорони адабиёти бадеии кишвар ӯро дер боз аз тариқи мақола, очерк, сафарнома, ҳикояву қиссаҳои намакинаш, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» ва китобҳояш – «Аз гулгашти Мусалло то Нақши ҷаҳон», «Аз санг сахт, аз гул нозук», «Ҷоми саргардон» чоп ва интишор шудаанд, хуб мешиносанд. Мавсуф аз қадам ва қаламиҳои нахустини худ мавриди эътибор ва эҳтироми хонандагон қарор гирифтааст.

Бояд эътироф кард, ки бештар аз ҳама навиштаҳои қаблӣ маҷмӯаи аввалини қиссаву ҳикояҳои ӯ – «Аз санг сахт, аз гул нозук», ки соли 2010 аз тариқи нашриёти «Ӯзбекистон» дар чопхонаи «Extremum press»-и Тошканд ба теъдоди 1000 нусха интишор ёфта буд, таваҷҷӯҳи бисёр адабиётдӯстон, ба хусус, хонандагони насри бадеиро ҷалб сохт ва мавриди баҳсу мунозираву таърифу тавсифи эшон воқеъ гардид. Ин иқдом аз он дарак медод, ки ба майдони адабиёти бадеии тоҷики Ӯзбекистон, хосса ба майдони насри он, боз як нависандаи босалиқа далерона ворид гардидааст. Аз ҳикояҳои «Тақдири шум», «Духтари ноком», «Гиряи мард», «Нолаи хар» ва қиссаҳои «Мардикор», «Аз санг сахт, аз гул нозук» аён буд, ки Юнуси Имомназар дар саҳнаи адабиёт нависандаи тасодуфию сарироҳӣ нест, қалами навиштаниву сухани гуфтанӣ дорад.

Ҷиҳати муҳимме, ки дар осори адиб ба назар мехӯрад, бешубҳа, забони шевою гиро ва муҳтавои тозаву оҳории онҳост. Вай саъй мекунад, ки забони қаламиҳояш зебо, гуворо ва дилнишин бошад, аз қолабҳои умумии баёни воқеаву ҳодисаҳо худдорӣ кунад. Маҳз ҳамин ҷиҳат ба навиштаҳои ӯ аз нигоштаҳои бисёре аз ҳамқаламони муосираш бартарӣ мебахшад. Юнуси Имомназар ҳатталимкон аз пурсуханиву такроргӯйӣ парҳез мекунад, фикрашро ба тарзи муъҷаз ва сода, вале бо забони фасеҳу пурбори тоҷикӣ ифода менамояд.

Ҷиҳати дигаре, ки фикр мекунам, хоссаи ҳикояву қиссаҳои ӯст, ин дарёфти мавзӯъ ва мазмунҳои тоза, ҳатто ҳанӯз ногуфта, мебошад. Вай аз мавзӯъҳои қолабӣ ва куҳнаи адабиёт (ин ҷо насри бадеӣ) канораҷӯйӣ карда, ба дарёфтан ва ифода намудани матлабу мазмунҳои обнарасида азм мекунад ва аксар ҳангом комёб мегардад. Барои он ки сухани мо умумӣ набошад, ҳикояи «Нолаи хар»-ро аз маҷмӯаи фавқуззикр мисол меоварем.

Маълум аст, ки адибону нависандагон, ҳатто шоирони бисёр дар осори худ – чи ҳикояву новелла, чи қиссаву роман ҳайвоноти мухталифро ба сифати образи асосӣ ё худ иловагӣ тасвир кардаанд ва дар ин маврид аз ҷонварони аҳливу ваҳшӣ, аз қабили аспу саг, шутуру меш, гургу рӯбоҳ ва ғайра зиёд истифода бурдаанд. Юнуси Имомназар дар ҳикояи зикршуда образи харро меофарад ва бояд таъкид сохт, онро хеле хуб талқин кардааст. Хонанда, агар ӯ хонандаи деҳотӣ, ба хусус кӯҳистонӣ бошад, ба тасвир ва тавсифи ӯ дар ин ҳикоя бовар мекунад ва хеле ба ваҷд меояд. Таваҷҷӯҳ кунед: «...Модарам ин ҳоли гӯшдарозро ба хубӣ пай бурда, дақиқан фаҳмида буд, ки мо ҷонварро азоб додаем. Модар сару гардани дастёри худро масҳкунон ҳамдардӣ мекард: «Ҳа, ҷонвар, чӣ шуд ба ту? Чаро ин қадар нола мекунӣ? Кӣ ба ту озор дод? Кӣ дардатро нафаҳмид?...». Хари бечора бошад, сарашро беист алвонҷ медод ва бо забони безабонии худ пайваста ҳик-ҳиккунону ҳангосзанон арзи дил карданӣ мешуд...».

Боз як паҳлуи эҷодиёти Юнуси Имомназар ин сафарноманависӣ аст. Ҳанӯз пеш аз чоп шудани китоби «Аз санг сахт, аз гул нозук», сафарномаи мунаққаши нависанда бо унвони «Аз гулгашти Мусалло то Нақши ҷаҳон» (нашриёти «Ӯзбекистон», Тошканд, 2008) интишор ёфта буд, ки бардошти хубу муассире аз саёҳат ба Эрони бостон мебошад. Ин саёҳатнома, ҳарчанд аз тасвири зиёратгоҳҳо, қаср, масҷид ва ҷойҳои дидании шаҳрҳои бостониву достонии Шероз, Исфаҳон, Теҳрон ва китобсарои он иборат аст, бо тарзи баёну шеваи хуби гуфтору забони ҷаззоб хеле ҷолиб мебошад. Хонанда онро, ба таъбири маъруф, осон ва бо хоҳиши зиёду баланд дар як нафас мутолиа карда, таассуроти хушу гуворое мебардорад.

Китоби адиб «Ҷоми саргардон», ки соли 2014 аз тариқи нашриёти «Тамаддун» ба теъдоди 500 нусха чоп шуд, қиссаҳои «Гурез аз худ», «Равзанаи умед», ҳикояҳои «Доғи рӯйи санг», «Чашмаи Холмурод», «Писарак», «Дарди бедаво», «Марди мусофир» ва ғайраро дар бар гирифтааст. Ин асар куллан бадеист ва намоёнгари пешрафту такомули эҷодиёти адиби чирадаст мебошад.

Аз ҷумла, қиссаи «Равзанаи умед» аз муҳтавои ин китоб перомуни торих ва қисмати талхи мардуми зодгоҳи нависанда дар гузаштаи дур ҳикоят мекунад. Он баробари асари бадеӣ будан, қиссаи саргузаштиест ва бо забони зебову пурбор нигошта шудааст.

Китобе, ки ҳоло камина мусаввадаи онро дар даст дорам, ҳарчанд боби хотимавии он ба шарҳи ҳол ва осори адабӣ бахшида шуда, намунаҳоро аз онҳо фароҳам овардааст, навиштаи комилан илмиву торихӣ ва пажӯҳишист. Юнуси Имомназар чун дилдодаи зодгоҳаш дар ин асар ториху сарнавишти Эҷ ва саргузашти фарзандони маъруфу эҷодкори деҳаро мавриди таваҷҷуҳ ва баррасӣ қарор медиҳад. Саъй кардааст, меҳри беандоза, муҳаббату сами-

мият ва ишқи гарми худро нисбат ба ватани кӯчаки азизу қадимияш ифода намояд. Барои дарёфти маънои луғавии вожаи «эҷ», ки номи таваллудгоҳи ӯ ҳам ҳаст ва дарки саргузашту сарнавишти мардуми он чандин манбаи торихиро варақ зада, хулосаҳои муътамад баровардааст.

Пӯшида нест, ки лаҳҷашиносӣ яке аз рукнҳои асосӣ ва ҷузъи ҷудонопазири илми забоншиносӣ ба шумор меравад. Омӯхтани лаҳҷаҳо, боз ҳам ширадору ғанӣ гардондани забони адабӣ аз ҳисоби вожаҳои маҳаллӣ ҳамеша мавзӯи мавриди мутолиа ва баҳси забоншиносон аст. Дар ин боб муаллиф фикру андешаҳои худро дар робита бо лаҳҷаи зодгоҳаш, як қатор вожаҳое, ки аҳли Эҷ ба кор мебаранд ва тафовутҳои асосии лаҳҷаи эҷиён ва забони адабии тоҷик баён медорад.

Дар ин рисолаи пажӯҳишӣ, ки аз чандин бобу қисмат иборат аст, намунаҳое аз эҷодиёти шифоҳии аҳли деҳа, мисли шеър, тарона, суруд, бадеҳа, байт, такбайтиву чистонҳо ва осори хаттии дирӯзу имрӯзи он – ҳам назмиву ҳам насрӣ, фароҳам омадаанд.

Ба таври кул, китобе, ки онро Юнуси Имомназар «Деҳаи зархез» унвон додааст, бо вуҷуди он ки ба таҳқиқу муаррифии торихи зодгоҳ, забон, лаҳҷа, хусусиятҳои забонӣ, бузургмардону эҷодгарони деҳа мутааллиқ мебошад, ба доираи васеи хонандагон пешбинӣ шуда, асари арзишманд ва сазовори чоп кардану интишор намудан аст. Аз ин нуқтаи назар, мо ин иқдоми ҷасуронаи муаллифро, ки дар паҳнои эҷодиёташ тозаву нав мебошад, табрику таҳният ва ба таъбири машҳури шоири маъруф, устод Мӯъмин Қаноат, «давоми нек роҳатро» мегӯем.

**ПАЙМОН,**
***шоир, рӯзноманигор, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон***

## АЗ МУАЛЛИФ

Деҳаи Эҷ ба далели он ки дар доманаи кӯҳ ҷойгузин аст, обу ҳавои дилпазир дорад. Мегӯянд, дар замонҳои пеш новаю адирҳои ин деҳа чунон сарсабзу дарахтпӯш будаанд, ки роҳиён аз аспу хар пиёда шуда бо сари хам пеш мерафтаанд. Қариб сари ҳар қадам ба чашмаҳо рӯ ба рӯ меомадаанд, ки аз миёни регу сангрезаҳо ва аз бехи буттаю харсангҳо ҷӯш зада баромада, сою рӯдҳои саркашу шӯхро ҳосил мекардаанд. Дар мағзи табиати афсункор ва доманаҳои кӯҳии пурдарахту серсангу обшор хушовозтарин мурғон, аз қабили кабку булбулу ҳудҳуд ва зеботарин ҳайвоноти кӯҳӣ, ба монанди ғурм, оҳу ва ҳатто шеру паланг ҳаёт ба сар мебурдаанд. Аммо бо мурури замон, дар натиҷаи рӯз аз рӯз зиёд шудани ниёзу хостаҳои одамон ва бештар, аз пайи тохтутозу харобкориҳои аҷнабиён ин деҳа низ шиканҷаҳои фаровонро аз сар мегузаронад ва дар ниҳоят, дорои, «нозу истиғно»-и доманаҳои кӯҳӣ ва новаҳо аз байн меравад. Нақл мекунанд, торочи табиату одамони деҳа, алалхусус, аз замони ҳамлаҳои чингизиёни бадкешу ҷоҳил оғоз ёфтааст. Тавре ки то ҳанӯз калонсолон бачаҳои хурдро бо ибораҳои «Ана, бучӣ!», «Бучӣ омад!» метарсонанд. Бучӣ аз саркардаҳои хунхӯри муғулӣ будааст, ки аз дасти ӯ ҳамроҳ бо масканҳои дигар деҳаи Эҷ низ ба харобазор табдил ёфтааст. Ҳоло он «Бучӣ» дар зеҳни бачаҳои хурди деҳа чун як ҳашара ё ҷонвари газанда мутаҷассим аст.

Бе муболиға, деҳаи Эҷ бо ғановати табиӣ ва худододи худ аз ҷумлаи деҳоти пурнеъмати кӯҳистони Нурато мебошад ва ҳатто зери хоки он музайян аст, зеро конҳои тӯда-тӯдаиву парокандаи зар дорад. Вале шуҳрати воқеии деҳа, гузашта аз ин сарватҳо, ба хотири мардуми ғайратманду шуҷоъ ва ҳунарманду закияш дар атрофу акноф доман паҳн кардааст. Аз қадим дар ин ҷо ҳунарҳои мухталиф роиҷ гардида, соҳибкорони чирадаст, чун хумсозу кӯзагар, мисгару оҳангар, деворзан, чӯбкор, нахресу ҳаллоҷ, порчабоф, намадпаз, гилемдӯз, саллох, осиёбгар, овозхону хунёгар, муаллиму мударрис

дар пешаи худ шуҳратёр гаштаанд. Кам деҳаеро метавон пайдо кард, ки ба монанди Бухорои азим аз назари дину диёнат муқаддас хонда шуда бошад, дар ҳоле ки Эҷ ба ин мақом сазовор гардида, дар байни хосу ом бо номи «Эҷи шариф» муътабар дониста шудааст. Дар радифи одамони босаводу илмпарвари эҷӣ то дирӯз муллоҳои таҳсилдида, ба монанди Мулло Қурбон, Мулло Абдуғафур, Бобои Мулло (Мулло Нурназар), Мулло Содиқ, Мулло Абдурасул, Мулло Абдуғаффор, Мулло Юсуф дар гӯшаю канори кӯҳистони Нурато ном баровардаанд.

Агар тохтутозу ғоратгариҳои беҳисоб аз сӯйи бегонагон намебуд ва агар табиату имконоти мавҷудаи деҳа аз байн намерафт, шояд имрӯз дар ҷойи Эҷ як шаҳраки ободе ҷилва мекард. Сарнавишт чандин бор одамони деҳаро ба қину азоб мубтало ва аз будушудашон маҳрум сохт, ба маконҳои дуру бегона азимат кунонд. Акнун эҷиёнро дар чор сӯ – аз Нуратою Кармана то Бухорою Самарқанд ва аз Форишу Дизах то Сирдарёю Тошканду ноҳияҳои Қазоқистон дучор омадан мумкин аст. Бо ин ҳол, деҳаи Эҷ боқӣ монд, то ҷое бо асолати худ ва бо ҳама расму одобу оини худ рӯйнамоӣ мекунад...

Камина дар ҳамин рустои биҳиштосои доманакӯҳӣ ба дунё омадаам ва он, агарчи деҳаи хурдест, ҳамеша дар назари ман чун ҷаҳони бузурги орзуву уммедҳо ва ба сифати кишвари паҳновари пур аз зебоиҳо ҷилвагар шудааст. Ҷозибаҳои табиӣ ва падидаҳои муъҷизаосояш доимо бароям илҳом бахшидаанд ва мардуми меҳмоннавозу хоксору содаи он пайваста ба ман дил додаанду пуштибону такягоҳам будаанд. Ман хеле сафар кардаам, дар ҷойҳои мухталиф манзил гузидаам, аммо ҳар гоҳ ёду ҳушам бастаи Эҷи азизам буд ва ин дуо аз забонам наафтидааст:

*Дилам хоҳад Ватан поянда бошад,*
*Дар он ҳам Эҷи ман поянда бошад.*
*Забони порсии аҳли он низ*
*Ба асли хештан поянда бошад!*

Ҳоло ин китоби худро, ки ба истилоҳ, зарпораҳоеро аз муҳтавои зодгоҳам фаро мегирад, бо камоли эҳтиром ва аз сидқи дил ба аҳли меҳрубону қадрдони деҳаи ба ҷон баробарам – Эҷ тақдим мекунам.

***Юнуси ИМОМНАЗАР***

# БОБИ ЯКУМ

# ВОЖАҲО ВА ГӮЙИШИ МАРДУМӢ

## Эҷ ва маънои он

Гузашта аз мақолаҳои ҷудогона, ҷолибтарин китобу рисолаҳое, ки то ба имрӯз дар бораи деҳоти тоҷикнишини кӯҳпояи Нурато, ба хусус, дар робита бо ториху ҷуғрофиё, адабиёту фарҳангу ҳунар, расму оин, эҷодиёти шифоҳии халқ, хусусиятҳои забонӣ ва лаҳҷа, касбу кори сокинони деҳаи Эҷ таълиф шудаанд, таҳқиқоти этнографии олимони шарқшинос Билқис Кармишева ва Елена Пешерева, «Таронаҳои Самарқанд» (ба чоп ҳозиркунанда Баҳром Шермуҳаммадов), «Сурудҳои маросими тӯйи тоҷикон» (Фарруха Зеҳниева), «Тоҷикони Фориш» (Маҳмуд Нурназаров), «Сарзамине дар доманакӯҳ» (Абдуназари Набӣ) ва рисолаи чопнашудаи «Тазкира» (Назруллоҳ Расулзода) ба шумор меравад. Бо ин ҳама, ҳанӯз ҳам паҳлуҳои норавшан, масъалаҳои баҳсталаб ва пажӯҳишҳои нотамом дар соҳаҳои гуногун, ба вижа, доир ба пайдоиш ва исми деҳа, лаҳҷа ва вожашиносӣ, шуғлу эҷодиёти аҳли деҳа дар тӯли торих боқӣ мондаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар радифи деҳаи Эҷ дар қисми шимолии кӯҳистони Нурато бо тартиб деҳаҳои тоҷикнишини Соб, Синтаб, Моҷарм, Андагин, Ӯхм, Ҳоят, Асраф ва Порашт низ ҷойгир шудаанд. Бино ба сарчашмаҳои торихӣ, аз ҷумла, бо таваҷҷуҳ ба далоил ва воқеаҳои баёншуда дар китобҳои «Тоҷикон» (Бобоҷон Ғафуров), «Фотеҳ» (Эдисон Маршалл), «Дар умқи асрҳо» (Любов Воронкова), «Суғдиён» (Явдат Илёсов) маскуншавии аҳолии бошишгоҳҳои мазкур дар солҳои бистуми асри чаҳоруми пеш аз мелод (муқаддаман аз соли 327 пеш аз мелод)*, аз ҳисоби ҷанговарони парокандашу-

* Минҷумла, олими шинохтаи кӯҳпояи Нурато Маҳмуд Нурназаров дар китоби торихӣ-этнографии худ – «Тоҷикони Фориш» (саҳ. 24) ба аслан фирорӣ будани бошандагони деҳоти кӯҳпоя ишора карда навиштааст: «Искандари Мақдунӣ ҳангоми ҳуҷуми худ ба Осиёи Миёна (331–323 пеш аз мелод) бисёр шаҳру деҳотро сӯхта ба харобазор табдил намуд. Суғдиҳо то охирин қувваи худ муқобилият нишон дода, дар ин ҷанг шикаст хӯрданд. Аксари суғдиён ба дасти

даи нируҳои низомии сипаҳсолори суғдӣ Спитаман, ки пас аз шикаст хӯрдан аз лашкари хунхӯри Искандари Мақдунӣ дар ҳаволии Мароқанд ба самти шимол, ҷониби саҳро ақибнишинӣ ва фирор кардаанд, оғоз шудааст. Далели равшани ин ақида, аз як сӯ, олоту абзори қадимӣ ва қалъаҳои бостонии сангие, ки бо сабки суғдиёна сохта шудаанд, бошанд, аз ҷониби дигар, ҳанӯз ҳам дар муҳовара мавҷуд будани садҳо калимаю истилоҳ ва таркибҳои хоси забони суғдӣ аст. Чунончи, агар бостоншинос Додо Нозил бо тарҳи суғдиёна сохта шудани чанд қалъаи қадимаро ёдовар шавад,пажӯҳишгарон Абдуназари Набӣ ва Назруллоҳ Расулзода чандин калимаи хоси суғдӣ ва форсии қадимро, ки дар гуфтугӯйи мардуми ин кӯҳпоя ба кор меравад, таҳлилу баррасӣ кардаанд.

Дар воқеъ, маънии номҳои деҳоти ёдшударо мебояд фақат аз маъхазҳои бостонӣ, ки бастагӣ ба аҳди давлатдории Суғдиён доранд, ҷустуҷӯ кард. Масалан, калимаи «синтаб» аз назари Н.Расулзода маънои «кӯли об» ( «синт» – ҷойи ҷамъшавии об ва «аб» – об)-ро дорад. Оре, ин вожа аз ду ҷузъ таркиб меёбад: «синт» ва «аб(об)». Азбаски ҷузъи аввал бо ҳарфи «т» маънӣ надорад, бояд шакли қадимии он – **синд** мавриди баррасӣ қарор гирад. Нахуст, «синд» исми рӯди бузургест, ки аз кӯҳсори Тибет сарчашма гирифта, пас аз гузаштани роҳи пурпечухами тӯлонӣ оби худро дар наздикии бандари Қарочи ба баҳри Араб мерезад. Дигар, «синд» номи яке аз чаҳор иёлати Покистон аст ва маркази он шаҳри Қарочи мебошад. Ва ниҳоят, роҷеъ ба ин вожа донишманди маъруфи қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ-қамарӣ (охири асри дувоздаҳ ва ибтидои асри сенздаҳи мелодӣ) Ёқути Ҳамавӣ дар китоби худ «Муъҷам-ал-булдон», ки аз асарҳои боарзиш дар бораи ҷуғрофиё ва торихи ҷаҳонгардии он замон аст, чунин баён медорад: «Эшон панҷ қавм ҳастанд: кирмон, мукрон, тӯрон, синд ва мултон... Болоомадагии замин дар ҷилави кӯҳ ва ё дара «синд» номида мешавад...» ( «Муъҷам-ал-булдон» (ба забони арабӣ): Бейрут, ҷ. 3. 1990). Бо таваҷҷуҳ ба ин тафсири донишманд, метавон ба чунин хулоса

---

душман асир афтоданро нахоста худро нобуд карданд ва қисме аз онҳо ба ноҳияҳои дурдасти кӯҳӣ фирор намуданд. Хусусан, шумораи фирориҳо пас аз пахш карда шудани шӯриши Спитаман (с.327 пеш аз мелод) хеле афзуд. Зеро Искандар суғдиёни саркаши водии Зарафшон ва Истаравшанро ба ҷазои сахттарин гирифтор намуда буд». Ва илова мекунад: «Ӯ (Искандар) фармон медиҳад, ки қишлоқҳоро сӯзонанд ва ҳамаи калонсолонро кушанд» (Квант Курсий VII, 9.22)

омад: **«қисми болоомадагии замин дар пеши кӯҳ ё дара, ки пури об аст, синдоб *(синтоб, синтаб)* ном дорад».** Ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки деҳаи Синтаб дар ҳақиқат дорои чунин манзараи табиӣ мебошад. Ҳамчунин, бо истинод ба луғатномаҳо, вожаҳое ба шакли синдҳу (дар забони санскрит), синтхус (дар забони юнонӣ), синтов (дар забони чиноӣ) ба маънии оби бисёр, уқёнус омадаанд. Дар забон тағйирёбии овози **д** ба **т**, ба вижа, дар гӯйишҳо бисёр мушоҳида шудааст ва аз ин рӯ, «синд»-и аслӣ дар лаҳҷа шакли «синт»-ро гирифтааст.

Хеле ҷолиб аст, ки ҳар кадом деҳаи кӯҳпоя, бо вуҷуди урфу одатҳои ягона, лаҳҷаи хоси худро дорад ва деҳаҳо аз назари тақсимоти авлодӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Сабаби асосии ин тафовут ба асли баромади онҳо, яъне ба замоне бармегардад, ки бошишгоҳҳои худро таъсис додаанд. Тавре ки аз торих аён аст, Спитаман сипоҳи худро аз тамоми гӯшаю канори давлати Суғд гирд оварда буд ва ҳар даста иборат аз одамони маҳале, рустое ё шаҳре будааст. Вақте ки лашкари бистҳазорнафараи Искандари Мақдунӣ ба панҷ бахш тақсим шуда дар тамоми сарзамини Суғд мардумро аз дами теғ мегузаронид ва сипоҳи Спитаман низ мағлуб шуда ба парокандагӣ рӯ меовард, бино ба дастури Спитаман ҳар як дастаи фирорӣ маҷбур мешавад дар мавзеъҳои мухталиф барои худ паноҳгоҳ ёбад. Аз ҷумла, чанд гурӯҳ аз сипоҳи суғдӣ авлод-авлод дар дараҳои сердору дарахт ва хушбоду ҳавои қисми шимолии риштакӯҳе, ки ба таври амудӣ дар роҳи Мароқанд воқеъ буд, манзил ихтиёр мекунанд. Аз ин ҷост, ки тарзи гуфтугӯ ва лаҳҷаҳои маҳаллии деҳоти номбурдаро дар дигар минтақаҳои тоҷикнишин низ метавон мушоҳида кард. Пас, омӯзиши забони гуфтугӯ ва лаҳҷаи ҳар як деҳа бояд ба таври ҷудогона сурат гирад ва ин омӯзиш шарҳу тавзеҳи илмии мутобиқати гӯйишҳо бо забони меъёрро тақозо мекунад. Бешубҳа, оғози ин гуна иқдом бо шарҳи маънии аслии номи деҳаҳо бамаврид аст.

Тавре ки дар боло зикр шуд, муаллифи рисолаи «Тазкира» дар бораи торих, мавқеи ҷуғрофиёӣ, сарватҳои табиӣ, фарҳангу ҳунар, ёдгориҳо, ҷамоа ва шаҷараҳои авлодӣ ва алалхусус, маънии калима ва истилоҳоти хоси деҳаи Эҷ фикру мулоҳизаҳои худро баён кардааст. Чунончи, дар боби «Рӯйхати калимоти душворфаҳми суғдӣ бо шарҳи баъзе аз номҳои ҷуғрофӣ» менависад: «Эҷ суғдист ба маънои «кадуи пурасал» ё «кадуи пурзар». Бо ин ном дар устони Мозандарони Эрон деҳае вуҷуд дорад» (саҳ. 40).

Ин ҷо ақидаи муаллиф дар бораи маънии калимаи «эҷ» баҳспазир аст. Аммо, пеш аз он ки ба ин масъала равшанӣ андозем, мо аз пайи маконе шудем, ки ҳамноми Эҷ мебошад ва муаллиф зикр кардааст. Тавре ки ҷустуҷӯҳо собит карданд, дар ҳақиқат рустои зебоманзаре бо ин исм дар наздикии шаҳри Ромсари устони Мозандарон воқеъ будааст ва маълум шуд, ки он бештар бо обшори худ шуҳрат дорад. Обшори Эҷ аз об шудани барфҳои доимии кӯҳи Хашмчол сарчашма мегирад ва андак роҳро тай намуда, дар болодасти деҳа аз фарози сангӣ ба рӯйи сангҳои дигар фурӯ мерезад ва баъд ба шакли чандин ришта обшор ба умқи дара сарозер мешавад. Оби зиёд ва фазоҳои ғормонанди зери сангҳои обшор хеле тамошобобанд. Дар ин ҷо деҳаи Эҷ бо чашмаҳои сероб, обу ҳавои чарогоҳӣ, пӯшиши атрогини гиёҳӣ, қуллаи барфпӯши Хашмчол ва дараи босафои Ишкаварулё худнамоӣ мекунад.

Гузашта аз ин, бо таваҷҷуҳ ба маълумоти Кумитаи тахассусии номнигорӣ ва яксонсозии номҳои ҷуғрофиёии Эрон, боз ду макони дигар дар он кишвари ҳамзабон бо исми «эҷ» воқеъ будаанд. Яке аз онҳо дар устони Симнон, дар бахши марказии шаҳристони Сурха қарор дорад ва фосилааш то маркази вилоят – шаҳри Симнон панҷоҳу ду километр аст. Ин деҳаи Эҷ дар байни доманакӯҳҳо ҷой гирифта, ҳамагӣ сию ду хонавода дорад. Беҳтарин раҳовард аз ин деҳа себ, зардолу ва гелосҳои хуштамъ мебошад.

Калонтарин Эҷи кишвари Эрон бошад, дар ҷанубу шарқи устони Форс, дусаду даҳ километр дуртар аз шаҳри Шероз воқеъ аст. Он на русто, балки як шаҳри қадимист, ки мардумаш бо ҳамватанони худ, мисли пайраву ёвари паёмбар Салмони Форсӣ ва донишманди қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ (асри 14), ориф ва файласуфи замони худ Азуддудини Эҷӣ ифтихор доранд. Дар ин ҷо маҷмӯи Боғи Гулшан, Осиёби Гулшан, чашмаи Бандара, кӯҳистони Пак, Масҷиди Сангӣ, қалъаи Доруламон, ҳавзҳои об, Тахти Баҳман аз ҷумлаи мавзеъҳои диданӣ ва гардишгарӣ маҳсуб мешаванд. Дар заминҳои он ҳамроҳ бо маҳсулоти гандум, ҷуворимакка, ҷав ҳамчунин анвои мухталифи мева, мисли анор, анҷир, бодом, тут, ангур, шафтолу, зардолу,тарбуз, толибӣ, бор медиҳанд.

Ба нақл аз китоби торихии «Форсномаи Носирӣ», «... баъд аз истилои давлати ислом бар мамолики аҷам ва мурури духур *(замон,*

*асрҳо)*, мамлакати Форсро чаҳор ҳисса намудаанд. Аввал, Шабонкора гуфтанд ва дарозии он аз ҳаштод фарсахи корвонӣ бигзарад ва паҳнои он наздики чиҳил фарсахи корвонӣ аст ва ... пойтахти Шабонкора шаҳри Эг, ки аъроб *(арабҳо)* онро Эҷ гуфтанд, буд ва баъд аз харобаи он қасабаи Истаҳбонот *(ро)* дар чаҳор фарсахи миёни мағрибу шимоли он обод сохтаанд...» (Ҳоҷ Мирзо Ҳасан Ҳусайни Фасоӣ, Форсномаи Носирӣ / Теҳрон: Амири кабир, 1378 ҳ.ш. (2000), ҷ. 2, саҳ. 34).

Шоир ва фарҳангшиноси маъруфи охири қарни нуздаҳ ва ибтидои асри бист Алиакбари Деҳхудо низ дар «Луғатнома»-и худ бо истинод ба китоби фавқуззикр овардааст: «Эҷ дар асл «эг» буд ва баъд аз тасарруфи аъроб онро «эҷ» гуфтанд. Дар қадим шаҳре муътабар буд ва чандин сол пойтахти мулуки Шабонкора буд... Ҳавое дар камоли эътидол дорад, ки меваҳои гармсере монанди нахлу норанҷ ва сардсере монанди шалил *(як навъи шафтолу)* ва гелосро ба некуӣ мепарваронад. Анори Эҷ аз тамоми анорҳои Форс, балки аз анорҳои мамолики *(вилоятҳои)* Эрон беҳтар аст. Обаш аз чашма ва қанот *(корез)* аст... Эҷ ба рӯзгори қадим деҳе буд ва Ҳасвия *(Ибни Силк бинни Муҳаммад)* онро ба шаҳре кардаст *(табдил додааст)*. Ҳавои он муътадил аст, аммо оби ногувор дорад ва мева бисёр бошад, хосса ангур ...».

Яке аз устодони торихнигор ва пажӯҳишгари эронӣ – доктор Ҷамшеди Садоқаткеш низ ёдовар шудааст, ки «курдони Шабонкора бозмондагони Сосониён дар Форс будаанд ва иёлати Шабонкора, шаҳристонҳои имрӯзии Истаҳбон, Найрез, Дороб аз соли 448 ҳ.қ. (1056 мелодӣ) ба муддати 308 сол бо 29 подшоҳ салтанат мекунанд ва пойтахти онҳо шаҳри Эг буда ва осори бостонии онҳо чиҳил бирка *(ҳавз, обанбори табиӣ)* ва масҷиди сангин дар кӯҳ мебошад, ки ин биркаҳо аз назари меъморӣ дар ҷаҳон намуна надоранд ва Масҷиди Сангӣ дар кӯҳ монанди тоқи Бесутун дар андозаи кӯчактар мебошад».

Тавре ки мушоҳида мешавад, ҳар як донишманд шакли қадимаи вожаи «эҷ»-ро «эг» гуфтааст *(албатта, ин калимаҳо ба форсӣ иҷ – ایج ва иг – ایگ талаффуз мешаванд)* ва дар шарҳи маънии аслии вожаи «эг» ҳама ба як хулоса омадаанд, ки он тавзеҳ дар тафсирномаи «Донишномаи озод» ба ин зайл аст: **«Номи ин шаҳр дар асл Эг будааст, ки дар форсии бостон муодили «қалъа» ва «бору» (ҳисор, истеҳком, паноҳгоҳ) мебошад».**

Дар гузашта ҳамон шаҳри қадимаи Форс, ки ҳоло бо номи Эҷ ёд мешавад, бар пояи як дижи маҳкам ва душворгузар бино ёфтааст. Бо мурури замон Эҷ номи шаҳрро гирифта, қалъаи қадима бо навсозиҳои яке аз мулуки Шабонкора Низомиддин Ҳасан ба исми «Дижи Доруламон» иваз мешавад. Тайи чандин садаи мавҷудият бисёр ҳодисаҳои таърихӣ бо ишора ба Эҷ ва қалъаи он маънидод шудаанд. Аз ҷумла, дар соли 1260 ба ғосибони муғул таслим шудани аҳли қалъа аз саҳифаҳои хунин ва нангин ба шумор меравад.

Агар муқоиса гардад, деҳаи Эҷи кӯҳпояи Нурато низ айнан ҳамон сарнавишти Эҷи устони Форсро дорад. Фақат, дар ин ҷо як идда ҷанговарони Спитаман, ки дар асл аз як авлод (тоифа) будаанд, маскан гирифта, барои худ паноҳгоҳ дуруст кардаанд. Барои ифодаи ин гуна паноҳгоҳҳо, ки бо девор иҳота мешуданд, он замон вожаи фаъоли суғдӣ – **эг** ба кор мерафт. Азбаски нуфузи забони арабӣ аз тариқи Бухорою Самарқанд ва Карманаю Нурато то ба манзилҳои кӯҳистонӣ ҳам расида буд ва он забон овози «г»-ро надошт, талаффузи калимаи фавқ ба шакли **эҷ** сурат гирифт. Чунин ҳолат, ки аз таъсири мутақобилаи забонҳои тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ ва лоилоҷ, тағйир хӯрдан ё ҳазф шудани овозу ҳарфҳо гувоҳӣ медиҳад, дар забон бисёр рух додааст, чунончи: ҷавҳар (гавҳар), Ҷурҷон (Гургон), Андиҷон (Андигон), ханҷар (хунгар), меҳрҷон (меҳргон), саҷил (баргирифта аз «сангу гил»), ҷарм (гарм), нарҷис (наргис), ҷазоф (газоф), лаҷом (лагом), Озарбойҷон (Озарбодгон)...

Ҷойи зикр аст, ки дар бағали чапи деҳаи Эҷ деҳкадаи хурдтаре бо номи Сойхурд ҳам ҳаст ва азбаски сокинони он аслан аз аҳли Эҷ мебошанд, номи деҳаи худро бо муқоиса ба сойи калони Эҷ гузоштаанд. Дар натиҷа, ҳамроҳ бо Сойхурд номи нави Эҷ ба шакли «Сойкалон» падид омадааст. Ин назокате дар номбарӣ мебошад, ки фақат махсуси халқи маҳаллист ва Сойкалону Сойхурд дар маҷмӯъ ҳамон як Эҷ мебошанд. Шояд ин бузургию кӯчакӣ сабаб шуда бошад, ки иштибоҳан таркибҳои «эҷи калон» (ё «каттаэж») ва «эҷи хурд» (ё «кичикэж») низ зуҳур кардаанд. Ҳоло бошад, бо таъсири забони ӯзбекӣ дар мавриди ин ду деҳа аҳёнан калимаҳои «каттасой» ва «кичиксой» низ ба кор мераванд, ки хатои маҳз ва нишонаи беэътибории саҳлангории одамон аст. Ҳар як сокини деҳа, ҳар як фарде, ки ба сарнавишти ин манзилу макон бефарқ нест ва ҳатто, масъулони

идораҷоти номгузорӣ ва нақшасозӣ бояд бидонанд, ки номи торихӣ ва дурусти деҳа **Эҷ** аст ва маънои луғавии ин калимаи содаю муъҷаз **қалъа, бору** *(бошишгоҳ, паноҳгоҳ)* мебошад.

Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимае ба шакли «эч» вомехӯрад, ки он аз тахфифи вожаи «ҳеч» падид омадааст. Мутаассифона, хеле касон ва ҳатто аҳли зиё ва забоншинос ба ин намои сода фирефта шуда, маънии калимаи «эҷ»-ро (бо таваҷҷуҳ ба шакли «эч») «ҳеч», яъне ҳеҷ чиз ё ҳеҷ кас талқин кардаанд. Ҳатто, дар китоби муътабари «Таронаҳои Самарқанд», ки дурдонае дар ганҷинаи адабиёти шифоҳии мост, исми деҳаро ба шакли «Ҳеҷ» навиштаанд. Ин як иштибоҳ ва хунукназарии ошкоро дар ростои майлу хоҳиш ва иродаи сокинони деҳа аст. Миллати тоҷик аз зумраи халқҳоест, ки бо таваҷҷуҳ ба вазъи табиию ҷуғрофиёӣ ва падидаҳои равшану бесобиқа ба манзилу макони ихтиёркарда ва зодгоҳаш ном мегузорад, на бар пояи ҳеч!

Дар ҳар сурат, дар ин мақола саъй бар он шуд, ки ба паҳлуҳои мавзӯи мавриди назар равшанӣ андохта шавад ва шарти ҳар гуна пажӯҳиш он аст, ки ҳар як забоншинос ё муҳаққиқ мебояд фикру андешаи худро бар асоси бурҳону далелҳои боэътимод баён кунад.

## ЛАҲҶАИ ЭҶ

Тавре ки маълум аст, ҳар як миллат дорои як забони адабӣ мебошад ва онро, маъмулан, забони меъёр меноманд. Гузашта аз ин, ҳар як халқ гӯйишҳое дорад, ки корбурди онҳо дар як муҳити иҷтимоӣ (калимаю истилоҳоти касбу кори гуногун, суханҳои дурушти кӯчагӣ ва омиёна, калимаю ифодаҳои бегона, ки ба меъёри забони адабӣ мутобиқ нестанд, варваризмҳо) ё дар як маҳдудаи муайян (шева, лаҳҷа) сурат мегирад. Гурӯҳи аввалро лаҳҷаҳои иҷтимоӣ хондаанд, ки дорои хусусиятҳои маъноӣ ҳастанд, вале низоми хоси овозӣ ё дастурӣ надоранд. Гурӯҳи дуюм, яъне забони шева ё лаҳҷаи минтақавӣ, мисли забони меъёр метавонад низоми худии овозӣ ва дастуриро дошта бошад. Он сарвати бебаҳои маънавии мардум аст, ки чун гавҳараки чашм дар дилу дида ва мағзу ҳуши инсонҳо ҳифзу нигаҳдорӣ мешавад. Илми шева ё лаҳҷашиносӣ ба унвони як соҳаи муҳими забоншиносӣ дар ташаккулёбӣ ва рушди забони умумии миллат нақши бориз дорад.

Фарқи байни забони адабӣ ва шеваю лаҳҷа на фақат аз фарогирии минтақавӣ, ҳамчунин аз рӯйи вазифаи онҳо муайян мегардад. Забони адабӣ – забони давлатдорӣ, сиёсат, илм, ҳунар ва дар кул, забони фарҳангӣ аст ва бо шакли хоси худ метавонад забони рӯзмарраи одамони таҳсилкарда бошад. Гӯйишҳои шевагӣ ва лаҳҷаҳо бошанд, аксаран дар муколамаҳои аҳолии деҳот ба кор меравонд ва маҳз бар асоси ин гӯйишҳо эҷодиёти шифоҳии халқ (фолклор) ба вуҷуд меояд. Аз сӯйи дигар, забони меъёр (адабӣ) ҳам баёни хаттӣ ва ҳам баёни шифоҳӣ дорад, вале гӯйишҳои шевагию лаҳҷа фақат шакли шифоҳӣ доранд. Агар забони меъёр бо мизону муқаррароти таъйиншуда роҳандозӣ шавад, гӯйишҳо дар доираи анъанаҳо маҳдуд мешаванд ва нисбат ба забони адабӣ тафриқаи услубии ба маротиб заиф доранд.

Бо ин ҳол, ҳар як забони меъёр дар як давраи муайян бар асоси забони маҳаллӣ, ба истилоҳи дигар, бар пояи гӯйишҳои шевагӣ ва лаҳҷавӣ сохтору низоми худро ба вуҷуд меоварад. Чунончи, аксарияти забоншиносони тоҷик бар ин ақидаанд, ки забони тоҷикӣ асосан бар пояи шеваҳои шимолӣ ба низом омадааст, агарчи таъсири шеваҳои дигар низ назаррас аст. Муқаддаман аз солҳои бистуми асри гузашта, ба вижа, аз солҳои чилум ва панҷоҳуми садаи бист ташаккули забони адабии нави тоҷик сурат мегирад ва ба унвони сарчашмаи асосии он чор гурӯҳ шеваи тоҷикӣ пазируфта шудаанд, ки иборатанд аз: 1) шеваи шимолӣ (шимоли Тоҷикистон, ҷануби Ӯзбекистон ва Қирғизистон); 2) шеваи марказӣ (Мастчоҳ, Айнӣ, Ҳисор ва Варзоб); 3)шеваи ҷанубӣ (Рашт ва Кӯлоб); 4) шеваи ҷанубу шарқӣ (Панҷ ва Дарвоз).

Шеваҳо гӯйишҳоеро фаро мегиранд, ки дар як маҳдуда ё минтақаи муайян ҳамхонӣ ва ҳамсониҳои забонӣ доранд ва алалхусус, бо таваҷҷуҳ ба корбурди садонокҳои устувор ва ноустувор тақсимбандӣ шудаанд. Лаҳҷа бошад, хоси як маҳал аст ва маҳз ҳамин гӯйиш манбаи асосии шева ва дар кул, забони меъёр мебошад. Воқеан, дар лаҳҷаҳо унсурҳое маҳфузанд, ки аз давраҳои хеле қадими корбасти забон ва асолати он нақл мекунанд. Аз ин хотир, устод Садриддин Айнӣ нависандагонро ҳамеша тарғиб ва ташвиқ мекард, ки аз ин хазинаи маънавӣ баҳра баранд ва вожаҳои лозимро дурусту бамаврид ба забони меъёр кашанд. Дар як номаи устод, аз ҷумла, омадааст: «Дар ин ҷо… як роҳи инкишофи забони адабиро ҳам қайд кардан мехоҳам. Ин кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ аст. Ба фаҳми ман, дар

кор фармудани луғатҳои маҳаллӣ бисёр эҳтиёт кардан, аммо чизҳои нағзи онро аз назар нагурезондан лозим аст. Дар лаҳҷаҳои маҳаллӣ монанди «иби»(нидое, ки дар мавриди тааҷҷуб, тарс, шодӣ ва ғайра бо чандин оҳанг ба сухан илова мешавад)-и бухороиён (бухорогиён не!) калимаҳое ҳастанд, ки қобилияти умумӣ шудан надоранд ва ин гуна калимаҳоро танҳо дар порчаҳои ҳаҷвӣ кор фармудан мумкин аст. Аммо дар забонҳои маҳаллӣ баъзе калимаҳо ҳастанд, ки клосиконаанд, бо вуҷуди дар як маҳал зинда будани он гуна калимаҳо онҳо ба дараҷае клосиконаанд, ки баъзе касони бехабар онҳоро «забони қадимии мурда» мепиндоранд ва дар орхоизм (луғати кӯҳна – архаизм) медароранд. Чунончи, «гусел» дар Ленинобод *(ҳоло Хуҷанд)*, дар байни авоми бесавод кор фармуда мешавад. Аммо бухороиён дар ҷойи ин калима «узот»-ро кор мефармоянд. Вазифаи нависандагон ин гуна калимаҳоро умумӣ кардан аст» (Б.Камолиддинов, Забони тоҷикӣ барои синфи 11/ Душанбе: Собириён, 2007, саҳ. 165).

Лаҳҷашиносии тоҷикӣ асосан тавассути пажӯҳишҳои шарқшиносони рус, аз қабили А. Семёнов, П. Кузнетсов, И. Зарубин, М. Андреев, Н. Кисляков, А. Розенфелд, Р. Неменова, Л. Успенская, А. Хромов ва ба хусус, бо асарҳои эроншиноси маъруф Вера Расторгуева ҳамчун соҳаи махсуси илми забоншиносӣ ба шакл даромадааст. Дар идома, пажӯҳишгарони тоҷик низ, мисли Л. Бузургзода, Б.Ниёзмуҳаммадов, О. Ҷалолов ба ин соҳа пайвастаанд. Ҳарчанд то солҳои ҳаштодуми асри гузашта ин соҳаи илми забоншиносӣ то ҷое пешрафт дошт, ахиран он ба сукут рӯ ба рӯ шуд. Дигар саъю талоши ончунонӣ дар омӯзиши лаҳҷаҳо, ки ҳанӯз ҳам дар ташаккули забони меъёр нақши муҳим доранд ва хазинаи арзандаи маънавӣ ба шумор меравaнд, мушоҳида намешавад. Таҳқиқу омӯзиш як сӯ, ҳатто кор ба ҷое расидааст, ки дар натиҷаи кӯчокӯчиҳои беназм дар бисёр деҳаҳо миқдори бошандагон торафт кам мешавад, махлут шудани гӯйиши маҳалҳо бо унсурҳои дигари забонӣ сурат мегирад, одамони рустоҳо вожаҳои асили лаҳҷаи худро, ки сина ба сина аз даврони мозӣ омада расидаанд, фаромӯш мекунанд ва яке аз муҳимтарин василаи побарҷойии лаҳҷа – суруду таронаҳои мардумӣ аз байн мераванд. Аз ин хотир, мо – соҳибони забон бояд бе дудилагӣ барои нигаҳдорӣ ва омӯзиши лаҳҷаҳои худ саъю эҳтимом варзем. Агар ин иқдомро намояндагони ҳар як маҳал анҷом диҳанд, лаҳҷашиносии тоҷикӣ дубора ҷон хоҳад гирифт ва маводи судбахш барои рисолаю китобҳои оянда гирд хоҳад омад.

* * *

Эҷ яке аз рустоҳои кӯҳистони Нурато аст, ки лаҳҷаи он ҷузви шеваи шимолии забони тоҷикӣ мебошад. Дар самти рост, болотар аз шоҳроҳи Нурато – Фориш, дар байни дараю кӯҳҳои начандон баланд ба фосилаи аз се то панҷ километр деҳаҳои Сойхурд, Эҷ, Симбулоқ, Соб, Синтаб, Моҷарм, Андагин, Ҳоят, Ӯхм, Асраф ва Порашт ҷойгир шудаанд, ки аҳолии онҳо сад дарсад тоҷиконанд. Агар аз миллатҳои дигар (ӯзбек, рус, қазоқ ва ғ.) ҳам омада бошанд (бештар духтаронро арӯс кардаанд), бо мурури замон онҳо тоҷик шудаанд, яъне куллан ба тоҷикӣ ҳарф мезананд. Хеле ҷолиб аст, ки бо вуҷуди дар як кӯҳпоя воқеъ будани деҳоти ёдшуда, тақрибан ҳар як манзил дорои лаҳҷаи хоси худ мебошад. Дар гуфтори одамон, оҳанги баёни фикр, корбурди калимаҳо, нидоҳои тақлидӣ-овозӣ ва ҳатто, хӯю хислат ва бархӯрд бо дигарон фарқу тафовут мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, тавре ки дар боло зикр шуд, омӯхтани лаҳҷаи ҳар як деҳа ба таври ҷудогона ба мақсад мувофиқ аст.

Бояд гуфт, ки деҳаҳои Эҷ, Сойхурд ва Симбулоқ лаҳҷаи ягона доранд, зеро сокинонашон дар асл аз Эҷ паҳн шудаанд. Мардуми маҳаллӣ Эҷро Сойкалон низ мегӯянд. Вақте ки «Эҷ» гуфта мешавад, манзур ҳар се деҳа – Сойкалон, Сойхурд ва Симбулоқ аст.

Бошандагони деҳаи Эҷ комилан босаводанд. Дар мактабҳои он забони адабии тоҷик аз сӯйи омӯзгорони таҳсилкарда ва таҷрибадор омӯзонда мешавад. Ҳар як сокини деҳа ҳангоми мулоқот бо меҳмонон ё бо ҳар тоҷике, ки аз ҷойи дигар омадааст, озодона ба забони адабӣ гап мезанад ва метавонад фикри худро бе мушкилӣ бо хатти сирилики тоҷикӣ ва бо риояи қоидаҳои забони меъёр баён кунад. Бо вуҷуди ин, аҳли деҳа дар байни якдигар, ҳангоми мулоқот бо пиру ҷавони зодгоҳи худ танҳо бо лаҳҷаи эҷӣ муколама ва гуфтугӯ мекунанд. Ин одати расмшудаест, ки дар тӯли қарнҳои зиёд аз насл ба насл мегузарад ва ба хуну ҷон даромадааст.

Ба таври куллӣ, лаҳҷаи эҷӣ* аз забони адабии тоҷик ҷудо нест ва аз назари усулу қоидаҳои дастурӣ фарқи чандоне надорад ва агар намояндагони лаҳҷаю шеваҳои дигар каме бодиққат ба гуфтугӯйи эҷиён гӯш диҳанд, ба осонӣ маънию муҳтавои суҳбатро дарк меку-

* азбаски хеле аз бошандагони Эҷ дар солҳои гуногун ба минтақаҳои дигар кӯч бастаанд ва ин мардумро бо ҳамон гуфтору урфу одатҳои аслиашон фаротар аз деҳаи Эҷ дар навоҳии дигар низ мебинем, дуруст аст дар ин ҷо истилоҳи «лаҳҷаи эҷӣ» ба кор равад

нанд. Бо ин ҳол, дар байни лаҳҷаи эҷӣ ва забони меъёр низ фарқият ва тафовутҳои овозӣ, вожагонӣ, маъноӣ, услубӣ вуҷуд дорад. Ҷолиб ин аст, ки эҷиён ҳам мисли соҳибони лаҳҷаҳои дигар луғатҳои маҳаллӣ доранд ва барои ифода кардани як идда маънию мафҳум аз калимаҳое истифода мебаранд, ки дар забони адабӣ корбурд надоранд.

Бояд дар назар гирифт, ки он чи дар ин мақола мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, лаҳҷаи имрӯзи эҷиён аст, на он чи дар рӯзгори гузашта буда. Пӯшида нест, ҳар гуна забон ва дар навбати худ, гӯйишҳо, бо таъсири ҳодиса ва падидаҳои мухталифи иҷтимоию таърихӣ метавонанд ба тағйиру такмил ва ё таксиру тақлил дучор шаванд, ки лаҳҷаи эҷӣ низ аз ин гуна пешомад мустасно нест. Қадимати забони мардуми эҷӣ аз забони суғдӣ маншаъ мегирад. Кишвари Суғд бо марказияти Самарқанд минтақаҳои атрофи Самарқанд, Бухоро, Кармана ва ғайраро фаро мегирифт ва дар ин сарзамин асосан луғот ва хатти суғдӣ корбурд дошт. Бино ба нақли Аҳмад Алӣ Раҷоии Бухороӣ («Лаҳҷаи бухороӣ», саҳ.28), дар китоби «Аҳсан-ул-тақосим фи маърифат-ул-ақолим», ки мансуб ба қалами Шамсиддин Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Қудома Макдисӣ мебошад, ба ин мазмун омадааст: «Мардуми Суғдро забони ҷудогона аст, ки забони рустоҳои Бухоро ба он наздик аст» (саҳ. 335).

Лаҳҷаи имрӯзаи эҷӣ аз се унсури асосӣ таркиб ёфтааст. Аввал, вожаҳои тоҷикӣ-форсӣ (дарӣ), ки аз он ба таври кул устухонбандии лаҳҷа барпо мешавад ва ин таркиб ба монанди забони форсии қарнҳои чоруму панҷум бештар луғоти асили форсӣ ва ба миқдори хеле кам луғоти арабиро фаро мегирад. Ин гурӯҳи вожаҳоро ба се гуна метавон тақсим кард:

а) калимаҳое, ки асолати тоҷикӣ-форсӣ доранд ва имрӯз дар забони адабӣ фаровон истифода мешаванд: нон, об, рей (рӯй), чим (чашм), уштур (шутур), хердан (хӯрдан), нишастан, рафтан...;

б) калимаҳое, ки асолати қадима (суғдӣ) доранд ва танҳо хоси лаҳҷаи эҷӣ мебошанд: нарғеч, дағеч, виғидан, ужбидан, Пашкан, Пирвеш, пушак...;

в) калимаҳо ва таркибҳое, ки бо мурури замон шакли аслии худро тағйир дода, бо тарзи тозаи гуфтугӯйӣ баён мешаванд. Масалан, ҳоло ба ҷойи «донистӣ?»-и асл, ки ба маънии «суханро дарк кардӣ ё на?» меояд, мегӯянд: «Фаҳмидиё?». Ё ки: сиёҳа – рейхат, шол – реймол, ангум (самғ) – шил(и)м, тамом шудан – соф шудан...

Дувум, луғоти туркӣ аз унсурҳои таъсиргузор ба шумор мераванд, ки дар лаҳҷаи эҷӣ то ҷое нуфуз кардаанд. Бешубҳа, роҳ ёфтани ин вожаҳо аз тариқи шаҳрҳои Нуратою Кармана ва Дизах то Бухорою Самарқанд сурат гирифтааст ва қадимати ин нуфуз ба солҳое рафта мерасад, ки давлати Сомониён пароканда ва ба дасти туркзабонҳо гузашта буд. Дар тӯли асрҳо чодарнишинӣ кардани қабилаҳои турк дар доманаҳои саҳроии деҳаи Эҷ низ яке аз омилҳои асосии дохилшавии вожаҳои туркӣ ба забони маҳаллӣ мебошад. Ҳоло эҷиён калимотеро аз қабили ака (бародари калонӣ), апа (хоҳари калонӣ), белак (бӯлак: нисф, ним), қаймоқ (саршир), қаровул, қешун (қӯшун), қишлоқ (деҳа), қуйма (навъи нони тунуке, ки бо равғану пиёз дар дег пухта мешавад), қулбеғча (қӯлбӯғча: сумкаи латтагин барои лавозими мактабӣ), оштулмоч (навъи ғизо бо дӯғу хамири нозук буридашуда), теғри (тӯғри: рост, якрост, мустақим; дуруст, саҳеҳ), тей (тӯй: ҷашн, сур), теқум (тӯқум: полони хар), тузук (дуруст, соз, нағз), тумшуқ (фук, пӯза), узот кардан (гусел кардан, равона кардан), чимилиқ (чодари болосари арӯс), элчак (ӯлчак: андоза), эра (ӯра: чуқурии кофташуда барои нигаҳдории сабзавот) дар муҳовараи худ фаровон ба кор мебаранд.

Севум, калимаҳое, ки аз тариқи забони русӣ дохил шудаанд, аз унсурҳои муассири дигар дар лаҳҷаи эҷӣ ба шумор мераванд. Ин луғот, агарчи ҷойгузини вожаҳои пештар ҳам шудаанд, бештар ҳамчун калима ва истилоҳ барои ифодаи маъниҳои нав ба кор мераванд. Чунончи, агент, афтамабил (автомобил), вагзал (вокзал), газит (газета), духобка (духовка), закун (закон), истакон (стакан), истанса (стансия), картишка (картошка), қулуб (клуб), милиса (милитсия), напитка (напиток), паҳмилдору (помидор), печка, повур (повар), пошта ё пешида (почта), самовор (самовар), сирк, урес (рус), устал (стул), чердак, чойник (чайник)…

Бо ин ҳол, омӯхтани таркиби овозӣ ва дастурии лаҳҷа аз тариқи муқоиса кардан бо забони адабӣ хеле самарбахш аст. Аз ин рӯ, дида баромадани мавридҳои зерин аз аҳамият холӣ нест.

### 1. Овозҳои *е* ва *у* дар ҷойи овози садоноки ӯ

Дар алифбои классикии тоҷикӣ (ҳамчунин форсии миёна) илова бар садоноки **у**, ки бо ҳарфи вов (و) навишта мешуд, овози садоноки **ӯ** низ вуҷуд дошт ва онро низ ба хотири кашида талаффуз шудан бо

ҳарфи вов менавиштанд. Дар забоншиносӣ ба вови аввал «маъруф» ва ба вови дувум «маҷҳул» мегӯянд. Дар форсии Эрон тафовути овозии ин ду «вов» таҳти таъсири хатту улуми арабӣ аз байн рафтааст ва маҷҳулҳо ба монанди маъруфҳо талаффуз мешаванд. Аммо он ихтилоф дар забони тоҷикӣ боқӣ мондааст. Дар хатти сирилики тоҷикӣ вови маъруфро бо ҳарфи **у** (бозу, бону, дору, дур, нур, усто...) ва вови маҷҳулро бо ҳарфи **ӯ** (гӯш, зӯр, рӯз, пӯшок, хӯрдан...) ифода мекунанд.

**Вови маҷҳул**, яъне овози ӯ дар лаҳҷаи эҷӣ вуҷуд надорад ва ба ҷойи он, пеш аз ҳама, овози садоноки ***е*** фаъол мебошад. Барои мисол: абрӯй – *абрей*, арӯз – *арез*, арӯс – *арес*, бӯй – *бей*, бӯғча – *бегча*, бӯр – *бер*, бӯса – *беса*, гулӯла – *гулела*, гӯгирд – *гегирд*, гӯр – *гер*, гӯсола – *гесола*, гӯсфанд – *геспанд*, гӯш – *геш*, гӯшт – *гешт*, гӯстин (гӯштин, куштӣ) – *гестин*, ғӯза – *геза*, ғӯла – *гела*, ғӯлинг – *гелинг*, ғӯра – *гера*, ғӯтидан – *гетидан*, дурӯғ – *дурег*, дӯғ – *дег*, дӯзанда – *дезанда*, дӯкон – *декон*, дӯл – *дел*, дӯст – *дест*, дӯхтан – *дехтан*, занбӯр – *занбер(а)*, зангӯла – *зангела*, зӯр – *зер*, йӯрға – *йерга*, калӯш – *калеш*, кулӯта – *кулета*, кулӯх – *кулех*, кӯбидан – *кебидан*, кӯдак – *кедак*, кӯза – *кеза*, кӯй – *кей*, кӯкнор – *кекнор*, кӯл – *кел*, кӯпрук – *кепрук*, кӯса – *кеса*, кӯтара – *кетара*, кӯтоҳ – *кетаҳ*, кӯфтан – *кефтан*, кӯчат – *кечат*, кӯчидан – *кечидан*, кӯшиш – *кешиш*, қӯпол – *қепол*, қӯра – *қера*, қӯрғон – *қергон*, қӯтур – *қетур*, қӯш – *қеш*, қӯшун – *қешун*, лӯбиё – *лебиё*, лӯкидан – *лекидан*, лӯла – *лела*, лӯлӣ – *лелӣ*, мурӯд – *муред*, мӯза – *меза*, мӯй – *мей*, мӯла – *мела*, мӯрча – *мерча*, нахӯд – *нахед*, нӯг – *нег*, нӯл – *нел*, нӯхта – *нехта*, нӯшидан – *нешидан*, нӯшокӣ – *нешокӣ*, пӯйидан – *пейидан*, пӯк – *пек*, пӯлод – *пелод*, пӯпанак – *пепанак*, пӯст – *пест*, пӯстин – *пестин*, пӯчоқ – *печоқ*, пӯшок – *пешок*, рӯбанда – *ребанда*, рӯбоҳ – *ребаҳ*, рӯд – *ред*, рӯз – *рез*, рӯй – *рей*, рӯфтан – *рефтан*, рӯшан – *решан*, сабӯс – *сабес*, сӯзан – *сезан*, сӯхтан – *сехтан*, сӯхтор – *сехтор*, сӯҳон – *сеҳун*, танӯр – *танер (тандер)*, тӯб – *теб*, тӯбра – *тебра*, тӯғри – *тегри*, тӯда – *теда*, тӯй – *тей*, тӯқум – *теқум*, тӯл – *тел*, тӯмор – *темор*, тӯпаланг – *тепаланг (тефаланг)*, тӯр – *тер*, тӯра – *тера*, тӯтӣ – *тетӣ*, тӯш – *теш*, ӯба – *эба*, ӯгай – *эга(й)*, ӯй – *эй*, ӯлат – *элат*, ӯлчак – *элчак*, ӯра – *эра*, фурӯ – *фуре*, фурӯғ – *фурег*, фурӯзон – *фурезон*, фурӯхтан – *фурехтан*, фӯта – *фета*, хурӯс – *хурес*, хӯла – *хела*, хӯрдан – *хердан*, хӯрӣ – *херӣ*, хӯрҷин – *херҷин*, хӯса – *хеса*, хӯҷа – *хеҷа*, хӯша – *хеша*, ҳатӯл – *ҳател*, ҳӯққӣ – *ҳеққӣ*,

чӯб – *чеб*, чӯкидан – *чекидан*, чӯл – *чел*, чӯлоқ – *челоқ*, чӯлпи – *челпи*, чӯпон – *чепон*, чӯрӣ – *черӣ*, чӯт – *чет*, чӯтур – *четур*, чӯҷа – *чеҷа*, чӯян – *чеян*, чунбуҷӯл – *ҷумбуҷел*, ҷӯгӣ – *ҷегӣ*, ҷӯй – *ҷей*, ҷӯлида – *ҷелида*, ҷӯр – *ҷер*, ҷӯра – *ҷера*, ҷӯшидан – *ҷешидан*, ҷӯшон – *ҷешон*, ҷӯянда – *ҷеянда*, шӯй – *шей*, шӯр – *шер*, шӯрак – *шерак*, шӯрбо – *шербо*, шӯриш – *шериш*, шӯро – *шеро*, шӯх – *шех*, шӯша – *шеша ...*

Дар ҳар гуна калимаи сохта ё мураккаби сохташуда аз ин гуна вожаҳои решагӣ низ ба ҷойи ӯ овози е талаффуз мешавад, чунончи, аз калимаи **гӯш:** *геша, гешак, гешвора, гешпона, бегеш, каргеш;* аз замони ҳозираи **пӯш:** *пеш, пешок, пешидан, сарпеш, бепешок;* аз калимаи **чӯб:** *чеб, чебин, чебкорӣ, чебтарош, халачеб...* дармеояд.

Бо вуҷуди ин, мисли бисёр қоидаҳои дигар чунин ҷойгузинии ҳарфҳо низ ҳолатҳои истисноӣ дорад. Масалан, агар хӯрдан дар лаҳҷаи эҷӣ *хердан* гуфта шавад, калимаҳои бо он ҳамреша бо овози **у** меоянд: хӯр – хур, хӯрок – хурок, хӯрондан – хурондан. Ё калимаҳое мисли кабӯтар (кабутар), мӯнис (мунис), нӯшбод (нушбод), омӯз (омуз), омӯзгор (омузгор), пӯсидан (пусидан), сӯм (сум), сӯрох (сурох) низ аз қоидаи боло мустасноанд. Пас, дар лаҳҷаи эҷӣ ба ғайр аз овози е садоноки **у** низ ҷойгузини овози **ӯ**-и забони меъёр аст: анбӯр – *амбур*, афсӯс – *афсус*, ашӯла – *ашула*, бӯрё – *бурё*, гулӯ – *гулу*, ғӯл – *гул*, дӯнг – *дунг*, дӯнгӣ – *дунгӣ*, кӯмак – *кумак*, кӯндаланг – *кундаланг*, кӯтак – *кутак*, кӯчак – *кучак*, кӯшк – *кушк*, қӯлтуқ – *қултуқ*, қӯрғошим – *қургошим*, қӯчқор – *қучқор*, лӯнгӣ – *лунгӣ*, лӯнда – *лунда*, мӯмиё – *мумиё*, накӯ – *наку*, нерӯ – *неру*, омӯхтан – *омухтан*, сӯроғ – *сурог*, ӯғур – *угур*, ӯзак – *узак*, ӯрда – *урда*, ӯрдак – *урдак*, ӯсма – *усма*, хомӯш – *хомуш*, хомӯшак – *хомушак*, шӯла – *шула ...*

Ба ғайр аз ҳолати зикршуда, пеш аз ҳарфҳои ҳ ва ъ ҳам ибдоли (табдил, иваз шудани) овози **ӯ** ба **у** мушоҳида мешавад: анбӯҳ – *анбуҳ*, андӯҳ – *андуҳ*, зӯҳд – *зуҳд*, зӯҳра – *зуҳра*, лӯъбат – *луъбат*, мамнӯъ – *мамнуъ*, мӯҳр – *муҳр*, мӯҳташам – *муҳташам*, мӯътабар – *муътабар*, мӯъҷиза – *муъҷиза*, рӯҳ – *руҳ*, рӯъё – *руъё*, сӯҳбат – *суҳбат*, тулӯъ – *тулуъ*, тӯҳмат – *туҳмат*, тӯҳфа – *туҳфа*, ӯҳда – *уҳда*, шӯҳрат – *шуҳрат*, шӯъба – *шуъба*, шӯъла – *шуъла* ва ғайра.

Бояд гуфт, ки мутобиқи қоидаи имлои кунунии тоҷикӣ овози ӯ бо ҳарфҳои ҳ ва ъ дар як ҳиҷо меояд, вале он дар хатти форсии тоҷикӣ гоҳе бо ҳарфи вов ( و ) навишта ва гоҳе навишта намешавад:

андӯҳ اندوه , анбӯҳ – انبوه , мӯҳлат – مهلت , шӯҳрат – شهرت , шурӯъ – شروع , тулӯъ – طلوع , мӯътабар – معتبر, шӯъба – شعبه .

Аҳёнан сокинони деҳаи Эҷ, ҳатто омӯзгорону равшанфикрони деҳа, баъзе калимаҳои лаҳҷавиро, ки дар таркиби худ овози е доранд, адабӣ талаффуз карданӣ шуда, иштибоҳан бо ӯ баён мекунанд. Ин гуна ҳолат бештар дар мавриди вожаҳои торихии марбут ба деҳа ба назар мерасад. Чунончи, калимаҳои нарғеч, дағеч, Феҷакро ба тарзи нарғӯч, дағӯч, Фӯҷак мегӯянд, ки ин хатои маҳз аст. Тавре ки дар боло қайд гардид, овози **е** дар лаҳҷаи эҷӣ ба ҷойи ҳамон овози ӯ, ки дар хатти форсӣ бо вов (-и маҷҳул) навишта мешавад, меояд. Агар овози е дар асл, дар хатти форсӣ бо ҳарфи **«йо» (ی)** омада бошад, мисли дигар калимаҳои маъмулӣ (дер – دير , шер – شير , сапед – سپيد, бедор – بيدار ), тарзи дурусти талаффузи он **е** аст. Пас, نرغيچ – ***наргеч***, دغيچ – ***дагеч***, فيجک – ***Феҷак*** ифодаи саҳеҳи калимаҳои фавқуззикр мебошад.

### 2. Пасванди -*о* дар нақши ҳиссачаи саволӣ

Ҳиссачаҳои саволӣ, маъмулан, на ба аъзои алоҳида, балки ба тамоми ҷумла алоқаманд мебошанд. Ҳиссачаи саволии **оё** ва ҳиссачаи пасояндаи **-мӣ** (ин ҳиссача бештар дар гӯйишҳо ба кор меравад, масалан, дар лаҳҷаи бухороиён) баробари ифодаи савол, ки аз вазифаи асосии онҳост, гоҳе тобишҳои гуногуни модалӣ ва эҳсосӣ (ҳайрат, тааҷҷуб, норозигӣ ва ғайра)-ро низ ифода менамоянд. Дар лаҳҷаи эҷӣ бори ин ҳиссачаҳоро асосан ҳиссачаи ба наҳви пасванд омадаи **-*о*** мекашад, ҳарчанд дар вақтҳои охир бо таъсири забони адабӣ доираи корбурди он торафт танг мешавад. Таваҷҷуҳ кунед:

Оё шумо усто ҳастед? – *Шумо устоедо?*

Хоҳарҷон, ба мактаб меравӣ? – *Хуҳарҷон, ба мактаб меравиё?*

Оё ҳамин ҳам кор аст? – *Ҳами ҳам коро?*

Ту ҳам ба мардикорӣ омадӣ-мӣ, нодон? – *Ту ҳам ба мардикорӣ омадиё, нодон?*

Бино ба маълумоти дастрасшуда, дар баъзе деҳаҳои Тоҷикистон (чунончи, дар баъзе маҳалҳои ноҳияи Ашт) низ оҳанги саволии ҷумла ва ҳиссачаи саволии оё бо ҳиссачаи гӯйишии -о ифода меёфтааст. Ин гуна ҳамхонии овозҳои талаффузӣ аз қаробати қавмҳо дар замони пеш гувоҳӣ медиҳад.

**3. Кӯтоҳ ва тавъам шудани феълҳои таркибӣ:**
***– бо ҷузъи ёридиҳандаи «истодан»;***

Яке аз хусусиятҳои назарраси гӯйишҳо дар он аст, ки мардум барои ҳар чи зудтар гуфтани фикру мақсади худ калимаҳоро муъҷазу кӯтоҳтар, баъзе овозҳоро нодида гирифта талаффуз мекунанд ва бо гуфтугӯйи лаҳҷавии худ забони равону осонтар доранд. Ба ин маънӣ, олими забоншинос Баҳриддин Камолиддинов дар китоби «Забони тоҷикӣ» овардааст: «Ба шакли кӯтоҳ талаффуз шудани феълҳои таркибӣ низ хусусияти лаҳҷаҳои забони тоҷикист: **рафта истодаам** – рафсодиям (Хуҷанд, Конибодом, Сӯх, Риштон), рафсосиям (Исфара), рафтесам (Балуч), рафсиям (Шурмашк, Пасруд, Пинён), рафсем // рафсодем (Бухоро, Самарқанд), рафсем // рафсогам (Панҷакент, Зебон), рафсокам (Понғоз, Шайдон, Ашт), рафсекам (Чуст, Варзик, Косон), рафтистам (Кӯлоб, Восеъ, Данғара, Ёвон)...» (Забони тоҷикӣ барои синфи 11, саҳ. 164)

Феъли таркибии «рафта истодаам» дар лаҳҷаи эҷӣ ба шакли тавъамшудаи *рафсодиям* гуфта мешавад, ки ин шакл дар забони гуфтугӯйии Хуҷанд, Конибодом, Сӯх ва Риштон ҳам будааст. Дар забони меъёр он феъли замони ҳозираи давомдор буда, аз шакли феъли ҳоли (ё сифати феълии) феъли асосӣ ва шакли гузаштаи нақлии феъли ёридиҳандаи «истодан» таркиб меёбад. Тасрифи он дар муқоиса бо лаҳҷаи эҷиён чунин аст:

рафта истодаам – *рафсодиям*
рафта истодаӣ – *рафсодаӣ*
рафта истодааст – *рафсодас*
рафта истодаем – *рафсодайим*
рафта истодаед – *рафсодаед*
рафта истодаанд – *рафсодиян*

Аз ин тарзи баён маълум мешавад, ки аз ҷузъи феъли асосӣ ҳамеша овозҳои **д** (ё **т**) ва **а**, аз ҷузъи ёридиҳанда овозҳои **и** ва **т** меафтанд, чунончи: омада истодаам – *омасодиям*, гуфта истодааст – *гуфсодас*, давида истодаем – *дависодайим*, гирифта истодаанд – *гирифсодиян*, хӯрда истодаӣ – *херсодаӣ*, навишта истодаӣ – *нависодаӣ*...

***– бо ҷузъи ёридиҳандаи «кардан»;***

Феъли таркибии «нигоҳ кардан» хоҳ дар шакли масдарӣ, хоҳ дар шаклҳои тасрифии худ аз рӯйи шахсу шумора дар лаҳҷаи эҷиён

намои дигар мегирад. Ҷолиб ин аст, ки аз ҷузъи «нигоҳ» танҳо ҳиссаи ***ни-*** ва бо илова шудани овози ***р*** аз ҷузъи ёридиҳанда танҳо бандакҷонишин боқӣ мемонад. Чунончи, нигоҳ кардан ***ниридан*** (баъзан ***нияштан***) мешавад ва тасрифи он ба шарҳи зер аст:

нигоҳ кунам – *нирам*
нигоҳ кунӣ – *нирӣ*
нигоҳ кунад – *нирад*
нигоҳ кунем – *нирим*
нигоҳ кунед – *ниред*
нигоҳ кунанд – *ниранд*

Агар феъли мазкур дар шахси дуюми танҳо ба маънии амру дархост ё хоҳиш ояд, хеле муъҷаз баён мегардад: нигоҳ кун – *ния*. Вақте ки мегӯянд, *«Ҳе, ба ман ния!»* мурожиати амромез ба духтарест, ки дар забони адабӣ чунин бошад: «Ҳой, ба ман нигоҳ кун!».

### 4. Ба ҷойи пайвандаки «агар» омадани овози е

Ҳарчанд пайвандаки шартии **агар** дар забони меъёр фаъол аст, он дар лаҳҷаи эҷӣ ба нудрат корбаст дорад. Вазифаи он аксаран бо оҳанги гуфтор адо мешавад, чунончи:

Агар ошам пазад, туро садо мезанам – *Ошам пазад, тура эб medорам (табуш мекунам);*

Бо ин ҳол, агар пайвандаки *агар* дар ҷумлаҳое ояд, ки асоси феълии он бо пешванди **ме-** омада, давомнокии иҷрои амалро ифода кунад, ҷойгузини он дар лаҳҷаи Эҷ овози **е** аст. Барои мисол:

Агар ошам мепухт, туро садо мезадам – *Ошам пухт**е**, тура эб медоштам (табуш мекардам).*

Агар вайро ҳар кас медид, мешинохт – *Вая ҳар кас дид**е**, меишнохт.*

Агар кори нағз мебуд, хабар мекарданд – *Кори сара (нагз) буд**е**, хабар мекардан.*

### 5. Тағйирёбии шакли феъли «додан» ва тасрифи сиғаи хабарии феълҳои замони ҳозира-оянда

Аз масдари **додан** ҳарфи «д»-и аввал дар феъли амр (ҳар ду шумора), сиғаи феълии замони ҳозира-оянда ва сиғаи хабарӣ ба ҳарфи ***т*** табдил меёбад. Чунончи, феълҳои амрӣ:

деҳ – *те*

диҳед – *теед*

Тасрифи масдари **додан** дар сиғаи феълии замони ҳозира-оянда ба тарзи зерин сурат мегирад:

диҳам – *теям*, диҳӣ – *тейӣ*, диҳад – *теяд*;

диҳем – *тейим*, диҳед – *теед*, диҳанд – *теян*.

Сиғаи хабарии феъли мазкур дақиқан чун сиғаи замони ҳозира-оянда тасриф мешавад, фақат бо изофа шудани пешванди ***ме-*** дар аввал: *метеям, метеӣ, метеяд, метейим, метеед, метеян.*

Чунин тафовути сохти калимаро дар феълҳои дигар низ метавон мушоҳида кард. Ба хусус, ҳангоми гирифтани пешванди **ме-** ин тафовут баръало ба назар мерасад:

меравам – *мером*, меравӣ – *мерӣ*, меравад – *меред*;

меравем – *мерим*, меравед – *меред*, мераванд – *мерон*.

Мебароям – *мебуром*, мебароӣ –*мебуройӣ*, мебарояд – *мебурод*;

мебароем – *мебуройим*, мебароед – *мебуроед*, мебароянд – *мебурон*.

### 6. Мавқеи пешоянди «ба»

Дар асл, мавқеи пешоянди **ба** чун забони адабӣ дар лаҳҷаи эҷӣ низ устувор аст. Шояд нуфузи гӯйишҳои дигар, ба монанди лаҳҷаи бухороӣ аз тариқи Нурато бошад, ки акнун дар гуфтугӯйи эҷиён ҳам ин пешояндро пас аз мафъул ба кор мебаранд. Чунончи: ба ин ҷо – *инҷаба*, ба кӯча – *кечаба*, ба худат – *худатба*... Таваҷҷуҳ кунед:

Гӯсфанд ба корд расидааст – *Геспанд кордба расидас*

Ба кӯча баро, гап дорам – *Кечаба бурой, гап дорам*

Ба ман надода худаш пӯшид – *Ма(н)ба надода худаш пешид*

Мушоҳида мегардад, ки дар як ҳолат – ҳангоми савганд ба Офаридгор мавқеи пешоянди **ба** мисли забони адабӣ устувор аст, яъне мегӯянд: ба Худо қасам.

### 7. Тағйирёбии таркиби овозӣ ва талаффузи ғайриадабии калима

Яке аз тафовутҳои асосии овоӣ, ки дар байни забони меъёр ва лаҳҷаҳо дида мешавад, аз калимаҳо афтодан (ҳазф, элизия), [ба овози дигар] табдил ёфтан (ибдол, метатеза), пасу пеш шудан (қалб, ин-

версия) ё дигаргуншавии ҷой (тахфиф, редуксия)-и баъзе фонемаҳои мавҷуд мебошад. Тамоми гӯйишҳои тоҷикӣ ба чунин ҳодисаҳои овозӣ дучор шудаанд, ки дар натиҷа талаффузи ғайриадабии вожаҳо ба бор омадааст. Лаҳҷаи эҷӣ низ аз ин гуна ҳолатҳо мустасно нест. Ин тағйирёбии таркиби овозиро дар мавридҳои зерин метавон мушоҳида кард:

***а) афтодани овозҳо*** (аз қабили а, б, д, з, н, о, р, т, ҳ, я):

модарарӯс – *модарес* (яъне, **а** ва **р** (ҷузъи «-ар»)-и арӯс дар ин гуна калимаҳои мураккаб ҳазф мешавад; инчунин, *падарес, додарес, хуҳарес...*), ҷунбидан – *ҷумидан* (дар ин ҷо афтодани **б** мушоҳида мешавад, пас аз табдили **н** ба **м**), рафтанд – *рафтан* (афтодани **д** аз охири феъли шахси сеюми ҷамъ), аз – *а* (аз хона – *а хона*), боз – *бо* (боз биё – *бо биё*), акнун – *аку(акун)*, ин – *ӣ* (ин кор – *ӣ кор*), барои – *бари*, дар – *да* (дар хона – *да хона*), аст – *ас* (дароз аст – *дарозас*, карда аст – *кардас*), даст – *дас*, ҳафт – *ҳаф*, ҳашт – *ҳаш*, -ҳо – *о* (пас аз ҳамсадоҳо: китобҳо – *китобо*, калӯшҳо – *калешо*), ояд – *од*, дарояд – *дарод*, биёяд – *биёд*;

***б) табдили як овоз ба овози дигар:***

Маълумтарин намунаи табдили овоз ё ҳарф дар лаҳҷаи эҷӣ корбаст шудани овозҳои **е** ва **у** ба ҷойи овози **ӯ** (ҳарфи вови маҷҳул) аст, ки дар ин хусус дар банди якуми ин бахш гуфта гузаштем. Бар замми ин, дар мавридҳои зерин ҳам табдили овозҳо ба назар мерасад:

– **а** ба ***у*** ва ***и***: забон – *зувон* (дар ин калима овози **б** низ ба ***в*** иваз шудааст), ҷавон – *ҷувон* (ахиран «ҷавон» ҳам мегӯянд), савор – *сувор*, баромад – *буромад*, фаромад – *фуромад*; рашк – *ришк*, рашкин – *ришкин*;

– **е** ба ***и*** дар бандакҷонишини шахси якуми шумораи ҷамъ: меравем – *меравим*, омадем – *омадим*, мепурсем – *мепурсим*; ҳамчунин, дар калимаҳое аз қабили: фарбеҳ – *фарбиҳ*, солеҳ – *солиҳ*, адрес – *адрис*;

– дар пасоянди «-ро» **о** ба ***а***, агар пасоянд пас аз садонок ояд: хоҷаро – *хоҷара*, туро – *тура*; агар **-ро** пас аз ҳамсадо ояд, он куллан ба ***а*** табдил меёбад: китобро – *китоба*, вайро – *вая*;

– **о** ба ***у, а*** ва ***и***: он – *ун*, ҳамон – *ҳамун*, хоҳар – *хуҳар*, сӯҳон – *сеҳун*, то – *та* (*якта, дута...*), ҳоло – *ҳоли*;

– **р** ба ***л***: девор – *девол*, сайр – *сайл*; занҷир – *занҷил*.

– ҳамчунин дар калимаҳои ҷудогона табдили овозҳо (аз ҷумла, **в** ба ***й***, **қ** ба ***з***, **н** ба ***д***) мушоҳида мешавад: мавиз – *майиз*, чақмоқ – *чазмоқ*, ҷиннӣ – *ҷиндӣ* ...

***в) афтодан, табдил, пасу пеш шудан ва дигаргуншавии ҷойи аз ду бештар овоз ё барҳам хӯрдани сохти калима:***

аз они – *ини*, барин – *боре* (деҳаамон шаҳр барин – *деҳамо шаҳр боре*), бошад – *беяд*, бошад-набошад – *бед-набед*, дигар – *дия*, канӣ (ку) – *ке*, гӯштин (куштӣ) – *гестин*, дигар – *дия*, ин сӯй – *исун*, он сӯй – *усун*, оташдон – *оштон*, оҳистаяк – *остокак*, суманак – *сумбулак*, тавонистан – *товистан*, тавр – *та* (чӣ тавр – *чита*, ин тавр – *ӣта*), шикам – *ишкам*, шикоф – *ишкоф*, шунидан – *ушнидан*, шутур – *уштур*, чаро – *чия*, чунки (барои ин ки) – *чиба ки…*

Дар феълҳои шахси сеюми танҳо ҳазфи овозҳои **а** ва **т** сурат мегирад. Барои мисол: гуфтааст – *гуфтас*, истодааст – *истодас*, рафтааст – *рафтас.*

## 8. Баъзе тафовутҳои таркиби ҷумласозӣ дар байни лаҳҷа ва забони адабӣ

Агар тарзи гуфтугӯ ва муоширати эҷиён бо сокинони деҳоти дигари кӯҳистони Нурато дар доираи маҳдуд муқоиса шавад, аён мегардад, ки мардуми эҷӣ нисбатан камгап ҳастанд, бо садои кам (паст) ва бо тааммул сухан мегӯянд.Онҳо ба ҳар гуна падидаи давру бари худ бо назари одию сода нигоҳ мекунанд ва пайваста барои дурӣ ҷустан аз ҳар гуна ғавғою ситеза саъю талош менамоянд. Агар синну соли мухотабашон бузургтар бошад, ҳатман аз рӯйи эҳтиром «шумо» гуфта муроҷиат мекунанд.

Дар гуфтугӯ ва муколамаи эҷиён тарзи баён дар мавриди амру фармон, хоҳишу илтимос, тааҷҷубу ҳайрат, хабару пайғомрасонӣ, маслиҳату машварат ва ҳоказо оҳанги ба худ хосе дорад, ки ин назокати гӯйишро танҳо дар байни мардум гашта метавон дарк кард. Ҳангоми ифодаи фикр риволи ҷумласозӣ дар асл ҳамонанди забони адабӣ аст, аммо тафовутҳое низ дорад, ки аз лаҳҷаи ҷудогона будани наҳви гуфтори эҷиён дарак медиҳад. Ғайр аз тафовутҳои овозӣ ва дастурие, ки дар боло зикр гардид, дар ҷумлаҳо боз ҳам далелҳои бештареро дарёфтан мумкин аст, ки ба мавзӯи мавриди назар

алоқаманданд. Муғойиратҳои мавҷуд, пеш аз ҳама, аз сабуктару равонтар, содатару муъҷазтар шудани ифодаи фикр гувоҳӣ медиҳанд, ки он ба ҳар гуна лаҳҷа хос мебошад. Дар ин робита овардани чанд ҷумла ба унвони мисол айни матлаб аст:

Имрӯз бо бародарам ба хонаи шумо меоям.
*Имрез додиям катӣ хон(а)и шумоба (хонатоба)меом.*

Модарҷон, маро бо худат ба меҳмонӣ бар.
*Очаҷон, мана худат катӣ миҳмониба бар.*

Ҳар чи дар мошин ҳаст, ба замин фароред.
*Ҳар чи да мошин бeяд, ба замин фурорeд.*

Калиди хонаро ба ҳамсоя диҳед, пас аз кор рафта мегирам.
*Калиди хонара ба ҳамсоя теед, баъди кор мерому мегирам.*

Рустамакаро ҳам ба тӯямон хабар кардӣ?
*До Рустама ҳам ба теямон гуфтӣ?*

Тағои Қаҳрамон аз холаи Мусаллам се сол хурдтар аст.
*Тагои Қаҳрамон а холоки Мусаллам се сол майда.*

Аҳволи ман нағз шуд, фардо ба кор мебароям.
*Ма(н) бинойи шудам, фардо корба мебуром.*

Бародари хурдиат омаду то бегоҳӣ туро мунтазир монд.
*Додарат омаду то (сари) намошом ба ту нирон монд.*

Аз хонаи Аҳмадака то боғи болояшон як фарсах аст.
*А хони до Аҳмад то боги болошо як санг раҳ.*

Падарам ҳамеша аз ман розӣ буданд, чунки тамоми корҳояшонро аз сидқи дил анҷом медодам.

*Додом ҳама вахт а ма розӣ будан, чиба ки ҳама корҳошора а таги дил мекардам.*

Дуредгарамакам ба ғайр аз тахтаю тираки ош гуппию гуппичӯб ҳам месозад.

*Амаки дуредгарам гайри тахтиошу наргеч куппию пушак ҳам месозан.*

Species Бобоҷон, шумо гаҳвора ҳам сохта метавонед?
*Говора ҳам сохта метоведо, бобоҷон?*

Суманакро бештар дар айёми Наврӯз мепазанд.

*Сумбулака пурта да резои Наврез мепазан.*

Ин чӣ гап, хонаатон пур аз муш шудааст, як гурба гиред намешавад?

*Чӣ бало, хонато пури муш шудас, як пишӣ гиред намешед?*

Чӣ гап, ҳезумро ин қадар пур бор кардаӣ?
*Чӣ бало, ҳамчу ҳезума пур бор кардаӣ?*

Ин қадар маро таъриф кард, ки ман хиҷолат кашидам.
*И қачар мана бардор-бардор (махтамиш) кард, ки орам омад.*

Вай ба модархондаш бисёр меҳрубон аст.
*Вай очи эгашба абдан миҳрубон.*

Хусури ту ҳамеша саргарми корҳои худ аст.
*Падаресат ҳама вахт корҳои худаш катӣ сараш банд (андармон).*

Пулат кофӣ бошад, ба худат як даст сарулибос хар.
*Пулат барасам беяд, худатба як сарутан кун.*

Ин қадар ба ӯ наханд, аз пешат мебарояд.
*И қачар а болош наханд, а пешат мебурод.*

Агар моро дӯст дорӣ, бештар ба хонаамон биё.
*Моёна [агар] сара бинӣ, пурта ба хонамо биё.*

Вай писарашро ба назди ман барои кумак фиристодааст.
*Вай писараша ба пеши ман бари ёрдам ҳай кардас.*

Дирӯз арӯсатон дар хонаи мо хӯрок пухт.
*Дина калинато да хони моён авқот пухт.*

Фардо субҳи барвақт меоям, ба чидани бодом меравем.
*Пагиҳӣ саҳар катӣ меом, бодомчинӣ мерим.*

Ҳар ҷое, ки шумо равед, ман ҳам бо шумо меравам.
*Куҷое, ки шумо равед, ма ҳам қатиято мером.*

Ҳар чи дар маҷлис шунавам, ба шумо хоҳам гуфт.
*Ҳар чи ки да майлис ушнавам, ба шумо мегеям.*

Гӯсола шири говро то охир макида тамом кардааст.
*Гесола шири гова (очаша) вижида соф кардас.*

Аз дами оташ тамоми пашми пӯсташ сӯхта сиёҳ шуда рафт.
*А дами олоб ҳама пашми песташ вигида рафт.*

Ин чизи худам аст, ба ҳеҷ кас намедиҳам.
*Ӣ ини худам, ба ҳеш ки наметеям.*

Имрӯзу фардо магӯ, аз пайи зиндагият шав.
*Имрезу фардо наге, а пайи резгорат шав.*

Ҳар чизеро, ки намедонӣ, аз устодат пурс.
*Намедонистагӣ чизеята а устозат пурс.*

Модарам як тағора себро дар сараш гирифта, ба хонаи хоҳарам баромада рафт.
*Очам як лаган себа да сарашо монда, ба хони хуҳарам бурома-да рафтан.*

Модаркалонам қоқҳои себу шафтолуро батамом хушк карда дар халтаҳо гирифт.
*Момом қоқои себу шафтолура хушкак карда да линчаҳо ан-дохтан.*

Падарам барои худамон як халта орд ва барои гилкории пушти бомамон як қанор коҳ овард.
*Додом ба хутомо як линча орду ба андоваи пушти бомамо як қанор каҳ овардан.*

Хеле вақт мешавад, ки Муродака аз чарогоҳи кӯҳӣ ба деҳа фаро-мада буданд.
*До Мурод ким-кайҳо а яйлоқ ба қишлоқ фуромада будан.*

Баъд аз кӯчида рафтани бародарам бӯрёкӯбон баргузор шуд.
*Ба(ъ)ди кеч рафтани додарам хонадароён(аш) шуд.*

Обе, ки мо мехӯрем, аз чашма аст.
*Оби мехердагии моён а чишма.*

Магар печондаи фурӯшанда хуб набуд ки, ту дубора мепечонӣ?
*Печондаи фурешанда сара набудо, гашта мепечонӣ?*

Албатта, ҳар кас падару модарашро дӯст медорад.
*Албатта, ҳар ки додою очаша нагз мебинад (дес медорад).*

Ҳар як ҷавони имрӯза духтарро аввал дӯст медораду баъд меги-рад.
*Ҳар яке ҷувони имреза духтара аввал нагз мебинаду ба(ъ)д ме-гирад.*

Минбаъд ҳеҷ гоҳ ба ту нигоҳ намекунам.

*Ази пас сира ба ту наменирам.*

Ҳама вақт сари ту лухт аст, чаро рӯмол намебандӣ?
*Сира ки сарат луч, реймол бандӣ намешед?*

Дар вақти дарав аз ҳафт-ҳаштсола сар карда ҳама машғул ба кор мешаванд.
*Да вахти дарав а ҳаф-ҳашсола сар карда ҳама кор катӣ банд мешаван.*

Ба марде, ки аспсавор гузашта истода буд, бодиққат нигоҳ мекард.
*Ба марди аспсувор гузишсодагӣ чим монда (диққат катӣ) менирид.*

Ҳамаи дӯстонам ба хонаи Хусрав ба шабнишинӣ рафта истодаанд.
*Ҳама ҷераҳом(дестом) ба хони Хусрав рафсодиян, ба шабнишинӣ.*

Сирри дилатро ба касе гӯй, ки хабаркаш (суханчин) набошад.
*Сирри дилата касеба гей, ки хоктеда набеяд.*

Ҳезумҳоро барои деги шӯрбо ба назди оташдон оварданд.
*Ҳезумои таги деги шербора ба пеши оштон овардан.*

Имшаб ин қадар барқ мезанад, зоҳиран борон меояд.
*Имшаб чи бало чақмоқ мезанад, чоқам (а афташ) борон меод.*

Агар девори хона андовашуда бошад, намиро намегузаронад.
*Деволи хона андова кардагӣ беяд, намӣ наметеяд.*

Ман ғайр аз ту чанд дӯсти дигар ҳам дорам.
*Ма бе ғайри ту чан дести дия ҳам дорам.*

Ин духтар ба монанди модараш не, ба падараш рафтааст.
*Ӣ духта очаш боре не, ба додош задас.*

Аз дарзи дар ба мо нигоҳ карда меистод.
*А тарқиши дар ба моён менирид (нирида меистод).*

Бародарам ҳамроҳи занашон ба тӯйи додарарӯси худ рафтаанд.
*Додиям бахшидашо катӣ ба тейи додаресашо рафтиян.*

Дар гӯштини Эҷ аз миёнаи поҳо гирифтан мумкин аст.
*Да гестини Эҷ а чорт гирифтан мумкин.*

# ЛУҒАТНОМАИ МУХТАСАРИ ЛАҲҶАИ ЭҶ

Дигаргунии муҳтавоӣ дар ҳар забон аз пайи омилҳои мухталиф, чун тағйирёбии вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, табаддулоти фарҳангӣ, таъсири оину навандешиҳо ва илму соҳаҳои гуногун ба вуҷуд меояд. Дар давоми садаҳо забони тоҷикӣ ба тағйироти фаровони забонӣ, аз ҷумла, тафовути овоӣ, вожагонӣ, сохторӣ ва маъноӣ рӯ ба рӯ шудааст. Аён мегардад, ки дар ин раванд тағйироти вожагонӣ шитоби болотар ва густурдагии бештар дорад. Вале дар ҳама давру замон тағйирёбии муҳтавои гӯйишҳо нисбат ба забони меъёр сусттар будааст. Одамон, новобаста аз таъсироти беруна, дар маҳдудаи худ пайваста бо лаҳҷаи маъмул гуфтугӯ кардаанд ва тавонистаанд паҳлуҳои хоси гӯйиши худро аз насл ба насл гузаронанд. Ба вижа, ҳанӯз ҳам зинда будани як қатор калимаю мафҳумҳо дар лаҳҷаҳо, ки онҳо дар забони меъёр корбурд надоранд, аз ин маънӣ далолат медиҳад.

Дар бораи лаҳҷаи эҷӣ, тафовутҳои он аз забони адабӣ, луғатҳои роиҷбуда дар он чанд тан забоншиносу равшанфикр, аз қабили, Баҳром Шермуҳаммадов, Фарруха Зеҳниева, Маҳмуд Нурназаров, Абдуназари Набӣ, Назруллоҳ Расулзода фикру андешаҳои худро иброз доштаанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ягон рисола ё китоби алоҳидае дар ин мавзӯъ ба табъ нарасидааст. Ба хусус, ёфтан ва таҳлилу баррасӣ кардани луғатҳои хоси эҷиён, ки имрӯз ҳам дар забони маҳаллӣ мустаъмаланд, яке аз вазифаҳои умдаи лаҳҷашиносон ба шумор меравад. Бо ин ҳадаф луғати мухтасаре аз лаҳҷаи деҳаи қадимаи Эҷ фароҳам оварда шуд. Ин луғатнома меъёру мояи асосӣ дар ташаккули лаҳҷаи эҷӣ аст ва аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳанӯз ҳам бошандагони деҳа ва эҷиёне, ки ба ҷойҳои дигар нақли макон кардаанд, то ҳадди имкон хазинаи луғавии хоси гузаштагонро дар мағзи худ нигаҳ дошта, ба наслҳои оянда интиқол медиҳанд. Луғати мазкур бо тартиби алифбои нави тоҷикӣ ва бар асоси қоидаҳои умумии фарҳангсозӣ таҳия гардид. Ихтисораҳое, ки дар ин луғатнома омадаанд, ба шарҳи зер аст:

*г.* – ғайра
*з. м.* – забони меъёр
*кҳн.* – кӯҳнашуда
*мас.* – масалан
*маҷ.* – маҷозан

*ниг.* – нигаред ба...

*т.* – туркӣ (калимаҳои воридшуда аз забони туркӣ)

**Акак** – *чӯби кӯтоҳи чилликбозӣ (чегонбозӣ)*

**Алақ-палақ** – ранг ба ранг; парешоннигоҳ, саросема

**Алахалтак** – *навъи гиёҳи бехмеваи кӯҳӣ*

**Алда** – *т.* фиреб, гӯлзанӣ; **алда кардан** – фиреб додан, гӯл задан

**Алиш** – *т.* иваз, бадал; **алиш кардан** – иваз кардан, табдил додан

**Алоқа** – рӯмоли хурди сар, сарбанд

**Анг** – ғафлат, бехабарӣ; ҳушу ҳавос

**Анголак** – ҷоғ, фак(к); *маҷ.* манаҳ, даҳон

**Арқ// арқаш хушк шуд** – *маҷ.* шах шуда монд, беҳолу беҳаракат монд; кайфияташ гурехт

**Афтар-дафтар** – пора-пора; вайрону дарҳам рехта, дарҳам-барҳам

**Ачоқ** – *т.* оғӯш, бағал

**Бадравхона** (бадрафтхона) – ҳоҷатхона, туалет

**Бакпор** – мабодо, мабодо ки, шояд

**Балам//о балам!** – *нидои ҳузнангезе, ки ба сабаби фавтидани касе гуфта мешавад*

**Бардор-бардор** – таъриф, ситойиши аз ҳад зиёд

**Барасам** – басанда, кофӣ, кифоя

**Баррондан** – дашном додан, ҳақорат кардан, носазо гуфтан

**Бахшида** – зан; номзад, арӯсшаванда

**Баҳузур** – бо дили пур, бо фароғи хотир

**Беғҷома** (дар *з. м.:* бӯғҷома, бӯқҷома) – чодар, рӯйпӯш *(одатан бо ин чодар рахти кӯрпаҳоро мепӯшонанд ё ба ҷойи сӯзанӣ ҳам ба кор меравад)*

**Безӣ** – сабза *(сабзаи нарми баҳорӣ)*

**Белак** (дар *з. м.:* бӯлак) – қисм, ҷузъ, бахш *(ҷузъе аз кулро гӯянд, чунончи, белаки мол, белаки нон, белаки одамон ва г.)*

**Бид-бид//бид-бид кардан** – пичирос задан; ношунаво ғайбат кардан, пушти сари кас гап задан

**Биқин** – *т.* паҳлу, канор

**Бинойи** – хуб, нағз; пешрав, бобарор; **бинойи кардед омадед** – хуб коре кардед омадед; **ман биноиям** – ман нағзам *(аз назари ҳолат, саломатӣ);* **кораш бинойис** – кораш пешрав аст

**Биршим** – ришта, нах *(барои нақшу гулдӯзиҳои рӯйи матоъ)*

**Бодӣ** – олуфта, лофзан, ҳавобаланд

**Бостурма** – *т.* молхонаи тобистона *(маъмулан як ё ду тарафи ин молхона боз аст ва дар болояш алафу хошок захира карда мешавад)*

**Буғма** – *т.* бемории гулу *(гулу хафа мешавад ё ғудда дармеорад, ки дар натиҷа нафасгирӣ бениҳоят мушкил мегардад)*

**Булғудак** – фавворазанӣ, ҷӯшида баромадан *(-и об ва ҳар гуна моеот аз дарз ё даҳонаи танг);* **булғудак задан** – фаввора зада (ҷӯшида) баромадан; *маҷ.* қай кардан

**Буҷи** – *ишора ба ҳар гуна ҳашара ё ҷондори газанда аст, ки маъмулан бо баёни он, бо ибораҳои «буҷи омад», «буҷи мегазад» бачаҳоро метарсонанд*

**Валанг** – воиш (-и ток)

**Виғидан** – сӯхта ҷинҷак шудан, сӯхта сиёҳ шуда рафтан; аз ҳад зиёд сӯзон шудан

**Виёра** – пояҳои дарозшавандаи гиёҳ *(ба хусус, ба пояҳои растаниҳои полизӣ, мисли харбуза, тарбуз, каду, бодиринг гуфта мешавад)*

**Вижидан** – макидан *(-и шир ё моеоти дигар то охир);* ҷабидан

**Гардам** – *ифодаест барои изҳори муҳаббат ва навозиши хосса ба наздикон ва хурдсолон; шояд мухтасаршуда аз таъбирҳои «даврат гардам», «қурбонат гардам» бошад;* **а зувони ширинат гардам** – қурбони забони ширинат шавам

**Гариҳ** (дар *з. м.:* гиреҳ) – бӯқчаи либос *(чоргӯшаи бандакдор аст ва махсус барои нигаҳ доштани либосворӣ ба кор меравад)*

**Гармухунук** – *як навъ* сеҳру ҷоду *(амали хурофотиест, ки гӯё бо хондани дуо одамони наздик ба ҳам меҳрубонтар ё аз ҳам ҷудо мешаванд)*

**Гирдихона** – кӯрпача *(тагпойии дарозу борике, ки дар атрофи дастархон ё давр то даври хона меандозанд)*

**Гузиндан** – ҳаллоҷӣ кардан, фалахидан *(титу маҳин кардани пашм ё пахта бо даст)*

**Ғалтакупелтак** – ғалтидану жӯлида шудан *(бар рӯйи замин)*

**Ғарма** – ношоям, корношоям *(масалан, ба сақич ва монанди ин чизҳое гуфта мешавад, ки аз ҳолати аслӣ баромадаанд ва дигар қобили истифода намебошанд)*

**Ғеба** – пахта (пашм)-и муштхӯрда ва титшуда

**Ғибирдак** – ғубордор, хирагӣ; **ғибирдак задан** – ғуборӣ шудан, сиёҳӣ задан *(-и пеши чашм)*

**Ғилбиндӣ** – *навъи хӯрданӣ, ки аз орду ширу равған ва каме шакар омода мешавад (тавре ки хамири тунук бозшударо ба андозаи кофӣ мебуранд, ба рӯяш атолаи ширӣ мемоланд, қат мекунанд ва аз дохили равғани доғ кашида мегиранд)*

**Ғурм** – меши кӯҳӣ, бузи кӯҳӣ

**Даввона** – ҳаракати лаппишдор *(-и ҳавои гарму тафсон);* **даввона задан** – лаппида вазидан *(-и ҳавои гарму тафсон)*

**Дағеч** – зани бародари шавҳар, абусун

**Даманда** – дамдардарунӣ, нафастангӣ *(аз бархӯрд ё дарди сахт);* **даманда рафт** – дам дар дарун монд, нафасгир шуд

**Дамиқиш** (дамақиш) – гирифтагӣ *(-и нафас, ҳаво ва г.)*

**Дарзбурон** – *аз маросими арӯсӣ аст, ки як идда занон дар хонаи арӯсшаванда ҷамъ мешаванд ва аз рӯйи андоза порчаҳои либосворӣ ва кӯрпагию болинро бурида, либосу кӯрпаю болин медӯзанд*

**Дес** (дар *з. м.:* дӯст) – бӯса; **дес доштан** – бӯса кардан; дӯст доштан

**До** – ака, ҷаноб; *кҳн.* киё; *(аз ҷумлаи баёнияҳои хешутаборӣ ва эҳтиром буда, ҷиҳати мурожиат ба мухотаб ба кор меравад; масалан, ба ҷойи «Рустамака» ё «Ҷаноби Рустам» гуфта мешавад: до Рустам)*

**Довуча** – ғӯра, меваи норасида *(ҳанӯз хом ва турш аст)*

**Додӣ** – бародари меҳтар (калонӣ); ака *(баъзан ба ҷойи калимаи «ака» нисбат ба марди бегона низ гуфта мешавад)*

**Додо** – дада, *шакли гуфтугӯйии* падар

**Думбулак** – чархи бозӣ *(ҳар гуна чархи сабуке, ки бачаҳо бо он бозӣ мекунанд)*

**Забарфаша** – ғӯлачӯб *(ҳамчунин қитъаи бетонӣ, тахтагин ё оҳании нигаҳдоранда, ки ҷойи насби тирезаро аз боло мебандад);* тоқ

**Зӣ//зӣ мондан** – зеҳн мондан, бо диққат нигоҳ кардан *(ба касе ё чизе; шояд вожаи «зӣ» кӯтоҳшуда аз калимаи «зеҳн» бошад),* бо хаёлмандӣ хира шудан *(ба касе ё чизе)*

**Зуреш** – аломат, нишона *(аз тариқи буридани гӯши чорво (мисли буз, гӯсфанд) гузошта мешавад ва барои фарқ кардани моли одамон аз якдигар ба кор меравад)*

**Зов** – варта, партгоҳ *(иборат аз шахи яклухтест, ки ба таври амудӣ қарор гирифта, рӯяи соф дорад)*

**Илкис** – озор, ранҷ, осеб; **илкис додан** – озор расондан; **илкис хӯрдан** – ранҷ кашидан, осеб дидан

**Ирим** – фол, тахмин *(аз рӯйи хурофот);* **ирим кардан** – фол дидан, тахмин задан *(-и пешомад, ҳаракат, оҳанг ва г.)*

**Иримчӣ** – фолбин *(касе, ки ҳар пешомадеро ба фоли нек ё бад мегирад),* муътақид ба хурофот

**Испириқ** – шарора

**Истоно//истонок** – рӯ ба боло *(ҳолати пушт ба замин хоб рафтан аст).*

**Ихчам –** ҷамъуҷӯршуда, мӯъҷаз*; маҷ.* миёнборик, лоғар.

**Каргасак** – калтакалос *(як навъ калпеса ё сусмори хурд)*

**Кафич** – *батамом аз байн рафтан (тамом шудан)-и чизе;* **кафич кардан** – нобуд кардан, хӯрда тамом кардан *(-и мева, ғизо ва г.)*

**Каҷак** – меваи хорчӯб *(гиёҳи кӯҳӣ мисли бодом аст, каме хурдтар)*

**Каша** – *яке аз усули куштӣ аст, ки аз тариқи пойро ба пойи рақиб печондан амалӣ мегардад*

**Кела** –донак *(-и ҳар гуна мева, чунончи: келаи зардолу, келаи бодом, келаи шафтолу...)*

**Коғазпеч** – карамел *(конфети когазпечшуда)*

**Кудошӣ** – каду *(шакли дигаршудаи кадуи ошӣ)*

**Кулета** (дар *з. м.:* кулӯта) – *сарпӯши тоқимонанди занон, ки онро аз зери рӯмол мепӯшанд*

**Курҷук** – чангак, қуллоб *(сӯзани чангакии гулдӯзӣ)*

**Қаба** (қава)– ҳабс, зиндон, асорат; **қаба кардан** – ҳабс кардан; ба ҳисор (тангно) андохтан

**Қавуз** – *т.* кӯрпачаи зери кӯдак *(ба андозаи гаҳвора аст, барои сипа сӯрохӣ дорад ва дохили онро бо арзан ё пӯсти нахӯд пур мекунанд)*

**Қазоғанд** – кӯрпа, лиҳоф *(бистари пахтадори лагандашуда барои хоб)*

**Қаптал** – чаргӣ *(ду тикка намади ҷилдшуда, ки аз ду ҷониб барои ҳифозати сутунмуҳраҳои ҳайвони боркаш аз рӯйи ҷул (болопӯши арақгир), дар зери зин ё тӯқум гузошта мешавад)*

**Қатиқ** – *т.* ҷурғот, мост

**Қерӣ** – *т.* ҷурғотмоя

**Қирӣ** – *чашме, ки нуқси биноӣ дорад; шахсе, ки чашми ӯ норасоӣ дорад (тавре ки мардумаку адасии чашм гӯё ба кунҷ рафта, сафедии чашм бештар менамояд)*

**Қичи** – обсабз *(алафу обсабзҳои печони зери об ва лаби сою рӯдҳо)*

**Қоқма** – *т. навъи* матоъ; *навъи* ҷома *(ҷомаи туркманӣ аст, ки аз пашми шутур бофта мешавад ва хеле зариф аст);* **[галими] қоқма** – *навъи* гилем *(бофташуда аз пашми гӯсфанд ё шутур, ки бар рӯяи худ пат надорад);*

**Қуйма** – *навъи нони тунуке, ки бо равғану пиёз дар дег пухта мешавад*

**Қулбеғча** (дар *з. м.:* қӯлбӯғча) – *т.* сумкаи латтагин *(барои лавозими мактабӣ)*

**Қултуқ** – *т.* бағал, каш *(зери пайвандгоҳи дасту китф)*

**Қундоқ** – *т.* парпеч *(-и кӯдак)*

**Лахчак** – *хамири борику нозук буридашуда; исми ғизое, ки бо хамири нозук буридашуда дуруст мешавад*

**Линча** – халтаи калонтар, ҷувол

**Лисак** – мӯрчаи хурд, занбӯри зарди хурд *(мӯрчаҳои резу хурде, ки бештар дар мағзи чӯбу болор хона карда, онро хӯрда ковок ва мӯрт мекунанд)*

**Лули** – шоша, бавл, мезак

**Маданг(а)** – қаър, таг, бех, мағз *(-и ҳар гуна сӯрохӣ, шикоф)*

**Майин** (майин-майин) – оҳиста *(гап задан, роҳ рафтан, хӯрдан ва ғ.),* батадриҷ

**Мак-макак** – пистонак *(барои ширмакии кӯдак)*

**Мастага** – маска *(равғани зарде, ки бо сохтани ҷурғот дар гуппӣ ба даст меояд)*

**Маъдиред** – ишора, имою ишора

**Меғ** – ҳавои абролуд, туман

**Намошом** – бегоҳӣ *(вақти аз байн рафтани сапедии рӯз ва даромадани торикӣ; шакли дигаршудаи «намози шом»)*

**Нарғеч** – тирак, тири ош *(чӯби борику дарози махсус барои кушодан ва паҳн кардани хамир)*

**Нарт** – қаламча, ниҳолча *(навда ё шохаи сабзи дарахт, ки онро ба замин мекоранд)*

**Ношпотӣ** – *меваи ширини обдор аз ҷинси* мурӯд

**Одаранг** – сахт, маҳкам *(дар асл, сифати санге аст, ки ба осонӣ шикаста намешавад);* санги сахт

**Олоб** – алов, оташ

**Ор** – шарм, ҳаё; **ор кардан** – шарм (ҳаё) кардан, хиҷолат кашидан

**Ору** – занбӯр

**Оштон** – дегдон, оташдон, учоқ

**Оштулмоч** – *навъи гизо, ки аз дӯгобу хамири нозук буридашуда омода мешавад;* угро

**Пайкол** – қитъаи замин, замини корам

**Палдарӣ** – болодарӣ, паҳлударӣ *(ғӯлачӯб ё қитъаҳое, ки ҷойи насби дарро аз боло ё багал масдуд мекунанд)*

**Панҷакашӣ** – гилкорӣ (ё гаҷкорӣ)-и дағали рӯйи девор *(амалест, ки сатҳи рӯяи девор бо гил (ё гаҷ)-и хом ба таври дурушт ҳамвор ва барои андова омода мешавад)*

**Пастар** – *шакли дигаршудаи* бастар (бистар); кӯрпа

**Пастарча** – зерпойӣ *(аз ҷилди газворӣ, ки дар дохил пахта ё пат дорад); ниг.* гирдихона

**Пескона** – чаппа, пушт ба рӯ, сар ба зер; **пескона пӯшидан** – чаппа пӯшидан *(-и либос);* **пескона кардан** – чаппа кардан *(мас., сатилро)*

**Пистоқӣ** – сабзгун *(ба монанди ранги писта)*

**Пичак** – *як навъи* санбӯса *(пӯсти хамирии ин таоми танӯрӣ тунуктар мешавад ва онро аксаран бо алафу сабзиҷот мепазанд; пичаки ҳулбӯйин хеле маъруф аст)*

**Побка** – портфел *(сумкаи нисбатан калонтаре, ки дар он китобу воситаҳои хониширо меандозанд)*

**Пойнак** – сарпӯшаки ручка

**Пуск** – саргин *(фақат ба маънои фазлаи бузу гӯсфанд аст)*

**Пушак** – гуппичӯб *(чӯби махсуси паррадор аст, ки ба воситаи он ҷурготро дар гуппӣ баҳам мезананд ва маска ҷудо мекунанд)*

**Пушта** – *маҷ.* қабристон, гӯрхона

**Равонакӣ** – *навъи* гилем

**Ранҷит** – баҳтурмор *(зардранги безаҳр аст)*

**Рейбинӣ** (дар *з.м.:* рӯйбинӣ) – 1.оина; 2.рӯйи хотир кардан

**Резондагӣ** – сармохӯрдагӣ, шамолхӯрдагӣ *(марҳилаи аввали зуком, ки бо рафтани оби бинӣ огоз мешавад)*

**Сарфаргон** – сар ба зер

**Сарҷин** – 1. сутунчӯби такягоҳ *(ин такя маъмулан дар васати девор аз зери болор гузошта мешавад);* 2. мураттаб, ҷамъуҷӯршуда; **сарҷин кардан** – ба тартиб даровардан, ҷамъуҷӯр кардан *(мас., сарҷин кардани афзор ё бори хар)*

**Сег** – афсона, ривоят, саргузашт

**Синҷов** – осудагӣ, роҳат, фароғат (аз кор).

**Сипа** – тубак *(зарфи лабадори сафолин, ки дар сӯрохии кафи гаҳвора гузошта мешавад ва шошаю мадфӯи кӯдак ба он мерезад)*

**Сира** – ҳеҷ гоҳ, асло; **сира ки** – ҳамеша, ҳама вақт

**Соба//соба кардан** – фалахидан *(кӯфта маҳин кардани пашм (ё пахта) бо химчаҳои қайишии махсус)*

**Соф//соф шудан** – тамом шудан, ба охир расидан

**Сугурна** – ҷайра

**Сун** – тараф, сӯй, ҷиҳат, ҷониб; **исун** – ин тараф; **усун** – он тараф

**Таберок** (дар *з. м.:* табӯрок) – даф, доира

**Табуш** – *т.: ниг.* эб; **табуш кардан** – *ниг.* эб доштан

**Тайлоқ** – *т.* шутурбача

**Талоқ** – *т.* сипурз, испурч

**Таҳсуб** – *як навъ* ҳасудӣ, дилхирагӣ *(мас., агар як писар бинад, ки модараш ба ӯ кор фармуда ба бародараш не, ӯ ба ин бародари бекорнишаста таҳсуб мекунад, яъне чаро ӯ роҳат карда нишас-таасту ман кор мекардаам?)*

**Те** – *феъли амр ба шахси дуюм:* деҳ; **теед** – диҳед

**Тон** – башара, афту ангор

**Тоҳин** (тойин) – наргов

**Тузук** – *т.* дуруст, нағз; солим; муназзам, мураттаб; **тузук кардан** – дуруст (таъмир) кардан; **тузук шудан** – нағз шудан *(мас., захм)*

**Ужбидан** – кӯк кардан, дӯхтан *(-и ҷойи дарз ё чоки либос);* дӯхтан ё бахя задани муваққатӣ

**Узот** – *т.* гусел; **узот кардан** – гусел кардан *(-и меҳмон, касе ба ҷое ва г.)*

**Уйток** – овози баланд; **уйток (уйтас) задан** – бо овози баланд дод задан, сахт садо задан

**Укак** – кӯзпушт, миёнхамида

**Урчуқ** – дуки дастӣ *(асбоби дастии нахресӣ)*

**Ускунҷидан** (искунҷидан) – пасандоз кардан, сарфаҷӯйӣ кардан, исроф накардан

**Устуғ** (устуқ) – лат, озор, азоб; **устуғ додан** – озор расондан, лат додан, нихта кардан

**Фалғор** – нарму фаххак *(ҳолатест, ки бо таъсири об ва нами об ба вуҷуд меояд, мас., замини фалғор, нони фалғор)*

**Фаргон** – чаппа, баръакс; **фаргон кардан** – чаппа кардан; сарнагун кардан

**Фечак** – пайк, қосид, хабаррасон; *номи дара ва қалъа*

**Форидан** – хушоянд (дилкаш, гуворо, мувофиқи табъ) будан; **офтоб мефорад** – офтоб хушоянд (дилнишин) аст *(дар ҳавои сард);* **рангуборат ба ман намефорад** – рангуборат ба ман маъқул нест

**Хай** – майлаш, хайр, хуб

**Хапак** – *порчаи маҳрамонаи занон, ки аз сина боло то охири гардан ва аз пешонӣ ба пушт то поёни гарданро мепӯшонад*

**Харра** – бутта *ва* меваи настаран

**737Хархусон** – тарсон, изтиробомез; **хархусон будан** – *ҳолат:* бо тарсу хавотир будан *(аз чизе, аз рух додани воқеае ва г.)*

**Хишороб** – оби собунолуд, оби пасмонда *(аз ҷомашӯйӣ)*

**Холок** – хола *(хоҳар ё апаи модар)*

**Хонадароён** – бӯрёкӯбон *(маросиме, ки пас аз сохтани хонаи нав ва ба он кӯчида даромадан баргузор мешавад)*

**Худук** (хадук) – тарс, ҳарос; **худук кардан** – тарсидан, ҳаросидан, хавотир кашидан

**Ҳайло** (ҳейло) – дар он ҷо *(ба маънии ишора ба дур)*

**Ҳамолияк** – *халтачаи бандакдор, ки барои нигаҳдории лавозими дӯхтудӯз (сӯзан, ришта, ангуштпона в г.) истифода мешавад*

**Ҳамчу(н)**– ин қадар; хеле

**Ҳаффас** – аккос, ав-ав, ҷакидан *(-и саг)*

**Ҳаял//ҳаял кардан** – дер кардан

**Ҳойнаҳой** – ғайриихтиёр, таваккал

**Чағил** (чиғил) – сангча, сангреза; реги дурушт

**Чалғоба** – лойоба, оби гилолуд

**Чалма** – таппӣ, таппак *(фазлаи хушкидаи гов, ки ҳамчун сӯзишворӣ ба кор меравад)*

**Чалфас** – нотоза, ифлос; *маҷ.* беназм, берабт

**Чандак** (чангак)– *номи бозии халқӣ (ба миқдоре донакро дар даст пинҳон мекунанд, бо ин шарт, ки ҷуфт ё тоқ будани миқдори донакҳо ёфта шавад; ҳар кӣ меёбад, соҳиби донакҳо мешавад)*

**Чеғон** – *номи бозии халқӣ;* чӯби дарози чилликбозӣ (ё чеғонбозӣ)

**Чиғриқ** – чиғир, ғалтаки рӯйи чоҳ *(абзори махсусест, ки ба воситаи дастак дар гирди тири худ давр мезанад ва сатил ё зарфи дигарро бо арғамчин ё сими қуллобдор ба поин мефиристад ва дубора ба боло мекашад)*

**Чилак** – ангушт

**Чимтол** – киса, ҷайб

**Чипиртак** (чиппак) – 1)чакра, қатра *(-и об);* 2)чакрапарӣ, пошхӯрии қатраҳо *(-и об);* **чипиртак шудан** – расидан (пош хӯрдан)-и чакраҳои об

**Чорт//чот** – чатан *(миёни ду по аз олати таносул то маъқад)*

**Чукайтак** – чаққон, тезпо *(маъмулан ба касе ё хизматкоре, ки логару тезгард аст, гуфта мешавад)*

**Чулок** – сарусадои баланд, ғавғо, мағал; **чуллас задан** – бо садои баланд гап задан, мағал кардан

**Ҷилоф** – ҷӯроб, пайпоқ

**Ҷинд** – хашм, ғазаб; **ҷиндаш гирифт** – хашмаш омад, дар ғазаб шуд

**Ҷова** – газна, сӯзгиёҳ

**Ҷулҳундӣ** – дарвешнамо *(маъмулан ба касе гуфта мешавад, ки либоси кӯҳнаю фарсуда ё пора-пора мепӯшад)*

**Ҷуронӣ** – нов, нов(а)дон, обрав

**Шаба** – марҷон, сангчаи барроқи оройишӣ *(дар гулбандҳо ва олоту асбоби зинатӣ ба кор меравад)*

**Шарронӣ** – *ниг.* ҷуронӣ; шаршараи хурд

**Шерғунч** (шерғунд) – махлути обу хок *(омехтае, ки ба дараҷаи лой нарасидааст; онро дар пушти бом ба рӯйи най ё ҷуғҷой мерезанд ва сипас аз рӯяш бо коҳгил андова мекунанд)*

**Ширак** – *навъи ғизои обакӣ (бо ҷӯшондани мудавоми шираи бодоми талх ба даст меояд ва ширин мешавад)*

**Шуррут//шурутак** – обакӣ, нозук; **лойи шуррут** – лойи обакӣ *(барои андоваи пушти бом ба кор меравад)*

**Эб** – садо, овоз; ҷеғзанӣ, садозанӣ; **эб доштан** – садо задан, хондан *(ба сӯйи худ),* ҷеғ задан

**Эмизак** – пистонак, чочак *(василаи резинӣ, ки ба даҳони шишаи пуршир гузошта мешавад ва барои макондани кӯдак ё ҷонваре ба кор меравад)*

**Эс** – *т.* ҳушу ҳавос; зеҳн, хотир

**Эсеғда** (дар *з. м.:* ӯсӯғда) – оташков(ак) *(аз ҷинси чӯбҳои сахт сохта мешавад)*

**Эчак** – арғунчак

**Эҷ** – қалъа, бору, ҳисор; *номи яке аз деҳаҳои тоҷикнишини қаторкӯҳи Нурато*

**Юғак** – рагкашӣ; **юғак кашидан (гирифтан)** – раг кашидан *(баногоҳ ба таври дардовар дарҳам кашида шудани рагҳо ё мушакҳо)*

**Юндихер** (дар *з. м.:* юндихӯр) – сарқутхӯр, косалес

Ин луғатнома, ки аз вожагони лаҳҷаи эҷӣ фароҳам омадааст, мухтасар мебошад ва бо пажӯҳишҳои бештар метавон онро такмил дод. Минҷумла, номи гузарҳо, кӯҳу дараҳо, гиёҳу дарахтҳо, хӯрокҳо ва ғайраро, ки хоси Эҷ ва эҷиён аст, мебояд ба он илова кард. Чунончи, дар деҳа ва атрофи он дараю гузарҳо бо исмҳои Галаҷин, Гаргинон, Доничак, Ёласин, Зиҳнок, Когаровут, Маҳчаровут, Маҷор, Нахтабӣ, Панзағор, Пашкан, Пашметан, Пирвеш, Пиргиред, Пишох, Хадред, Хумак, Эрич ва гиёҳоне аз қабили гузинҷ, заған, карок, лолабузак, лолагаштин, роба, татарон, эҷибулояк, миша, ҷуғҷой, шибдор, эбуда вомехӯранд, ки аз назари забонӣ решаи бостонӣ доранд ва дар лаҳҷаи Эҷ ба кор мераванд.



# БОБИ ДУЮМ

## ТАРОНАҲОИ МАРДУМӢ ВА КАТИБАҲО

### Ганҷинаи заволнопазир

Эҷодиёти даҳанакии халқ бахши муҳимме аз фарҳанги омма ва адабиёти миллиро ташкил медиҳад. Агарчи қисме аз ин эҷодиёт дар гузари замон аз байн рафта, қисми дигаре ба сурати ноқис боқӣ мондааст, боз ҳам таровати худро аз даст надода, ҳамчун ганҷинаи арзишманд рӯйнамоӣ мекунад. Қиссаҳо, афсонаҳо, ашъори бахшида ба ҷашнҳо ва шодиҳо, марсия ва сӯгвориҳо, фолҳо, намоишҳои суннатӣ, пардахонӣ, наққолӣ, мақолу зарбулмасал ва чистонҳо, коровозу корнавоҳо... аз ҷумлаи гунаҳои адабиёти шифоҳӣ ҳастанд. Яке аз нависандагони маъруфи форсизабон Содиқ Ҳидоят, ки ошиқу шефтаи фарҳанги мардумӣ буд, дар муқаддимаи як тарҳи худ вобаста ба ҷамъоварии эҷодиёти шифоҳии халқ менависад: «Ҳунар ва адабиёти тӯда (мардум, гурӯҳи одамон) ба манзалаи масолеҳи авва- лияи беҳтарин шоҳкорҳои башар ба шумор меояд. Ба хусус, адабиёт ва ҳунарҳои зебо ва фалсафа ва адён мустақиман аз ин сарчашма сероб шуда ва ҳанӯз ҳам мешаванд. Ин сарчашмаи афкори тӯда, ки наслҳои паёпай ҳамаи андешаҳои гаронбаҳо ва авотиф ва натоиҷи фикру завқ ва озмойиши худро дар он рехтаанд, ганҷинаи заволно- пазире аст, ки шолудаи осори маънавӣ ва кохи бошукӯҳи зебоиҳои башарият ба шумор меояд» (Аз маъхази фаронсавии маҷаллаи «Сухан», 1945).

Дар радифи бошандагони минтақаҳои дигар тоҷикони кӯҳистони Нурато, минҷумла, деҳаи Эҷ низ аз қадим ин ганҷинаи заволнопазирро бо ҳама зебоиҳояш ҳифз мекунанд ва саъй доранд ҳадди ақал бо ҷилои доштааш ба дасти ояндагон супоранд. Бешак, бисёре аз шоирони андешаманд гумном буда, хеле ашъор сина ба сина нақл шудаанд ва таронаю сурудҳо, латифаҳо, танзҳо, мухаммасу байтҳо, овозхониҳо ҳамчунон боқӣ мондаанд, агарчи ангуштшумор ҳастанд. Дар ин ҷода яке аз амалҳои суннатии кӯҳистониён он буда, ки аҳли касбу ҳунар ҳангоми кор, чунончи, дар вақти гилему

қолибофӣ, намадпазӣ, деворзанӣ, гилкорӣ, танӯрандозӣ, наққошӣ, чӯбтарошӣ, чӯпонӣ, даравгарӣ суруду овоз мехонданд ва коровозу корнавоҳо аз даҳан ба даҳан гузашта паҳн мешуданд. Ба ин маънӣ, аҳли ҳунарманди Эҷ беҳтарин таронаҳои мардумиро ба ёдгор гузоштаанд, аз ҷумла, «Ашулаи бофандаҳо» яке аз чунин дурдонаҳои маънавист, ки бо ин мисраъҳо оғоз мешавад:

*Саҳар хестам ба он чаҳ-ча(ҳ),*
*Гирифтам мокую ноча.*
*Ду поям зергаҳи чаҳча,*
*Ҳаргиз накун бофандагӣ!...*

Тарона ба зиндагӣ таровату латофат мебахшад. Тарона аз ду вожа – **тар** ва **она** ба маънои «тозагӣ» ташкил шудааст. Таронаҳо мардумитарин навъи адабиёти шифоҳӣ мебошанд, чунки аз тавлид то марг ҳамроҳи инсон ҳастанд. Таронаҳо оромишдиҳандаи гӯянда ва шунаванда буда, шомили сурудҳои модаронаи алла, навозишӣ, бозӣ, ошиқона, ҳамосӣ, корӣ, ҳиссиётӣ мешаванд. Он чи дар таронаҳо барои кас аҳамият дорад, ин аст, ки мухотаби онҳо новобаста аз синну сол тамоми омма мебошад. Тарона равон буда, ба рӯз падид меояд ва мутаносиб бо ниёзи рӯзонаи одамон тағйир мекунад ва ҳамоҳанг бо номаш ҳамеша нав мемонад.

Табиати хушбоду ҳавои Эҷ, садоҳои мурғони хушовоз ва рӯду ҷӯйборҳояш аз Хадреду Хумак, Феҷаку Пирвеш, Қалъаву Авға, Гулибоғу Мурғобак, Сариобу Чишмисурх, Саричаҳу Зиҳнок ва ҳамзамон, эҳсосоти бардоштаи деҳотиён аз доду ситадҳои зиндагӣ будааст, ки таронаҳои дилписанд рӯйи кор омадаанд ва онҳо ҳам шодию нишот ва ҳам ғаму ғуссаи ҳамарӯзаро баён мекунанд. Бо ҷӯшу хурӯш, дафзанон сурудхонӣ кардани занони Эҷ дар арӯсиҳо боризтарин нишонаи изҳори дил кардан аст, ки хурду калон бо бесабрӣ ин гуна лаҳзаҳоро интизорӣ мекашанд:

***Гӯянда:***

*Калин меред шол қатӣ,*
*Кафш(о)и пепакдор қатӣ.*

***Бардоранда:***

*Ҳой арес, ҳой арес,*
*Калин мебарим имрез.*

***Гӯянда:***

*Хона меҳмон омадас,*
*Шарбати ҷон омадас.*

***Бардоранда:***

*Ҳой арес, ҳой арес,*
*Калин мебарим имрез...*

***Гӯянда:***

*Хез оча, калин омад,*
*Нури хона даромад.*

***Бардоранда:***

*Ҳой арес, ҳой арес,*
*Калин мебарим имрез...*

Аз сӯйи дигар, ғарибӣ, танҳоӣ, darду ранҷҳои зиндагӣ одамонро ба ҳасрат кардан водоштааст. Дар ин хусус суруду таронаҳои содаю равон бисёр аст ва онҳо боиси ба ҳам меҳр бастану ба якдигар ҳамдард шудани ниёзмандон гардидаанд. Оҳанги ҳазини гӯяндагон ба дилҳо нишаста дергоҳ аз ёд намеравад:

*Надорам додару додӣ,*
*Ба фарзандам кунад шодӣ.*
*Надорам апаю хоҳар,*
*Мана, модар, ғариб зодӣ.*

*Ғарибам ман дар ин манзил,*
*Ба дарто мубталоям ман.*
*Харидорам не дар ин ҷо,*
*Ғарибу бенавоям ман.*

* * *

*Дар ғарибӣ нола кардам, ҳеҷ кас ёдам накард,*
*Дар қафас ҷон додаму сайёд озодам накард.*

Вақте ки таронагӯйӣ бо тавъам шудани шеъру оҳанг сурат мегирад, таъсиру дилнишинии он ба маротиб меафзояд. Агар сози асосии занони гӯяндаи Эҷ даф (ба истилоҳи эҷиён *таберок*) бошад, мардон бештар аз дутор, танбӯр, рубоб ва агар чизе ёфт нашавад, аз табақчаи маъмулӣ (эҷиён онро *тақсимча* мегӯянд) истифода мекунанд. Дар

гузашта Зокири ҳофиз аз ғазалгӯёни саршинос ба шумор мерафт, ки ба даст танбӯр (ва гоҳе ҳам тақсимча ё доира) гирифта, бо оҳанги дилнишин суруду ғазал мехонд ва мухаммасгӯйӣ мекард. Ҳамчунин Деҳқони Шомурод бо тахаллуси «Деҳқони шаҳ» дуторнавози маъруф буд ва баъдан ҳунари ӯро писари зарофатгӯяш Асалбойи Деҳқон идома додааст.

Бояд гуфт, ки истилоҳоти маъмулу роиҷи назми халқӣ дар байни сокинони Эҷ *байт, мухаммас, газал* ва *ашула* аст. Ҳангоми хоҳишу дархост намудан аз гӯяндагон аксаран чунин ибораю ҷумлаҳо ба кор мераванд: *«А байтҳото хонед!», «Як мухаммасгейӣ кунед!», «газалҳои шумора пазмон шудам!», «Ашулагейон равед!»...* Шахсеро, ки шеъру сурудҳои мардумиро мехонад, *геянда* (гӯянда) ва аҳёнан *ҳофиз* мегӯянд. Ва онҳоеро, ки ба сухани гӯянда қувват дода нақарот мехонанд, *бардоранда* меноманд. Таронаҳои омиёна аз ташбеҳот ё истиораҳои печида озоданд ва бештар бо забони содаи халқӣ ва бо истифодаи вожаҳои маҳаллӣ гуфта мешаванд.

Тавре ки дар боби «Лаҳҷаи Эҷ» баён шуд, бошандагони деҳаи Эҷ лаҳҷаи хоси худро доранд ва ин тарзи гуфтор, пеш аз ҳама, дар таронаҳои халқӣ инъикос мeёбад. Аз ин хотир, дар бахши мазкур хонанда ба калимоти зиёде рӯ ба рӯ хоҳад шуд, ки ба тарзи «эҷиёна» гуфта шудаанд ва ин ҳолат аҷобате надорад. Чунончи, дар бисёр маврид шакли мухаффафи вожаҳо, аз қабили, аз – *а*, дар – *да* (пешоянд), ин – *ӣ* омадааст ё дар вожаҳое тағйирёбии овозҳо барои додани талаффузи эҷӣ (масалан, арӯс – *арес,* пӯпак – *пепак,* мӯй – *мей,* чӯпон – *чепон* (яъне табдили вови маҷҳул ба овози *е*), хоҳар – *хуҳар,* келин – *калин,* рафтем – *рафтим,* солеҳ – *солиҳ,* девор – *девол*...) мушоҳида мешавад ва дар вожаҳое низ афтидани овозу ҳарфҳо ва дигар шудани таркиби калимаҳо ба чашм мехӯранд, мисли: рафтанд – *рафтан,* шуданд – *шудан,* барои – *бари,* бошад – *беяд* ... Ҳар гуна тағйирот бар асоси қоидаҳои фарқияти байни забони адабии тоҷик ва лаҳҷаи Эҷ сурат гирифтааст. Бо ин ҳол, дар шеърҳое, ки гӯяндаи онҳо аз дарсу қоидаҳои нави забони адабии тоҷик воқиф будааст, на ҳамеша тарзи баёни эҷӣ риоят мешавад. Барои мисол, онҳо калимаҳои аз, дар, ин, барои, -ро, рафтем, рафтанд ва ғайраро на танҳо ба шакли кӯтоҳшудаю ивазшуда, балки бештар ба шакли комил, ҳамон тавре ки дар забони меъёр аст, ба кор бурдаанд.

Ҳамроҳ бо суруду таронаҳо навиштаҷот ва сурату нақшҳои мухталифе, ки бар рӯйи сангҳо, чӯболот ё филизолот ҳаккокӣ шудаанд, аз завқу алоқаи бемисли эҷиён ба зиндагӣ, ба олами атроф, ба ҳар гуна падидаи ҳастӣ гувоҳӣ медиҳанд. Дар солҳои ҳаштодум бостоншиноси маъруф, академик Аҳрор Мухторов ба бисёр манзилу бошишгоҳҳои кӯҳистонии тоҷикон сафар карда, ба хусус, аз катибаҳо ва эпиграфияҳои рӯйисангии дараҳои Эҷ ба илҳом омада, баён доштааст, ки овози мардум бо навои меҳромез аз қалби сангҳо низ садо медиҳад. Ва роҷеъ ба ин мавзӯъ дар соли 1986 китоби ӯ бо номи муассири «Санг ҳам диле дорад» ба табъ расида буд.

Дуруст аст, ки бисёр асбобу анҷом, лавозиму ашёи гуногуни қадимӣ ва дастсохти мардумӣ, аз қабили рангдон, кӯза, хум, зарфҳои мухталифи сафолию филизӣ, асбобҳои чӯбини рӯзгор, дос, табар, ташу каланд, воситаҳои дӯхтудӯзу бофандагӣ, сиккаҳо, абзори шикор, сангҳои рӯйи қабр дар осорхонаи Эҷ нигаҳдорӣ мешаванд ва аз қадимати деҳа ва бошандагони он гувоҳӣ медиҳанд, вале катибаҳои мавҷуд ишқу алоқа ва рӯҳияти маънавии одамонро бо ҳавои дигар дар табиати озод баён медоранд. Ба вижа, навиштаҷот ва расмҳои рӯйи сангҳо дар дараҳои Пиргиред, Феҷак, Қалъа, Авға, Зиҳнок, Сариоб фаровон аст. Ҳарчанд аксари онҳо хонда намешаванд ё аз байн рафтаанд, боз ҳам аҳамияти худро аз даст надодаанд.Дар ин нақшҳову катибаҳо ҳунармандони ҳаккок тахайюлот ва алоқаю орзуҳои худро бо офаридани шаклҳои мухталиф, минҷумла, паррандаю ҳайвонот, асбобу абзори гуногун, неъматҳои табиӣ ва бештар аз ҳама, бо овардани суханҳои дилангезу шӯрангез ва абёт ифода кардаанд. Шутурро кашола карда бурдани марди мусофир, аспсавор ба разм даромадани марди ҷанговар, бо камон ба сайд баромадани сайёд, хирманкӯбии деҳқонон, дафзании аҳли ҳунар ва монанди инҳо зиёд ба чашм мехӯранд.

Метавон мушоҳида кард, ки ҳолати рӯҳии одамон гоҳе бо иборaҳои ғамангез ё ҳасратомез ва гоҳе низ бо умеду эҳсосоти хуш баён шудаанд. Чунончи, дар даромадгоҳи дараи Пиргиред катибае бар рӯйи санги сиёҳи таско диққати роҳгузарро ҷалб мекунад, ки бо хатти хоно ва зебои настаълиқ кандакорӣ шудааст: *«Надорам меҳрубоне то кунад парвои ман»*. Ин навиштаи муъҷаз касро ба чанд хаёл мебарад ва дар ниҳоят ба андеша водор мекунад, ки

дар ҳама давру замон инсонҳо муҳтоҷӣ ва ба кумаки дигарон ниёз доштаанд. Аз сӯйи дигар, катибаҳои ба ёдгор мондаи Муҳаммад Раҳими Хоксор ва Каримбердӣ, ки шояд шоир ё гӯяндагони мардумӣ будаанд, хеле равон ва маънидору муассиранд. То ба имрӯз касеро пайдо кардан мушкил аст, ки ин байти Муҳаммад Раҳимро надонад:

*Ман навистам ҳарфи нав дар санги хор,*
*Ман намонам, хат бимонад ёдгор.*
*(дараи Зиҳнок)*

Ба таври хулоса, он чи дар ин бахш оварда шуд, гузидае аз таронаҳои ҳаяҷонангез ва ошиқонаи мардуми деҳаи Эҷ аст, ки дарду ниёзу хостаҳои дили худро дар шакли манзум баён кардаанд. Бо мутолиаи бодиққат пай бурдан мушкил нест, ки гӯяндагон сӯзи ишқу алоқаи ҳамешагӣ ба зиндагиро дар даруни ашъору оҳангҳо нуҳуфтаанд. Ин таронаҳо бо ҳамаи содагӣ, бепироягӣ ва равонии худ чунон содиқона, зебо ва саршор аз латофату ташбеҳоти шоирона ҳастанд, ки дарёфти лаззати он фақат бо дарки ҳоли сароянда ва қарор гирифтан дар он ҳол муяссар мегардад. Гузашта аз ин, ба катибаҳои рӯйи сангҳо, ки ба навъи дигар баёнгари дарду ишқи гӯянда мебошанд, ишораҳо шудааст ва ҳамроҳ бо сурудҳои халқӣ чанд чистон, муаммо (ин истилоҳҳо дар байни эҷиён ба шакли *ёбёбак* низ маъруфанд), зарбулмасалу мақол ва байтҳои ҷудогона оварда шудаанд. Исми гӯянда ё офарандаи осори мардумӣ низ дар оғози шеър ё дар пайнавишт омадааст.

Дар гирдоварии намунаҳо аз адабиёти шифоҳии эҷиён омӯзгор ва бостоншиноси деҳа Абдуназари Набӣ саҳми арзанда дорад. Ӯ саъй кардааст бо ҷамъоварии беҳтарин сурудҳои халқӣ маъруфтарин гӯяндаҳоро муаррифӣ намояд. Ва айнан бо таваҷҷуҳ ба сарҳарфи исми хонаводагии гӯяндаи тарона, бо тартиби алифбо намунаҳо гирдиҳам омадаанд.

# НАМУНАҲО АЗ ЭҶОДИЁТИ ДАҲАНАКИИ МАРДУМИ ЭҶ

## *БОЙНАЗАРОВА ШОДМОНГУЛ*

### Суруди тӯй

**Гӯянда:**
Мо шистаим раҳпоён,
Домод оян гулчошон.
**Бардоранда:**
Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.
**Гӯянда:**
Калин меред шол қатӣ,
Кафш(о)и пепакдор қатӣ.
**Бардоранда:**
Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.
**Гӯянда:**
Духтар меред мардона,
Очаш монад дар хона.
**Бардоранда:**
Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.
**Гӯянда:**
Духтар меред молаш қатӣ,
Амлоку резгораш қатӣ.
**Бардоранда:**
Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.
**Гӯянда:**
Хони[1] додош ҳаюло[2],
Хони бахташ бисмил(л)о.

[1] **хони** – хонаи;
[2] **ҳаюло** – ҳар чиз, сарвати маъмулӣ

**Бардоранда:**

Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.

**Гӯянда:**

Калин омад а роҳи дур,
Худо кунад умраша пур.

**Бардоранда:**

Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.

**Гӯянда:**

Тейи додарам бозӣ,
Мекуним шавқу шодӣ.

**Бардоранда:**

Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.

**Гӯянда:**

Хона меҳмон омадас,
Шарбати ҷон омадас.

**Бардоранда:**

Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.

**Гӯянда:**

Хез, оча, калин омад,
Нури хона даромад.

**Бардоранда:**

Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.

***(Иловаи Абдуназари Набӣ)***

**Гӯянда:**

Калин меред молаш қатӣ,
Дегу дегбардораш қатӣ.

**Бардоранда:**

Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.

**Гӯянда:**

Тей мебарим ба поён,
Хони қудой намоён.

**Бардоранда:**

Ҳой арес, ҳой арес,
Калин мебарим имрез.[1]

* * *

Духтар, духтар, ту мейи ғул-ғул дорӣ,
Ту қоши сиёҳ, овози булбул дорӣ.
Ту қоши сиёҳ дорию мо ҳам дорим,
Ин ноза накун, ки мо намебардорим.

* * *

Ин духтари нағза зебаш меларзад,
Сад уштури пурбор диҳӣ, меарзад.
Ин духтари нағза а номаш гардам,
Ҳалқа ба геш, баста миёнаш гардам.

* * *

Ман садқа шавам ду абруи поки тура,
Пешобағали бараҳнаи чоки тура.
А дур бас аст мана як дидани ту,
Монанди гули сафед хандидани ту.

* * *

Имшаб ба Пишох мером а беватанӣ,
Ҳеҷ бандаи Ҳақ нагуфт, меҳмони кийӣ?
Меҳмони кийӣ, а кучо омадаӣ?
Дилгир шуда ҷустани ёр омадаӣ?

---

[1] Муҳтавои ин суруд байтҳои зеринро низ фаро мегирад, ки бо оҳанги махсус аз тарафи гӯяндаҳо сароида мешаванд:

Имрез ба хонаи дилдор рафтаям,
Аз хору хас гузашта ба гулзор рафтаям.
*(Нақароти бардоранда)*
Омадӣ, хуш омадӣ, кунҷи хона,
Қадамҳо нек шавад, нури хона.
*(Нақароти бардоранда)*
Ошота хурам равғани думба қатӣ.
Олудаю полуда зар(д)чеба қатӣ.

## Суруд барои бачаҳо

Додо калонак шудиям,
Чархреси очам шудиям,
Аббаски доно шудиям,
Додо, ба ман реймол харед,
Додо, ба ман курта харед.
Додо манам дилсезатон,
Ҷома, гиребондезатон,
Хотири ҷамъи ҷонатон,
Додо, ба ман реймол харед,
Додо, ба ман курта харед.

## Суруди гирифторӣ

Босмачи омад ба сарҳомо,
Гурехта рафтим ба кухҳомо,
Мадад меод ба арвоҳомо,
Мардум мондан ба ӣ бало.

Юртора хони қуш кард,
Ҷаву гандума хуш [1] кард.
Дили ҳама нохуш кард,
Мардум мондан ба ӣ бало.

Ҳар ҳафта омад ҷав додим,
Аз ин нашуд алаф додим,
Туҳмат азим шуд пул додим,
Мардум мондан ба ӣ бало.

Мардикорон равон шудан,
Зану бача гирён шудан,
Ташнаю зори нон шудан.
Мардум мондан ба ӣ бало.

[1] **хуш** – хушк *(ибораи «хушк кард» дар ин ҷо ба маънии «тамом кард» аст)*

## Дубайтӣ

Таги кӯҳи баланд аст зил-зили ман,
Миёни ҳар ду синат манзили ман.
Миёни ҳар ду синат ҷойи хобам,
Мурам, армон намонад дар дили ман.

***ВАҲҲОБОВ АБДУҒАФУР***

## Дод аз дасти малах

Иди Қурбон келдию нондонга бир нон қолмади,
Тариқу машоба еб кангулга армон қолмади.
Миндик оташхонасига, бордик Когонгача,
Не Самарқанд, не Бухоро, кўрмаган жой қолмади.

Эжилар Ургутга кетди, дод аз дасти малах,
Қулназарни бўри еди, Жилқибой Тошканга шайх.
Соблик бўлди чоқандоз[1], охири монанди ях,
Яхлигидан сотдилар ҳам боғ ҳам яйлоғини.

Бир зағора топмайин сотди тегирмон тошини,
Кел, тамошо қил Худоёр, Собни аҳволини.
Селу селоба оқиб ювди бутун Сентобни,
Шул сабаб тоғ теппаси синтоблик кошонаси.

Етти йил бўлди ҳамага бу зағора подшо,
Чун гиёҳларни ичида шумгиёҳдур лӯбиё.
Баччалар устига ётган қуйноқ бўлди авлиё,
Йўрға отини минибон келди кўрмоқ тўқсабо.

Ҳаммаси  жам бўлдию қилди жуворини имом,
Мош муаззин бўлдию қилди намозини тамом.[2]

---

[1] **чоқандоз** – касе, ки нишонро дақиқу аниқ мегирад.
[2] эҷодгари ин суруд Бобо Ҷумъаназари Синтабӣ аст

## Чаҳорпораҳо

Имшаб шаби борон аст,
Момогул дар ёбон аст.
Гулбантои марҷонаш
Дар сари мех ҳайрон аст.

* * *

Фасли Наврез омаду гулҳо намоён мешаван,
Ғунчаи гул дар даруни боғ хандон мешавад.
Донаи таҳти замин сар мебарорад аз замин,
Ҳайфи одам, дар даруни хок пинҳон мешавад.

* * *

Резе, ки марг ояду умрам раҳо кунад,
Ин хоки тира банд а бандам ҷудо кунад.
Ё Раб, ту нигаҳ дор имони он касе,
К-ин хатти ман бихонад, бар ман дуо кунад.

* * *

Кафтар шуда шиштам ба шохи чормағз,
Пешидани атласи Бухоро ба ту нағз.
Кафтар шуда шиштам ба шохи чаманат,
Реймол ба сарат беяду курта ба танат.

* * *

Э куртасафеди пурхумори бангӣ,
Сад кас ба ту ошиқу чаро дилтангӣ?
Дилтангӣ накун, ки дилкушои ту манам,
Ҳар ҷо, ки равӣ, қафоравои ту манам.

* * *

Шуд дилам дар печутоб аз қадди мавзуни шумо,
Буса меҷеяд дилам аз лаъли майгуни шумо.

Гул шумо, булбул шумо, ошиқ шумо, шайдо шумо,
Хушқаду хушқомату хушқошу хушраъно шумо.

* * *

Э куртасафед, куртаата бод барад,
Дар сандуқи синаат мана хоб барад.
Кафтар шаваму да синаат хона кунам,
Мейбоф шаваму ду кокулат шона кунам.

* * *

Қиматӣ омад ба болои мусулмон як бало,
Мераван дарҳои боён синаю дан[1] пури оҳ.

## Рубоиҳо

Э дилбари ман, бар дили ту чист, биге,
Ҷуз ман дигаре ошиқи ту кист, биге.
Гар ҳаст, биге, нест, биге, рост биге,
Мора ғами ту, тура ғами кист, биге.

* * *

Оташ ба зимистон зи гули саврӣ беҳ,
Як парча намад зи атласи румӣ беҳ.
Ҳарчанд нагуфт Аҳмади Маҳмуди Набӣ,
Аз хоҷаи беҳиммат зани лулӣ беҳ.

## Дубайтӣ

Аҷаб расмест расми одамизод.
Каси гумгаштаро кам мекунад ёд.
Каси гумгашта ҳукми мурда бошад,
Ки хоки мурдаро кай мебарад бод?!

## Чистонҳо

Сарсабату куннамаду ақиқлабу амбармей,
Мо туро бей кашидем, ту ҷавоби моро гей.[2]

* * *

[1]**дан** – *кӯтоҳшуда аз* «даҳан»;
[2] *ҷавоб:* гули садбарг.

Зане дидам ба кишвар, эй хирадманд,
Ба ҳар рӯзе бизояд ҳафт фарзанд:
Ду бар дасту ду бар пою ду бар деш[1],
Яке танҳо бимонад мисли харгеш.[2]

### ВАҲҲОБОВА ОЙБӢ

Ишқат мана кушт, таноби ишқат мана кушт,
Чил кокули қатори тахтапуштат мана кушт.

* * *

Ҳазрати Азроил омад, гуфт, корам иштароб[3],
Тезтар ҷонат бароянд, ман ба роҳам иштароб.

### ВАҲҲОБОВА ТАҒОЙГУЛ

Фарёд, ки гулрухон кафанпеч шудан,
Аз рафтани якдигар фаромеш шудан.
Аз рафтани якдигар бадардим ҳама,
Ёрон чӣ будим, ба ранги зардим ҳама.

* * *

Фарёд аз ин толеи баргаштаи гумроҳ,
Ман дар аламу мардуми олам ба тамошо.

* * *

Дарди сари ман зи дарди дандон батар аст,
Оҳи дили ман зи кандани ҷон батар аст.

* * *

Биё, додар, работам сехт, мо ҳар ду фиғон созим,
Падар, модар шавад гирён, додар рафт аён созим.

### ҒАФФОРОВ ЭРГАШ

**Чаҳорпораҳо**

Ошиқ ба ҷамоли ёри дилдор шудам,
Аз дарди ғамаш хаставу бемор шудам.

---

[1] **деш** – дӯш, китф;

[2] *ҷавоб:* ҳафта;

[3] **иштароб** – ҳаросонӣ (кори иштароб: *коре, ки барои иҷрояш вақт хеле кам аст, бояд зуд анҷом шавад*)

Сабзи банамак будаст, хушдор шудам,
Охир ба маломаташ гирифтор шудам.

* * *

Дестам шаҳрӣ шуду худам шудам саҳрой,
Ман дар ин кулбаи ғам сехтам аз танҳоӣ.
Домани ноз накаш, то нашавам шайдоӣ,
Ман дар ин ҳол, ту дар ҳолати бепарвоӣ.

## *ҒАФФОРОВА СОЯГУЛ*

Ту бачаю ман бачаю ишқ овардам,
Сесад гули сурх аз Димишқ овардам.
Сесад гули сурх як гули райҳон не,
Ошиқ шудани мана худат медонӣ.

## *ДАВРОНОВА ЗУЛАЙХО*

Дар пушти дари ҷойи ту куштан моро,
Дар сандуқи синаи ту шеян моро.
Дар фетаи ҳаф(т) ранги ту печан моро,
Дар роҳи гузаргоҳи ту монан моро.

## *ЙӮЛДОШЕВА ДОНАГУЛ*

Гули гулҳоӣ, ман аз ту нагардам,
Агар бурӣ сарам, аз ту нагардам.
Агар бурӣ сарам бо ханҷари тез,
Ба хун ҷавлонзанон гирди ту гардам.

### Чистонҳо

Додом пул дод шумурдан натовистам,
Очам галим дод ишпондан натовистам.[1]

* * *

Ӣ ришта аранг ришта,
Да фарқи замин шишта.[2]

[1] *ҷавоб:* осмону ситораҳо;
[2] *ҷавоб:* лола

## ЙЎЛДОШЕВА ПЎЛОДОЙ

Ба дунё дил набандед охираш дил кандане дорад,
Ҳамон аспи тақалуқ аз қазо ғалтидане дорад.

* * *

Роҳ гум кардияму дар сари раҳ ҳайронам,
Аспа зин кардияму бесару бесомонам.

* * *

Сари мехаш раваду аспаша гирад додарам,
Қамчини зарбофти тиллойин ба дасти додарам.

* * *

Умрам ба шаби замони афсурда гузашт,
Шаб да эям[1], ба буду нобуда гузашт.

* * *

Шапо то рез хоби ман наомад,
Задам фарёд дести ман наомад.
Задам фарёд аз дасти замона,
Қиёмат омаду дестам наомад.

* * *

Ки номаш Холӣ танҳо буд,
Ба тир андохт кораш шуд.
Дар он саҳро шудӣ нобуд,
Ба ту ҳеҷ кӣ накард тобут.

Тир расид а рейи ҳаво,
Ё ҷонам гуфт ё ки Худо.
Чия набед кардӣ бино,
Рафт он ҷавон зери лаҳад.

Калинчаки ҳайронаш,
Оби дида резонас,
Хуҳараша пазмонас,
Рафт он ҷавон зери лаҳад.

[1] **эй** – фикр.

Очи эга омаду кард ба ҷонам мубтало,
Очи худ да гери торик, барраҳояш бенаво.

* * *

«Сарам хоки раҳи ҳар чор сарвар,
Абубакру Умар, Усмону Ҳайдар.
Бишинанд чор бурҷи ҳавзи Кавсар,
Чироғу масҷиду миҳробу минбар».
Зи дасти ҳар яке гирам қадаҳро,
Диҳам обе ба ёрони паямбар.

* * *

Оташе афтод да сойи Сариоб муъминон,
Чан(д) резас рафтиян мардони моён бенишон.
Дар таку дав гаштиян хурду калон аз паяшон,
Вой, сад ҳасрат, бирафтан чор марди паҳлавон.

Эй Худойбердии баззози калони бойбача,
Дар қудуқ андохтан, не дарб дор, не дарича.
...
Вой, Худойбердира куштан, хонумонаш сехтас.

* * *

Шамшоди қазо маъракаоройи қиёмат,
Зулфи сияҳаш боиси ғавғои қиёмат.
Дар маҳшар агар гӯшаи чашме нанамояд,
Гаштан (д) халоиқ ҳама расвои қиёмат.

## Суруди ғафлатзада

Додар ба додӣ да ҳашам[1],
Апа ба хуҳар да ситам.
Чун оҳу ҳасрат мекашам,
Дунё гузашт, эй ғофилон.

[1] **ҳашам** – хизмат.

Аз чор модар зодайим,
Аз нуҳ падар афтодайим.
Геё шаҳу шаҳзодайим,
Дунё гузашт, эй ғофилон.

Чун молу аҳволи ҷаҳон,
Хердан ҳазорон навҷувон.
Ҷон кандайим бахри касон,
Дунё гузашт, эй ғофилон.

* * *

Умри ман хуш бед, ман ҳар ҷой манзил мекунам,
Ман ба ҳар кӣ дестира а таги дил мекунам.

* * *

Пур ҳаводорӣ накун, гардонас чархи фалак,
Ин Худованди карим бо ту кунад қаҳру ғазаб.

* * *

Рези шанбе деҳба рафтам, шуд ҳаво, бахтам, хунук,
А дари хешам нияштам, карду дод шербо, тунук[1].
Ду заифак шистиян андар сари он тахтиош,
Дастако меҷумаду сарҳо дароз монанди хук.
Як дуреғи маъдиредӣ, баҳри дил бар ман накард,
Арқи ман ҳам шах шуду аз хонааш хестам сабук.

* * *

Биё мерим шаҳри ғариб,
Ҳар дуямон мешим табиб.
Якеямон бемор шавим,
Якеямон мешим табиб.

* * *

Эй мусулмонон, зи чашмони сияҳ хун мечакад,
Баъди фарзанди Алӣ а осмон хун мечакад.

---

[1] **тунук** – навъи ғизои хамирӣ, номи дигари чалпак.

Баъди фарзанди Алӣ дину малак да мотаманд,
Резу шаб а дидаҳои муъминон хун мечакад.

* * *

Ҷавони мустаманди ман куҷо шуд,
Маҳи абрукамони ман чиҳо шуд.
Мудом мегашт саркори ҷувонон,
Ба лаб ташна шаҳиди Карбало шуд.

***МУРОДОВ ЭСАН***

**Дубайтӣ**

Илоҳо, боду боронат бигирад,
Дуои ман гиребонат бигирад.
Намак херда намакдона шикастӣ,
Намак, илло, ду чашмонат бигирад.

**Зарбулмасал**

Хара хала кун, нашавад гала кун.

***НАЗАРОВ АБДУНАБӢ***

Саҳар хестаму гул чидам, бидидам доманам холӣ,
Садои булбулон омад, ки дод аз дасти танҳоӣ.
Садои булбулон аз гешаи гулзор меояд,
Садои мо, ғарибон, аз таги девор меояд.

* * *

Дар таги девори ҳасрат мо ғарибонем ҳама,
Мо ғариби хоксору хонавайронем ҳама.
Дар таги девори ғурбат мору каждум хона кард,
Мехурад чашми сиёҳ, кому зувон, дандони мо.

**Ашулаи бофандаҳо**

Саҳар хестам ба он чаҳ-ча(ҳ),
Гирифтам мокуюю ноча.
Ду поям зергаҳи чаҳча,
Ҳаргиз накун бофандагӣ!

Биё, додар, печим ноча,
Напечим ҷанг кунад оча,
Ризқи хуто шуд да токча,
Ҳаргиз накун бофандагӣ!

Бофандагӣ дайрои[1] нах,
Париданаш мисли малах,
Ҳамчун[2] расид бар сина сах(т),
Ҳаргиз накун бофандагӣ!

Бофандае дилгир шуд,
Дар бисту панҷаш пир шуд,
Болош коғазгир шуд,
Ҳаргиз накун бофандагӣ!

Челба раву деҳқонӣ кун,
Куҳба раву чепонӣ кун,
Тоёқ гиру мол бонӣ кун,
Ҳаргиз накун бофандагӣ![3]

* * *

Дар кеча будам Ивазбадал тохта гузашт,
Қалпоқ ба сараш чарбоға ларзонда гузашт.
Қалпоқ ба сараш, қалпоқи зарин ба сараш,
Ун фетаи кошонӣ ба гирди камараш.

* * *

Ҳуббулватан аз тахти Сулаймон беҳтар,
Хори ватанам аз гули райҳон беҳтар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Гуфто, ки гадо будан ба Канъон беҳтар.[4]

---

[1] **дайро** – дарё;

[2] **ҳамчун** – бисёр, ин қадар;

[3] *Эзоҳ:* Ин суруд хеле маъруф будааст. Тавре ки мӯйсафедон нақл мекунанд, то солҳои сиюми асри XX қариб ҳар як оилаи деҳаи Эҷ дӯкони бофандагӣ доштааст ва суруди мазкурро бофандагон ҳангоми порчабофӣ замзама мекардаанд;

[4] Ин рубоӣ бо каме тағйир додани рубоии ҳамсони халқӣ гуфта шудааст, вале бо сабки хоси эҷӣ суруда мешудааст

## *НАЗАРОВ АБДУРАСУЛ*

Ту ба ин суққу сиёқат[1] ба раҳи пушта равӣ,
Мурдаҳои герако шатта занан, йӯрға равӣ.

### Ёб-ёбак

Матлуб яку талаб яку толиб ду,
Дар боғи Ирам себ яку роғиб ду.
Ку аҳли ҷаҳон, фаҳми ин нукта кунанд,
Дар мулки бадан ҷома яку соҳиб ду.[2]

### Муаммо

Эй додараки азиз, фарзанди занам,
Рав, бар падарат биге ҳам бар падарам.
Фарзанди азиз омад зан металабад,
Ҳам бар падарат лаънат ҳам бар падарам.[3]

## *НАЗАРОВ НУРНАЗАР*

Рафтам ба дари хонаи он лабшакарак,
Аз хона бурун омаду гуфто: «Чӣ керак?»[4].
Гуфтам, ки бидеҳ бусае аз лаъли лабат,
Гуфто, ки диҳам, тамаъ накун аз дигарак.

## *НАЗАРОВА ИҚБОЛ*

Духтар, духтаре, нозанин омадаӣ,
Себе ба даруни остин омадаӣ.
Себа ба даруни остинат, чӣ кунам?
Ҳайфи қадамат, гул ба замин омадаӣ.

* * *

---

[1]**суққу сиёқ** – афту башара;

[2] *ҷавоб:* фарзанд;

[3] *ҳалли муаммо:* Ҷавоне зани худро дар ихтиёри падару модараш монда, аз пайи ризқу рӯзӣ баромада меравад. Баъд аз чанд сол баргашта омада мебинад, ки падар зани ӯро ба никоҳи худ даровarda фарзанддор шудааст. Ҷавон ба писари аллакай бузургшуда рӯ оварда, бо алам ин шеърро мехонад;

[4] **керак** – *аз ӯзбекӣ:* лозим, даркор.

Деволи балан рахна шудас мо чӣ куним?
Эгамбердӣ ятим шудас, мо чӣ куним?
Эгамбердӣ киштаю нобардошта,
Гандумҳояш да чел об нодошта.

* * *

Гандум даравед, гандуми додар даравед,
Вай хуттаракас, вая ба ун чел набаред.
Агар ки баред, ароба созонда баред,
Дар пушти ароба соя созонда баред.

**Бадеҳа**

**Қудо:**

– Оштулмочас[1] теятон,
Марги обуреятон.

**Ҷавоби қудои хостгор:**

– Овардаам қанду лабот,
Духтар барам шавед кабоб.

* * *

Гула ба гул қеш кардим,
Бегонара хеш кардим.

***НАЗАРОВА ТОҶИГУЛ***

**Суруд**

Чашмам ба фироқат тирагӣ овардас,
Дил а ғами ту шикастагӣ овардас.

Чашм андохтам хонаи додар холӣ,
Дилҳо холиву Худора кардам зорӣ.

Шистам ба умед, ки рафтӣ, бо меойӣ,
А рафтагӣ гулрухон хабар меорӣ.

[1] **оштулмоч** – навъи ғизо, ки аз дӯғобу хамири нозук буридашуда омода мешавад; дар ин ҷо маҷозан ба маънии беназм, номураттаб, дар ҳам омехта омадааст

Равҳо-равҳо хароб кардӣ ту мана,
Дар ғарибиҳо кабоб кардӣ ту мана.

* * *

Э додари ҷон, биё ба коғазбозӣ,
А боми балан себаки сурх андозӣ.
Андоз, наандоз, боми мо зери гулас,
Ин фетаи кошониям ғарқи гулас.

**Чаҳорпораҳо**

Э додари ҷон, куҷо занам хонаата,
А барги гули лола бурам ҷомаата.
А барги гули лола нашуд ҷомаи ту,
А пести норанҷӣ кунам ҷомаата.

* * *

Дилам решу дилам решу дилам реш,
Надорам толеъ аз бегонаю хеш.
«Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам»,
Зи хешони худам дорам дили реш.

* * *

Додарам шаҳрӣ шуду худам шудам саҳроӣ,
Ман дар ин кулбаи ғам сехтам аз танҳоӣ.[1]

## *НАЗАРОВА ТӮХТАГУЛ*

**Суруд**[2]

Мардикор(х)о равон шудан,
Зану бача гийён шудан,

[1] *Эзоҳ:* гӯяндаи ин байт Ғаффоров Эргаш аст, вале занҳо калимаи «дӯстам»-ро бо «додарам» иваз карда мехонанд;

[2] гӯяндаи ин суруд – Тӯхтаой Назароваи синтабӣ пас аз издивоҷ кардан тамоми умр дар деҳаи Эҷ мондааст, вале лаҳҷаи бобоии худ, яъне лаҳҷаи синтабиро асло фаромӯш накардааст. Аз ин рӯ, дар сурудаҳояш ҳам тарзи баён ва ҳам лаҳни синтабӣ ошкор аст, чунончи, дар шеъри мазкур калимаҳои додем, кӯрпа, сӯхт, бетон, мерӯбам дар лаҳҷаи эҷӣ ба ин тарз аст: додим, керпа, сехт, оед (биёед), меребам;

Ин шеър бахшида ба шӯриши соли 1916, ки дар Дизах, Хӯқанд, Самарқанд ва дигар ноҳияҳо ба муқобили ҳукуматдории подшоҳӣ ва ҳокимони маҳаллӣ сар зада буд, гуфта шудааст.

Да кори вай ҳайрон шудан,
Мардум рафтан да ин бало.

Ҳар ҳафта омад чав додем,
Аз ин нашуд алаф додем,
Тарсидему кӯрпа[1] додем,
Мардум рафтан да ин бало.

Дизаха сӯхту хок кард,
Тухми эшона соф кард,
Шаҳиди бемадор кард,
Мардум рафтан да ин бало.

Мардикорони саргардон,
Меред ба деҳи дигарон,
Амон рафта амон бетон,
Мардум рафтан да ин бало.

* * *

Оташи ишқи ту сӯзонад маро шому саҳар,
А дили маҷнуни ман ҳаргиз намегирӣ хабар.
Доғҳо дорад дилам монанди лола бар ҷигар,
Ман да эйи зулфи ту девона гаштам, дар ба дар.

* * *

Ба мижгон хона мерӯбам, ки имшаб ёр меояд,
Сари ун ёра гардам, ки маҳе як бор меояд.
Садои наъли кафшаш аз сари бозор меояд,
Табиби бемурувват бар сари бозор меояд.

## *НУРНАЗАРОВА ҲАНИФА*

Кас кеча бурод, сарҳатакаш дурудароз,
Ҳар се хуҳарон шиним ба мейҳои дароз.
Ҳар се хуҳарон бозӣ куним меарзад,
Кокул ба миёни борикам меларзад.

[1] **кӯрпа** – сабзаи нарму маҳин

Додарам а Каттақерғон ханд-хандон омадас,
Уштуронаш да қатору саллавайрон омадас.
Уштуронаш да қатору саллавайрон додарам,
Да даруни чераҳош як даста райҳон додарам.

* * *

Тейи додарам ҳай-ҳай,
Пешидам хоси мармар[1].

* * *

Эй оча, назан, накеб, ман беморам,
Ман кабки рамида да таги деворам.

* * *

Мурдани ман маълуму кай мурданам маълум нес,
Як кафанро бурдану нобурданам маълум нес.

* * *

Дар ғарибӣ нола кардам, ҳеҷ кас ёдам накард,
Дар қафас ҷон додаму сайёд озодам накард.

* * *

Аз ин сад ҷо мурувват ҷойи манзилам куҷо беяд,
Маро бегонаҳо шеян, ба гер монан, раво беяд.

## Суруди дузди ошно

Ба сари олу буромад,
Халта пур карду фуромад,
Резат монад да қиёмат,
Росташа гей, Каримқулҷон.

Як шаб дузиба рафта буд,
Шабгард замина кофта буд,
Як сар лаблабу ёфта буд,
Росташа гей, Каримқулҷон.

[1] **хоси мармар** – навъи матои докагӣ, ки аз он рӯймол месохтаанд.

Харбузаҳо буд да каҳдон,
Боре гуфтед, додӣ[1] Мавлон,
Набед гумон мешуд а мон,
Росташа гей, Каримқулҷон.

**Зарбулмасалу мақол**

А дур бинӣ диданӣ, а пешаш бед[2] р..анӣ.

Хар хара кор фармояд, хар думаша.

Бори хара хар мебардорад.

Аввал чӣ будам, нигори гуҳмиҷҷа шудам.

Беочара синаш калон, бе додора х... калон.

Да бехудиҳо Худои худа ишнос.

Бе амри Худо нахалад хор, нагазад мор.

Ҳусн а даҳан.

Ҳусна да лаълӣ намегиран.

## *НУРОВА САВРИНИСО*

Ҳар саҳар мехезаму ин доси кач бар гарданам,
Суйи гандум меравам, сад ҷо ба зону мезанам.
Гандуми пурхор бошад, дос кунду кор сахт,
Аз баҳона гиря карда, дос бар санг мезанам.

## *НУРУЛЛОЕВА УМЕДА*

Фасли Наврез аст, булбул оҳу вовайло гирифт,
Гул даруни парда буд, ки домани саҳро гирифт.
Э падар, дар ҳасрати ин моли дунёӣ мабош,
Сад ҳазорон одамӣ то рафта бар хок ҷо гирифт.

---

[1] **додӣ** – бародари калонӣ;
[2] **бед** – тахфифшуда аз бошад.

Э ҷигарсехтаҳо, дуди кабобам бинед,
Пештара ғамзадаҳо, чашми пуробам бинед.
Тири ғам зад мана, кард диламро хароб,
Э ҳама ҳамнишинон, дили харобам бинед.

### ПИРОВА ДАВЛАТ

Э духтараки хуттараки Мирбоқӣ,
А шаҳри Ҳисор, а кадом қишлоқӣ?
Ӣ духтараки хуттараки бейи баҳор,
Итоба[1] равад, очаш кунад фарқу ҷамол.

### ПИРОВА ТОҶИГУЛ

Даруни синааш чун синабанди хушнамо дорад,
Ба поҳош кафши бахмал, моҳи ман қасди куҷо дорад?

* * *

Эй мусулмонон, ман ҳам резгоре доштам,
Ман да ун хона аҷаб нақшу нигоре доштам.

* * *

Ҳолатам чун аст, аҳволам чунин,
Таксарам сахт аст, болинам замин.

* * *

Рафтам ба лаби дарё мана мор газид,
Море, ки мана газида буд, боз газид.

### РАҲИМОВА ЗУЛФИЯ

Малах омад ба Симбулоқ,
Хердас ҷави Ҷиҳонмурод.
Як саркара худойӣ дод,
Э навҳа кун, Ҷерамурод.

### РАҶАБОВ АЛИМҶОН

Ин иморатҳои сангин бе ҳасад пайдо нашуд,
То Ашурбоқӣ наомад, қулфи санго во нашуд.

[1] **итоба** – ба идҳо.

Мана имрез чу зулфи худ парешон кардию рафтӣ,
Ба элотат[1] нагуфтӣ, дидагирён кардию рафтӣ.
Тура оварда будан аз барои ҳалли мушкилҳо,
Чи шуд, ин мушкили манро дучандон кардию рафтӣ.
Надидам ман аз он паҳлуи зорат хоби осойиш,
Ба рейи бистарам хори мағелон кардию рафтӣ.

**Тӯй**

**Доирадаст:**
Давдавоно, давдавон.
Расидем деҳи девон.
**Бардоранда:**
Ҷаҳлу чалолам, золакаме.[2]
**Доирадаст:**
Дев духтараша надод,
Баҳояш тиру камон.
**Бардоранда:**
Ҷаҳлу чалолам, золакаме.
**Доирадаст:**
Оед чию оед-чи,
Дар бозӣ дароед-чи!
**Бардоранда:**
Ҷаҳлу чалолам, золакаме.
**Доирадаст:**
Ман бозӣ намедонам,
Шогирдак, дароед-чи!
**Бардоранда:**
Ҷаҳлу чалолам, золакаме.
**Доирадаст:**
Шогирдаки парҳезӣ,
Ту шишта чӣ медезӣ?

---

[1] **элот** – *аз ӯзбекӣ:* қавму хеш,авлод;
[2] дар китоби «Таронаҳои Самарқанд» нақароти ҳофизон ба тарзи «ҷаҳлу ҷаҳолем, ҷаҳолакаме» оварда шудааст.

**Бардоранда:**

Ҷаҳлу ҷалолам, золакаме.

**Доирадаст:**

Реймоли ман ҳам надез,
Да ишқи ман ҳам насез.

**Бардоранда:**

Ҷаҳлу ҷалолам, золакаме.

**Чаҳорпораҳо**

Истора ба боми моён қатор омада буд,
Шаҳзода ба кейи моён савор омада буд.
А вай пурсед, бари чӣ кор омада буд?
Дилгир шудаю дидани ёр омада буд?

* * *

Садқаи холи сиёҳи моҳи тобонат шавам,
Садқаи дандонҳои дурру марҷонат шавам.
Илтифоте гар насозӣ, мешавад ҳолам хароб,
Ҳар замон қурбони он лабҳои хандонат шавам.

* * *

Э маро дил зи ғамат нолаю ҷон шайдоӣ,
Ман дар ин ҳол, ту дар ғояти бепарвоӣ.
Домани ноз накаш, то нашавам шайдоӣ,
Ман дар ин кулбаи ғам сехтам аз танҳоӣ.

* * *

Кордаш гулгун, ғилофи кордаш гулгун.
Биссола ҷувон мурдас, гераш пури хун.
Гераша канед, дарича монед, чилу чор,
Ҳам бейи биҳишт расад, ҳам бейи баҳор.

* * *

Эй фалак, дар ғами ту пир шавам, айб макун,
Оби чашмам раваду кур шавам, айб макун.
Оби чашмам раваду бодия дайро бишавад,
Ман ба дайро раваму гер шавам, айб макун.

* * *

Ними шаб якпаҳлу гаштам носдони ман шикаст,
Ғунчаи фасли баҳору бестони ман шикаст.
Ман аз ин хобу хаёлам хатти бедорӣ гирам,
Бейи гул меояду ин навниҳоли ман шикаст.

* * *

Додарҷон, боло равӣ, ё шир бихур ё ширбиринҷ,
Додарҷон, ту хуш бикун як духтари дандонбиринҷ.

* * *

Сайли боғи ёр кардам, ёр нолидан гирифт,
Такя бар девор кардам, хок боридан гирифт.

* * *

Сар ба болин мондаму чашмам ба элам чор шуд,
Додиёни ман намеон, дарди ман бисёр шуд.

* * *

Як ғазал геям тура ҳайрон кунам.
Духтарони куҳа саргардон кунам.
Духтарони куҳ меяш ҳайдарӣ,
Ҳалқаҳо бар геш монанди парӣ.

***РӮЗИЕВА УМЕДА***

Ҳамун ёрам гули барра,
Ду зулфи вай гули харра,
Ки душман мебарад зарра,
Ҳамун ёрам куҷо беяд?

Ба сар дастори муллоӣ,
Ба дас шамшери тиллоӣ,
Чаро наздам намеоӣ?
Ҳамун ёрам куҷо беяд?

* * *

Боми ману боми додарам як бом аст,
Пурсидани додарам намози шом аст.
Пурсидани додарам айбе набувад,
Ҳар соату ҳар лаҳзаю ҳар рез бувад.

Рафтам ба ғарибию ғарибӣ кардам,
Остонаи мардумона болин кардам.
Остонаи мардумон нашуд болини ман,
Сад кезаи оби талха ширин кардам.

* * *

Ошиқ шудам ба хубон, хубон вафо накарданд,
Куштанд ошиқона, шарми Худо накарданд.

* * *

Додарам зан мегирад як духтари бегонаро,
Бар сараш реймоли шолаш – янгаам қиматбаҳо.

* * *

Реймола гиру реята кун пинҳонӣ,
Рухсората пок кун, сару пешонӣ.
Рафтас маҳи ман дер наояд, зинҳор,
Баъд аз сари ман касе нагирад ба канор.

**Дубайтӣ**

Гули сурху сафедам ҳар ду лола,
Ба чашмони ту дорам оҳу нола.
Агар як шаб шавӣ меҳмон ба пешам,
Худам соқӣ шавам, чашмам пиёла.

***САМАДОВ ҚУРБОНБОЙ***

**Зарбулмасал ва мақол**

Дард меҳмон, тана қерғон.

Чанда бошу ганда набош.

Сухан а ганда, шабуш а чанда.

Одама дар чанда шинос.

Ҳурмати худ ба дасти худ.

Кампир – қулфи дари хона.

Зинати хар геши дарозу думаш.

*САМАДОВА ЗУЛФИЯ*

**Дубайтӣ**

Биё, додар, таманнои ту дорам,
Ҳавас бар қадди болои ту дорам.
Ҷамии меваҳо дар боғи ман ҳаст,
Умеди меваи боғи ту дорам.

*САРҒИЕВА ҚУРБОНГУЛ*

**Сурудҳо**

Эй ҷони ман, ҷонони ман, сад бор гардам а сарат,
Э Юсуфи Канъони ман, сад бор гардам а сарат.
Рафтам ба кеят борҳо, бо нолаҳою зориҳо,
Бар ман нигоҳ кун, дилрабо, сад бор гардам а сарат.
А хоки поят сурмаам, да ишқи ту ман мурдаам,
Бад кардаам, бад кардаам, сад бор гардам а сарат.
Да ҳар гулистон гул туӣ, да ҳар чаман булбул туӣ,
Андешаи ҳар гул туӣ, сад бор гардам а сарат.
Э подшоҳи бениёз, ҳастим ба сад сезу гудоз,
Ту мушкилам осон бисоз, сад бор гардам а сарат.
Ун рейи ту зебо бувад, ун бейи ту раъно бувад,
Ун зулфи ту анқо бувад, сад бор гардам а сарат.

* * *

Надорам додару додӣ,
Ба фарзандам кунад шодӣ.
Надорам апаю хоҳар,
Мана, модар, ғариб зодӣ.

Ғарибам ман дар ин манзил,
Ба дарто мубталоям ман.
Харидорам не дар ин ҷо,
Ғарибу бенавоям ман.

## Марсия

Эсиз[1], Зокири шеранда[2],
Хоб кардас таҳти геранда.
Худаш булбули геянда,
Намедоним куҷо рафтас.

Агар ҳофиз шавад пайдо
Дилу ҷонҳо шавад шайдо,
Эсиз, Зокири ҳувайдо,
Намедоним куҷо рафтас.

Доира буд ба дасти вай,
Гардим ду чашми масти вай,
Қурбон ба қадду басти вай,
Намедоним куҷо рафтас.

Доира буде менавохт,
Дилҳои мардум мегудохт,
Ҳар кас диде, мешинохт,
Намедоним куҷо рафтас.

Набошад Зокири ҳофиз,
Чӣ бошад ҳоли ин майлис,
Қарояш[3] нес дар ин майлис,
Намедоним куҷо рафтас.

Ҳар замон од бар назарам,
Додари ҷону ҷигарам,
Раҳ намеёбам гузарам,
Намедоним куҷо рафтас.

Нурбибиҷон, Алимардон,
Ҳар дуяшон гули хандон,
А дас додан додошона,
Намедоним куҷо рафтас.

[1] **эсиз** – афсӯс;
[2] **шеранда** – шӯранда, шӯрангез;
[3] **қаро** – *аз ӯзбекӣ:* симо, чеҳра

Як додари бечораям,
А нафси сар овораям,
Ҳамширу ҳамговораям,
Намедоним куҷо рафтас.

Да дар шинам ман нигарон,
Парво надоран дигарон.
Сехтас ҷону ҷигароне,
Намедоним куҷо рафтас.

Худовандо, хешовандон,
Тамошоҳо кардем чандон,
Лаби геё, рухи хандон,
Намедоним куҷо рафтас.

Қабраш да пеши шаҳидон,
Гер кардиян толибилмон,
Ҳамроҳашон ҳуру ғилмон[1],
Намедоним куҷо рафтас.

Да шаҳри Эхм[2] кардас манзил,
Манзил кардас а таҳи дил,
Омаданаш шудас мушкил,
Намедоним куҷо рафтас.

* * *

Э маҳ, набарой, ки шаб дарозас ҳануз,
Дилбар, ту нахез, ки ҷойи нозас ҳануз,
Парвин, ту бирав ба ҷойи худ сокин бош,
Ин қиссаи ошиқӣ дарозас ҳануз.

* * *

Дилам дарду дилам дарду дилам дард,
Фатири гарм бошад, равғани зард.
Дилам дард мекунад аз равғани пок,
Надонистам, ки тарёк аст ё хок?

---

[1] **ғилмон** – ҷамъи ғулом, хизматкорон;
[2] **Эхм** (дар *з. м.:* Ӯхм) – номи яке аз калонтарин деҳаҳои кӯҳпояи Нурато.

Рӯзи маҳшар шуд бароям, моҳи тобонам куҷост?
Дида шуд торик, ёрон, нури чашмонам куҷост?

### САТТОРОВА ҚУРБОН

Азбаски диламро ба навард пайвастам,
Ҳар шому саҳар дастгаҳи ғам бар дастам.
Паргор равуой кунад ҷилвакунон,
Ман ғарғараро ба тори умрам бастам.

### СОДИҚОВА МАРЯМ

**Зарбулмасал ва мақол**

Ту нигар, ман нигар, қолиби рейи якдигар.

Ҷон-ҷон ҳам намегейим,
Ҷонро ҳам наметейим.

Рейи сахтам – ҳазури ҷонам.

Пешхерда халос, пасмонда талош.

Кампири бало – сандуқдаро.

Холаҷони садкора, ҳама кораш нимкора.

***Суннатуллоева Сокина:***

Як мутта[1] гейим мо аз ғарибӣ,
Бемор гаштим, ҷустим табибе.
Омад табибу ҳиммат надорим,
Дору натеед, тоқат надорим.
Вақто расидас, мо интизорим,
Сад доғи ҳасрат да сина дорим.

* * *

[1] **як мутта** – як-ду сухан.

Омад ба пешам як марди айёр,
Да дас чилимаш кардас тайёр.
Ҳеш кӣ набудас бар мо харидор,
На ёру дестон, на хешу табор.

### *ӮЗБЕКОВА РАҶАБГУЛ*

Навистам ман да ун деволи хона,
Бимонад а мани мискин нишона.
Бигеян бо ту, ин мискин куҷо шуд,
Биге, бигрехт а дасти замона.

* * *

Эй бародар, ба ҷаҳон неъмати Ғуфрон писар аст,
Иззату салтанату зинати мардон писар аст.

**Абёти ятимӣ**

Рафтам ба работ, работа вайрона дидам,
Да кунҷи работ ятима ҳайрона дидам.

Нондон пури нон гуснаю зорас ятим,
Ҳафзо пури об ташнаю зорас ятим.

Карбоси дароз курта кетаҳ ятим,
Бозори касод танги нораво ятим.

Ятимона на дил беяд на дилдон,
Ятимона на сар беяд на сомон.

### *ФОЗИЛОВА ГУЛАНДОМ*

**Суруди ҳасратзада**

Як парча абри даргузар,
Бибизайнаб тарзи дигар,
Кийимиҳош монд ба хуҳар,
Наёфтед дарду дармонаш.

Бибизайнаб сара ҷерам,
Чироғи равшани хонам,

Ба доғаш сехта бирёнам,
Наёфтед дарду дармонаш.

Бибизайнаб мегеяд:
– Ака, ҳолам дигаргун шуд.
– Ба дарди бедавот гардам,
Хуҳар, бар ту чӣ меҳнат шуд?

– Табиб овардаед бар ман,
Намехезам аз ин дард ман,
Намепешам кийима ман,
Наёфтед дарду дармонам.

Агар ёри мана бинед,
Дуои барсалом геед,
Ба хаташон ҷавоб геед,
Наёфтед дарду дармонам.

Бибизайнаб зарангдандон,
Китопойи хуба мехонд,
Чу мейи барқулонаш монд,
Наёфтед дарду дармонаш.

Ба дасташ риштаю сезан.
Ба сад ҳою ҳавас дехтан,
Лоақл якеша напештан,
Наёфтед дарду дармонаш.

Падаресаш раф(т) ба харид,
Надонистан вақташ қариб,
Очашу додош бенасиб,
Наёфтед дарду дармонаш.

***ШОКИРОВА ҲОСИЛА***

Да ун паси куҳ анор шинондим нагирифт,
Мора ҳаваси духтари ҳамсоя гирифт.
Эй духтари ҳамсоя, чия зард шудӣ?
Ё дил ба касе додию бодард шудӣ?

Болои баланди пистақадат нигарам,
Пушти лаби сабзи усмарангат нигарам.
Ту шиста ба малимон хат нависӣ,
Бар рейи чу моҳу дили тангат нигарам.

* * *

Да замини шераҳо тухми гиёҳ киштам, нашуд,
Ман ба ёри дигаре ҷонам фидо кардам, нашуд,
Ҷера дилгир шудиям, аз ин замин мехезам,
Ҷера, ман барги гулам, охир хазон мерезам.

* * *

Ба дарвоза равам, дарвоза баста,
Ба куҳҳо меравам нолону хаста.
Бигуфт, дарвозабон, дарвоза бикшой,
Ки сарвинози ман танҳо нишаста.

* * *

Эй хоҷа, тура ба моли дунё ҳавас аст,
Ҳарчанд Худо дод, нагуфтӣ, ки бас аст.
Эй хоҷа, агар ту ҳазор матлаб дорӣ,
Дар ҳар сари матлабат ҳазор мақсад дорӣ.

* * *

Эй варақ, аз ҷониби мо ҷумла ёронро салом,
Ҳар ки моро дуст бинад, дустдоронро салом.
Ҳар ки моро аз калону хурд пурсад, эй варақ,
Бо калонон бандагию ҷумла хурдонро салом.

* * *

Ҳар кас, ки ба болинат сар мемонад,
Дар нозу карашмаҳот дармемонад.

**Аз муаллифони номаълум:**

Аз зани ғар ҳар кӣ реяд, дон, ки устодаш хар аст,
Аз зани солиҳ биреяд, дон, ки мушку анбар аст.

Ман медонам тагата[1],
Ту наҷумон лабата.

**Бадеҳа**

**Қудо:**

Духтарама додам ба ғиром,
Худама кардам оти[2] бадном.

**Ҷавоби қудо:**

Калин овардам а Кафтархона,
Ҳам калу куру ҳам шабушхона.

**Зарбулмасал**

Гул бирафту хор бимонд,
Г..и хар ёдгор бимонд.

Аз худ боло шоҳтут нахур.

**Чистон**

Ду дузди калон аст,
Дигар бачагон аст.[3]

Сар-сари урдак меравад,
Редаш кашолак меравад.[4]

## КАТИБАҲО

**Чанд намуна аз катибаҳои рӯйи харсангҳо**
*(куллан бо хатти форсӣ навишта шудаанд)*

ندارم مهربانی تا کند پروای من

Надорам меҳрубоне, то кунад парвои ман.

*(дараи Пиргиред)*

[1] **таг** – гузашта *(яъне аҳли пайванди пешин)*;
[2] **от** – *т.* ном;
[3] *ҷавоб:* нардбон;
[4] *ҷавоб:* сӯзану ришта.

ندارم رباط خالص

Надорам работи холис.

*(дараи Пиргиред)*

من نویستم حرف نو در سنگ خار

من نمانم خط بماند یادگار

Ман навистам ҳарфи нав дар санги хор,
Ман намонам, хат бимонад ёдгор.

*(Муҳаммад Раҳими Хоксор, дараи Зиҳнок)*

در سی و شش سالگی در سنگ نقشی کنده ام

در گذرگاهی است نقشی، سنگ عمری مانده ام

Дар сию шашсолагӣ дар санг нақше кандаам,
Дар гузаргоҳест нақше, санги умре мондаам.

*(дараи Қалъа)*

گذرگاهی است این معوی بماند خان (خانه) ما در آن

نمانم من در این عالم، همین ماند نشان از من

Гузаргоҳест ин маъво, бимонад хони мо дар он,
Намонам ман дар ин олам, ҳамин монад нишон аз ман.

*(дараи Қалъа)*

## Чанд намуна аз катибаҳои сангҳои мазор

*(дар қабристони кунунии деҳаи Эҷ)*

Модаронро чун бубинам, ёди модар мекунам,
Аз сиришки дидаҳояш миҷаҳо тар мекунам.
Рӯйи қабрат то бисабзад навниҳоли буттагул,
Қатра-қатра ашкҳоям ҷӯйи Кавсар мекунам.

*(бар рӯйи санги қабри Негбибӣ Боева)*

Донандаи ҳар касбу ҳунар буд падарам,
Донандаи ҳар илму ҳунар буд падарам.

*(бар рӯйи санги қабри Абдунабии Абдуназар, омӯзгор)*

Ба тори қуллаҳо фарёд кардам,
Туро, эй модарам, ман ёд кардам.
На ту боз омадию на дигарҳо,
Ба ин байт сангро обод кардам.

*(бар рӯйи санги қабри Равшан Сатторова)*

Аё модар, ба марги ту замину осмон гиряд,
Ҳама марду зану ҳар кӯдаку пиру ҷавон гиряд.
Бишуд ҷӯйоби ман ҷорӣ зи чашми чори фарзандон,
Ба маргат ҳар касеро мағз-мағзи устухон гиряд.

*(бар рӯйи санги қабри Сафия Қазоқова духтари Мулло Абдуназар)*

Дар сари қабри ту гирёнам, падар,
Ашки ғам аз дида афшонам, падар.
Шод будам бо ту армонам набуд,
Бе ту ман акнун пурармонам, падар.

*(бар рӯйи санги қабри Орзумурод Тағоев)*

Ало, ай модари ман, модари ман,
Тавону тоби ҷону пайкари ман.
Зи баъди реҳлати ту кард реҳлат,
Суруши шодӣ аз бому дари ман.

*(бар рӯйи санги қабри Иззат Муродова)*

Табиби ҳозиқе буд баҳри пайванд,
Шарафманду сахӣ, соҳибдиле чанд.
Ба шасту як ҳаёт падруд гуфта,
Супурд амри амал бар аҳли фарзанд.

*(бар рӯйи санги қабри Имомназар Нурназарзода, духтур)*

Санг мехоҳам гузорам бар сари гӯри падар,
То нишони марқадаш ҳаргиз нагардад бе нишон.
Дар хаёлам нест санге, ки сазовораш бувад,
Дар миёни санглоху сангзорони ҷаҳон.

*(бар рӯйи санги қабри Хидирназар Худойназаров, усто)*

Аз ин олам сафар кардиву рафтӣ,
Ту моро навҳагар кардиву рафтӣ.
Чӣ дидӣ андар ин дунё, падарҷон,
Ба дунё як назар кардиву рафтӣ.

*(бар рӯйи санги қабри Ҷӯрақул Содиқов, омӯзгор)*

Чӯпон ба сари кӯҳ чаридан рама дорад,
Аз санг ба харсанг ҷаҳидан рама дорад.

*(бар рӯйи санги қабри Куранг Йӯлдошев, чӯпон)*

Зани хубу фармонбари порсо,
Кунад марди дарвешро подшо.

*(бар рӯйи санги қабри Ҳанифа духтари Абдунабӣ)*

Кариму бениёз будӣ, падарҷон,
Ҳакиму корсоз будӣ, падарҷон.
Ба ёди хастаҷону хастадилҳо,
Ҳалиму дилнавоз будӣ, падарҷон.

*(бар рӯйи санги қабри Ҳаким Давронов, муҳандис)*

Аё модар, аз ин манзил ба саҳрои адам кардӣ,
Ту осудӣ, вале моро асири дарду ғам кардӣ.

*(бар рӯйи санги қабри Хосият Рӯзиева)*

Макун гиря ба рӯзи мурдани ман,
Макаш навҳа ба вақти бурдани ман.
Фақат ҳар гоҳ номамро ба ёд ор,
Нахоҳӣ ту агар озурдани ман.

*(бар рӯйи санги қабри Маҳмуд Нурназаров,
доктори илми иқтисодӣ, профессор)*

Будӣ дунёи ману рафтӣ зи дунё, модарам,
Ман бурун аз хоку ту дар хок танҳо, модарам.
Меҳрубониҳои дунё бо ту зери хок рафт,
Кас наёзад сӯйи ман дасти тасалло, модарам.

*(бар рӯйи санги қабри Марям Бакриева)*

Дар канори хок рафтӣ, модарам,
Бо дили ғамнок рафтӣ, модарам.
Пок будӣ, пок рафтӣ, модарам,
Оқибат дарднок рафтӣ, модарам.

*(бар рӯйи санги қабри Ширин Худойназарова)*

Рафт модар, чашм пӯшид аз ҷаҳон,
Ваҳ чи рӯзи наҳс омад бар сарам.
То кунун аз оби чашмам ҳар баҳор,
Сабза рӯяд дар мазори модарам.

*(бар рӯйи санги қабри Қурбонгул Тӯева)*

Ман намегӯям, ки ӯ аз дори дунё рафтааст,
Ҷойи ӯ дар дида буд, акнун ба дилҳо рафтааст.

*(бар рӯйи санги қабри Деҳқон Қӯргонов, заминшинос)*

Модарам рафтӣ зи олам, ҷисму ҷонам даргирифт,
Дар фироқат чун бинолам, устухонам даргирифт.

*(бар рӯйи санги қабри Ҳалима Қӯргонова)*

Талоши зиндагӣ умре ба хуни дил тапиданҳост,
Зи чандин марг бигзаштан, ба марги худ расиданҳост.

*(бар рӯйи санги қабри Ҳамроҳбой Файзиев, омӯзгор)*

Қиблаи ман будию рафтӣ зи сар, эй қиблагоҳ,
Сарпаноҳам будию мондӣ маро бе сарпаноҳ.

*(бар рӯйи санги қабри Шомурод Тағоев)*

Ҷудо гаштему ҳоли мо парешон,
Ҷаҳони орзуҳои ту ҳайрон.
Аҷал домангират шуд дар ҷавонӣ,
Ҷавон рафтию мо мондем гирён.

*(бар рӯйи санги қабри Аминҷони Ваҳҳоб Сатторзода, ки дар синни 24 солагӣ аз олам гузаштааст)*

Падарро болу модарро мадораш рафт,
Зи тифл гаҳвораву аз ёр қарораш рафт.
Ба дарди ту наёфт ҳеҷ як табиб марҳам,
Ҳама ҳастӣ зи ин боғи баҳораш рафт.

Зи ту ёдгор фарзандат
Ба қабрат мениҳам сангат.

*(бар рӯйи санги қабри Ширингул Нутфуллоева, дар синни 22 солагӣ дунёи фониро тарк кардааст)*

Ганҷи ман, дардмандакам, армону меҳрам рафтаӣ,
Бо ту монад меҳри ман, армону доғат бо ман аст.

*(бар рӯйи санги қабри Ганҷина Холназарова, дар синни 16 солагӣ аз дунё гузаштааст)*



# БОБИ СЕЮМ

# АҲЛИ СУХАН

## Пешгуфтор

Боризтарин баёнгару мунодии ҳуввияти фарҳангии миллати мо забон ва адабиёти тоҷик аст, ки бо пешинаи беш аз ҳазорсолаи худ бахше аз мероси маънавии тамоми ақвоми форсизабон ба шумор меравад. Аз гузаштаи дур, ба вижа, аз замони Рӯдакии Одамушшуаро инҷониб халқи мо дар густариш ва ғанӣ гардондани забони тоҷикӣ даст доштааст ва далели гӯёи ин воқеиятро дар осори нависандагон ва шоирони зиёд, ки дар хиттаю сарзаминҳои гуногун умр ба сар бурдаанд, метавон мушоҳида кард.

Вақте ки сухан дар бораи осори адабии манзум ва мансур меравад, пеш аз ҳама, сари он фикр мекунем, ки чӣ тавр Рӯдакӣ дар Самарқанд, Фирдавсӣ дар Тӯси Хуросон, Носири Хисрав дар Юмгон, Низомӣ дар Ганҷа, Саъдию Ҳофиз дар Шероз, Мавлавӣ дар Қунияи Рум, Камол дар Хуҷанду Табрез, Ҷомӣ дар Ҳирот, Бедил дар Деҳлӣ, Иқбол дар Лоҳур, Шаҳриёр дар Табрез ва ниҳоят, Айнию Лоҳутӣ, Турсунзодаю Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиеву Лоиқ дар Душанбе ... доди сухан додаанд. Ва пӯшида нест, ки дар ҳама давру замон халқи тоҷик дар радифи ин гуна бузургмардон, ҳатто дар хурдтарин деҳкада аҳли равшанфикр, эҷодкор ё ҳадди ақал, дӯстдори забону адабиётро доштааст.

Деҳаи Эҷ низ ҳамроҳ бо сокинони боҳуши худ аз қадим дар синаи кӯҳсори Нурато қарор ёфта, гоҳе ҷузви Самарқанди шуҳратёр, гоҳе аз деҳкадаҳои Бухорои Шариф ва гоҳе вобастаи Дизахи куҳан будааст ва барои худ ториху фарҳанги хос дорад. Агарчи дар тӯли садсолаҳо ва ба хусус, дар нимаи аввали асри гузашта чандин асари гаронбаҳо ба дасти фано рафтаанд, боз ҳам дар ин рустои байникӯҳӣ то ҷое инсонҳои варзида, кордон ва худшиносу равшанфикр ба камол расидаанд. Аз ҷумла, дар соҳаи пешрафти забону адабиёт нақш гузоштани чанд тан адабиётшинос, шоиру нависандаи хушқалам далели ин гуфта мебошад.

Яке аз дастпарварони деҳаи Эҷ, ки шуъбаи форсии донишгоҳи олиро хатм намуда, бо диди хос ба оламй пурасрори забону адабиёт роҳ ёфт, **Ҷалили Орзумурод** аст. Ӯ дар давоми касби мутарҷимӣ

дар Афғонистон ва ҳангоми кор дар Донишкадаи илмӣ-пажӯҳишии ховаршиносӣ ва тайи муддати устодӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир ба мавзӯъҳои решашиносии вожагони тоҷикӣ-форсӣ, роҳу равишҳои омӯзиши забон ва хатти форсӣ, матншиносии осори гузаштагон таҳқиқоти назаррас анҷом додааст. Муҳаққиқ девони ғазалиёти шоири намоёни асри шонздаҳ – Муҳташами Кошониро ба хатти сирилик баргардонда, бо таҳлили илмӣ-адабӣ ва услубии ғазалиёти шоир рисолаи номзадии худро дар илми филология дифоъ мекунад. Бо саъю талоши ӯ китоби «Ғазалиёт»-и Муҳташами Кошонӣ соли 1995 дар нашриёти «Сино»-и Душанбе ба чоп мерасад. Ин девони ашъор бо пешгуфтори «Ҳарирбофи сухан» оғоз шуда, ғазалиёти шоирро ба таври комил фаро мегирад ва бо бахши «Тавзеҳот ва луғот» хотима меёбад. Ҷалили Орзумурод бо донишмандони тоҷик, аз қабили Камол Айнӣ, Абубакри Зуҳуриддин, Саҳобиддини Сиддиқ, Зоҳир Аҳрорӣ, Ҷобулқо Додалишо, Алии Муҳаммадӣ, Маҳмадёри Шариф ҳамкориҳои ҳамаҷониба дошт, даҳҳо мақолаи илмию интиқодӣ ва матнҳои зиёдеро бо хатти зебои форсӣ дар матбуоти даврӣ пешкаши хонандагон кардааст. Ӯ дар солҳои навади асри бист аз ҷумлаи аввалин касоне буд, ки дар Тоҷикистони мустақилшуда ҷиҳати таълиму тадриси хат ва матни классикӣ дастуру китобҳои илмию методӣ таҳия кардаанд. Ҷалили Орзумурод адабиётшинос ва забондони моҳире ба шумор мерафт, вале афсӯс, дар айни авҷи камолот ба бемории равонӣ мубтало шуд ва дар соли 2004, дар синни чилу ҳафтсолагӣ дунёи равшанро падруд гуфт.

Дигар шарқшиноси варзида ва адабиётшиноси эҷӣ **Назруллоҳ Расулзода** мебошад, ки вобаста ба асарҳои Заҳириддин Муҳаммад Бобур пажӯҳишҳои илмӣ анҷом дода, бо дифоъ намудани мавзӯи «Маснавии «Мубаййин» ва таҳқиқоти матнии он» номзади илми филология шудааст. Дар идома, монографияи мавсуф таҳти унвони «Таҳлили бадеӣ-ғоявии «Мубаййин» аз тариқи чопхонаи Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон ба забони ӯзбекӣ (1995) ва «Матни пурраи илмӣ-интиқодии маснавии «Мубаййин»-и Заҳириддин Бобур» дар чопхонаи Хазинаи дастхатҳои Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон бо алифбои арабӣ (1995) ба табъ мерасанд. Расулзода нахустин нафаре аз Эҷ аст, ки дар охири солҳои ҳафтодуми асри бист шуъбаи арабии бахши ховаршиносии донишгоҳи олиро хатм кард. Маҳз донандаи забони арабӣ будани муҳаққиқ боиси ба бор омада-

ни пажӯҳишҳои сараи илмӣ-муқоисавӣ шудааст. Ӯ бештар дар замони фаъолияти худ дар Донишгоҳи Дизах, Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Тошканд ва Сафоратхонаи Эрон дар Тошканд ба пажӯҳишҳои илмӣ даст мезанад ва ҳангоми таҳлили осори ниёгон, алалхусус, ба корбурди калимоти арабӣ ва нуфузу мавқеи онҳо дар такмили забонҳои форсӣ ва туркӣ-чиғатоӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Ба таври муқоиса омӯхтану баррасӣ кардани вожаҳои форсӣ, арабӣ, туркӣ-чиғатоӣ, тоҷикӣ ва луғатҳои маҳаллӣ яке аз самтҳои бартари пажӯҳишоти олим ба шумор меравад. Ӯ дар ин бахш чанд луғатномаи мухтасар тартиб додааст, аз ҷумла, луғати дарсии панҷзабонаи «Фарҳанги мухтасари арабӣ-ӯзбекӣ-форсӣ-тоҷикӣ-русӣ» (1991), ки иборат аз нӯҳсад калима мебошад. Азбаски Назруллоҳ Расулзода забони арабиро хуб медонист, қисмати асосии фаъолияти пажӯҳишӣ ва эҷодии худро ба омӯхтану муаррифӣ кардани санадҳои таърихӣ, мероси ниёгон ва ҳадисҳои паёмбару «Қуръони карим» бахшидааст. Чунончи, яке аз корҳои назарраси ӯ дар ин бахш китобчаи «Торихи Муҳаммад Пайғамбар» мебошад, ки он бо ҳамкории Саидбек Ҳасан дар соли 1993 аз тариқи нашриёти «Ёзувчи» ба теъдоди 5000 нусха ба забони ӯзбекӣ чоп шудааст. Расулзода ғайр аз забоншиносу адабиётшинос будан, мутарҷими серпаҳлу, рӯзноманигор (бо тахаллуси «Суханвар») ва омӯзгори нуктабини забону адабиёти арабӣ, забони форсӣ ва матни классикӣ буд. Ин марди сухандон ва пажӯҳишгари дақиқназар ҳанӯз метавонист корҳои пурсамар анҷом диҳад ва чандин асари муфид ба ёдгор гузорад, вале, тавре ки мегӯянд, аз тақдир ҷойи гурез нест, ӯ дар ҳини авҷи эҷод ногаҳон ба саратони меъда мубтало шуда, 30 июни соли 2008 дар синни панҷоҳсолагӣ дунёро тарк кард. Аз ӯ номи нек ва асарҳои ками пурмуҳтаво барои аҳли миллат боқӣ монд.

Доир ба масъалаҳои баҳсталаби торихӣ ва забонӣ мақолаҷоти илмию пажӯҳишии омӯзгор **Ӯзбакбойи Раҳмон** низ қобили зикр аст. Ин пажӯҳишгари эҷӣ ҳанӯз дар айёми донишҷӯйӣ дар факултаи торихи Донишгоҳи давлатии (ҳоло миллии) Тоҷикистон ба кашфи ҷонибҳои мастури забонӣ ва торихии маҳдудаи Бухоро ва ба хусус, шаҳру деҳоти Нурато дасту остин барзадааст. Рисолаи дипломии ӯ таҳти мавзӯи «Осори таърихӣ дар бораи ҳаракати ҷадидия ва маорифпарварони Бухоро» аз сӯйи муқарризон ба унвони як рисолаи номзадӣ талаққӣ шудааст ва, бино ба гуфтаи шоҳидон, ҳатто

дар сурати каме амиқтару васеътар таҳлил кардан он кори илмӣ метавонист бори як рисолаи доктoриро бикашад. Вале муҳаққиқ пажӯҳишҳои худро давом надода, пешаи омӯзгориро афзал медонад ва дар деҳкадаи Сойхурди деҳаи Эҷ монда, бо омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи мавзӯъҳои парокандаи торихию забонӣ иктифо мекунад. Ба вижа, корҳои эҷодии ӯ дар атрофи маънои калимаҳои маҳаллии бостонӣ (чун «бухоро», «нурато»), роҷеъ ба мазмуну мундариҷаи мақолаҷоти нахустин рӯзномаи тоҷикӣ – «Бухорои Шариф» ва ҳамчунин перомуни ҷойҳои қадимаю маконҳои муқаддас, мазорҳо, расму оинҳои миллӣ ва аҳли равшанфикру ҳунарманди кӯҳистони Нурато бо далелу истинодҳои қавӣ таҳия шуда, дорои аҳамияти илмӣ мебошанд. Ӯзбакбойи Раҳмон аз ҷумлаи муаррихонест, ки қариб ба тамоми шумораҳои рӯзномаи «Бухорои Шариф» ва ба китоби маъруфи «Торихи Бухоро», ки мансуб ба қалами Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ аст, тасаллут дорад. Ӯ дар пажӯҳишҳои худ аз ин сарчашмаҳои боэътимод фаровон истифода мебарад.

Ҳоло дар пешрафти забон ва адабиёти тоҷик олими ҷавони эҷӣ – **Зоҳид Қӯрғонов** саҳми арзанда мегузорад. Ӯ Донишгоҳи давлатии Хуҷандро тамом карда, бо дархости раҳбарияти донишгоҳ дар ҳамон ҷо ба кори омӯзгорӣ ва пажӯҳишгарӣ мепардозад. Нахустин корҳои илмии худро дар атрофи ашъори шоири шинохтаи тоҷик Фарзона, ба вижа, дар бахши сермаънoии калимаҳо, ба сомон расонда, номзади илми филологӣ мегардад. Зоҳид Қӯрғонов ҷавон аст, ният дорад марҳилаи доктoриро низ тай намуда, бо пажӯҳишҳои судманд дар радифи адабиётшиносони варзида ҷой гирад.

Омӯзгор ва овозхони шинохта **Дилмуроди Қӯзӣ** низ аз ҷумлаи аҳли сухани пурталоши деҳаи Эҷ аст. Ин марди соҳирсухан бо овози дилнишин ва оҳангҳои ҷаззобу дилошӯби худ садои Эҷро ба чор атроф расонда, дар дили дӯстдорони ҳунар ҷой гирифтааст. Ӯ забоншинос ё адабиётшинос нест, аммо сухандонест, ки бо забони ноби тоҷикӣ ба нишасту ҷамъомадҳои хосса, анҷуманҳои адабию ҳунарӣ ва базму ҷашнҳои мардумӣ барандагӣ ва раёсат мекунад. Ровии каломи ноб ва оҳангсаро будан Дилмуродро беш аз пеш ба омӯзиш ва ҳифзи ашъори воло ва панду ҳикматҳои пурарзиш раҳнамун сохтааст. Ҳоло тамоми бошандагони деҳоти кӯҳпояи Нурато ва ҳатто мардуми зиёде хориҷ аз он ошиқу шефтаи овози ширадори ӯ шудаанд. Дар барномаи овозхонии ин ҳунарманд таронаҳои мардумӣ, рубои-

ёти Зарафшон, шеъру ғазалҳои шоирони классику муосир мақоми хосса дошта, ӯ гузашта аз забони модарӣ, бо забони ӯзбекӣ низ шеъру суруд мехонад. Дилмуроди Қӯзӣ узви фаъоли дастаи ҳунарии вилояти Навоӣ аст. Борҳо дар анҷуману озмунҳои фарҳангию ҳунарии вилоят ва ҷумҳурӣ бо муваффақият ширкат варзидааст. Овозхон аз солҳои наврасӣ, ки ба даст рубобу тор гирифта суруданро оғоз намуда буд, то ба ҳол бо меҳри беандоза шуғли ромишгарии худро сайқал медиҳад ва аз ин тариқ собит менамояд, ки шеъру оҳанг низ мунодии ҳуввият ва тантанаи забони шево аст. Имрӯз гӯё аз дили ҳар як фарди эҷӣ ва алоқаманду мухлисони овозхон ин мисраъҳо садо медиҳанд:

Маро мизроби тори ту садо кард,
Вуҷудам хонишат обу адо кард.
Зи оҳанги диловези ту мастам,
Ҳама андӯҳу ғам аз дил ҷудо кард.

Ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки бисёре аз фарзандони Эҷ, агарчи ба забону адабиёт алоқае надоранд, саъй кардаанд шеър гӯянд, ҳикояю қисса нависанд, афсонаҳо нақл кунанд. Яке аз ин гуна афроди суханпарвар **Холназари Худойназар** аст, ки қаблан омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва дарсҳои низомӣ буд ва ҳамчун рассоми чирадаст фаротар аз кӯҳистони Нурато шухрат касб намудааст. Рассомӣ истеъдоди фитрӣ ва хоббии ҳамешагии ин марди нозукбин ва ҳассос буда, бештар дар тарсими сурати одамон, шуғлварзии аҳли касбу кор, пейзажҳои ранг ба ранги табиат, натурмортҳо маҳорати бемисл дорад. Чунончи, устод портрети бузурги овозхони маъруф Ҷӯрабеки Муродро, ки дар оғӯши табиат, бо тор дар канори ҷӯйбор, дар зери дарахте нишастааст, хеле устодкорона офаридааст. Ӯ ин портретро дар тӯйи суннатии фарзандонаш ба дӯсту ҳамкурси худ – Ҷӯрабеки Мурод дар зери кафкӯбиҳои беохири меҳмонон тақдим карда буд... Гузашта аз ин, Холназари Худойназар соҳиби табъи равон буда, пинҳону ошкор шеъргунаҳое менависад. Каломи мавзуни ӯ бо маънию тобишҳои сода ва тарзи баёни маъмулӣ ба аҳли деҳа писанд омадаанд. Ҳатто яке аз шеърҳои ӯ бо номи «Ӯзбекистон» дар китобҳои дарсӣ ҷой гирифтааст. Азбаски устод ба шеърнависӣ хеле дер руҷӯъ менамояд, то ҳол ба гуфтани ашъори муносиб, ки ҷавобгӯйи бори адабиёт бошад, муяссар нашудааст. Ба ин нигоҳ накарда, аз тариқи

нашриёти «Зарафшон»-и Самарқанд ду китобчаи шеъргунаҳояш (бо иловаи баъзе ёддошту мақолаҳо) бо номҳои «Пайроҳаи умр» (2007) ва «Меҳр» (2009) ба чоп расидаанд. Муаллиф дар каломи мавзуни худ, гузашта аз васфи падар, модар, ватан, табиат ҳамчунин ба атрофиён, ки бо шуғлҳои мухталиф сари кор доранд, таваҷҷуҳ мекунад ва сухани нек мегӯяд.

Ба ғайр аз аҳли сухани ёдшуда деҳаи Эҷ боз ҳам чандин равшанфикру донандаи забону адабиётро дар доман парваридааст. Ин гуна афрод ҳамеша азизу дӯстдоштаи мардум ҳастанд, вале дар хусуси ҳар яки онҳо сухан гуфтан амри муҳол. Азбаски асари бадеӣ ва шеър ҷаззобияти бештар доранд, мо саъй кардем дар боби сеюм ба ин олами зебои маънавӣ рӯ оварем. Дар ин бахш ба таври иҷмолӣ ба эҷодиёти Маҳмуди Форишӣ, Бекназар Тӯйназар, Абдуназари Набӣ, Шакар Деҳқон, Зайнаб Эгамдухт, Юнуси Имомназар, Ҳикмат Султонзода, Шакар Сайфӣ ва Фаридуни Фарҳодзод, ки хешро бо китобҳояшон рӯйнамоӣ кардаанд, мурур шудааст.

Бояд гуфт, ки ин соҳибкитобони эҷӣ наҳву услуби баён ва сабки хоси эҷодӣ доранд, дар ҳар жанри бадеӣ бо риояти қоида ва мизонҳои адабиёт ва бо сухани адабии муосири тоҷик хомафарсоӣ мекунанд. Аз навиштаҳои эҷодкорон аён мегардад, ки онҳо андешаю тахайюл ва сеҳри сухандонии худро дар маъмултарин қолабҳои адабӣ, аз қабили қисса, ҳикоя, эссе, тарона, манзума, шеъру суруд, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, чаҳорпора, байт, мухаммас, шеърҳои бачагона баён доштаанд. Умед аст, ки қаламиҳо ба хонандаи закӣ писанд меоянд, зеро онҳо сухани маъмулӣ набуда, дар қатори вожагону гӯйишу таронаҳои мардумӣ анворе аз зарпораҳои маънавии Эҷи зархезу бостониянд.



***Маҳмуди Эҷӣ бигуфто, нест чора бар аҷал,***
***Ҳар чи меояд зи тақдир, он ҳама кори Худост***



## МАҲМУДИ ФОРИШӢ

**(1942 – 2006)**

Маҳмуди Форишӣ (Нурназаров) 23 декабри соли 1942 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Фориши вилояти Самарқанд (ҳоло деҳаи Эҷ дар хоки ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ воқеъ мебошад) ба дунё омадааст. Падари ӯ Нурназар ибни Абдуназар дар мадрасаи Мири Араби Бухоро таҳсил карда буд ва дар саросари хиттае аз кӯҳистони Нурато то Ғиждувону Бухорою Самарқанд бо исми мустаори Бобои Мулло шуҳрат дошт. Модараш Тоҷигул зани бесавод, вале аз ҷумлаи гӯяндагони таронаю сурудҳои халқӣ буд.

Овони кӯдакию наврасии Маҳмуди Форишӣ дар зодгоҳаш мегузарад. Ӯ синфи ҳафтумро дар мактаби деҳаи Эҷ ва синфи даҳумро дар мактаби миёнаи деҳаи ҳамсоя – Синтаб хатм карда, барои идомаи донишандӯзӣ ба шаҳри Хуҷанди Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Ҳамон сол донишҷӯйи факултаи табиатшиносию ҷуғрофиёи Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) мегардад.

Маҳмуди Форишӣ донишкадаро бомуваффақият ба поён расонда, чанд сол дар ҳамон ҷо устодӣ мекунад. Сипас, аз соли 1968 то соли 1971 дар Донишкадаи иқтисодиёти Фарҳангистони улуми Тоҷикистон давраи аспирантураро фаро гирифта, номзади илми иқтисодӣ мегардад. Аз соли 1975 ба Донишгоҳи давлатии (ҳоло миллии) Тоҷикистон ба кор мегузарад ва аз фанҳои иқтисодиёту ҷуғрофиё дарс медиҳад. Дар соли 1990 дар шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) рисолаи

доктории худро роҷеъ ба вижагиҳои ташаккул ва пешрафти саноати кишоварзии Тоҷикистон дифоъ мекунад.

Пас аз зиндагии тӯлонимуддат дар кишвари ҳамсоя Маҳмуди Форишӣ тасмим мегирад боқимондаи умри худро дар назди аҳли пайванд, дар диёри бобоии худ сипарӣ намояд. Бо ин мақсад соли 1996 аз Душанбе ба шаҳри Гулистони Ӯзбекистон нақли макон мекунад ва боз ҳам фаъолияти омӯзгории хешро дар Донишгоҳи Гулистон идома медиҳад.

Агарчи Маҳмуди Форишӣ дертар бо сабаби руҷӯъ кардан ба шеъру шоирӣ ба худ тахаллуси «Форишӣ»-ро гирифтааст, ӯ бештар ҳамчун олими риштаи иқтисодиёт ва ҷуғрофидон бо номи Маҳмуд Нурназаров маъруфият дорад. Ӯ зиёда аз 150 мақолаю рисолаи илмӣ ва даҳҳо китоби дарсию дастурӣ таълиф намудааст. «Инкишофи саноат дар вилояти Ленинобод» (1974), «Корхонаҳои ёрирасон дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон» (1978), «География» (китоби дарсӣ барои шуъбаҳои пешдонишгоҳӣ, 1981), «Марҳилаҳои офтобӣ» (очеркҳои илмӣ-бадеӣ, 1983), «Комплексҳои агросаноатии Тоҷикистон» (1990), «Географияи Тоҷикистон» (китоби дарсӣ барои мактабҳои миёна, 1990), «Ҷуғрофияи Тоҷикистон» (китоби дарсӣ барои синфи 8, бо ҳаммуаллифии Ҳ. Муҳаббатов, М. Раҳимов, 2000) аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои илмию таълимии мавсуф мебошанд. Ӯ барои даҳҳо нафар мутахассису корманди соҳаи хоҷагии халқи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон ҳаққи устодӣ дорад. Маҳмуд Нурназаров ба унвони донишманди соҳаи иқтисодиёту ҷуғрофиё ва ҳамчун нахустин доктори илми иқтисодӣ на танҳо мояи ифтихори деҳаи Эҷ, ҳамчунин шуҳратбардори тамоми кӯҳпояи Нуратост.

Маҳмуди Форишӣ ҳанӯз дар солҳои дарсхонӣ дар мактаби миёна ба адабиёт, ба хусус, ба шеър шавқу алоқаи беандоза дошт. Ҳатто он солҳо ҳамроҳ бо ҳамсинфи худ Ҷонибек, ки баъдан шоири шинохта мегардад, машқи шеър мекард. Он замон аз дил мехост муаллими забону адабиёт шавад, вале ба донишкадаи Хуҷанд омада, ба факултаи дигар супурдани ҳуҷҷатҳояшро худаш нафаҳмида мемонад. Кӣ медонад, шояд Худованд хоста, ки ӯ пайроҳаи дигаре дар паҳнои зиндагӣ интихоб кунад.

Ба ҳар ҳол, Маҳмуди шефта ба илми бадеият дар охир то ҳадде ташнагии солҳои бачагии худро мешиканад. Ӯ пас аз муқими шаҳри

Гулистон шудан, гузашта аз фаъолияти омӯзгорӣ дар донишгоҳ ва корҳои илмӣ, сараввал китоби торихию этнографии «Тоҷикони Фориш»-ро дар соли 2000 ба табъ мерасонад. Ин китоб манбаи муфассал ва пурмуҳтавоест, ки дар бораи табиат, мавқеи ҷуғрофиёӣ ва олами набототу ҷонварони кӯҳистони Нурато, торихи гузашта ва имрӯзаи тоҷикони Фориш (муаллиф тоҷикони кӯҳпояи Нураторо тоҷикони Фориш меномад), қишрҳои ҷомеа, авлоду аҷдод, гӯйиши мардумӣ, эҷодиёти шифоҳии деҳоти тоҷикнишини Фориш ва дигар падидаҳои ҳунарию фарҳангӣ маълумот медиҳад.

Маҳмуди Форишӣ ҳамзамон бо анҷом додани пажӯҳишҳои худ дар соҳаи мардумшиносӣ, бо маслиҳати дӯстон ба гирд овардани ашъори парокандааш низ эҳтимом меварзад. Шеърҳои ӯ аввал дар китоби «Рози ниҳон» (Гулистон: Зиё, 2000) ва сипас дар китоби «Мавҷи дил» (Гулистон: Зиё, 2006) гирдиҳам меоянд. Ӯ саъй кардааст маҳз тавассути назми худ назокати суханварӣ, ишқу ормонҳои чандин сол нуҳуфта дар дили пуршӯр, ҳаяҷону эҳсосоти қалбӣ, алоқаю муҳаббати ҳамешагӣ ба забону инсонҳои гуногунсират ва билкул, хостаҳои аёну пинҳони шоиронаи худро аз чор сӯйи ҳаёт ба хонанда баён кунад. Ӯ дар гуфтани шеъргунаҳои ӯзбекӣ низ маҳорат дошт. Каломи мавзуни Маҳмуди Форишӣ бар замми ҳиссиёти вофири шӯрангез пур аз панду насиҳат аст. Дар ҳар як шеъри ӯ мисраъ ё байтеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар он фарди наздикеро аз перомуни худ мавриди ишора қарор дода, роҳе нишон медиҳад ё панде барҷой мегӯяд.

Маҳмуди Форишӣ ҳамроҳ бо ҳамсари азизи худ – Амонгул панҷ духтару як писарро (бо исмҳои Ҳадия, Руқия, Нурия, Додоҷон, Нодира ва Аноргул) бузург карда, дар ниҳояти серию пурӣ ва бо маънавияти воло ба камол мерасонад. Сад афсӯс, ки ӯ 26 ноябри соли 2006 ба иллати дарди по ва сусту заиф шудани камар дар синни шасту чорсолагӣ олами равшанро падруд мегӯяд. Дар ин бора, ки дар айёми солмандӣ ба ранҷу озори ҷисмонӣ мубтало шудааст, шеъре дорад хеле муассир, таҳти унвони «Қисмат».

Устод Маҳмуди Форишӣ дар қабристони деҳаи Эҷ ба хок супурда шудааст. Марқади ӯ зиёратгоҳи хосу ом мебошад.

# ШЕЪРҲО

## Шеъри ман

Чун гуле андар баҳорӣ, шеъри ман,
Зебу ҳусни лолазорӣ, шеъри ман.
Баски меёбӣ ба дилҳо ҷойи хеш,
Гавҳари чашми нигорӣ, шеъри ман.

## Ватан

Ба ман бошад ватан кӯҳпойи Фориш,
Зи Пораш то ба Эҷ ҳар сойи Фориш.
Ба сони қалъаҳояш сарбаландам,
Зи ҳар сӯ мерасад овои Фориш.

Зи оғоз ин диёри ормон аст,
Чу меросе ба мо аз суғдиён аст.
Ба гуфтору ба раъйи аҳли покаш,
Забони тоҷикӣ танҳо ниҳон аст.

## Ҳасрат

Ҳайфи айёми ҷавонӣ, рафт, рафт,
Он баҳори умри фонӣ, рафт, рафт.
Ноаён бигзашт рӯзу моҳу сол,
Фасли некам, ногаҳонӣ, рафт, рафт.

Қоматам хам, нури чашмам хира шуд,
Рӯзи ман чун шомгоҳон тира шуд.
Чеҳраам, ман бехабар, ожанг баст,
Даври пирӣ бар ҷавонӣ чира шуд.

Во дареғо, хуб давронам гузашт,
Шӯру исёни дилу ҷонам гузашт.
Ёри айёми ҷавонӣ рафт, рафт,
Рӯҳбахши ҷони беҷонам гузашт.

## Баъди мо

Баъди мо ҳам чарх гардон мешавад.
Баъди мо ҳам барфу борон мешавад.
Баъди мо ҳам мебарояд офтоб,
Баъди мо ҳам моҳ пинҳон мешавад.
Баъди мо ҳам аллаҳои модарон,
Кӯдаконро роҳати ҷон мешавад.
Кори деҳқон боз мегирад барор,
Бар сари хон меваю нон мешавад.
Баъди мо ҳам як ҷавонмарди дигар,
Ошиқу шайдои ҷонон мешавад.
Баъди мо ҳам боз ояд тӯю сур,
Аҳли маҷлис шоду хандон мешавад.
Баъди мо ҳам дард ҳасту марг ҳаст,
Аз алам як сина гирён мешавад.
Кош баъди мо бихушкад тухми ҷанг,
Чунки з-он ин даҳр вайрон мешавад.

## Қисмат

Соли пайғамбар расиду норавон шуд пойи ман,
Рафтуо ҳам канда шуд, як бурҷи хона ҷойи ман.
Нест акнун ҳамдаме як дам нишинад пеши ман,
Дар раҳи ӯ чор гардад дидаи бинои ман.
Аҳли хона рӯзу шаб парвонаанд андар сарам,
Ҳеҷ не, беҳтар шавад ин дарди ҷонфарсойи ман.
Шеъргуна менавиштам, ёд мекардам ғазал,
Хома аз кор уфтоду банд шуд иншои ман.
Гарчи будам пуштбон давре кунун муҳтоҷи кас,
Ёру ёвар ку, ки гирад тафти доду войи ман?!
Эй Худо, бо чӣ гуноҳ афкандиям танҳою суст?
Дур кардӣ аз барам ёрони ғамполои ман.
Ё ки аз ҷид мекунӣ манро дубора имтиҳон,
Аз азал гӯё набудӣ, пухта мағзи лойи ман.
Чанд нолӣ, Форишӣ, аз дарду озори ҳаёт?
Кар бишуд гӯши фалак аз дасти вовайлои ман.

## Очаҷон

Аз ғами ту гаштам афгор, очаҷон,
Дар раҳат ду дидаам чор, очаҷон.
Нозбардорам будӣ, ҳамдарди ман,
Бо кӣ созам дардам изҳор, очаҷон?!

Субҳу шом андар забонам номи ту,
Дар хаёлам сурату андоми ту,
Кош, боре бишнавам пайғоми ту,
Во алам, гаштам ба ту зор, очаҷон!

Ин чӣ қисмат, умри ту кӯтоҳ шуд,
Чӣ хусуфе, боиси он моҳ шуд?
Офтоб аз ҳоли мо огоҳ шуд,
Гашт бе ту оламе тор, очаҷон!

Хоҳам акнун қабри ту пурнур бод,
З-офату осеби даврон дур бод,
Чашми шайтон дар раҳи он кӯр бод,
Алвидоъ, то тозадидор, очаҷон!

## Васият

Дар дами мурдан баредам сойи зарринсори Эҷ,
То расад андар машомам накҳати гулзори Эҷ.
Солҳо будам мусофир, дур бо ёди ватан,
Кошки гардад насибам дидани дидори Эҷ...
Наздикии Хонақаҳ кобед, ёрон, гӯри ман,
То бубинам ман давутози бани пуркори Эҷ.
Ман бино гаштам аз ин гил, меравам охир ба он,
То бигӯям рози дил бар хоки пурасрори Эҷ.
Бар сари қабрам нагирйеду дуо хонед бас,
Баски афзун аст бе ман ҳам ғаму озори Эҷ.
Форишӣ гӯяд, чунин манзил набошад дар ҷаҳон,
То абад хонам суруди ҳусни нотакрори Эҷ.

## Гулбону

*(суруд)*

Дар саҳрои пахтазор
Дидам духтари бисёр.
Гулбонуи кочакдор
Моро намуд беқарор.
Ай Гулбону, Гулбону,
Пешат шинам ба зону.

Доим рӯяш хандон аст,
Дастони вай чаққон аст,
Дар орзуи висолаш,
Сад ошиқаш сарсон аст.
Ай Гулбону, Гулбону,
Пешат шинам ба зону.

Эй Худои меҳрубон,
Гулбонуро дор амон,
Ман ошиқи шайдоям,
Арзамро ба ӯ расон.
Ай Гулбону, Гулбону,
Пешат шинам ба зону.

## ЧАҲОРПОРАҲО

Биисту як дуое баҳри мо хон,
Аз ин ҷо чун гузар кардӣ, бародар,
Машав ғарра, ки шоҳӣ ё тавоно,
Расад рӯзе ба мо гардӣ баробар.

* * *

Дар гузашти чархи айём умр як дам бигзарад,
Ҳар чи ояд бар вуҷуд, оре, зи олам бигзарад.
Ғарра бо ин молу зар ҳаргиз машав, ки бебақост,
Молу зар бигзашт аз Қорун, зи мо ҳам бигзарад.

* * *

Нозанино, чун гуле андар баногӯшат шавам,
Мисли ҳалқа доимо ман бандаи гӯшат шавам,
Сурма бар чашму чу тифле зери оғӯшат шавам,
Кош чун «губнушка» бар лабҳои хомӯшат шавам.

## ДУБАЙТИҲО

Аё духтар, ба ман бӯят кифоя,
Кунам бозӣ ба гесӯят, кифоя.
Дигар як хоҳише дорам, ки ин аст,
Бигирам бӯса аз рӯят, кифоя.

* * *

Куҷо маҳбубае он ҷо ҳабиб аст,
Ба ҳар бемор, медонӣ, табиб аст.
Дар ин майдони тест аз баҳри инсон,
Ту хоҳӣ ё нахоҳӣ, як рақиб аст.

* * *

Чаро мо беқарор имшаб, дили ман,
Чаро шабзиндадор имшаб дили ман.
Агарчи мекашем оҳи ҷигарсӯз,
Чаро бе ғамгусор имшаб дили ман?

* * *

Якеро мисли хӯса офариданд,
Дигар бо муҳри кӯса офариданд.
Зи ҳар ду бигзарам, лабҳои ёрам,
Чи хуш аз баҳри бӯса офариданд.

## ДАР ҲАВОИ РУБОИЁТИ ХАЛҚӢ

Аз кӯҳ ба дашт, ҳойнаҳой, омадаам,
Форишӣ будам ба Ҷеттисой омадаам.
Форишӣ будам зи чашма об мехӯрдам,
Аз оби зулол ба оби лой омадаам.

* * *

Мо кӯҳӣ будем ба дашту чӯл овярданд,
Форишӣ будем ба Мирзачӯл овярданд.
Форишӣ будем оби зулол мехӯрдем,
Аз оби зулол ба оби кӯл овярданд.

* * *

Нозат мана кушт, имоню нозат мана кушт,
Қадатба мурам, қадди дарозат мана кушт.
То кай, санамо, ваъда ба фардо бидиҳӣ,
Ҳар шому саҳар сӯзу гудозат мана кушт.

* * *

Ҳар бор туро бубинаму ханда кунам,
Ин ҷону дилам барои ту банда кунам.
Як бӯса диҳӣ дигар надорам армон,
Бо бӯсаи худ холи лабат канда кунам.

* * *

Шаҳрӣ манаму ба сар надорам тоқӣ,
Ошиқ шудаам ба духтари қишлоқӣ.
Ман садқа ба ту, духтараки деҳотӣ,
Бе рангу упо рӯяки ту қаймоқӣ.

* * *

Эй модари ҷон, ба рӯйи ту зор шудам,
Дар ҳасрати дидори ту бемор шудам.
Чун шукри туро накарда будам ба ҳаёт,
Акнун ба ҷазои худ гирифтор шудам.





***Бош чун кӯҳи гарон, боди сабукро бигузор,***
***Бигзарад бод, вале кӯҳ ба ҷо мемонад.***

## АБДУНАЗАРИ НАБӢ

**(1947)**

Абдуназари Набӣ 10 августи соли 1947 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Фориши вилояти Самарқанд (ҳоло деҳаи Эҷ марбут ба ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ аст) ба дунё меояд. Падари ӯ Абдунабӣ Назаров омӯзгор, нахустин таъсисдиҳандаи мактаби миёнаи деҳаи Эҷ, муаллими хизматнишондодаи Ӯзбекистон буд ва то овони бознишастагӣ мудирияти мактабро ба ӯҳда дошт. Гузашта аз ин, ӯ калонтарин дӯкони порчабофиро дар деҳа гардон мекард. Модари Абдуназар – Иқбол Назарова ба ғайр аз кадбонуӣ гӯяндаи сурудҳои мардумӣ буд ва дар гилембофӣ дасти гул дошт. Бо вуҷуди маъзулӣ аз саводи комил, ба таъбире, «бесавод, аммо саводомӯзи сад омӯзгор» буд.

Абдуназари Набӣ дар соли 1962 мактаби ҳаштсолаи деҳаи Эҷро тамом карда, барои идомаи таҳсил ба мактаби даҳсолаи деҳаи Синтаб, ки он замон ягона мактаби таҳсили миёнаи пурра барои ёздаҳ деҳаи тоҷикнишини кӯҳпояи Нурато буд, меравад. Дар соли 1964, пас аз хатми мактаби миёна, алорағми орзуи бачагии худ, ки ҳуқуқшинос шудан мехост, бо хоҳиши падар шомили бахши забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд мегардад. Ин даргоҳи олии таълимро дар соли 1969 хатм мекунад. Агарчи яке аз беҳтарин донишҷӯён буд ва ӯро барои кор дар донишгоҳ нигаҳ доштанӣ мешаванд, қабул намекунад ва бо ихлосу муҳаббати баланд ба аҳли зодгоҳ, ба деҳа бармегардад ва фаъолияти кории худро ба ҳайси муаллими забону адабиёти тоҷик ва забони форсӣ дар мактаби рақами 43 оғоз менамояд. Аз моҳи октябри соли 1969 то моҳи декабри соли 1970 дар шаҳри Лвови Укроин хизмати низомиро адо

мекунад (он солҳо барои касоне, ки маълумоти олӣ доштанд, муддати хизмат як сол буд). Дар синни панҷоҳу панҷсолагӣ бознишаста мешавад.

Абдуназари Набӣ омӯзгор буд, вале фаъолияту мароми зиндагии ӯ паҳноеро густурдатар аз ин пеша фаро мегирад. Ӯ на фақат донандаи забону адабиёти ноби тоҷикӣ-форсӣ, балки як нафар торихшинос, мардумшинос ва ҳатто гиёҳшиносу боғдори шинохта аст. Дар давоми омӯзгорӣ бо рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ робитаи ногусастанӣ дошт, пайваста мақолаҳои хонданибоби худро дар атрофи масъалаҳои ҳоди рӯзгору замон ба ҳукми хонандагон ҳавола мекард. Дар солҳои навадуми асри гузашта бо мақолаҳои пурмазмуни худ дар ду озмуни «Овози тоҷик», ки бахшида ба ҷашни Наврӯз эълон шуда буданд, ширкат варзида, ҷойҳои ифтихории якум ва дуюмро соҳиб шудааст. Ҳар гоҳ аз дуру дурдаст меҳмоне ба деҳа ояд, хоҳ пир бошаду хоҳ ҷавон, хоҳ бостоншинос бошаду хоҳ аз аҳли қалам, хурду калони деҳа ӯро мустақим ба манзили Абдуназар раҳсипор мекунанд ва дар ҷавоби ҳар гуна пурсише ибораи «Абдуназар медонад» роиҷ аст. Агар гӯем, ки дар офаридани китоби «Санг ҳам диле дорад» манбаи илҳоми донишманд Аҳрор Мухторов роҳнамоиҳо ва нақлҳои пурмуҳтавои Абдуназари Набӣ ҳам буд, хато нахоҳем кард. Маҳз ӯ ба эҷодкорони шабакаи якуми оинаи нилгуни Ӯзбекистон низ, ки мебоист барои барномаи «Дар байни ду дарё» маводе андар таърифи торихи Эҷ ва қалъаи Феҷак таҳия кунанд, роҳнамо шудааст.

Абдуназари Набӣ баробари бознишаста шудан бо дархости раҳбарияти ноҳия вазифаи раёсати маҳалларо ба ӯҳда мегирад. Ӯ бо таҷрибаи бойи зиндагӣ ва донишу заковати худ ин кори пурмасъулиятро бо сарбаландӣ адо намуда, бештар сазовори эҳтироми мардум мегардад.

Абдуназари Набӣ дар тӯли чанд сол ба озмунҳои ҷумҳурӣ, ки аз фанни забон ва адабиёти тоҷик барпо мешуданд, ҳамчун узви ҳайат доварӣ кардааст ва доимо яке аз иштирокдорони фаъоли ҷашнвораю гирдиҳамойиҳои адибону омӯзгорон буд. Чунончи, аз як анҷумани омӯзгорони мактабҳои тоҷикзабон, ки дар Душанбе баргузор шуда буд, хотироти масарратбахш дорад. Ӯ ба баҳонаи он гирдиҳамойӣ бо олимони риштаҳои забону адабиёт, торих ва аҳли қалами Тоҷикистон, мисли Абдулғанӣ Мирзоев, Камол Айнӣ, Аҳрор Мух-

торов, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Адаш Истад суҳбатҳои дилнишин ороста, то ҳадде дар дили эшон шавқи сафар ва дидани Ӯзбекистонро барангехтааст. Барои такмили доираи эҷод ва фарогирии навгониҳои илмию фарҳангӣ ба таври мунтазам бо чандин олиму равшанфикр, аз қабили Файзулло Музаффаров, Додо Нозилов, Аскаралӣ Раҷабов, Баҳром Шермуҳаммадов, Ҷумъабой Ҳамроев ҳамкориҳо дошт ва ҳоло ҳам он гуна робитаҳои судмандро идома медиҳад.

Донистани урфу одат, расму оини миллӣ, торихи бостонӣ ва эҷодиёти мардумӣ ҷону дили Абдуназари Набист. Ӯ дар ин бахш очерку мақолаҳои бешумор навиштааст. Дар соли 2010 аз тариқи нашриёти «Ӯзбекистон» чоп шудани китоби торихии мавсуф бо номи «Сарзамине дар доманакӯҳ» ҳадяи хубе буд барои аҳли деҳаи Эҷ ва ҳар касе, ки ба ториху фарҳанги мардумӣ алоқа дорад. Муаллиф дар ин китоб зодгоҳи худро бо алоқа ва бузургдошти беҳад дар симои сарзамине дида, роҷеъ ба ториху ҷуғрофиё, ҷойҳои бостонӣ ва гузарҳои деҳа, шаҷараҳои авлодӣ ва шуғли асосии маскунин дар тӯли сад соли ахир, расму одатҳои суннатӣ, олами ҷонварону наботот ва ғайра маълумоти дақиқу нодир додааст.

Бояд қайд намуд, ки Абдуназари Набӣ китобро хеле дӯст медорад ва шефтаю ҳаводори рӯзномаю маҷаллаҳои тоҷикӣ аст. Ӯ дар хонаи худ китобхонаи бузурге дорад, ки ҳанӯз ҳеҷ кас теъдоди китоб ва рӯзномаю маҷаллаҳои онро намедонад. Ин ишқу алоқа ба забону адабиёт буда, ки Абдуназари Набӣ истеъдоди модарзодии худро низ ба кор андохта, дар назм қувва озмудааст. Вале бо фурӯтанӣ навиштаҳои худро тайи муддати тӯлонӣ ба дасти чоп намедод, дар сурате ки овозхонони маҳаллӣ аз шеърҳояш пайваста истифода мекарданд ва дар ҷашнҳову арӯсиҳо пораҳои шеъриаш аз забони сухангӯҳо намеафтид. Дертар бо саъю иҳтимоми роқими ин сатрҳо ва назардиҳии шоир Абдулло Субҳон намунаҳое аз ашъори парокандаи ӯ дар як маҷмӯа гирдиҳам оварда шуд ва соли 2010 тавассути шуъбаи тоҷикии нашриёти «Ӯзбекистон» таҳти унвони «Раҳоварди кӯҳистонӣ» ба табъ расид. Дар поин баргузидаи ашъори шоир аз ин дафтари шеър оварда шудааст.

Назми Абдуназари Набӣ моломоли ҳиссиётест, ки аз меҳру муҳаббат ва алоқаю бастагии шадид доштани ӯ ба ватан, ки он аз зодгоҳ оғоз меёбад, ба падару модар, ба инсонҳое, ки ҳушу зеҳни ӯро барангехтаанд, гувоҳӣ медиҳад. Ӯ ба диданиҳои давру бараш

воқеъбинона назар мекунад ва ҳолат ё манзараи аёнро дар ҷомаи хоси бадеӣ ҷилва медиҳад. Дар ғазалҳои ӯ ишқу ормони дилдодаи ҳаёт бо орзуву умедвориҳо тавъам мешавад. Шоир пайваста ба дидани ёре руҷӯъ мекунад, ки орӣ аз дарду ранҷҳо, кӯтаҳдастию залилӣ, танҳоию яккагӣ ва хирагию нопидромиҳост. Ӯ чун шахси дунёву рӯзгордидае пандҳои ҳакимона медиҳад ва саъй мекунад некро аз бад, сафедро аз сиёҳ, дӯстро аз рақиб, меҳру саховатро аз разилию мумсикӣ ва ба ин минвол, ҳар гуна зебоиро аз зиштӣ ҷудо нишон диҳад.

## ШЕЪРҲО

### Ёди падар

Чашмам фитад бар кӯю дар, ҳар гаҳ кунам ёди падар,
Хун мешавад ҷону ҷигар, ҳар гаҳ кунам ёди падар.
Монам агар дар нимараҳ бе додрас, дар сина оҳ,
Дар чашми модар ашки тар, ҳар гаҳ кунам ёди падар.
Ӯ буд марди покдин, некӯсиришту некбин,
Дунёи дил гардад дигар, ҳар гаҳ кунам ёди падар.
Аз ӯ ба мо ихлос монд, оби хирад мерос монд,
Бинам яке соҳибҳунар, ҳар гаҳ кунам ёди падар.
Дар нимараҳ мондаш писар, аз зиндагонӣ бехабар,
Ӯ ҳам кунад ёди падар, ҳар гаҳ кунам ёди падар.

### Орзуи писар

Эй падар, рӯҳу равонат шод бод,
Манзили охир туро обод бод!
Оби раҳмат мегузашт аз даргаҳат,
Нағмаҳои Оби раҳмат ёд бод!
Бас навохтӣ кӯдаки бесарпаноҳ,
Ҳар ятим аз дасти фақр озод бод!
Қатъ кардӣ дасти бадандешу ҷаҳл,
Қасди бад ҳар рӯзу шаб барбод бод!
Ҷумла хешон бо ту доранд ифтихор,

Роҳи ту роҳи ҳама авлод бод!
Раҳбару сарвар будӣ, ай қиблагоҳ,
Аз чу ту раҳбар ҷаҳон обод бод!
Ин писар аз шуҳрати ту сарбаланд,
Рӯҳи покат шод боду шод бод!

## Меҳмони даҳр

Дареғо, эй мусалмонон, зи олам рафтан осон аст,
Ҳама пиру ҷавони мо ба хони даҳр меҳмон аст.
Чу волидон ба пирӣ бигзаранд, он қадр мотам нест,
Вале доғи ҷавонмаргон чу зарби теша бар ҷон аст.
Чӣ бадбахт аст он модар, ки фарзандаш ҷавон мирад,
Саҳар то шом чашми ӯ ба мисли абри гирён аст.
Аҷал, бешак, расад рӯзе, бигирад ҳар гиребоне,
Зи пойи тобути марҳум гирифтан қарзи инсон аст.
Бимирам, аз қазо, ҳаргиз магирйед, эй азизонам,
Агарчи тоқати дарди ҷудоиҳо на осон аст...

## Шав, эй модар, зи ман розӣ

Агар ранҷондамат як он, шав, эй модар, зи ман розӣ,
Накардам суҳбате аз ҷон, шав, эй модар, зи ман розӣ.
Ба дунё омадам урён, ҳама хандону ман гирён,
Кашидӣ ранҷи бепоён, шав, эй модар, зи ман розӣ.
Ту будӣ такягоҳи ман, ду дида сӯйи роҳи ман,
Агар кардам туро пазмон, шав, эй модар, зи ман розӣ.
Агар аз фарти нодонӣ задам бар санг пешонӣ,
Набишнидам туро чандон, шав, эй модар, зи ман розӣ.
Суханҳои ту марҳам шуд, Назар имрӯз одам шуд,
Замоне будаам нодон, шав, эй модар, зи ман розӣ.

## Мӯйсафедӣ

Дар сарам мўе намонду рехт дандон аз даҳон,
Гўш кар шуд, чашм хира, тири қомат чун камон.
Рўй мисли қоқи шафтолуст аз ожангҳо,
Паст шуд овозаму лакнат бияфтод дар забон.
Умр чун дарёи кўҳӣ пурталотум будааст,
Ту, магар, боре шунидӣ пас бигашт оби равон?
Шаст рафту ғайрати шасти ҷавониям намонд,
Бингарад танҳо зи сурат сўйи ман марде ҷавон...
Мўсафедӣ ҳам, вале, файзу камоле доштаст,
Шуд Назар аз умр розӣ дар канори дўстон.

## ҒАЗАЛИЁТ

Аз ҳаҷри ту, эй ҷонон, мегиряму мегирям,
Чун абри маҳи найсон, мегиряму мегирям.
Бошад, ки ба бар ойӣ, монанди қамар ойӣ,
Шабҳо зи ҳама пинҳон, мегиряму мегирям.
Мастиву ҷавонӣ шуд, қадри ту надонистам,
Бишкаст зи мо паймон, мегиряму мегирям.
Ҳар гоҳ туро бинам дар марзи хаёли худ,
Хандон биравӣ, эй ҷон, мегиряму мегирям.
Чун ток будам, тақдир новақт паям бибрид,
Ашкам бичакад, ҳайрон, мегиряму мегирям.

* * *

Бидидам одаме озурда, ҷони ман ба дард омад,
Миёнбишкастае дидам, миёни ман ба дард омад.
Чу зад теғи ҷафо бар устухоне, аз қазо, дидам,
Ба ҷойи устухонаш устухони ман ба дард омад.
Фақири мустамандеро чу дардаш ноаён афзуд,
Накардам чора, ин қалби ниҳони ман ба дард омад.
Бигуфтам бас зи гуфтанҳо нашуд каҷ рост, сад афсўс,

Зи гуфтанҳои беҳуда забони ман ба дард омад.
Назар, вақте ки аз шукрам шикоятҳоям афзун аст,
Бигуфто хомаам, бас кун, равони ман ба дард омад.

* * *

Дар доми ту фитодаам сарсон макун маро,
Чун осмони тирамаҳ гирён макун маро.
Ҷоне даруни пайкару дар сина оташӣ,
Берун марав зи қолабу беҷон макун маро.
Бинмой рӯй аз паси абри ниёзҳо,
Хуршеди чашми орзу, пазмон макун маро.
Аз кӯчаи тараҳҳуму некӣ убур намо,
Некӣ агар намекунӣ, нолон макун маро.

* * *

Дар ин дунё гаҳе шоду гаҳе ғамнок мегардам,
Азизон зери хоку ман бурун аз хок мегардам.
Дили гул чок дар гулзор, дар саҳро дили лола,
На танҳо ман дар ин олам дили садчок мегардам.
Киям ман, ҳеҷ кас, як зарраи аз дидаҳо пинҳон,
Парешон дар замин гаҳ, гоҳ дар афлок мегардам.
Гаҳе бозу гаҳе бошад чунон пӯшида ин дунё,
Рамузфаҳмам гаҳеву гоҳ беидрок мегардам.
Гунаҳкорам, бидонам, домани олудае дорам,
Вале рӯзе расад з–олудагиҳо пок мегардам.

* * *

Дар ҷаҳони гузаро, гӯй, чиҳо мемонад?
Кӯҳу дарёи равон, арзу само мемонад.
Хобро тарк бигӯ, суҳбати ёрон меҷӯй,
Рӯзу шаб мегузарад, суҳбати мо мемонад.
Бош чун кӯҳи гарон, боди сабукро бигузор,
Бигзарад бод, вале кӯҳ ба ҷо мемонад.

Гуфтаанду дигарон, бори дигар мегӯем:
Некӣ кун, некӣ фақат з–аҳли сахо мемонад.
Умр бошад нафасе қадри қарибон медон,
Бигзарад ҷумла, дар ин даҳр Худо мемонад.

* * *

Дӯстон, бар по шавед, он моҳи тобон омадаст,
Бар суроғи дардмандони шабистон омадаст.
Ташнагоне умрҳо дар интизори ӯ буданд,
Бар замини бегияҳ монанди борон омадаст.
Гӯиё субҳе дамидасту зи хуршеди ҷаҳон,
Дастаи нуре зи дар бар кунҷи зиндон омадаст.
Пайкаре афсурдаву пажмурда рӯҳе доштем,
Бар тани беҷони мо бо омадаш ҷон омадаст.
Эй Назар, мӯйи сари мо ранги хокистар гирифт,
Дар хазони зиндагӣ фасли гулафшон омадаст.

* * *

Эй дилбари фархундапай, кай дил ба ҷонон мерасад?
«То ту ба қадрам мерасӣ, умрам ба поён мерасад»*.
Бигзашт умрам ноаён, эй шоҳи хубони ҷаҳон,
Бар дардманди нотавон кай рӯзи дармон мерасад?
Чашми сарам камнур шуд, чун чашми Яъқуб кӯр шуд,
Кай Юсуфи гумгашта, гӯ, аз нав ба Канъон мерасад?
Бошад ҳама ёдам ба ту, уммеди имдодам зи ту,
Дар шоми зулмат мондаам, кай субҳи хандон мерасад?
Хурду калон бикшода дар, аҳвол пурсанд аз Назар,
Гӯяд, ки ӯ хезам зи ҷо, рӯзе, ки ҷонон мерасад!

* Мисраъ аз Лоиқ Шералӣ



***«... Не-е, писарам, агар ба гапи ман гӯш кунӣ, асло кина нагир. Онҳо маҳз аз калтафаҳмию нодонӣ дасту остин барзада, ба ман зулм карданӣ шуданд... Вале ту-ку мисли онҳо нестӣ...»***

## БЕКНАЗАР ТӮЙНАЗАР

**(1949)**

Бекназар Тӯйназар аз ҷумлаи адибони варзида ва журналистони боистеъдоди муосири тоҷик аст. Ӯ чоруми ноябри соли 1949 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Фориш таваллуд меёбад. Мактаби миёнаро дар деҳаи Синтаб ба поён расонда, ду сол дар мактаби миёнаи зодгоҳаш кор мекунад. Соли 1971 Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқандро хатм намуда соҳиби дипломи маълумоти олӣ мегардад. Сипас хатти тақдир Бекназари ҷавонро ба деҳаи хушманзари Заркенти вилояти Тошканд мекашад. Дар мактаби миёнаи ин деҳа аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс медиҳад ва аз он ҷо дар соли 1973 ба хидмати низомӣ меравад.

Бекназар Тӯйназар ҳанӯз дар айёми донишҷӯйӣ ба насру назм ва мақоланигорӣ алоқаи вофир дошт. Азбаски, новобаста аз ҷойи фаъолият, пайваста ба эҷодкорӣ машғул буд ва чакидаҳои хомааш рӯйи рӯзномаю маҷаллаҳои давриро медиданд, ӯ соли 1974 бо даъвати Шавкат Ниёзов ва Хӯҷамурод Қӯлдошев ба идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ҷалб мешавад. Дар ин даргоҳ то синни бознишастагӣ, яъне то соли 2009, ҳамчун муҳаррири шуъбаи давлату ҳуқуқ ва ахлоқу ҷавонони рӯзнома ифои вазифа мекунад.

Агарчи нахустин хабару мақола ва ҳикояю тарҷумаҳои адиб аз соли 1967 инҷониб ба табъ расидаанд, нахустин бор намунаҳои эҷодии ӯ дар китобҳои «Саргузашти Амонбой ва Давлатбой», «Ча-

комаи пирӯзӣ» ва «Хумчойнак» гирд омадаанд. Алоқамандони каломи бадеъ ӯро чанд муддат бо тахаллуси адабии Бекназари Дарӣ низ мешинохтанд.

Заҳматҳои эҷодии ин нависандаи хушсалиқа ва рӯзноманигори варзида ба таври шоиста арзёбӣ шудааст. Ӯ дар соли 1999 ҳамчун яке аз ғолибони озмуни ҷумҳурии «Беҳтарин журналисти сол» шинохта шуда буд. Ҳамон сол, дар ҷашни Истиқлоли кишвар ба ивази хизматҳои арзандааш дар арсаи пешрафти маънавиёт ва фарҳанги мардум, ташвиқу тарғиби дӯстии халқҳо аз ҷониби давлат ба медали «Шуҳрат» сазовор мегардад.

Нахустин китоби мукаммали адиб бо номи «Бори дил» дар соли 1999 аз тариқи нашриёти давлатии «Ӯзбекистон» ба ҳайси армуғон дар остонаи панҷоҳумин солгарди зодрӯзаш ба табъ мерасад. Он чанд ҳикоя ва эссеро фаро мегирад. Баъдан, соли 2013 китоби дигари мукаммалтари нависанда таҳти унвони «Дар кӯчаҳои шаҳр» аз тариқи нашриёти «Тафаккур қаноти» чоп мешавад, ки ҳовии ҳикояҳои кӯҳнаву нав, ҳаҷвияҳо, силсилаи резасуханҳо, мақолаю очеркҳо дар бораи ҳамкасбу ҳамкорон ва эссею андешаҳои адиб мебошад.

Дар байни эҷодкорони деҳаи Эҷ аввалин касе, ки ҳамчун нависанда бо сабку услуби нави адабӣ доди суханро додааст, Бекназар Тӯйназар аст. Ӯ домани ин маҳорати худро, гузашта аз деҳаи Эҷу кӯҳистони Нурато, дар тамоми кишвар густариш додааст ва мақоми муайян дар адабиёти муосири тоҷик дорад ва дар феҳристи «Сад чеҳраи барҷастаи тоҷикзабони Ӯзбекистон» ҷой гирифтааст. Азбаски адиб зотан шахси андешаманд ва ҳамзамон ҳозирҷавобу мутоибагӯ ва ошкоргӯе мебошад, қариб дар ҳар қаламиаш ин хислатҳо ҳувайдост. Ӯ ба нависандагони тоҷик, аз қабили Фазлиддин Муҳаммадиев ва Саттор Турсун, ихлосу алоқаи беҳад дорад, аммо дар эҷод соҳиби сабки баёни хоссаи худ аст. Ӯ зиёд хаёлангезӣ намекунад, ба тасвирҳои тӯлонии вазъу манзара дода намешавад, вале воқеиятро бо тарзи содаи баён, бо суханҳои ҷаззобу намакин кушоду возеҳ ба қалам медиҳад. Дӯстдоштатарин мавзӯъҳои достонҳояш аз зиндагии ҳаррӯзаи одамон, бархӯрду муносиботи афроди гуногунхислат, рӯҳияти инсонҳои ранҷу азиятдида, ишқу отифаи одамони ба ҳам наздик маншаъ мегиранд. Ӯ нависандаест, ки тавонистааст

образҳои дилписандеро ба монанди «мани шаҳрӣ», «марди ланг», «ҳамсоя-сагбон», «мӯйсафеди газетхон», «Абдумалики шӯх» дар адабиёт ҷой диҳад ва ибораҳои рехтаи ӯ, ба мисли «Эҳсон медонад», «ман зиқ не», «маҳсии занҷирдор», «нӯшбоди Мавлоно», «мурғи мода», «ҳафтоду афтод» дар байни аҳли завқ шоеъ шудаанд.

Ҳоло Бекназар Тӯйназар бо хонаводааш зиндагии ободу осудае дорад. Ӯ дар оғӯши меҳру муҳаббати ҳамсари вафодори худ – Сатиаапа, фарзандонаш Фарруху Фозилу Зебо ва наберагони хурсанду шод дар Чилонзори Тошканд даврони пирӣ меронад.

## ДУ ҲИКОЯ

### Симкати холӣ

Аз каҳдон садои ҳазину раҳмовари модарамро шунидаму ба пайкари лоғари офтобзадаи чиркинам мурғак давид, нафасам дар гулу печид. Чун аз мӯрии ягонаи боми фарсуда ӯро дар коҳу каҳбеда бо куртаи даридаву ҷисми абгоршуда ва ба хун оғушта дидам, аз чашмони сурхгаштаам беихтиёр дона-дона ашки шӯр ҷӯшида баромад. «Дод аз дасти қисмату ҷанг!»-гӯён нидои ҷонгудози модарамро ба забон овардам, оташи ғазабам забона зад, аз гиребони кӣ гирифтанамро намедонистам. «Кош, ақаллан бист-бисту панҷсола мебудам», мегуфтам тахтасангҳои лаби мӯририро дуртар тела дода.

– Гиря накун, писарам, – дил медиҳад модарам бо овози дилхарош. – Ту мардак-дия, боз танҳо омадӣ?

– Ҳа, очаҷон!

– Хуб кардаӣ. Эҳтиёт шудӣ? Мабодо, тағоят аз паят омада монанд?!

– Натарс, оча, аспсавор рафтанд.

– Кӣ?

– Кӣ мешуд, бародарат-дия.

– Додот омаданд?

– Не.

– Ана халос.

– Натарс, оча, ҳозир ба сари додарону хоҳарам мешитобам. Ягон кас ба ин қарибиҳо ба каҳдон намеояд. Атолаю оби овардаамро хӯрдӣ?

– Пир шав, бачам, хӯрдам. Боз қадре ҳаст. Рав, тезтар шиками додарону хоҳаратро сер кун.

– Боз чӣ биёрам, кай биёям, оча?

– Фардо.

– Фардо? Не-е, имшаб, пеш аз хоб туро хабаргирӣ меоям.

– Сангинҷон, бачам, дар шаби торик зинҳор набиё, метарсӣ!

– Меоям! – гуфтам ашкҳои сӯзонамро бо кафи чиркин пок карда, – баъди ягон соат як коса ҷурғоту нон мебиёрам.

– Ҷурғот лозим не, агар тавонӣ, аз гиреҳ ягон куртаи бутунамро биёр.

– Хуни бадanат монд?

– Монд, фақат андак месӯзад. Натарс, ҷони очаат аз санги хоро ҳам сахт. Ҳоло тую додарону хоҳаратро то калон карда, хонаю дар-дор накунам, ба марг сар намефурорам. Натарс, ба очаат бало ҳам намезанад.

Вале, ба гумонам, аз мӯрии бом дуд мебаромад, ба сони дуди ҳезуми тар...

Баъди ин гапҳои бадард дигар ба шунидани ҳасрати модарам тоқат карда натавониста, сарамро аз мӯрии бом кашида, ба тарафи офтобшинами деҳа назар кардам. Офтоби мунаввар ба паси кӯҳҳои деҳа пинҳон мешуду пардаи торикии ваҳмангез табъамро тиратар сохт. Бо азобе аз бом фаромада, бо роҳи хилват ба тарафи хонаи то-бистонаамон қадам задам. Ба пойи яғирам хор зад.

– Очаҷон! – садое баромад аз мағзи ҷонам ва ба замин нишастам. Ба дунбаам низ хор халид. Худамро акнун бардошта хорро аз поям канда гирифта, қадаме пеш андохтанӣ будам ки, чашмам афтид, дар рӯ ба рӯям, аз кӯчаи калон падарам харсавор меояд.

– Сангинҷон, – гуфт ҳадаҳа аз хар фаромада, – шабона дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Худам, аз пеши ҷӯраҳоям меоям.

– Гиря кардагӣ барин-ку ту?

– Дар пою дунбаам хор халид.

– Эҳ, Сангинҷон-е, рост ист.

Падарам хорҳои пою дунбаамро чида гирифту ба сари синааш пахш кард.

– Фардо очаатро мебиёрам... Фаҳмидӣ?

– Кош меовардед.

– Мебиёрам, гапи мард – якто.

– Боз мезанед?

– Не, писарам, тавба кардам.

Падарам, ба қавли модар, ҳамон «падари золимам» ваъда медод, ки дигар ба сари модарам мушт намебардорад.

Ҳанӯз дарақ-дарақ меларзидам. Метарсидам, ки мабодо падар аз воқеаи хунини имрӯза хабар ёбад. Лекин, бояд донад. Бубинад, шояд дар дилаш як умр раҳму шафқат лона кунад. Аслан падарам мӯреро озор намедод, аммо чаро се рӯз қабл, вақте ки дар суфаи пеши хонаи кӯчаки тобистонаамон менишастем, пиёлаи пешашро ба тарафи модарам андохт? Худаш ҷанҷол аз чӣ хест? То ҳол намефаҳмам...

– Калон шавӣ, мефаҳмӣ, Сангинҷон, писарам, – раҳорaҳ падарам насиҳат мекард бо оҳанги пушаймонӣ.

– Чиро?

– Мард кисту зан чист.

Ман аз ин гапҳои таҳдори падарам хаёлан ба саду як кӯчаи сарбаста даромада мебаромадам.

– Ҳоло ту бача, акнун ба синфи дуюм гузаштӣ, – мегуфт ӯ, вақте ки маро бо роҳи морпечи боғ ба хонаи тобистонӣ мебурд.

«Эҳ, падар, падар, – аз дил мегузарондам, – агар ҳамон рӯз ба болои ҷанҷолатон тағоям аспсавор намеомаданд, имрӯз модари азизам, модари ба ҳимоя муҳтоҷам ин қадар лат хӯрда оғуштаи хун намегардид, куртааш пора-пора намешуд, ба хуни гарм намеғӯтид».

Ҳамон рӯз тағоям бо итоб, «Саъдулло, – гуфта буданд, – паҳлавон бошӣ бо мардони бозудор даст ба гиребон шав. Лекин, хоҳарам, ҷигарам Дилбарро намегузорам, ки ба андомаш мушт фароранд, фаҳмидӣ?». Ва модарамро бо зуъми зӯрӣ пешандоз карда ба хонаашон бурданд. Бо ҳамин ман ва додарону хоҳарам ду рӯз заҳри бемодариро чашидем. Аз модарам дарак нашуд. Ниҳоят, он рӯз баъди дарс дар дами дарвозаи Амиртағоям муддате бо чашми чор ва бо умед модарамро меҷустам. Оқибат ӯ аз ошхонаи тағоям баромада, бо шаст ба тарафи ман омад. Аз ғояти шодӣ инони гиряро сар додам.

– Писарам, гиря накун пеш афт.

Аммо модарам хато карда будааст. Баъди соате тағоям боз аспсавор барқосо дар назди дари боғамон пайдо шуданд. Маст, дар даст тозиёна даромада омаданд.

– Чаро бе иҷозати ман сар гирифтӣ?! – гӯён ба тарафи модарам давиданд. Бечора дар болои суфа парӯ афтид. Тағои хунгирифта бо тозиёна ба ҷойи рост омадаи пайкари наҳиф бо шаст мезаданду мезаданд.

– Модоме ки ҷигар шуда бе иҷозати ман баргаштӣ, ҷазоят ҳамин, Дилбар!

Наъраи тағоям бағали кӯҳсори тангро ба ларза меовард. Хайрият, модаркалонам ва се-чор зани ҳамсоя ба миён афтида, тағои ба ғазаб омадаамро «инсоф кунед, Дилбар дуҷон, ягон кору ҳол рух диҳад, худатон месӯзед» мегуфтанд фиғонашон ба фалак печида. Аммо тағоям аз дами ҷаҳл намегаштанд.

Аҷабо, модарам, модари парӯафтидаю ба хун оғуштаам аз байни издиҳом худро кай ва бо кадом қувваи илоҳӣ берун гирифта, оқибат дар каҳдони ҳамсояамон паноҳ бурдааст, пай набурдаам аз рони тағоям гирякунон дошта...

Пас аз хӯроки шом куртаи модарамро аз гиреҳ гирифта, акнун аз суфа ба рӯйи ҳавлӣ фаромада будам, ки:

– Сангинҷон, писарам, – гуфтани падари сарбастаамро шунидам ва аз роҳгардӣ бозистодам. – Куҷо меравӣ?

– Пеши очаам.

– Гуфтам-ку очаатро фардо мебиёрам. Тағоят андак аз шасташон гарданд?!

– Модарам алллакай бе иҷозати тағоям гурехта омад.

– Кай? Барои чӣ то ҳол ба даҳонатон об гирифтаед? – гуфт ӯ ва баъд аз каме мулоҳиза илова кард: – Ман падаратон-ку?!

– Агар зӯрам мерасид, модарамро ҳам аз шумо ва ҳам аз тағоям ҳимоя мекардам.

– Ин гапҳоро як сӯ ғундору гӯ, ки очаат дар куҷост?

– Дар каҳдони бобои Камол...

* * *

– Бародарат аз ман сад бор золимтар будааст-у, Дилбар? – мегуфт падарам ба тахтапушти модарам бо пахта дору молида. – Ин чӣ гап?

– Аз сӯхтанашон заданд, ҷигар-дия.

– Бачаҳоро тарсонданашон-чӣ? Имшаб аз аҳволи ту тарсида хоби бачаҳо парид. Бача тарсад оқибаташ нағз намешавад.

– Агар ту ба фарқи дӯсту душман рафта, ба сари ман беҳуда дод намезадӣ, ба ин аҳвол намеафтидам.

Баъди ҳамин гап, ҳамон субҳидам, ҳанӯз офтоби тобон набаромада, дар болои суфаи гӯшаи боғамон сукунати ҳавлангезе ба миён омад. Ин оромиро танҳо шилдир-шилдири оби ҷӯйбори васати суфа, ки ба боғи ҳамсоя мегузашт, халалдор мекард.

Вале аз гуфтугӯйи падару модарам ягон чизро намефаҳмидам. Шояд болиғтар шавам, мефаҳмам, меандешидам худ ба худ гоҳ ба модару гоҳ ба падари хаёлпарешонам назар давонда... «Мурда сабук шудам», – мегуфт модарам гиряолуд.

* * *

Солҳо мисли бод гузаштанд. Падарамро ду сол пеш ба хок супурда будем.

– Соҳиби сарам буд, – мегуфт модарам аз чашмони бенураш оби дида рехта, – соябони бачаҳоям буд...

Инак, худи ӯ ба ҳамин қарибӣ нохост бистарӣ шуду аз забон монд. Шифокори обрӯманди деҳаро овардем. Чанд сӯзандору кард. Баъди муоинаи дурудароз маро ба гӯшае хонда, «Сангинҷон, ба қисмат тан деҳ. Бӯйи умед не аз модарат, марги падару модар мерос, марги фарзанд теғи алмос, гуфтаанд».

Ман аз ин хулосаи духтур ба марди кулфатзадае табдил ёфтам. «Тавба, – мегуфтам худ ба худ, – гӯё дониста додару хоҳарамро ҷеғ зада будаам». Шифокорро то дами дарвоза гусел мекардаму ёрои гаппурсӣ надоштам. Ӯ рафт. Ҳарчанд зӯр зада сир бой доданӣ намешудам, хоҳари Маҳинам аллакай оби дида мекард. Тарсида-тарсида саволомез ба рӯям чашм дӯхт.

– Дар пешониямон ҳар чи бошад, ҳамонро мебинем, – ҷавоб додам нигоҳамро гурезонда. Ва ба сари болини модарам омадам.

– Оча, ман кӣ? – такроран пурсидам.

Аммо чашмони беифодаи ӯро дида дилам фишурда шуд. Наход, дигар ҳарфе зада натавонад? Сухани вопасини ӯ чӣ буд? Бисёр буданд панду насиҳатҳои ӯ дар рӯзҳои охир.

– Агар аз дунё гузарам, номи ягон духтаратро Дилбар мемонӣ, – гуфта буд модарам.

– Ин гапҳоро мон. Ҳоло ту ҷавон, акнун ба шасту ҳафт даромадӣ. Лекин номи туро намондан гуноҳ аст, оча. Моро, ба ростӣ, ба дандон газида калон кардӣ-я. Агар ғами моро намехӯрдӣ, шояд ба зарбаҳои зиндагӣ кам дучор мешудӣ. Ҳарчанд калонсол шудаӣ, намехостам, ки фарзандон ва набераҳоятро бармаҳал партофта равӣ. Илтимос, ин гапи хунукро дигар ба забон нагир, илтимос...

«Эҳ, дунё! Баъди он ҳама воқеаҳои даҳшатбор, баъди он ҳама тозиёнахӯрданҳо боз ҳамин қадар зиндагӣ кардӣ-я! Ҳоло ҳам ҳамон доғҳо аз пайкари наҳифат нарафтаанд, мегӯяд хоҳарам. Рост, ҷонат аз санги хоро ҳам сахттар будааст, модар!» – гиребонамро дошта, аз худам мепурсам, аз сари модарам хеставу ба меҳмонхона гузашта. Ва боз ба хаёл меравам: «Магар одам каси дӯстдошта ва ба қавле, ҷигарашро ин қадар бераҳмона зери тозиёна мегирад? Ё ки дар болои мастӣ буд ин рафтори номатлуб?!»

Тағоямро, ки на камтар аз модарам дӯст медоштам, бист сол пеш ба хок супурдем. Охир, баъди болиғ шуданам донистам, ки модарамро маҳз ҳамон тағоям фарзандвор ба воя расонда ба шавҳар дода будааст. Аз ин рӯ, вай – тағоям ҳаққи маънавӣ дошт, ки модарамро то дами зинда буданаш ҳимоя кунад. Дар роҳи рӯзгори пурасрор пешпо хӯрад, бардорад ва мабодо, аз хатти кашидааш берун бароянд, ҷазояшро бидиҳад. Вале, агар маст ҳам буд, барои ба ин дараҷа абгор кардани хоҳараш ҳақ дошт?

Модарам баъди се рӯзи беморӣ аз олам чашм пӯшид. Аз миён як моҳ гузашт. Бо вуҷуди ин, симкати хоби ӯро дар гӯшаи хона холӣ дида, ба чашмонам бовар намекардам, ки модарам аз дунё гузаштааст.

Хуллас, бемодарӣ азоби алим будааст. Модарам бошад, бо вуҷуди зарбаҳои тоқатнопазири зиндагӣ ба ваъдааш вафо кард. Ӯ тавонист ману ду бародарам ва хоҳарамро калон карда хонаю дардор кунад. Танҳо пас аз адои ин ваъда аз олами бебақо даргузашт.

* * *

Ҳоло дар ҳамон кати симини модарам духтари кенҷаам, ки ба ӯ номи модарамро мондаам, хоб мекунад. Бо дидани симкати пур занги дилам тоза мешавад ва бо илтиҷо ба Худои мутаол рӯ меоварам: «Илоҳо, духтарчаи дӯстрӯям Дилбар мисли модарам ҳаргиз азоб накашад, аз ҳар гуна заҳру зақуми зиндагӣ дар амон бошад!».

Ҳар гоҳ, хоҳ шабу хоҳ рӯз, симкати модарамро, ки дар гӯшаи хонаи ҳафтболор меистад, холӣ бинам, дилам фишурда шуда, ба ҳамсарам амр мекунам:

– Дигар симкати модарамро холӣ набинам!

## Ман зиқ не

– Зиқ нашав, тез пир мешавӣ! – луқма партофт касе аз болои сарам. Сар бардошта дар рӯ ба рӯям марди танумандитахминан шастсолаеро дидам, ки беовоз механдид. Механдиду гӯё аз даҳонаш як даста нур баромада (ӯ дандонҳои тиллоӣ дошт) пеши поямро равшан месохт.

Ба перрон бошад, ҳарчанд ҷо-ҷо чароғҳои баркӣ нур меафшонданд, пардаи тунуки торикӣ фаромада равшании ночизи онро тадриҷан дам мекашид. Дилам чун ғаш буд, аз ин ҳолати ноформ бетоқат шуда, дар банди хаёлҳои мағшуш дам ба дам бо теғи чашм ба соати дастӣ назар медавондам. Шояд аз ҳамин сабаб вай – марди ношинос маро зиқ пиндошт?

– Ман зиқ не! – бо итоб гапашро ба даҳонаш задам лашулушамро аз хараки дароз ғундоштаву ба халтаи селофанӣ андохта.

– Дурӯғ нагӯ, ту зиқ! – ба такрор эътироз намуд марди ношинос ва ба ҷавоби ман эътибор надода, ба маънии «хобатро ба об гӯй» даст афшонду чанд қадам пеш андохта, бо се-чор мард, ки шояд ҳамсафаронаш буданд, ҳамроҳ шуда, деги суҳбатро ҷӯшонд.

Ҳисси кунҷковиам оқибат боло гирифту ба китфи марди ношинос оҳиста даст монда салом додам.

– Э, ин ту?!

– Мебахшед, ман шуморо дар куҷое дидагӣ барин...

– Фарқаш чӣ, шинохтӣ-чию нашинохтӣ-чӣ?! Одами дилсоф ки ҳастӣ, аз дилсӯзӣ пӯсткандаи гапро гуфтам. Балки аз ман ранҷидӣ, зиқ шудӣ?

Вай ба ман навбат надода, бо камоли эҳтиром ва хушҳолӣ, ба як ҳисоб, ширинкорӣ мекард.

– Агар ту зиқ намебудӣ, – аз рафиқонаш ҷудо шуда даст дод, – магар номи маро фаромӯш мекардӣ? Ин як. Дуюм, дар ҳафт-ҳашт соли охир мӯйҳои қатрониат куҷо шуданд? Дар ҳамин муддати кӯтоҳ мӯйи одамизод, агар вай тариқи зиндагӣ карданро донад, магар тунуку хокистарранг мешавад?

– Илтимос, гапро ғоз надиҳеду номатонро гӯед, ака, шумо ҳақ.

– Ана, ана, гап инту шудааст, – вай ғолибона беғаш хандид. – Хӯшш, номи банда – Одина Шарифӣ, домуллои донишгоҳи тиббии Бухоро.

– Ҳа-а, ба хотирам расид.

– Ту – Убайдулло Азим. Ҳашт сол пеш дар осойишгоҳи «Ботаника» дар як палата хобухез мекардем. Ҳамон дам низ насиҳат мекардамат, ки одамони ба ном одамро дида ҳаргиз зиқ нашав, бигузор, дигарон зиқ шаванд, кулли ҳайвоноту наботот зиқ шаванд. Ҷояш ояд, зинҳор, аз рӯйи зарурат (зарур бошад – раво бошад!) як муддат нобино шав, кару гунг шаву бинои умри худододро хароб накун. Исто, лаб ҷуфт накун... ту ба ман гӯй, агар зиқ шавӣ, поезд аз мӯҳлат пеш меояд? Не! Агар зиқ шавӣ, як нонат дуто ё ки одамони газанда кам мешаванд? Душманат дӯст мешавад? Не! Агар зиқ шавӣ, бемор бошӣ, сиҳат мешавӣ? Ё ки ҳамаашро ғундор, мурда зинда мешавад? Хуллас, ин зиқӣ, додарам, бемории саратон барин, яъне рак! Ниҳоли умрро аз рагу решааш хушк мекунад. Баъди нохост ё бемаҳал аз дори дунё гузаштанат кам андар кам одамон ёфт мешаванд, ки шояд «раҳматӣ одами дилсофу меҳмоннавозу одамдӯст буд, бори касеро дар ними роҳ намемонд» гӯянд. Лекин, баръакс, ҳатто ба касе, ки некӣ кардаӣ, як бандаи бахилу ҳарис буд, мегӯяд. Ва ҳол он ки ин тоифаро одами нобино ҳам мебинад. Ин тоифа, Убайдуллоҷон, яъне бахилону ҳарисон бо дили сиёҳ хандида мегардanду (ин дарди бедаво аз саратон ҳам бадтар!) ҳар рӯзи Худо, ҳамин ки кори ягон наздик ё шиносаш омад кунад, рагҳои хунгарди пайкари зебояшон танг шуда-танг шуда, дар як рӯзи равшан, дар раҳи равон, дар як нафас нафасашон мебарояд. Сазои ин тоифа ҳамин. Аммо ту як одами дилсофу беозор-ку?!

– Шуд-шуд, бародар, ман ба фалсафаатон тан додам, таслим! – гӯён ду даст ба боло бардоштам талх, хеле талх хандида.

Сарам чарх зад дар перрон. Табиб-дия, падарлаънат, рӯҳияти касро аз чашмаш хонда метавонад. Рост, имрӯз саҳл зиқ будам. Чунки як беморро барои то перрон овардан азоби гӯрро кашидам. Аслан, айби худам. Зеро як бор ба як ҳамдеҳаи корафтодаам як дурӯғи бефурӯғро пеш оварда, баъди ягон соат сирам фош шуду замин накафид, ки дароям. Ҳамон дам тавба карда будам, ки (агар бемор бошам ҳам) сари

ду по истода, дар хизмати корафтодагон мешавам. Ман, охир, мисли Сазоии ҳамдеҳаам аз қатори одам баромаданӣ не, ҳамдеҳагонам гила мекунанд, ки на ҷойи корашро медонанду на раҳи хонаашро. Рақами хонаашро-ку падараш ҳам намедонистааст. Масалан, худам. Баъди кор ба хонаи панҷ-шаш нафар ҳамдеҳаам сим зада, аз аҳволашон пурсон мешавам. Чун навбат ба Сазоӣ ояд:

– Лаббай! – мегӯяд бо зарда овози маро шинохта, – хизмат?

Баъди пурсупоси кӯтоҳ забон хоида узромез мегӯям:

– Аҳволатро пурсиданӣ будам.

– Ҳамааш нағз, – мегӯяд бо ҳамон оҳанг, – аз таги кӯрпа телевизор тамошо мекардем.

– Узр, – мегӯям латтаи ба об афтидагӣ барин суст шуда.

– Одама шабу ними шаб безор накунед, узри бадтар аз гуноҳ ин коратон.

– О, ҳоло соат шаши бегоҳ-ку? – худро сафед мекунам ин дафъа ғазаболуд. – Ист, ки аслан телефон ба ту чӣ даркор? Аз беху бунаш канда парто!

– Аз шумо намепурсам, – мегӯяд Сазоӣ ва садои телефон қатъ мешавад.

Бар замми ин, дар як шаҳр зиндагӣ карда, хонаашро дар як ё ду сол ёфта меравам у, сад дареғ, мисли одат зиқ шуда бармегардам. Ин дафъа намерафтам. Аз як ҳамкораш фаҳмидам, ки бемор будааст, яъне беморбинӣ рафтам. Аммо Сазоӣ ғайри чашмдошти ман асп барин буд. Вай маро сардакак пешвоз гирифта, баъди дастархон паҳн кардан «мо ҳар ду як дақиқа пеш мурғбирён хӯрда будем» мегӯяду нону чойхӯрии маро ошкоро тамошо мекунад. Баъд аз ӯ сигарет мепурсам, аз омаданам сад бор пушаймон шуда.

– Аз баҳраш гузаштам, акаи Убайдулло, – Сазоӣ бо ширинкорӣ ё писхандомез ҷавоб медиҳад. – Вай заҳри ҳалоҳил монанди дудкаши печкаи чӯянии бобоямон даруни одамро метосондааст.

Дам ба дарун зада, бисёраш ду пиёла чой мегираму бастаи овардаамро дар ошхонааш холӣ мекунам.

– Одама қарздор накунед, акаи Убайдулло, – омирона мегӯянд ҳар ду – зану шавҳар, – қарз ин чизи ганда! Қарздор муттаҳам шуда мегардад.

Баъди ҳамин, барои он ки Сазоӣ муттаҳаму қарздор нашавад, чанд моҳ поямро аз остонааш меканам. Вай хафа не барин. Лекин аз ин рафтораш, ба қавли домуллои бухороӣ, бояд сари мӯе зиқ намешудам. Ҳарчанд медонам, ки Сазоӣ – ҳамдеҳаам бо зиқ шудани ман ҳаргиз қарздор шуданӣ ҳам нею қарздор карданӣ ҳам. Лекин ба гуфтаи баъзе ҳушёртарҳо, аз бегонаҳое, ки гоҳ-гоҳ ба хонааш меоянд, мегирад. Чунки ба онҳо тавре муносибат мекунад, ки дигар роҳи хонаашро як умр намеёбанд. Яъне бехатар, мегираду намедиҳад...

– Акаи Убайдулло! – садои шинос маро ҳушёр мекунад, – поезди мо омад.

Ҳамдеҳаамро тез ба вагон ҷо карда хайру хуш мекунам. Вай шоду хуррам ин шаҳри пурмағал ё ки ба ибораи Сазоӣ, ин шаҳри ба мисли дудкаши печкаи чӯянии бобоёнамон тосидаро тарк карда мераваду дили банда сабук мешавад. Тамоми кӯфтагии чандрӯзаам дар як дам фаромӯш мешавад. Ҳама чизи ба назарам бархӯрда – сели одамони дар равуо буда, кӯчаҳои пурмошин, хуллас, ҳамааш аз буда зиёд зебо метобанд. Кош ҳамин дам афту ангори маро табиби бухороӣ медид! Афсӯс, вай ҳам ба поезд нишаст. Агар медид, бегумон мегуфт:

– Ту акнун зиқ не...

Ман аз перрони вокзал қанот баровarda ба кӯчаи калон баромадам. Дар ҳақиқат, дар ҳамин дақиқаҳо ман зиқ не, Одина Шарифӣ, кош медидед!

## ШӮХИҲОИ АБДУМАЛИК
### *(аз дафтари ҳаҷв)*

### Маслиҳат

Бо азобе чашм кушоям, зану бачаҳо наменамоянд. Майна орухона. Дина «фардо истироҳат» гӯён саҳл аз меъёр гузаштагӣ барин. Гӯё дилу ҷигарам месӯзад.

– Соя, ҳо занак, – аз таги кӯрпа набаромада фарёд кардам, – аз ҳамон айрони сардакаки яхдон як коса барор. Не, не, чойи хунуката мон, як коса айрон!

Баъди дақиқае зан дар даст коса даромада:

– Камтар хуред буд! – гуфт бо зарда.

– А? Аз рӯйи одат, ба шавҳар ҳудаю беҳуда маслиҳат додани зан айб аст!

Ё тавба! калимаи «маслиҳат» ба забонам омаду ҳушёр шудам ва ҳадаҳа ба кӯча баромадам, то ки вай – ду мӯйсафеди ҷангиро ёфта ба чойхона барам. Офтоб аллакай ба болои сар омада буд. Хоб баробари марг аст, мегӯянд, рост будааст. «Наход то нисфирӯзӣ мурда монӣ?!» – худро дар дил маломат кардам.

Ва як чашмам ба Ҷӯрамуроду Ҷумъабой – ду мӯйсафеди як моҳ боз қаҳрӣ афтид, ки аз тарафи чойхона ҳир-ҳир хандида меомаданд.

Худро дар як нафас ба хонаи Одина гирифтам аъзои баданам ларзида. Соҳибони хона бо назари суол ба рӯям менигаристанд авзои беҷойи маро дида.

– Ман се-чор рӯз аз дунболи дуяш гашта, маслиҳат дода, устухонҳоям сафед шуд-а! Моку барин гоҳ ба хонаи Ҷӯрамуроду гоҳ ба хонаи Ҷумъабой рафтам. Ба шумо – ду мӯйсафеди маъраказеб қаҳрӣ гаштан айб, то ки хандахариш нашавед як маслиҳати дилсӯзона дорам, гуфтам. Хуллас, ҳар дуро бо азобе барои ба муросо омадан розӣ кунондам. Дар чойхона дар сари зиёфат оштӣ шуданӣ буданд. Вазифаи косагулиро ҳам худам ба гардан гирифта будам.

– Чи, боз гапашон гурехтааст? – соҳибони хона пурсиданд.

– Кош гиребони ҳамдигарро гирифта кордзанӣ мекарданд!

– Ин хел нагӯед.

– Ваъдахилофӣ накунанд буд, номардӣ ба эбаш.

– Худаш, асли гап чӣ?

– Асли гап ҳамин ки, ба маслиҳати додаам дилам месӯзад. Зиёфатро бе ман хӯрдаанд вай падарлаънатҳои беимон. Гап якта, агар ҳар дуро боз ба ҷанг наандозам, ман Абдумалик не!

## Гиря карда наметавонам

Баҳримурод дар паси фармон нишаста, мошинро беозор ба сӯйи кӯҳпояи Нурато, ба деҳаи Эҷ медавонд.

– Телеграмма кай расид, гуфтӣ? – муҳри хомӯширо шикаст ӯ ба дӯсти ҳамсолаш Абдумалик рӯ оварда.

– Нисфи шаб.

– Шаб ба роҳ бароӣ, мешуд-ку?

– Бе ту рафтанӣ набудам, – Абдумалик низ хаёлолуд аз роҳ чашм наканда лаб кушод.

Ақрабаки соат ба болои ду наздик мерасиду мошин ба деҳаи Эҷ. Нохост, ғайричашмдошти Баҳримурод:

– Ҷӯра, – илтиҷо кард Абдумалик, – суръати мошинро саҳл камтар кун.

– Чӣ гуфтӣ? Инсоф дорӣ ё не? – Баҳримурод шӯрид. – Дар он ҷо тобути падаратро ба ту нигаҳ дошта шиштагистанд.

– Мақсади маро нафаҳмидӣ, ҷӯра, – сухани рафиқашро бо мулоимӣ ва гунаҳкорона аз даҳонаш гирифт Абдумалик, – ман як дарди бедаво дорам.

– Мабодо худат чаппа нашавӣ?

– Шукр, тану ҷонам бутун. Ман мехостам, – худро ба сафедкунӣ даромад Абдумалик, – ҳамин ки ҷасади падара ба хок супоранд, баъд ба деҳа расем.

– Аблаҳ! – бадтар даргирифт Баҳримурод, – фарзанде, ки аз пойи тобути падар намегирад, магар одам аст?

– Ту ҳақ, ҷӯра. Гап дар сари ин ки ман дар ҷанозаҳо гиря карда наметавонам.

– Дар ҷанозаи падарат ҳам?

– Сад дареғ, дар ҷанозаи падарам ҳам ба гумон аст гиря кунам.





***Дари дилро сухан бояд кушояд,***
***Сухан аз дил бурунояд, хуш ояд.***

## ШАКАР ДЕҲҚОН

## (1958 – 2010)

Шакар Деҳқон 24 январи соли 1958 дар деҳкадаи Сойхурди деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато таваллуд шудааст. Падараш Деҳқон Қӯзиев чӯпон ва боғдори шинохтае буд ва тамоми умр дар хизмати мардум камари ҳиммат бастааст. Модараш Рӯзигулапа ба ҷуз кадбонуӣ шуғли дигаре надошт, вале ба ҳар гуна корҳои суннатии занони деҳотӣ ворид буд.

Шакар Деҳқон пас аз хатми мактаби миёнаи деҳа таҳсили худро дар омӯзишгоҳи саноатии шаҳри Каттақӯрғон идома медиҳад. Ӯ маълумоти олӣ надошт. То охири умр бо касби падар, яъне бо чӯпонию деҳқонӣ чархи зиндагӣ гардондааст. Бо ҳамдеҳааш Шарбат хонадор шуда, панҷ фарзандро бо ҳам калон кардаанд.

Ҳанӯз дар овони наврасӣ Шакар равон-равон шеър мегуфт. Ӯ як тан шоири худрӯй ва бо истеъдоди фитрӣ буд ва худро шогирди Лоиқи ширинкалом мехонд. Бо дилбастагӣ ба ин эъҷозофари сухан, чеҳраю тобишҳои зиндагӣ ва ишқу муҳаббати беохири худ ба ҳастиву инсонҳоро дар абёти шогирдонааш тараннум мекард. Бо ихлоси баланд ба шоири бузург номи писарашро «Лоиқ» гузошта буд. Дар омади сухан мегуфт:

*Бе гулу булбул нишастам зиқ шудам,*
*Шеъри Лоиқ хондаму ошиқ шудам.*

Воқеан, ӯ марде буд ошиқи зиндагӣ ва бо гуфтани байтҳои содаву равон, бо сурудани шеърҳои омиёна дар дили ҳамдиёрони худ маъ-

во гирифтааст. Ба хусус, дубайтиҳои ин дӯстдори ҳаёт нозуктарин торҳои эҳсоси одамонро навозиш дода, ба қалбҳо суруру хушнудӣ ато мекунанд.

Ӯ шоири содаи деҳотӣ буд. Агарчи аз мактаби ҳақиқии шеъру шоирӣ нагузашта ва асрори илми каломи мавзунро нафаҳмида буд, чун марди худогоҳ ном баровард. Ҳама кору мушкилоти зиндагиро канор гузошта, зуд-зуд ба суроғи бузургони санъати сухан, барои вохӯрӣ бо аҳли қалам мешитофт. Бештар ба хотири аз байн бурдани каму костиҳои навиштаҳояш, бо ҳадафи дарёфтани мавзӯъ ва мантиқу маъниҳои нав сабақ мегирифт. Дар такмилу пешрафти ҳунари шоирии ӯ устодон – Абдулло Субҳон, Паймон, Акбар Пирӯзӣ, Йӯлдош Зокир, Абдуназари Набӣ ва сухангустарони рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Овози Самарқанд» саҳми босазо гузоштаанд. Аз пайи ин, бо таҳрик ва пуштибонии устод Ҳазрат Сабоҳӣ беҳтарин шеърҳои ӯ гирдиҳам омаданд ва соли дуҳазорум аз тариқи нашриёти давлатии «Ӯзбекистон» китоби «Мавҷи Сойхурд» ба табъ расид. Дар назди хонандагони тоҷик шоири нав бо исми Шакар Деҳқон, ки аз деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато буд, чеҳра боз кард. Муаллифи сарсухани китоби мазкур устод Ҳазрат Сабоҳӣ ҳини ошноӣ бо шеърҳои шоир эътироф кардааст: «…Аз дубайтиҳои ӯ, ки саршори оҳанги самимият буданд, бӯйи сабзаву гулҳои кӯҳсор меомад, нағмаи чашмасорон ба гӯш мерасид. Ман барои худ таъйин кардам, ки ин соҳиби қалам ҳатман аз кӯҳистон бошад, зеро дар ашъори шаҳриёни мо чунин бӯву чунин содагӣ камтар эҳсос мешавад». Ва поинтар меафзояд: «Ҳарчанд Шакар шоири мактабӣ нест, вале аз баъзе мактабиҳо хубу дилчасп менависад. Ман гумон мекунам, ки вай бештар дар сароидани дубайтиҳо, дар пайравӣ ба оҳанги дубайтиҳои мардумӣ комёб аст. Аксари дубайтиҳои Шакар Деҳқон мисли намунаҳои мардумии ин навъи шеър дилчаспу муъҷазанд, чун чашмасоре аз дили пурхурӯши вай берун омадаву бар дил менишинанд…».

Сад афсӯс, ин ошиқи содадил, вале худогоҳ натавонист умри дароз бинад. Аз сактаи бемаҳали қалб аз по афтод ва дар синни панҷоҳу сесолагӣ зиндагиро – ин мояи ҳастиро, ки ошиқи беқарораш буд, дар соли 2010 падруд гуфт. Мо бошем, бо шеъри худаш ӯро ёд мекунем:

*Дилу ҷонам фиғон дорад, гули ман,*
*Баҳори ман хазон дорад, гули ман.*

*Пас аз маргам суроғи шеъри ман кун,*
*Шакар шеъри равон дорад, гули ман.*

## ШЕЪРҲО

### Ай шеър

Бо ёди ту кардам садо,
Бишнид овоям Худо,
Шеъро, ту шоҳӣ ман гадо,
Зангӯла зан дар синаам.

Ай шеър, ай шеъри дарӣ,
Аз хурдӣ моро ёварӣ,
Дар туст моро боварӣ,
Зангӯла зан дар синаам.

Созам туӣ, сӯзам туӣ,
Ишқи дилафрӯзам туӣ,
Ай шеър, наврӯзам туӣ,
Зангӯла зан дар синаам.

Ҷомию Фониям туӣ,
Ёрони ҷониям туӣ,
Дарки маониям туӣ,
Зангӯла зан дар синаам.

Панди ниёгон дар ту аст,
Пиндори Сомон дар ту аст,
Уммеду армон дар ту аст,
Зангӯла зан дар синаам.

Бар дӯстдорон чун нишон,
Хоҳам бимонӣ ҷовидон!
Дар печухамҳои замон,
Зангӯла зан дар синаам.

## Бандаи ишқи туам...

Зиндагӣ афсонаву ишқи ту ҳам афсона аст,
Дар хаёлам акси рӯят шамъи рӯйи хона аст.
Ман талоши сарвати дунё надорам, баҳри ман
Як даҳан ҳарфи хушу зебои ту дурдона аст.
Донаи холи лабат бо бӯса мечинам ба меҳр,
Мурғи илҳомам басе андар талоши дона аст.
Ҳусни ту андар дилу дар хотирам бишкуфтааст,
Шавқи ман бар чорсӯйи ҳусни ту парвона аст.
Бандаи ишқи туам, нозат хумори зиндагист,
Аз хумори ишқи ту бар дасти ман паймона аст.

## Решапайванд

Бар сари қабри ту гирёнам, падар,
Ашки ғам аз дида афшонам, падар.
Шод будам бо ту армонам набуд,
Бе ту ман акнун пурармонам, падар.
Ман ҷавон будам ҷавониям гузашт,
Шуд хазон фасли гулафшонам, падар.
Решапайвандам ба ту ҳамчун ниҳол,
Решаи сахти дилу ҷонам, падар.

## Бо ёди баҳор

Ояд баҳори нозанин,
Аз нав ҷавонӣ мекунам.
Шабҳо ба ёди чашми ӯ,
Исторабонӣ мекунам.

Дар боғу дашту кӯҳсор,
Гулҳо муаттар мешаванд.
Аз партави хуршеди ишқ,
Дилҳо мунаввар мешаванд.

Симои ӯ пеши назар,
Ман сурати гул мекашам.
Ояд баҳори гулбасар,
Ово чу булбул мекашам.

Ояд баҳори нозанин,
Ғамҳо фаромӯш мешаванд.
Аз ҳам ҷудо афтодагон
Бо ҳам ба оғӯш мешаванд.

**ДУБАЙТИҲО**

Агар абёти ман азёд мешуд,
Зи шеърам ҳар касе дилшод мешуд.
Чу мурғи аз қафас озодгашта,
Дилам аз дарду ғам озод мешуд.

* * *

Агар дар зери чоҳам, модари ҷон,
Агар дар пеши моҳам, модари ҷон.
Дар ин дунёи ғампарвар, фақат ту
Расӣ бар доду оҳам, модари ҷон.

* * *

Агар ойӣ, зи даргоҳам гузар кун,
Ба аҳволи мани ошиқ назар кун.
Наям ман ташнаи оби зулоле,
Лаби хушкидаам бо бӯса тар кун.

* * *

Аё модар, манам арзандаи ту,
Манам як шуълаи лабхандаи ту.
Ҳама гӯянд, мо банди Худоем,
Худои ман туӣ, ман бандаи ту.

* * *

Аҷаб хуш рангу бӯ дорад, гули ман,
Чу гул бишкуфта рӯ дорад, гули ман.
Дубайтии маро бинмуда аз бар,
Ки бо ман гуфтугӯ дорад, гули ман.

* * *

Баҳори пурнигор омад, гули ман,
Бубин турна қатор омад, гули ман.
Зи лабҳои асалгун бӯса хоҳам,
Шакар дилбеқарор омад, гули ман.

* * *

Ватан маъвои беҳамтои дил аст,
Чинори қоматам з-ин обу гил аст.
Муборакбод гӯям ин хуширо,
Диёрам – Ӯзбакистон мустақил аст.

* * *

Гули ман, хандаи рӯят – дубайтӣ,
Ба ҳам печидани мӯят – дубайтӣ.
Даме бо ман нишину ҳамдилам бош,
Дилам бахри ту мегӯяд дубайтӣ.

* * *

Гули ман, хандаҳоят дилнишин аст,
Муаттар зулфи ту чун мушки Чин аст.
Шакар, эй Шарбатам, гардад зи лабҳот,
Ки дар лабҳот шаҳду ангубин аст.

* * *

Гурӯҳе ҳеҷ карда боовариро,
Фаромӯш кардаанд одамгариро.
Куҷо шуд ранҷҳои модари зор,
Намедонанд лафзи модариро.

* * *

Дилам аз дарду ғам менолад имшаб,
Чароғи масканам месӯзад имшаб.
Қалам дар дасти ман чун теғи Рустам,
Ба рағми душманам метозад имшаб.

* * *

Дилам чун чашмасорон ҷӯш дорад,
Зи оби чашмасорон нӯш дорад.
Суруди чашмасорон карда аз бар,
Навои чашмаҳо бар гӯш дорад.

* * *

Диле хоҳам чу гул озода бошад,
Диле хоҳам чу ман дилдода бошад.
Диле хоҳам мисоли ҷоми Хайём,
Пур аз шеъру хумори бода бошад.

* * *

Дило, булбул ба боғи ман наёмад,
Даме гул бар суроғи ман наёмад.
Саҳар бо шому шаб бо субҳ пайваст,
Аниси ишқу доғи ман наёмад.

* * *

Дилу ҷонам фиғон дорад, гули ман,
Баҳори ман хазон дорад, гули ман.
Пас аз маргам суроғи шеъри ман кун,
Шакар шеъри равон дорад, гули ман.

* * *

Ду-се байте, ки дорад дафтари ман,
Бувад хуршеду моҳу ахтари ман.
Зи шеърам бӯйи шири модар ояд,
Ба лаб ояд яке шеъри тари ман.

* * *

Ду чашмат чашмаи илҳоми ёр аст,
Чу гул бишкуфтани ҳуснат баҳор аст.
Ба ин чашму ба ин ҳусне, ки дорӣ,
Шакар ошиқ шавад, хушрӯзгор аст.

* * *

Замоне дар лабам шеъри таре буд,
Дили ман дар бари гулдухтаре буд.
Ҳама ошиқ буданду лек дар асл
Шакар аз ошиқон ошиқтаре буд.

* * *

Кунам чун ёди халқи титу ҳайрон,
Бисӯзам аз ғами дарди фаровон.
Худовандо, маро бо Ман бипайванд,
Маро аз Ман ҷудо карданд ёрон.

* * *

Маро ин шӯру савдо аз муҳаббат,
Маро ин ҷони шайдо аз муҳаббат.
Дилам аз сӯзи ишқат ранги нав дид,
Туро кардам чу пайдо аз муҳаббат.

* * *

Маро ирфони ҷонам шуд, муаллим,
Ба ҷойи ҷони ҷонам шуд, муаллим.
Гирифтам аз муаллим ҷони таълим,
Балогардони ҷонам шуд, муаллим.

* * *

Муҳаббат дар дили ман хона карда,
Маро дар ошиқӣ афсона карда.
Хаёлам мебарад бар сӯйи Лайлӣ,
Диламро Маҷнуни девона карда.

* * *

Падар рафтӣ, нигоҳам пур зи нам шуд,
Дилам пур аз ғаму дарду алам шуд.
Накардам пеша чӯпонӣ-т, аммо
Асои ту ба дасти ман қалам шуд.

* * *

Туӣ савту суруди мо, падарҷон,
Туӣ буду набуди мо, падарҷон.
Раҳи тайкардаат пасту баланд аст,
Чу роҳи Сойхурди мо, падарҷон.

* * *

Хаёлам бо ту банд аст, ай гул, ай гул,
Лабонат ҳамчу қанд аст, ай гул, ай гул.
Бихоҳам бӯсае чанд аз лабонат,
Ки нархи бӯса чанд аст, ай гул, ай гул?

* * *

Харобам мекунад доғи дили ман,
Азобам медиҳад зоғи дили ман.
Насими ишқат-ар боре хиромад,
Гулафшон мешавад боғи дили ман.

* * *

Ҳама як меҳрубон дорад, гули ман,
Ҳама як соябон дорад, гули ман.
Ҳама доранд агар ширинлабонро,
Шакар ширинзабон дорад, гули ман.

* * *

Чу гул бишкуфтанатро ёд кардам,
«Азизам» гуфтанатро ёд кардам.
Чу дидам бистару болини холӣ,
Канорам хуфтанатро ёд кардам.

* * *

Чу ман дар суҳбати ҷононам имшаб,
Пайи иҷрои ҳар фармонам имшаб.
Агар фармон диҳад, дар пеши пояш
Диламро кандаву мемонам имшаб.

* * *

Чу Ҳофиз дур суфтан – бахти ноёб,
Сухан аз ишқ гуфтан – бахти ноёб.
Чу Саъдӣ умр дидан то ба сад сол,
Чу гул боре шукуфтан – бахти ноёб.

* * *

Ҷаҳон моро ба ҳар ҷое расонда,
Сари моро ба маҷрое расонда.
Ба сахтию ба савдои муҳаббат,
Дили моро ба Лайлое расонда.

* * *

Шавад, эй кош, шеърам нӯши мардум,
Наафтад бори ман бар дӯши мардум.
Навозад мутрибе тори диламро,
Расад оҳанги дил бар гӯши мардум.

* * *

Шунав бо гӯши дил пандам, писарҷон,
Туӣ ҷону ҷигарбандам, писарҷон.
Илоҳо бахти ту хандад шабу рӯз,
Ба бахти ту фақат хандам, писарҷон.

## АБЁТ

Бе гулу булбул нишастам зиқ шудам,
Шеъри Лоиқ хондаму ошиқ шудам.

Бо ёди шеъру шоирӣ шаб рӯз мекунам,
Ҷонам фидои одами дилсӯз мекунам.

Дари дилро сухан бояд кушояд,
Сухан аз дил бурун ояд, хуш ояд.

Дар оташи шед хоку гил месӯзад,
Аз рашку ҳасад даруни дил месӯзад.

Ман бо ту будам, нигори ҷодубасаре,
Афсӯс, ту бо манию сар бо дигаре.

Ман мемираму зиндагиям мемонад,
Ҳар шеъри маро зиндадиле мехонад.

Таннози дилам, чаро маро бас кардӣ?
Дилсӯзии худ чу сӯхтани хас кардӣ.

Ҳар ки донад зиндагиро оқил аст,
Зиндагӣ кардан ба нодон мушкил аст.



***Гар зеби чаман табассуми гул бошад,***
***Дар боғи ҷаҳон хандаи модар зебад.***



**ЗАЙНАБ**
**(1958)**

Зайнаб Амонова (Эгамдухт) 2-юми декабри соли 1958 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато дида ба дунё кушодааст. Падараш Эгам Шодмонов устои деворзан ва дуредгару боғдори чирадасте буд ва ҳамдеҳагон ӯро бо исми Усто Эгам ном мебурданд. Модараш – Ӯзбакой аз танӯрсозони моҳири деҳа аст, гӯяндагӣ ҳам мекунад, аз пайи шавҳари худ дар токпарварӣ беҳамтост.

Зайнаб мактаби миёнаи даҳсолаи деҳаро дар соли 1976 бо муваффақият тамом мекунад. Ӯ орзу дошт таҳсили худро дар риш-таи баҳрабардорӣ аз мошинҳои кишоварзӣ идома диҳад, зеро дар он солҳо занони қаҳрамоне бо мошинронии худ дар соҳаи деҳқонӣ, ба монанди Турсуной Охунова, ҳушу хаёли духтараконро рабуда буданд. Вале падари сахтгир нагузошт, ки духтари содаи деҳотӣ ба шаҳр равад. Зайнаб дар хона монда, ду сол ба зиндагии модар ёрӣ мерасонад ва дар синни бистсолагӣ бо ҷавоне ба исми Хушвақт, ки писари ҳамсояи девордармиён буд, издивоҷ мекунад. Онҳо дар тӯли зиндагии муштарак соҳиби шаш фарзанд – чор писару ду духтар ме-шаванд.

Азбаски падаршӯйи Зайнаб ва шавҳараш чӯпон буданд ва парвои яке аз рамаҳои сершумори хоҷагии ҷамоавии «Нурато»-ро ба ӯҳда доштанд, вай низ ба ин кори пурзаҳмат мепайвандад. Дере нагузашта падаршӯ аз олам чашм мепӯшад ва шавҳари носипос аз зиндагӣ низ хонаводаи худро тарк мекунад. Тарбияти фарзандон ва бар замми ин, нигаҳбонии рамаи гӯсфанд бар дӯши Зайнаб меафтад. Бо ин ҳол,

зани деҳотии сахтҷон, зане, ки ҷисму ҷонашро бо кору заҳмат пазондааст, аз пешомади тақдир намеҳаросад. Ҳар гуна «тафти биёбонӣ», «хунукбоди зимистонӣ» ва «селу жолаю борон»-и табиатро нодида гирифта, чархи рӯзгор мегардонад. Ӯ на танҳо писару духтарони худро ба воя расонда хонаю ҷойдор мекунад, ҳатто бо номи сарчӯпони пешқадам дар саросари вилоят шуҳрат мeёбад ва бар ивази корҳои содиқонааш бо медали «Шуҳрат» ва чандин бор ба подошу кумакҳои моддии роҳбарони ноҳия ва вилоят сазовор мегардад.

Зайнаб дар муҳити гарми хонавода бузург шуда, аз наврасӣ, ҳанӯз дар овони мактабхонӣ ба шеъру шоирӣ алоқаи хосе пайдо карда буд. Ҳама медонист, ки ӯ шеър мегӯяд, аммо қаламиҳои худро ба касе нишон намедод. Бештар дар нишасту суҳбатҳои дӯстона, дар тӯю арӯсиҳои ҳамдеҳагон шеърҳои бофтаи худро қироат мекард ва илҳому хурсандиҳои худро бо ҳамнишастон баҳам медид. Ба ин нигоҳ накарда, гоҳ-гоҳ ҳаводорони ӯ шеърҳояшро «медуздиданд» ва ба рӯзномаи ноҳиявии «Илғор чорводор» (ин рӯзнома як саҳифаи тоҷикӣ бо номи «Рангинкамон» дошт ва ҳоло бо исми «Нурнома» чоп мешавад) ва рӯзномаҳои «Овози Самарқанд» ва «Овози тоҷик» мефиристоданд.

Ниҳоят, нахустин маҷмӯаи шеърҳои Зайнаб Эгамдухт дар соли 2008 аз тариқи нашриёти давлатии «Ӯзбекистон» таҳти унвони «Ҳулбӯйи Каттаэҷ» ба табъ мерасад. Дар сарсухани ин китоб шоир Абдулло Субҳон чунин изҳори назар кардааст: «Дур аз муҳити адабӣ бори сангини зиндагӣ ва суханро якҷо кашидан кори осон нест. Машқҳои Зайнаб дар сатҳи он шеъргунаҳоест, ки дар матбуоти даврӣ рӯйи чопро мебинанд... Қобили эътироф аст, ки дар муҳите, ба мисли шароити деҳаи дурдасти кӯҳистонӣ, дар ин поя ҳарф задан худ қаҳрамонист».

Дар воқеъ, Зайнаб илми шеърро комилан нахондааст, аммо ӯ аз зумраи шоирони худрӯест, ки илҳоми саршор аз муҳаббат ва ишқу алоқа ба падидаҳои зиндагӣ, ба ватан, ба пайвандонро дорад. Ӯ бо забони фаҳмо дарду розҳо, нозу умедҳои ҳаётиро баён медорад ва орзую ҳавасҳои бачагонро месарояд. Шоира аз ранҷу укубатҳои зиндагӣ наҳаросида, номардии баъзе афроди атрофи худро нодида гирифта, бо итминон рӯз мегузаронад ва бо ин саъю талош пайваста комгор асту ба кӯйи мурод мерасад.

# ШЕЪРҲО

## Натарсам...

Аз хеш натарсам, зи ғами хеш натарсам,
Аз баддаҳану туҳмати нокеш натарсам.
Гар шатта занад панҷаи тақдир ба рӯям,
Бар сар бикашам ҷомаи дарвеш, натарсам.
Номард занад бар сари ман санги маломат,
Сангаш бизанам, аз сияҳандеш натарсам.
Гар пири ниҳон мекунад аз ранҷ ишора,
Аз ранҷу азоби буда дар пеш, натарсам.

## Кишвари маҳбуби ман

Ӯзбакистон, кишвари маҳбуби ман,
Дӯст дорам ҳар ваҷаб хоки туро.
Саҷдагоҳи модар, обои манӣ,
Дар дилам ҷо кардам афлоки туро.

Дӯст дорам шоми пуристораат,
Ахтари бахти маро бинмо ба ман.
Бо суруди чашмаҳоят зиндаам,
Ман агар мурғам, туӣ боғу чаман.

Халқи ту ҳимматбаланд аст аз азал,
Ман ғуломи ҳиммати ин мардумам,
Ғарқ дар дарёи ишқам, дар барат
Ту маро ҳаргиз маҷӯ, ман як гумам.

## Деҳаи ман

Ӯзбакистон,
Деҳаам як пораи туст,
Порае дар мағзи кӯҳсор.
Теппаҳояш лухту урён,
Бо ҷамоле:

зулфакош аз хор раста,
рӯдҳояш хушку беоб.
Гарди ҳасрат
рӯйи қалби дӯстдоронаш нишаста…
Дӯст дорам деҳаамро!
Бо ҳама пайроҳаҳояш,
бо намуди бенамояш,
бо занони тапписӯзу мардҳои ҷонфидояш.
Деҳаи ман!
Бенасиб аз шуълаи газ,
бенасиб аз лӯлаи об,
Гашта пинҳон дар миёни кӯҳҳои сӯхтаву дашти хароб,
Деҳае, ки сокинонаш гӯиё рафта ба хоб...

**Шинохти одам**

Ба дунё одами бисёр дидам,
Яке беғам, яке ғамхор дидам.
Яке сахту хасису нотавонбин,
Яке боҳиммату марди ҷаҳонбин.
Яке дорад хаёли молу давлат,
Дигар собир, надорад ёди савлат.
Яке гурги гурусна дар дами дар,
Дигар дунболи кореву ҳунарвар.
Яке шӯр афканад, дилҳо гудозад,
Ба мардум, дигаре, масҷид созад.
Дареғо, одамӣ яксон набудаст,
Дар ин олам ҳама Инсон набудаст.

**Ёри бевафо**

Ёри ман охир ба ман номеҳрубонӣ карду рафт,
Хоинӣ бар аҳли байти худ ниҳонӣ карду рафт.
Бори ишқ аз дӯши худ афканда андар нисфи роҳ,
Рафт, бар ҳамсоядухтар меҳрубонӣ карду рафт.
Мушкилӣ бисёр буд, мушкилкушо пайдо нашуд,

Мушкилоти зиндагӣ бар ӯ гаронӣ карду рафт.
Рафт аз ёдаш ҳама меҳру навои кӯдакон,
Бо дили беморгашта котабонӣ[1] карду рафт.
Ношикаста ташнагии Зайнаби бечораро,
Аҳду паймонро шикасту қалтабонӣ[2] карду рафт.

## Ганҷи зиндагӣ

Насиҳат мекунад гаҳ ину оне,
Зи пастию баланди зиндагонӣ:
Барои худ гузинам роҳи осон,
Ба осонӣ биёбам луқмаи нон.
Ба дастам даста-даста пул ояд,
Ба мисли дастаи гул мӯл ояд.
Вале дар сар маро фикре ба ҷӯш аст,
Ҳар он чи муфт меояд на хуш аст.
Маро тафти биёбонӣ хуш ояд,
Хунукбоди зимистонӣ хуш ояд.
Зи селу жолаю борон натарсам,
Ҳам аз безории гургон натарсам...
Ба гӯшам мерасад аз дур ин гап:
«Ҳама ганҷ аз пайи ранҷ аст, Зайнаб!».

## Арзи чӯпон

Маконам ҷойи беоб аст,
Саросар теғи афтоб аст.
Ба дунболи рама гардам,
Ба дастам машки пуроб аст.

Зимистон сахт меояд,
Ҳама сӯ барф меборад.

[1] **котабонӣ** – духтарбозӣ;
[2] **қалтабонӣ** – пастӣ, бадтинатӣ.

Вале ман дар пайи молам,
Вуҷудам ҳавр меорад.

Надорам хонаи гарме,
Вале саҳрои гармам ҳаст.
Ба ҷойи болини роҳат,
Таги сар санги «нарм»-ам ҳаст.

Асоси ризқу рӯзиям,
Ба дасти худ асо дорам.
Китобу хома ҳамроҳам,
Басе ногуфтаҳо дорам.

Маро доим мададгор аст,
Руҳи шоди падарҷонам.
Бароям неру мебахшад,
Худои азму имонам.

**Ёди падар**

Ҳар гаҳ падар ояд ба ёд,
Титу парешон мешавам.
Афтода дар як гӯшае,
Беҳолу дармон мешавам.

Бо кумаку панди падар,
Пур шуд зи неъмат хонаам.
Гоҳе, ки ӯ дар хона буд,
Пурфайз шуд кошонаам.

Акнун надорам соябон,
Доманкушо мисли падар.
Дасти кушоде дошт ӯ,
Бар дурҳо рафт аз назар.

Ганҷи зи дастам рафтаро,
Дигар намеёбам, дареғ,
Аз ин тараф, аз он тараф,
Беҳуда мекобам, дареғ!

Ин духтарат, эй қиблагоҳ,
Ёди ту беминнат кунад.
Раҳмат кунад бар ту Худо,
Шоистаи ҷаннат кунад.

## Меҳри модар

Аё модар, дилам бисёр мехоҳад,
Чу хуршеди баҳорӣ бар сарам бошӣ.
Шудам пазмони оғӯшу навозишҳот,
Чи мешуд мисли пешин дар барам бошӣ.

Ба хотир субҳгоҳи ширгун ояд,
Ки мепухтӣ саҳар деги пур аз шират.
Ҳанӯзам ёди сарширу қатиқ[1] ояд,
Муроот кардӣ бо хони пур аз меҳрат.

Аё модар, замоне домани покат
Ба уммеде гирифтам, раҳравон бошам.
Ба гӯшам ҳалқа мекардӣ суханҳоят,
Ки рӯзе як сухандони замон бошам.

Кунун, модар, дилам бисёр мехоҳад,
Навозӣ духтари ширинадоятро.
Ба меҳри модарӣ сад раҳ зи пешонӣ,
Бибӯсӣ бо муҳаббат ин гадоятро.

## Омад баҳорон

Хуршеди тобон
Дунболи борон,
Гӯянд имрӯз:
«Омад баҳорон!»

[1] **қатиқ** – ҷурғот, мост

Дар талу теппа
Сабза дамида,
Бойчечак хандад
Ҳулбӯро дида.

Дар домани кӯҳ
Бузғола тозон,
Болои санге
Кабке ғазалхон.

Чаҳ-чаҳи булбул
Аз шохсорон,
Атри гули Рӯз
Ҳар ҷо фаровон.

Қолии Наврӯз
Хушрангу зебо,
Бар фарқи ҷонон
Чанбари гулҳо…

Омад баҳорон,
Дунё дилафрӯз.
Бошад баҳорон,
Имрӯзу ҳар рӯз!

## ДУБАЙТИҲО

Аз он рӯзе ба паҳлу ёр дидам,
Ту гӯйӣ, бистари пурхор дидам.
Худоё, ин чи қисмат буд, ӯро
Ба ёри дигаре ғамхор дидам.

* * *

Ба дарди ман давое нест пайдо,
Чи бошад пеши он доруи Сино?
Шифо бахшад ба ман танҳо муҳаббат,
Ки бошад он қуту дармони дунё.

* * *

Ба дасти зиндагонӣ хор гаштам,
Ба боғи ошиқӣ бебор гаштам.
Ҷавонӣ аз хушиҳо бехабар рафт,
Ба меҳри дӯстдоре зор гаштам.

* * *

Баҳор омад, диле масти хумор аст,
Шабонгаҳ дилбаре паҳлуи ёр аст.
Магарки дидаанд истораи хеш,
Вале арши шаби ман пурғубор аст.

* * *

Гирифтӣ бо ҳавас дасти дили ман,
Чароғон шуд саропо манзили ман.
Вале ҷоми вафоро чун шикастӣ,
Бишуд хомӯш шамъи маҳфили ман.

* * *

Маро умри ҷавонӣ бесамар рафт,
Ба сахтӣ дар канори бадгуҳар рафт.
Надидам як нигоҳи гарми ҷонон,
Дареғо, нолаҳоям бесамар рафт.

* * *

Падарҷон, нолаҳоят сози ман аст,
Садоят зинда дар овози ман аст.
Аз олам рафтаӣ, дигар нагардӣ,
Валекин рӯҳи ту ҳамрози ман аст.

* * *

Падарҷон, номи ту вирди забон шуд,
Набудӣ, Эгами[1] усто аён шуд.
Ҳама эҳё шавад дар аввали сол,
Баҳорон умри ту, аммо, хазон шуд.

[1] Эгам – исми падари шоира

# РУБОИҲО

Аз хона равӣ ту бо дили оканда,
Овоза макун, ки: «Ҳамсари ман ганда».
Гар ганда манам, ганди маро ифшо кун,
Дар ғайб магӯ, ки мешавӣ шарманда.

* * *

Булбул шаваму макон гирам аз лаби бом,
Чаҳ-чаҳ бизанам дар ҳузурат то дами шом.
Ту маст шавӣ, сар бизанӣ кӯзаи нав,
Пешат шинаму бода хурам аз лаби ҷом.

* * *

Дар тоқи фазо рақси кабӯтар зебад,
Бар об шукуфтани нилуфар зебад.
Гар зеби чаман табассуми гул бошад,
Дар боғи ҷаҳон хандаи модар зебад.

* * *

Ду дидаи модарам пур аз асрор аст,
Қалбаш зи муҳаббату вафо саршор аст.
Модар чу дарахти боғу мо меваи он,
Афтем чу нопухта, дилаш бемор аст.

* * *

То охири дам якдилу яктан бошем,
Дар фонуси дил пилтаву равған бошем.
Сӯзем баякҷоя дар ин сӯзишгоҳ,
Дар ишқмакон чароғи равшан бошем.

* * *

Эй ёри азиз, чи хуш харидор шудӣ,
Бо хоҳиши кӣ, бигӯ, маро ёр шудӣ?
Гар чашми муҳаббатат ба сӯйи дигарест,
Дилҳора чаро боиси озор шудӣ?

***«... Худо худаш ба ҳар кӣ инсоф диҳад! Фаромӯш накун, ки нон додан савоб аст, ба хусус, ба касоне, ки муҳтоҷанд...»***



**ЮНУСИ ИМОМНАЗАР**

**(1964)**

Юнуси Имомназар (Нурназаров) аввали моҳи декабри соли 1964 дар деҳаи Эҷи шаҳристони Нурато, ки он вақт мутааллиқ ба вилояти Самарқанд буд (ҳоло Навоӣ), зода шудааст. Падараш Имомназар Нурназаров аз соли 1929 то соли 1990 умр дида, чархи рӯзгори худро бо касби духтурӣ гардондааст. Ҳоло ӯро дар ҳама нуқоти ноҳияи Нурато – чи дар шаҳру чи дар деҳот ва чи дар авулҳо ҳамчун шифокори дақиқкор ва додрас ба некӣ ёд мекунанд. Модараш – Ҳанифа Нурназарова (духтари Абдунабӣ) аз соли 1936 то соли 2014 ҳаёт ба сар бурда, дар назди пиру ҷавон ҳамчун зани кӯҳгард, танӯрсозу қолибофи ҳунарманд ва гӯяндаи сурудҳои мардумӣ шинохта шудааст.

Юнуси Имомназар таҳсили ибтидоӣ ва миёнаро дар мактаби рақами 43-юми зодгоҳ (1972 – 1982) фаро мегирад. Пас аз хатми мактаб ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (шуъбаи форсии факултаи Забонҳои шарқ) дохил шуда, дар соли дуюми донишҷӯйӣ ба хизмати ҳарбӣ меравад. Аз моҳи сентябри соли 1986, пас аз итмоми сарбозӣ (дар Олмон), таҳсили худро дар донишгоҳ идома медиҳад ва онро соли 1989 бо ихтисоси филолог, муаллими забону адабиёти тоҷик ва забони форсӣ ба поён мерасонад.

Пас аз хатми донишгоҳ фаъолияти кории Юнуси Имомназар оғоз меёбад. Ӯ як сол дар мактаби миёнаи деҳаи Қандак, ки марбут ба шуъбаи маорифи шаҳри Роғун (Тоҷикистон) буд, аз фанҳои забону адабиёти тоҷик ва забони форсӣ дарс медиҳад. Дақиқан ҳамин фаъо-

лият аз соли 1990 то соли 1996 дар мактаби миёнаи зодгоҳаш идома меёбад.

Моҳи апрели соли 1996 Юнуси Имомназар бо даъвати раёсати Сарредаксияи «Дӯстлик»-и Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Ӯзбекистон ба Тошкандшаҳр омада, то соли 2000 дар шуъбаи тоҷикӣ ҳамчун муҳаррири калон ва ҳамзамон дар бахши форсии барномаҳои берунмарзӣ ба унвони мутарҷим ифои вазифа мекунад. Дар ин давра ӯ бо роҳнамоии устодони худшинос Холназар Ӯролзода ва Тоҷибой Икром ба Маркази байналмилалии тоҷикони Тошканд – «Ориёно» ҷалб мегардад ва то имрӯз яке аз фаъолони ин созмони миллӣ аст.

Вақте ки ширкати байналмилалии «Шимбор»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон амалиёти густурдаи худро дар бахши эҳдосу навсозии шабакаҳои обрасонии Ӯзбекистон оғоз менамояд, Юнуси Имомназар ба ҳайси мутарҷим ва коргузори идорӣ ба он ҷалб мегардад ва то ба ҳол дар ин ширкат, ки аллакай чандин воҳиди пумпхона, манбаъҳои заминӣ ва ҳавоии об, хлорзанӣ, тасфияхонаи об, хатҳои лӯла ва дигар корҳои системи обрасониро дар шаҳристонҳои ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳои Хоразм, Сурхондарё, Дизах анҷом додааст, фаъолият дорад.

Юнуси Имомназар ҳанӯз дар овони кӯдакӣ ба шеър гуфтану мақола ва ҳикоянависӣ шавқу майл дошт. Ин ангезаи фикрии ӯ дар солҳои омӯзгорӣ ва ба вижа, ҳангоми фаъолияти рӯзноманигорӣ дар Тошканд ба авҷ расид. Навиштаҳои худро аксаран дар рӯзномаи ҷумҳурии «Овози тоҷик», рӯзномаи байналмилалии «Фарҳанги Осиёи Марказӣ», рӯзномаҳои «Овози Самарқанд» ва «Омӯзгор» ба чоп мерасонд. Бори аввал ёддоштҳои худро аз сафари анҷомдодааш ба шаҳрҳои Шерозу Исфаҳон ва Теҳрони Эрон ба шакли китоб бо номи «Аз гулгашти Мусалло то Нақши Ҷаҳон» дар соли 2008 аз тариқи нашриёти давлатии «Ӯзбекистон» дастраси хонандагон гардонид. Китоби дувуми ӯ бо номи «Аз санг сахт, аз гул нозук» дар соли 2010 аз тариқи нашриёти «Ӯзбекистон» ва матбааи «Extremum press» чоп шуд. Ин нахустин китоби нависанда аст, ки ба таври интихобӣ осори дар солҳои мухталиф эҷодкардаи ӯро фаро мегирад. Қисми аввали ин китоб аз ёздаҳ ҳикоя ва қиссаҳои «Мардикор», «Аз санг сахт, аз гул нозук», «Арӯси хона» иборат буда, бахши дувум як силсила очерку мақолаҳои публитсистӣ ва таҳлилию фарҳангии адибро

дарбар мегирад. Соли 2014 китоби навбатии мавсуф бо номи «Ҷоми саргардон» тавассути нашриёти «Tamaddun» дар матбааи «Тӯрон» ба чоп мерасад, ки қиссаҳои «Гурез аз худ», «Равзанаи умед» ва дувоздаҳ достони кӯтоҳро фаро мегирад.

Адиб бо тахаллуси адабии Юнуси Имомназар хома меронад. Дар хусуси китобҳои ӯ  дар матбуоти кишвар мақолаҳои таҳлилию интиқодӣ (аз тарафи шоирон Абдулло Субҳон ва Паймон, нависанда ва шоир Муҳаммад Шодӣ, рӯзноманигор Тоҷибой Икромов, омӯзгор Нурулло Солеҳов) ба чоп расида, тавассути шабакаи ҷаҳонии интернетӣ мақолаҳои пажӯҳишӣ-таҳлилии шоир ва нависандаи тоҷикистонӣ Марямбонуи Фарғонӣ ба таваҷҷуҳи хонандагон ироа шудаанд. Адиб бо шабакаи ҷаҳонии интернет, ки чун тори анкабут саросари ҷаҳонро фаро гирифтааст, робитаи ногусастанӣ дорад. Дар саҳифаҳои интернетии худ пайваста маводи хонданибоб ва ҷолиби фарҳангӣ, адабӣ, ҳунарӣ ва омӯзиширо ҷой медиҳад. Ба хусус, дар силсиласомонаҳои «Фейсбук» хеле фаъол аст ва дӯстони зиёд дорад.

Ҳамсари Юнуси Имомназар – Истадхон Ҳакимзода тоҷикдухтари эҷист, маълумоти мактаби миёнаро дорад, кадбону мебошад. Чор фарзанд – ду писар ва ду духтар дорад, бо исмҳои Беҳрӯз, Наврӯзгул, Баҳманёр, Моҳрӯ.

Нишонии электронии Юнуси Имомназар дар интернет:

«Yunus-Imomnazar@mail.ru» ва сомона(вебсайт)-и интернетии ӯ: «yunus.okis.ru»

## ЧАНД НАМУНА АЗ ДОСТОНҲОИ КӮТОҲ

### Нолаи хар

Вақте ки мегӯянд, аз ҳама муғамбир ва аблаҳтарин ҳайвон хар аст, ман қабул надорам. Зеро то чашм кушода ҳар хареро, ки дар деҳаамон дидаам, нисбат ба ҳайвонҳои дигар гапшунаву донотар буд. Воқеан, аз хар хубтар «кола»-и каммасрафу дастёри беминнат надоштем. Нисфи корҳои зиндагиамонро ҳамин ҷонвар анҷом медод ва хонае ҳам набуд, ки соҳиби як ё ду хар набошад.

Ёдам ҳаст, ман дар синфи панҷум мехондаму яке аз рӯзҳои сарди зимистон хари хокистариранги дарамон, ки даҳ соли тамом барои мо

қуввату хизмати худро дареғ надошта буд, мурда монд. Аз даргузашти он, ба хусус, модарам хеле ғамгин шуд. Ӯ чанд муддат малӯлу дилозурда фақат оҳ мекашид ва ба касе майли суҳбату гуфтугӯ надошт. Падарам бошад, азбаски ҳеҷ гоҳ кораш ба хар намеафтид, парво намекард ва ба озурдагии модарам хандааш омада боре гуфт: «Худаш хар будаасту ин қадар мотам?! Баҳор, ки шуд, лӯлиҳо боз меоянд, як хари дигар мехарем!».

Дар ҳақиқат, гуфтаи падарам шуд. Баҳори он сол як тӯда лӯлӣ ба деҳаи мо низ омаданд ва дар паҳнои гузари Доничак, болотар аз хонаи мо, чодар заданд. Онҳо бо худ чанд хару курраро низ оварда буданд. Падарам ба ваъдаи худ вафо карда, аз лӯлиҳо боз як хари бақуввати тӯсирангро харид. Пеш аз ҳама ман бар он савор шудам ва ба ин тарафу он тараф йӯрғаву қулоч давонда имтиҳон кардам. Аз он пас дар хонаамон маро ба хар вобаста карданд ва нигоҳубиниву парвариши онро ба ӯҳдаам гузоштанд. Барои мо, ба хусус, барои модарам хурсандиҳои аз ёд рафта бо расидани ин боркаши нав дубора зинда шуд.

Гӯшдарози мо аз ҳамҷинси қаблиаш ҳам фармонбару зиракттар буд. Вақте ки маро медид, ҳар гуна нозу истиғнои худро, аз алвонҷ додани гӯшу дум сар карда то ҳик-ҳику ҳангоси баланд, арзонӣ медошт. Ҳангоми бастани полону абзораш оромона дар ҷо меистод ва ҳар гоҳ ба пушташ менишастам, бо ишоратҳои ман гардан метофт ва ҳаракоти худро бо маромҳои лӯккаву йӯрғаву қулоч якзайл анҷом медод. Коркашиҳоямон аз ӯ аксаран дар се моҳи таътил, ки дар фасли тобистон доир мегардид, сурат мегирифт. Мо ҳанӯз дар фасли тобистон ғами зимистонро мехӯрдем ва аз рӯйи одат, ҳар сол барои молҳои дарамон ҳадди ақал панҷоҳ хар эбудаю робаю карок барин хошоку алафи ёбоӣ ва барои печкаву танӯру оташдон ҳам чил-панҷоҳ хар ҳезуми хушк аз дашту кӯҳ мекашондем. Овардани ин ҳама бор, албатта, ба дӯши «дастёр»-и беминнати мо буд ва он ҳам ҳеҷ гоҳ «гарданшахӣ» намекард.

Хеле ҷолиб буд, ки ҳини ба чӯлу кӯҳу кӯтал рафтан ҳаргиз ба харамон хатти ҳаракатро нишон намедодем. Ҷонвар беист моро то ба манзил мерасонд. Фақат дар дуроҳаҳо лозим меомад каме роҳбаладӣ кунем, бо нихтаи халачӯб ҷонварро ба чап ё ба рост ҳидоят мекардем. Гузашта аз ҷодаҳои мустақими саҳроӣ, дастёри мо ба роҳакҳои

качукилеби нишебу фарозҳои кӯҳӣ низ бахубӣ хӯ гирифта буд ва алалхусус, ҳангоми бозгашт, вақте ки зери бор буд, аслан коре бо вай надоштем. Медонист бо кадом роҳ ва бо чӣ мароме борашро то манзил расонад.

Ҳодисаи як рӯзи ҳезумкашонии ману бародарам аз дараи Фечаки беоб, ки иттифоқан рух дода буд, ҳеҷ гоҳ аз хотир намеафтад. Дар он рӯз мо аз новаҳои пурпечу хам ва роҳҳои мушкилгузар убур карда, дар кунчи дара мавзеъ гирифтем. Дар андак вақт як хар ҳезуми хушк, ки фақат тарошаҳои бодом буд, омода сохтем. Бародарам ба ман фармуд, ки дулингаро баста ба хар бор кунам ва худаш ҳам поинтар ба гирдуғун кардани тарошаҳои сарборӣ машғул шуд. Ман ресмонро ду рад гузошта, ҳезумҳои ҳар ду лингаро мураттаб дарчидам. Сипас, ҳамин ки харро ба зери бор овардонӣ шудам, ғайриинтизор, ҷонвар якравикунон гардан даст надод. Маҷбур шудам, ду-се лагад ба кафалу чанд халачӯб ба сару гарданаш фарорам. Аммо ин кӯфтанҳо суде набахшид, харам намехост дулингаи ҳезумро ба пушташ гузорам. Хеле ҷонгирак он буд, ки баъд аз кашида овардани вай ба обу арақ ғӯтида дулингаро мебардоштам ва ҳамин ки мехостам ба болояш гузорам, аз ҷойи худ дуртар мерафт. Охирсар, дар ҳоле ки хун ба сарам меҷӯшид, тарошаҳои бастаро ба замин партофта, бо ҷаҳл ба ҷонвари «гапнодаро» дарафтидам ва бераҳмона ҳам бо пою ҳам бо халачӯб, ба ҳар ҷое, ки рост меомад, кӯфтан гирифтам, ҳар ҳақорате, ки медонистам, ба сараш фурӯ рехтам. Дар он ҳол, доду бедоди ману харро дида, бародарам фарёд зад:

– Ҳой, чӣ кор мекунӣ? Чаро он бечораро мекӯбӣ?

– Ин бечората куштан ҳам кам аст, – бо қаҳр ҷавоб додам ман, – маст шудааст, намемонад лингаҳоро ба пушташ гузорам.

– Бас кун, ман худам бор мекунам, – гуфт бародарам ва ба сӯйи мо омад. Ӯ ба ман теғ кашида суханашро идома дод: – Кай дидаӣ, ки хар аз зери бор гурехта бошад? Агар забонашро нафаҳмӣ, чаро азоб медиҳӣ?

Ҳанӯз дар ғазаб будам, аз он ки бародарам гӯшдарози муғамбирро ҷонибдорӣ мекард, тааҷҷубкунон ба ҳаракатҳояш чашм дӯхта мондам. Ӯ куллан абзору полони харро боз карда ба як сӯ гирифт. Бо чӣ забоне гӯям, дар тахтапушти бечора захми калоне намудор шуд, рӯйи он суп-сурх хунолуд буд. Бародар дигар чизе нагуфта, ба маъ-

нии «дидӣ, чӣ хабар?» ба сӯйи ман нигоҳе афканд ва аз пайи муолиҷа афтод. Ӯ як мушт хоки нармро дар кафи дастонаш совида-совида ба захм пошид ва миёнбанди пахтагини худро чорқад карда ба рӯйи он гузошт. Сипас оромона ҷулу қапталҳову тӯқумро болои ҳам ба пушти хар чида, бо айил маҳкам баст ва думи харро аз зери пордум берун кашид. Ду-се бор тӯқумро ба ду ҷониб ҷунбонда аз такмил шудани кораш дилпур шуд ва ба ман амр кард:

– Акнун лингаҳоро бор зан, канӣ бубинем кӣ хар – ту ё вай!

Ин дафъа, дар ҳақиқат, ҷонвар аз ҷояш такон нахӯрд. Ман дар хиҷил шуда, баъди бор задани лингаҳо, чанд бор сару гардани харамро молида, ба таври худ узрамро баён кардам.

Ҳар се ба роҳ баромадем. Аввал хар бо бори худ, ман аз дунболаш ва бародарам ҳам аз ақибтар, фурӯ дар андешаҳои худӣ, қадам мезадем. Омада истода то зови миёнҷойи дараи Феҷаки беоб расидем. Дар асл, ин зов баланду касногузар буд. Ҳар гоҳ ба ин ҷо меомадем, бо роҳи бағалӣ давр зада ба поин мефаромадем. Он рӯз, якравии мани шитобкор рӯ гирифту харро аз ҷодаи дигари наздиктар бурданӣ шудам. Аммо дар сари дуроҳа ҷонвар мех шуда истод. Ҳарчанд зӯр задам, ба гапам гӯш накард, ҳамин ки ман аз ресмони нӯхта дошта ба сӯйи роҳи наздик мекашидам, хар ду пойи пешашро тиргаккунон гарданшахӣ мекард. Дидам, ки нашуд, ин ҷо ҳилае ба кор бурдам. Як лаҳза нӯхтаи харро озод гузоштам ва ба маҳзи ин ки поҳояшро суст карда қадам партофтанӣ шуд, як дафъа аз банди нӯхта ба самти чап кашидам. Ҷонвар дигар илоҷи бо роҳи худ қадам заданро надошт, аз як сӯ, ба самти дигар тоб хӯрдани сараш ва аз ҷониби дигар, сангинии бори пушташ ба ин имкон намедод. Ночор бо роҳаки нишондодаи ман пеш рафт. Ман ҳам давида ба қафо гузаштам ва аз тарошаҳои сарборӣ дошта истода, баланд-баланд садо баровардам: «Ҳо, боракаллоҳ, ҷонавар, хӣ! Ҳо, бохабар бош, ҷонавар, хӣ!...».

Агар мо ҳамин зовро, ки иборат аз шаххҳои яклухти яксараи амудӣ буд, давр зада поин мефаромадем, дигар хавфе дар сари роҳамон вуҷуд надошт. Бо ин ҳадаф тамоми рагу пай ва торҳои аъсобамро таранг карда, гӯшу ҳуш ба хурдтарин ҳаракатҳои хар шуда будам. Ҳамин ки бо роҳаки каҷукилеб сарозер шуда, то нисфи нишеб расидем, харам ногоҳ аз роҳравӣ бозистод. Ман, ба ҷойи ин ки нигоҳ кунам ҷилаваш чӣ иттифоқе рух додааст, «хӣ»-гӯён ба пушташ як лагад фаровардам. Ва ҳамин задани ман

буд, ки хар мувозинати худро гум кард ва пояш бар рӯйи санги паҳну софе, ки дар пешаш буд, лағҷиду бо борубуна чаппа шуд. Ҷонвар дар зери ҳезумҳои маҳкам басташуда то таги зов ғелида рафт. Ҳуш аз сарам парид, беихтиёр «додӣ!»-гӯён бародарамро ҷеғ задаму худ бо ҳавлу ҳарос хез зада-хез зада то болосари бечораи ғалтидамонда омадам. Фикр мекардам, харам дигар зинда нахоҳад буд, барои ҷон ба саломат бурдан ҳеҷ гуна имконияте ҳам надошт.

Бародарам низ ҳаҳҳасзанон расида омад. Дукаса ресмонҳои борро кушодем. Ҳама ҳезумро ба ин сӯву он сӯ партофта, харро аз зери бор озод кардем. Ҳамин дам, бар хилофи пиндорҳои ман, хар поҳои пешашро рост карду якбора аз ҷо баланд шуд. Худоё шукр, агарчи тану ҷонаш – аз буҷулаки поҳо то думу сару гардан захмиву абгор менамуд, зинда буд. Фақат аз беҳолӣ гӯшҳояш пакар, сараш афтида ва аз чашму бинияш об мешорид. Ба назарам метофт, ки аз сару димоғи ҷонвар то ба поин оби хунолуд мечакад. Ба ин сон ҳоли табоҳу заифии харамро то ба он дам надида будам, раҳмам омад, барои аз вай узрхоҳӣ кардан оҷиз будам…

Каме гузоштем, ки хар дам гирад. Сипас, бо ҳамдастии бародар дубора ҳезумҳоро бор задем ва аз дара ба сӯйи қишлоқ роҳ пеш гирифтем.

Он рӯз модарам аз дер мондани мо хавотир кашида, дар дами дарвоза чашм ба роҳамон дӯхта менишаст. Ба маҳзи ин ки наздик шудем, хар аз мо пештар модарамро дид ва дардолуд ҳик-ҳиккунон беихтиёр ба ҳангос даромад. Он лаҳза ҳис мекардам, ки ҳангоси харам муқаррарӣ нест, вай беист, гӯё аз решаҳои дил нола мекард. Чанде гузашта хомӯш мешуду аз нав бо садои баланд нолаи дардолуд сар медод. Модарам ин ҳоли гӯшдарозро ба хубӣ пай бурда, дақиқан фаҳмида буд, ки мо ҷонварро азоб додаем. Ӯ сару гардани дастёри худро масҳкунон ҳамдардӣ мекард: «Ҳа, ҷонвар, чӣ шуд ба ту? Чаро ин қадар нола мекунӣ? Кӣ ба ту озор дод? Кӣ дардатро нафаҳмид?...». Хари бечора бошад, сарашро беист алвонҷ медод ва бо забони безабонии худ пайваста ҳик-ҳиккунону ҳангосзанон арзи дил карданӣ мешуд.

## Писарак

Мулло намози зуҳрро адо карда аз масҷид берун омад. Ба одати маъмул, рост роҳи нонвойхонаи маҳалларо пеш гирифт, то барои чойи пешин нони гарм бардорад. Ҳангоми ворид шудан ба нонвойхона диққаташро писараке ҷалб намуд, ки дар назди дари даромадгоҳ карахту беҳол сари по меистод. Симои писарбача ба назар ғайриодӣ метофт: бо чеҳраи рангпарида, лабони хушки шӯразада, чашмони хастаи нимабоз, сарутани муддатҳо обу собун надида, шалвори васеи ҷо-ҷо порашуда, кафшҳои дарбеҳдори пошнадарида...

Дили мулло таҳ кашид. Ҳар гоҳ касеро бо ин ҳол медид, дарундарун месӯхт. Мехост ба онҳо ёрӣ расонад, мушкилашонро осон кунад, аммо ин кори саҳл набуд. Аз як сӯ, бисёрии бачаҳои бепарастор ва аз ҷониби дигар, шаклгирии ҳавои ҷомеа ӯро низ водор менамуд, ки мисли ҳамтоёни худ дар ин лаҳзаҳо бефарқ ва тамошобин шавад.

Писарак гурусна буд. Аз он ки дилаш беҷо мешуд, бо ангуштон лабиҳои камзӯли чиркбастаашро маҳкам дошта, ба рӯйи шикам фишор меовард. Ӯ зиёд натавонист рост истад, бо беҳолӣ худ аз худ сари ду по нишаста монд. Мехост қай кунад, аммо чизе набуд, ки берун ояд. Аз шиддати дилбеҳузурӣ чашмонаш пӯшида шуданд. Ҳис кард, ки сараш гиҷ меравад, пеши дидаҳояш торафт хира мегардад. Гӯё тараддуди одамон дар назди нонвойхона бештар шуд, аммо касе симои равшани инсонӣ надошт, пайкараҳое тирафом ва шабеҳи ҳам аз наздаш мегузаштанд. Китф ба девор такя дод, бо мушкилӣ нафаси амиқе кашид. Бӯйи лазизу ҷонбахш аз нонвойхона дар ҳафт мағзи ҷонаш нишаст. Ба худ омад, деворро чангол заду ба по хест. Дар ҳоле ки бо як даст шиками холиашро зер мекард, бо дасти дигар аз дастаи дар гирифт...

Дар нонвойхона одамон саф кашида бо навбат нон мехариданд ва ба якдигар ҷой холӣ мекарданд. Азбаски писарак ҳолати навбатпоиро надошт, по чида-по чида ба сӯйи сабади калоне, ки дар он нонҳои пухтаро аз танӯр канда меандохтанд, омад. Ба сафи одамон, ба нигоҳҳое, ки ҳам бо тааҷҷубу ҳам қаҳромез ба сӯяш дӯхта мешуданд, эътиное накард. Фикру зеҳнаш фақат пobанди сабади нонво буд, мехост ҳар чи зудтар аз он ноне бардораду гуруснагиашро рафъ кунад. Дар ҳамин асно навбати нонхарӣ ба мулло расид. Ӯ ба пи-

сараки «ошно», ки худро базӯр нигаҳ медошт ва талвосаи нонгирӣ мекард, кордор нашуд. Ба ӯ роҳ дод.

Писарбача бе мулоҳиза ба нонҳои тозаи дар сабад рехташуда чангол зад. Худо бехабар, дар сурате ки муллою дигарон ҳам дар ғафлат монда буданд, ногаҳон зарбаи сахте ба пушти даст хӯрд. Дар байни ду оташ дуд аз димоғи писарак баромад: як сӯ кафи дасташ аз нони сӯзон сӯхта бошад, аз сӯйи дигар, пушти панҷаашро теғи милаи филизӣ чок карда гузашт. Дарди ҷонкоҳу сӯзнок вуҷудашро ба ларза овард ва бо овози баланд «оҳ, ҷонакам!»-гӯён фиғон сар дод. Писарак аз банди дасти маҷрӯҳшудааш гирифта, дар ҳоле, ки аз нӯги ангуштонаш беист хун мечакид, ба пас гашту худро аз дар ба берун андохт.

Ин воқеа дар пеши назари мулло чунон тез ба вуқӯъ пайваст, ки аслан нафаҳмид чӣ ба чист. Дар нонвойхона сарусадо ва ғалоғулаи одамон баланд шуд. Ҳар кас ба таври худ ҳолати писараку нонворо шарҳ медод. «Ба дардаш даво, кӣ гуфт duздӣ кунад, – бо садои баланд ба сухан омад зане, – ин гадобачаҳо дарди сар шудаанд, сари ҳар қадам дар пеши поятанд!». «Хуб кард амаки нонво, безорӣ дуюмбор ба ин кор даст намезанад», – илова намуд нафари дигари дар навбат буда. Зани малламӯе ҳам аз охири саф афзуд: «Инҳо асло одам намешаванд. Агар ба дастам қудрат медоданд, ҳама гадою гуруснаҳоро ҷамъ карда дар як чоҳи бетаг меандохтам»...

Мулло аз ин бетараҳҳумии одамон бештар оташин шуд ва бо хашм ба сӯйи марди нонво рӯ овард:

– Як қурс нонат кам мешуд, осмон омада ба замин намечаспид! Аз мусалмонӣ заррае намондааст, нон-ку намедиҳӣ, ин бераҳмӣ барои чӣ?

– Бобо, шумо коре ба дигарон надошта бошед, – бо чашмони хунгирифта ҷавоб гардонд марди нонвойӣ, – ману бачаҳом тамоми шаб мижа таҳ накарда хамиру нон рост мекунем, дар дами оташ бо ҳазор азоб нон пухта мегирем ва баъди ин ҳама бояд шиками гадобачаҳоро сер кунем? Он вақт фоида аз куҷо мемонад?

– Ба ту Худо медиҳад, додар, бо ин корат ризқу рӯзиат бадтар мепарад.

– Бо Худо гуфтан шикам сер намешавад, – нонҳои навпухтаашро бо калбези симини дастадарози худ ба сабад андохта истода

гуфт нонво ва илова кард: – Ин муфтхӯронро чашми дидан надорам, ҳамеша дар таги дасту поят ҳозиру нозиранд. Ҳанӯз думи якеаш канда нашуда, сари дигараш пайдо мешавад.

– Худо худаш ба ҳар кӣ инсоф диҳад! Фаромӯш накун, ки нон додан савоб аст, ба хусус, ба касоне, ки муҳтоҷанд, – гуфт мулло ва ду-се нони изофӣ бардошту чанд коғаз пулро рӯйи суфача гузошт ва аз қатор хориҷ шуд. Вақте ки пушт гардонд, садои пичингомези нонво баланд шуд:

– Агар хеле олиҳимматӣ, худат шиками «муҳтоҷонат»-ро сер кун, ин кор ба масҷидиён мезебад. Ташвиши мо аз ин бештар аст.

Мулло идомаи баҳсро бефоида донista ҳарфе назад ва аз дар ба берун баромад. Ӯ хеле бетоқат буд, мехост ҳар чи зудтар худашро ба писараки маҷрӯҳ расонад. Бо сӯз оҳ кашидани бечора ҳанӯз ҳам дар пушти гӯшҳояш садо медод. Аз нолаи ҷонкоҳи ӯ дилаш ба дард омада буд.

Дар гирду бари нонвойхона писарбача ба назар намерасид. Мулло нафаҳмид, ки ӯ дар як зум ба куҷо ғойиб шуд. Ба чор сӯ чашм давонда, аввал ба самти рост шитофт ва паскӯчаҳоеро, ки аз пешу канори хонаҳои бисёрошёна ба дохили маҳалла мерафтанд, дида баромад. Мурод ҳосил нашуда, ба қафо гашт ва дубора аз назди нонвойхона ба самти чап роҳ пеш гирифт. Дар хамгашту пайроҳаҳои ин ҷониб ҳам ҳар қадар ҷустуҷӯ кард, аз писарбача дому дарак наёфт. Ноумед, бо хаёли ин, ки гӯё писарак ба осмон паридааст ё ба қаъри замин фурӯ рафта, аз кофтуков даст кашид ва ғамгину ҳузнангез ба сӯйи масҷид қадами вазнин бардошт.

Мулло хеле дилозурда шуд. Ҳолати табоҳи писараки ҷабрдида гаштаю баргашта ба пеши назараш меомад. Бо пушаймонӣ ҳасрат мехӯрд, ки натавонист ба як бандаи озордида бамавқеъ мадад расонад, худашро намебахшид. Ҳарчанд мулло медонист дигар дасти таассуф газидан суде надорад, аммо тану ҷонаш ором намегирифт, пайваста бо ёди писарак ҳавре сандуқи дилашро месӯзонд. Ӯ ҳеҷ гоҳ ин қадар беҳолу мушавваш ба масҷид наомада буд...

Аз байн чанд рӯз гузашт. Моҳи рамазон оғоз ёфту тараддуди мулло ба масҷиди маҳалла бештар шуд. Ӯ, бар замми намозҳои маъмулӣ, бо иштиёқу эътиқоди баланд ба хондани намозҳои таробеҳ камар баст. Чун муриди имоми масҷид буд, ҳама корҳои муқаддамотиро

барои намозгузорон анҷом медод: масҷиду ҷойнамозҳоро омода месохт; таҳоратхона ва ҷойҳои либоскашию пойафзолгузориро аз назар мегузаронд; одамҳои расидаро ба дохил роҳнамоӣ мекард...

Дар намозҳои таробеҳ, ки хатми Қуръон низ адо мешуд, миқдори намозхонҳо аз ҳад зиёд мегардид. Азбаски ғунҷоиши толори асосии масҷид ҷавоб намедод, ҳавлии сангфаршро низ бо гилему шолчаҳои ҷонамозӣ мепӯшонданд. Ба хотири ҳидояти дурусти намозгузорон мулло ҳамеша дар ҳавлӣ ҷо мегирифт ва нидои «аллоҳу акбар»-ро ҳангоми рукӯъ, саҷда ва ҷулусу қиём[1] барои атрофиёни худ такрор мекард.

Ҳарчанд рӯзҳо паси ҳам мегузаштанд, мулло наметавонист симои писараки гумшударо аз хотир фаромӯш кунад. Ҳамон чеҳраи пажмурда ва оҳи ҷонгудози ӯ, ба хусус, ҳангоми намозхониҳо дар ҳушу зеҳнаш возеҳтар падид меомад. Ҳар гоҳ дуо мехонд, батакрор аз Парвардигор илтиҷову истидъо[2] менамуд, ки бори дигар писараки ғарибро бо ӯ рӯ ба рӯ кунад. Мехост аз вазъи бечора воқиф шавад, бубинад, ки дасти маҷрӯҳаш ба чӣ ҳол аст, он рӯз оё тавониста буд ранҷи гуруснагиву озори ба ҷонаш расидаро таҳаммул кунад? Мулло ба ин монанд саҳнаҳоро бисёр дида буд, дар кӯю кӯча ба бечораю камбағалон, ки ба поранону сарутани тоза ниёз доштанд, зиёд вомехӯрд, вале ҳеҷ гоҳ ночорӣ ва нокомии онҳо дили ӯро мисли писарак нахарошидааст.

Мулло нигарону рӯҳафтода боз чанд рӯзи рамазонро аз сар гузаронд. Дар тӯли ин муддат гӯё дилу ҷигарашро гургон тала мекарданд. Бори сангини рӯйи қалбаш нишастаро ба касе ошкор намесохт, аммо ҳар ҷо мерафт, ба ҳар гузаре сар мехалонд, муштоқона писаракро меҷуст ва бо умед ба ҳар бачае, ки дар перомунаш мегузашт, зеҳн монда нигоҳ мекард. Бо ин аҳвол, дар шаби чаҳордаҳум, баъд аз адои намози таробеҳ ва витри воҷиб мулло бехабар аз намозхонҳои дигар дурудароз ғарқи дуою ниёиш монд. Дар ҳавои истионат[3] аз Худо, ноогоҳ сар ба осмон бардошт ва дарёфт, ки осмону фалаки

---

[1] **рукӯъ, саҷда, ҷулус, қиём** – *амалҳои дохили намоз:* ба пеш хам шудан, саҷда кардан, ҳолати нишастан ва ба по рост шудан;

[2] **истидъо** – илтимос, хоҳиш;

[3] **истионат** – илтиҷо барои кумак

беохир бо ситорагон пур аст. Дар байни гарди анҷум ситорае тобону рахшандатар ҷилва мекард ва хаёли мулло билкул фирефтаи он гардид. Ӯ ҳис кард, ки ахтари дурахшон бо чеҳраи писараки гумшуда истиғно мекунад ва гӯё бо табассум нури сипосу мамнуният ба замин мепошад. Вуҷудашро ҳиссиёти гарме фаро гирифт, бо умеди расидан ба дидори писарбача дасти омин ба рӯ кашид. Вақте ки мулло аз ҷо хест, дигар касе дар ҳавлии масҷид намонда буд, хидматкорон ҷойнамозҳоро гирдуғун мекарданд.

Мулло, ҷойи ин ки бо имоми масҷид худоҳофизӣ кунад, ғайри ихтиёр ба сӯйи дарвоза қадам ниҳод. Гӯё иродааш дасти худаш набуд, поҳояш ӯро ба самти берун мекашиданд. Дар дами дарвоза чанд зану духтараке, ки рӯмолу халтачаҳои аз хайру эҳсон пуршударо ҷамъ мекарданд, тараддуди рафтан доштанд. Банохост, дар байни онҳо писарбачае бо чеҳраи гарм диққати муллоро ҷалб намуд. Ӯ бо шитоб пештар рафт ва ба писарак дида дӯхт: оре, худи худаш – ҳамон ситорае, ки ба сӯяш чашмак зада буд! Мулло бе истиҳола писарбачаро нигаҳ дошту ба оғӯш кашид. Аз ниҳояти хушҳолӣ инону ихтиёрро аз даст дод, вайро маҳкам дар бағал гирифта, беист гуфтан гирифт: «Оре, ин худатӣ! Ниҳоят туро пайдо кардам! Худо илтиҷоҳои маро қабул кард, дуоҳоям мустаҷоб гардид! Оре, писарам, ин худатӣ!».

Писарак аз ин бархӯрди ногаҳонӣ тарсида рафт. Бо як даст рӯмолчаи пури пулашро маҳкам дошта, бо дасти дигар талвоса кард худашро аз мулло ҷудо кунад. Гумон мебурд, ки пулталабии ӯ дар назди масҷид мумкин набуду ӯро дастгир мекарданд. Вале ҳис кард, дар доми марди ношинос ҳама талошу талвосааш барои фирор бефоида аст. Дар айни ҳол пай бурд, ки дастони марди бегона, агарчи ӯро сахт нигаҳ медоштанд, хеле нарму навозишианд ва он мард ҳарфҳое мегуфт  дур аз ҷангу даъво. Меҳрубонии марди ноошноро дида ором шуд, аз муқобилат худдорӣ кард ва умедворона ба вай чашм дӯхт.

Мулло аз писарбача чизе напурсида, дасти ӯро гирифт ва бо мулоимат гуфт:

– Натарс, писарам, биё бо ман. Ба ту озор намерасонам, фақат бо ҳам шинос мешавем.

Ҳар ду вориди масҷид шуданд. Мулло писаракро якрост ба хонаи кори худ бурд. Фақат пас аз он, ки рӯ ба рӯйи ҳам нишаста нафаси ором гирифтанд, мулло ба пурсупос оғоз кард:

– Дастат чӣ тавр, беҳтар шуд? Он рӯз аз нонвойхона бо ҳоли вазнин берун рафта будӣ, ҳарчанд дунболат гаштам, пайдо накардам.

– Э, бобо, ман аз ин калтакҳо чандин бор хӯрдаам, – гуфт писарбача ва дасти росташро, ки кафаш ҳанӯз ҳам доғҳои сӯхтагӣ дошт ва дар пушти панҷааш низ изи баланде аз захм ба назар мерасид, ба пеш ёзонду болову поин алвонҷ дод.

– Худоё шукр. Куҷо мегардӣ, шабу саҳарат дар куҷост?

– Ман бехонаам, ҳар ҷо, ки рост омад, хобу хез мекунам.

– Наход?! – дар шигифт шуд мулло. – Падару модарат дар куҷоянд?

– Падару модар ҳам надорам, дар панҷсолагӣ аз онҳо ҷудо шудаам. Ду сол дар ба дари амаку тағоёнам гаштам, аммо аз дасти заношон хунам ба лаб омад. Маҷбур шудам фирор кунам.

– Ҳоло чӣ?

– Ҳоло азобҳоям бештар аст, ки кам не. Дар бозор ароба кашидам, қатори ҷавонон дар соҳили канал мошин шустам, ҳамроҳи мардикорон ба ҳашару заминканӣ рафтам, аммо дар ҳеҷ куҷо корам барор нагирифт. Ҳар ҷо будам, заифию нимҷониам маро аз қатор берун андохт. Фақат ин ду-се рӯзи рамазон нафаси осуда мекашам.

Мулло аз дасти писарак гирифту тани лоғару устухониашро ба худ ҷафс кард. Бо меҳрубонӣ аз бозуяш дошта гуфт:

– Ту дигар танҳо нестӣ, писарам, дар масҷиди мо кор мекунӣ. Хобу хезат ҳам дар ҳамин ҷо мешавад. Фақат бояд ба ман ваъда диҳӣ, ки гапамро гӯш мекунӣ.

Писарак бо изҳори мамнуният ба мулло дида дӯхт. Дар бехи чашмонаш пардаи ашк ҷило медод…

* * *

Ҳаво софу беғубор буд. Насими тозаи тирамоҳӣ замину одамонро ба оғӯш мегирифт. Моҳи рамазон омода буд дарҳои худро бибандад ва барои шаъбон ҷо холӣ кунад. Рӯзадорон ва онҳое, ки аз намозҳои таробеҳ дил кандан намехостанд, аз сипарӣ шудани моҳи шариф ба ин зудӣ norоҳат буданд. Одамон дар масҷиди калони маҳалла дигар ҷойи нишастан наёфта, дар рӯйи ҳавлӣ саф мекашиданд. Ба назар мерасид, дар он шаби охири рамазон мӯъминони саҷдагузор аз ҳарвақта бештар омадаанд. Ҳама баъд аз гузоштани ду ракаат на-

мози таҳияи масҷид бо дуою ниёиш ба сукут рафта, мунтазири азон менишастанд. Ҳама бо ҳаяҷон ва иҳтизози[1] ботинӣ лаҳзаеро мепоиданд, ки ба иттифоқи имому қориёни хушадо вориди дунёи ибодат шаванд ва бори дигар лаззати рӯҳиву маънавӣ бардошта, қаробате[2] бештар ба Офаридгор дошта бошанд.

Ниҳоят, даъват ба намоз садо дод: овозе маҳину ҷарангосӣ дар масҷиду атрофи он танин андохт; лаҳне мутамоиз[3] аз овозҳои пештар ҳушу ҳавоси одамонро ба худ ҷалб кард. Мушаххас буд, ки муаззини нав азон мегӯяд, садояш муассиру дилнишин ва саҳеҳу гиротар аз пешиниён аст. Агарчи аҳли масҷид, муриду қориён забони фасеҳу ҷаззоб доранд ва ҳамеша ба хубӣ каломи муқаддасро ба истимоъ расондаанд, ин садои рӯҳбахш кашфи тозаи онҳо буд. Овози муаззини ҷавон дар муҳиту осмони масҷид баландтару шинамтар садо медод ва аз ҳар сӯ одамон бо иштиёқи зиёд барои саҷда мешитофтанд. Дар он лаҳза аз ҳама бештар тану вуҷуди муллоро ҳиссиёти гарм ва ғуруру ифтихор фаро мегирифт. Ӯ дарун-дарун мешукуфт, хурсанд буд, ки азонро шогирдаш – ҳамон писараки замоне бероҳаю бехонумонбуда мегуфт.

## «Дер ою дуруст ой»

*Чи хуш гуфт ин сухан пири ҷаҳонгард,*
*Ки дер ою дуруст ой, эй ҷавонмард!*
*(Н. Ганҷавӣ)*

«Кош як бори дигар ҷавон мешудам, кош аз нав ба кӯйи ошиқӣ афтида Ноҳидамро вомехӯрдам, – роҳравон дар пайроҳаи хиёбони сарсабз ба худ меандешид Хусрав. – Дигар ӯро аз даст намедодам, ба ҳар қимате шуда, ба гӯши ҳама мерасондам, ки мо якдигарро дӯст медорем, бе дидору навозиши ҳамдигар буда наметавонем. Дигар на падари ориятталаби ӯ, на бародарони сахтгиру ҳасодатварзи ӯ пеши роҳамро мегирифтанд. Агар лозим меомад, дар пеши пояшон зону мезадам, агар бархӯрди дурушти онҳо тақозо мекарду ночор мемон-

[1] **иҳтизоз** – хурсандӣ;
[2] **қаробат** – наздикӣ, хешӣ;
[3] **мутамоиз** – фарққунанда

дам, бо ҳар яке дар талош мешудам, афтударафт мекардам. Ба ҳар навъе шуда, Ноҳидамро аз онҳо мегирифтам, бо худ меовардам...».

Ногоҳ садои чирросии тормози мошине баланд шуд. Хусрав як он ба сӯйи овози нобаҳангом дида дӯхт. Чароғи роҳнамо сурх шуда буд ва як сабукрав аз хатти сафед гузашта баробари чароғ меистод, ки ҳамон бемаврид садо дардода буд. Фурсати чашмпӯшӣ нагузашта, дар пушту канори он мошинҳои дигар саф оростанд. Лаҳзае хаёли Хусрав парешон шуд, дар васати хиёбон роҳравон ба чаманзору буттаҳою дарахтон чашм давонд. Ҳаво софу офтобӣ буд, насими мулоиме вазида меистод, дар пасу пеш камубеш одамон мисли ӯ гаштугузор мекарданд. Роҳи мошингарди самти рост ҳам сертараддуд менамуд, шав-шуви мошинҳои равони пасту баланд равшан ба гӯш мерасид.

«Нахустин бор бо дидани ӯ худамро гум карда будам, – дар мағоки сари Хусрав дубора мавҷи андеша ба хурӯш омад. – Табассуму меҳрубониҳои духтаронааш маро ба ваҷд оварда, дар вуҷудам ҳиссиёти гарми дилбастагиро барангехта буд. Гӯё ки дастануре бошад, ба қалбам равшанӣ ато мекард ва ройиҳаи дилангезе аз димоғу пайкараш маро масту мадҳуш месохт. Ҳар рӯзи Худо аз кор монда шуда ба хона бармегаштам, бесаброна мунтазир мемондам, вале аз ӯ дараке намешуд, фақат гоҳу бегоҳ, пинҳонӣ ба суроғам меомад. Ман бошам, бо чашми чор нигарони ӯ менишастам, ки кай бо кулчаҳои ширмолу фатирҳои равғаниаш ё бо санбӯсаю қурутоби бемислаш ба наздам ояд. Бӯйи гуворои нонҳои навпухтаи модарам ҳеҷ гоҳ аз ёд намеравад, аммо кулчаҳои ӯ таъми дигар доштанд, аз онҳо ба навъи дигар махмур мешудам. Қурутобро бошад, бо он хушмазагӣ дар ҳеҷ ҷо нахӯрдаам...».

Хусрав оҳи сабук кашид. Як лаҳза аз гиреҳи хаёлот озод шуда ба атроф назар афканд. Дар канори пайроҳаи сангфарш, дар зери шоҳбулути сербарг як ҷавону духтараке дасти ҳамдигарро гирифта менишастанд. Онҳо бо чеҳраҳои шукуфон ғарқи суҳбат буданд, фурӯ дар олами завқи худ ба ҳеҷ чиз таваҷҷуҳ намекарданд. Хусрав он дуро дида хушҳол шуд, бо фараҳ ба дунболи хаёлоти пештар даст дод: «Ману Ноҳид аз ин бештар ба якдигар дилбастагӣ доштем. Агарчи ба наздам меомаду зиёд намемонд, ҳамон як дам меҳрубонии ӯ маро чанд муддат аз дарди ҳиҷрону танҳоӣ фориғ месохт. Ман ба

деҳаи Қандак фақат барои як сол ба кор рафта будам, аммо духтари ҳамсоя – Ноҳиди азизам лаҷоми ихтиёри маро дар деҳаи худ ба муддати зиёд мехкӯб кард. Ишқварзии мо бо чашму бо дил то се сол тӯл кашид, вале дар охир, вақте ки мебоист ба чашмаи мурод расем, кӯзаи умеду орзуҳоямон пора-пора шуд. Хонагиҳои ӯ мани ғарибу бегонаро напазируфтанд, дар як рӯзи наҳси баҳорӣ шунидам, ки ӯро маҷбуран ба шавҳар додаанд. Бо даст додани ин некомӣ дигар барои мондан дар замини дилбарам ангезае надоштам, дил вайрону дида гирён ба ватан баргаштам...».

Вақте ки Хусрав Қандакро тарк карда ба пойтахт омад, модараш имрӯзу фардо нагуфта ӯро хонадор кард, ба вай духтари хоҳараш – Муҳибаро гирифта дод. Чун хӯрҷини ало ба дӯшаш нишаст, Хусрав ба зиндагӣ нигоҳи ҷиддӣ андохт. Ӯ наметавонист бо ёди муҳаббати аввал ба раванди хонадории ҳақиқӣ латма занад. Саъй кард ба холабачаи худ низ дил бандад ва аз он баъд Ноҳидро фаромӯш кунаду дар канори ҳамсари воқеӣ заҳру нӯши сарнавиштро хӯрад. Парвардигор ба онҳо низ ҳиммат кард, аввал писар, баъдан духтар ва боз як писарро ба бор оварданд. Вале, ҳамсараш пас аз фарзанди сеюм ба беморӣ, ба саратони раҳм мубтало шуд. Бо ҳоли кашола танҳо даҳ соли дигар умр дид, ҳатто натавонист арӯсии писару духтари ба балоғат расидаи худро бубинад. Юғи рӯзгор ба гардани Хусрав нишаст, ӯ бо дили хунобшуда ба тақдир сар хам карду ба фарзандон ҳам падар шуд ҳам модар.

Мегӯянд, духтар шайтон аст, дар сурате ки интизор набуд, пайи ҳам хостгорон дарашро кӯфтанд ва ӯ духтари аллакай қадрас шудаи худро ба соҳибаш супурд. Сипас ба писари калониаш арӯс фаровард, бо як дӯсти солҳои мактабӣ қудо шуд. Ҷойи холии духтарро арӯси тозаомада пур кард, файзу таровати як муддат коҳида дубора ҷило ёфт, падару писарон аз ранҷи пухтупаз, рӯбучину ҷомашӯйӣ ва корҳои нозуки хонадорӣ фориғ шуданд. Арӯсаш, воқеан, ҷони одам аст, ҳар гоҳ «амакҷон» мегӯяду арзу ниёз мекунад, дили ӯ моломоли фараҳу шодӣ мегардад, аз будани фарзандон шукр мекунад.

Хусрав ин бор аз кор баромада, дар хиёбон пиёдаравон фақат Ноҳидро фикр мекард. Ӯ наметавонист худро аз хаёлоти бесарунӯг раҳо созад, беихтиёр зери лаб, гӯё барои худ шунавотар гуфт: «Хок бар сари ман, чаро чоряк аср гузашту акнун ёди ӯро мекунам? Охир, ишқи нокоме буд, дар теппаҳои хокии Қандак монд, рафт... Не,

шояд аз дасти гирумони рӯзгор дар ёдам набуд, аммо ҳанӯз ҳам дар мағзи қалбам нишастааст, ӯро наметавонам фаромӯш кунам. Вале Муҳибаам чӣ? Охир, пас аз ноумедиҳо танҳо ӯ буд, ки ба ман нозу нӯш дод, меваи ҳаёт бахшид ва бо чеҳраи дилрабою нигоҳҳои хастаи худ дар сафҳаи қалбам ҷо гирифт. Аммо, ишқ пушту рӯ надоштааст, ин дили бераҳми дам дар дарун дубора Ноҳидро бароям зинда мекунад, мисли ин ки мехоҳад охирсар маро девона кунад. Дарвоқеъ, пешонии ӯ чӣ рӯзҳоро дида бошад, оё тавониста буд маро аз дили худ берун созад? Аздусар оилаи бофайзе барпо кардагист, серфарзанд шудагист – ин аз дасти ӯ меояд. Вақте ки дар нимашабҳо канори ҳам менишастем, хаёлангез мегуфт, ки шумо дар осмони ҳаётамон офтобу ман маҳтоб мешавам ва галаситора ба дунё меоварем. Эҳ, Ноҳиди азиз, он замон ту на моҳ, балки ситораи нек – Зуҳраи ман будӣ, нури нигоҳат, таровати ҷисму ҷонат, ҳиммату меҳрубониҳоят ҳанӯз ҳам ҳастии маро навозиш мекунанд...».

Хиёбон ба поён расид. Хусрав дар интиҳои он аз чорраҳа рад шуда ба самти чап печид ва аз канори сохтмони мудаввари сирк гузашта ба сӯйи бозори Чорсу роҳ пеш гирифт. Бозори серодам бо сарусадо ва ғалоғулаи беохири худ ба Хусрав роҳат мебахшид. Ӯ ҳар рӯз пас аз кор, ҳанӯз шом надаромада қасдан аз васати бозор мегузашт ва каме хариду фурӯши савдогаронро тамошо мекарду ба қадри ниёз нону мева мехарид. Ин дафъа чор қурс нони гарм бардошт ва аз дарвозаи растаи Ҳунармандон баромада ба хона рафт.

Ба одати маъмул, дари манзилро арӯси нозанинаш кушод ва бо таъзим салом карду «амакҷон, дароед»-гуфта ӯро ба дохил муроот намуд. Хуршед медид, ки дар роҳрав кафшҳо бештаранд.

– Меҳмон дорем, амакҷон, апааму Бобои Файзӣ, – ҳамоно аз нигоҳҳои саволомез манзури ӯро пай бурда гуфт арӯс ва пакети нонро аз дасташ гирифт.

Ҳанӯз ба хонаи дарун нагузашта духтараш ба пешвоз баромад, гарму ҷӯшон бо ҳам мулоқот карданд. Сипас, дар дохил Бобои Файзӣ ӯро ба оғӯш гирифт:

– Моро интизор набудӣ, додар, меҳмони нохонда шудем, – гуфт мӯйсафед ба пешгаҳ гузашта истода, – аммо мебинам, ки худам суроғ накунам аз шумоҳо садое намебарояд.

Хусрав бо хушҳолӣ дарҳол ҷавоб дод:

– Магар бародар ҳам меҳмони нохонда мешавад? Ман мухлису чокари шумоам, хуш омадед!

Ҳама дар атрофи дасторхон нишастанд ва Бобои Файзӣ дуои расидан хонду ба хотири салтанати некиву хубиву осойиш дуруд фиристод. Хуршед ҳис мекард, ки ин ташрифи мӯйсафед бесабаб нест. Ӯ ягона инсоне буд, ки дар аснои рӯҳафтодагӣ барояш дил медод, дар ҳама кор дастгирӣ мекард. Ба хусус, пас аз даргузашти Муҳиба муттакояш бобо буд, аз сӯйи худ ҳар гуна кумаку ёрмандиро арзонӣ медошт. Ҳоло ҳам фарзандонро дар хона ҷамъ кардани ӯ аз барномае дарак медод, духтар ҳеҷ гоҳ ба шаб намемонд.

Дар идомаи суҳбат ба дасторхон меҳрубон шуда, Бобои Файзӣ ба сухан омад:

– Ман аз ту ин хел умед надоштам, додар, фикр мекардам одами бафаҳм ҳастӣ, зиндагиро дуруст дарк мекунӣ. Ҳоло мебинам, ки ин пиндоштам хато будааст, ту фақат худбинӣ мекунӣ, ба касе коре надорӣ.

– Ман чӣ ғалат кардам? – ба нигоҳи ҷиддии мӯйсафед тоб наоварда сарашро ба поин афканда гуфт Хусрав.

– Ҳеҷ фикр кардӣ, ки бачаҳо ба саробон, ба одами ғамхор, ба касе, ки ҳамдарду ҳамрозашон бошад, ниёз доранд? Охир, се сол пеш хоҳарам аз дунё гузашт, вале ту то ба ҳол яккаву танҳоӣ. Дар ин синну сол ба ту насиҳат кардан намезебад, аммо мебинам, ки ҳанӯз ҳам мисли як бача мондаӣ!

– Ана, гап дар куҷо будаст, – ба худ омад Хусрав, – маро тарсондед, додӣ. Лекин ман бачаҳоямро танҳо нагузоштаам, – Хусрав бо нигоҳи имдодҷӯёна ба духтару ду писараш, ки ҳама гӯшу ҳуш ба суҳбаташон буданд, назар афканда афзуд: – Рост мегӯям?

– Рост, додоҷон, бобо аз алам ин гапҳоро мегӯянд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд писари калонӣ. – Дар асл, шумо ба мо мерасед, аз будаш зиёд, аммо худро фаромӯш кардаед. Ману хоҳарам чанд бор аҳд кардем бо шумо маслиҳат кунем, лекин хиҷолат кашидем, аз куҷо сар кардани гапро надонистем. Ба маҳзи ин ки боборо ҳам ба кор кашидем, дарҳол дасту остин барзаданд ва акнун бо хабари хуш ба назди мо омадаанд.

Беихтиёр ҳама ба Бобои Файзӣ рӯ оварданд, маълум буд, ки ҳар кӣ мехост ҳар чи зудтар пайғоми ӯро шунавад. Мӯйсафед аз аспи ҷаҳл фаромада, ба асли қазия наздик шуда гуфт:

– Ту медонӣ, келинам дар парваришгоҳ кор мекунад ва ҳамкоронаш фақат занон ҳастанд. Вай як дугонаашро, ки парасторӣ мекардааст, хеле таъриф кард. Сари танҳо будааст, ба ҳама ҳалиму меҳрубон, мегӯяд, аз ҳар ҷиҳат боби ту.

– Оре, вақте ки бо маслиҳати бобо ман ҳам ба парваришгоҳ рафтам, он занакро аз наздик дидам, – гапи мӯйсафедро ҷон дода гуфт духтари Хусрав, – бе муболиға, ҷони одам будаанд, ба дили тамоми ятимон роҳ ёфтаанд. Вақти сухан гуфтан гӯё аз даҳонашон асал мерезад, овози маҳин доранд, ситораашон гарм, чеҳраашон чунон дилкаш, гӯё дар пеши худ фариштаеро мебинед. Оре, ба чашми ман мисли як парӣ ҷилва карданд, апаи Ноҳид!

Бо шунидани ҳарфи охири духтар Хусрав як андар ҷаст. Дар ҳоле ки наметавонист тааҷҷубу шигифти худро пинҳон кунад, ранги рӯяш парид, чашмонаш калонтар боз шуданд. Бобои Файзӣ ин ҳолати ӯро пай бурда беихтиёр пурсид:

– Ту ӯро мешиносӣ?

– Не, не, – каме дасту по хӯрда гуфт Хусрав, – ба назарам исмаш ғалатӣ намуд, ҳеҷ ин гуна номро нашунидаам...

Дигар мӯйсафеду бачаҳояш ҳар чи мегуфтанд ба гӯши Хусрав намедаромад, ӯ дар ҷавоби ҳар гуна сухану пешниҳод таваккал сар муҷунбонд ё карахту хомӯш менишаст. Ҳатто надонист, ки бобо чӣ тавр баромада рафт ва худи ӯ кай ба хонааш гузашту дар бистари хоб дароз кашид.

Хусрав бо ҳазору як фикру хаёл шаби бедорхобиро ба рӯз расонд. Ӯ бетоқат буд, дилаш ба ҳавл меомад, намедонист нороҳатии вуҷуди худро чӣ хел пасанда кунад. «Наход Ноҳиди худам бошад? Наход баъд аз чоряк аср дубора ба ишқи аввал даст медиҳам? – худ ба худ мегуфт Хусрав. – Боварии кас намеояд, шояд як Ноҳиди дигар аст? Пас, ман чаро ин қадар безобитаам?». Ӯ корро фаромӯш кард, ба маҳзи аз хона баромадан роҳи парваришгоҳро пеш гирифт. Мехост ҳар чи ҳаст зудтар бо чашми худ бинад, хешро аз бори хаёлоти мубҳаму печида раҳо созад. Қувваи ниҳоне ӯро вахшивор ба сӯйи мақсад равона мекард, маҷол надошт изтироби қалбашро коҳиш диҳад, худро ба даст гирад. Аз автобус фаромада каме қадам зад, вале аз роҳгардӣ дилтанг шуда ба дав гузашт. Дартоз то дарвозаи парваришгоҳ омад ва каме дар он ҷо истода нафас рост кард.

Вақте ки Хусрав ба дохил даромад, ӯро як занаки миёнсол, ки дар хонаи навбатдорӣ дафтареро пур карда менишаст, бо чеҳраи кушод пешвоз гирифт:

– Хуш омадед, бародар, бо кӣ кор доштед?

– Бо Ноҳид, – бе муқаддимаи сухан дарҳол гуфт Хусрав.

– Ба айвони пазиройӣ гузаред, рӯкашу ҷилдҳои кӯрпаю болинро ҷамъу ҷӯр карда истодааст, – гуфт занаки навбатдор ва бо ангушт ба самти рости роҳрав ишора кард.

Дили Хусрав аз ҳар вақт бештар мезад, сахт ба ҳаяҷон омада буд. Бо бесабрӣ дар худ илтиҷо мекард: «Эҳ Худоҷон, кош худаш бошад, кош Ноҳидамро дубора бубинам, маро аз дидори ӯ бенасиб накун». Дари айвони пазиройӣ боз буд, дар саҳни он зане хилъати сафедпӯш пушт ба дар сари дузону нишаста, малофаҳои тоза шустаи хурду калонро паҳну таҳ мекард. Хусрав бо ҳаяҷон ва умедвории беохир садо зад:

– Ноҳид!

Зан баргашту ба сӯйи овоз чашм дӯхт. Дидаҳо бо ҳам қуфлу калид шуданд, як лаҳза чеҳраҳои ошнои аз боду борони зиндагӣ харошхӯрда дар умқи чашмони умедвору маъюс мунъакис гардиданд. Аз хурсандӣ дар дидаҳои Хусрав ашк ҷило дод, ӯ дигар сари ҷо наистода ба пеш қадам партофт ва зани ба шигифт омада – Ноҳиди худро дар оғӯш гирифт.

Аз вохӯрии ногаҳонӣ Ноҳид низ ба ваҷд омада, орому бесадо дар бағали Хусрав меистод, аз хурсандӣ тамоми пайкарашро гармии хосе фаро гирифта чашмонаш нам бардошта буданд. Кам-кам дар зеҳни худ дарк намуд, ки дугонаи ҳамкораш ва духтари ношинос чаро ӯро пурсуҷӯ кардаанд, барои чӣ гузаштаю имрӯзи ӯро пурсон шудаанд. Ӯ медонист Хусрав дар пойтахт аст, аммо ҷойи зисташро не. Агар ҳамсояи дугонааш Хусрав бошад, пас чаро ӯ муҷаррад аст, оилааш куҷост?

Ҳар ду дар айвони пазиройӣ ба рӯйи диван нишастанд. Чанд муддат дасти якдигарро гирифта, чашм ба чашм дӯхта хомӯш монданд, бо дилу шуши пур аз боди ғусса наметавонистанд ҳарф зананд. Ниҳоят, Хусрав забон хоида ба сухан омад:

– Гап зан, Ноҳид, кадом шамолҳо туро ба пойтахт овард, чаро танҳо мондӣ?

– Чӣ гӯям, агар саргузаштамро қисса кунам рӯз кӯтоҳӣ мекунад. Аз даме, ки маро маҷбурӣ ба писари аммаам доданд, рӯзам сиёҳ шуд. Худат гӯ, бо касе, ки касбаш айёшию шаробхорагӣ бошад, зиндагиро фақат бо чашми ҳақорату ҷангу ҷидол бинад,чӣ гуна мешавад ҳамзистӣ кард? Ман бошам, он ношукри гузароро даҳ сол таҳаммул кардам, рӯзиам бо оби талху ҳавои ғуборолуд гузашт, бо ин ҳол, аз ӯ ду кӯдак низ ба дунё овардам, аммо... – Ноҳид аз гиря гулугир шуд. Сар хам карду даст аз рӯйи оби дидаҳояш кашид. Панҷаи Хусравро дар шонаҳои худ, ки мулоим пахш карда навозиш медод, ҳис карда, дубора ба сухан омад: – Тақдир бо ман нахонд, ҳарчанд дар хонаи падар ба зулму камшиканиҳои ду янгаам ва бародарони бемеҳрам тоқат карда бо ду бача рӯз мегузарондам, бадбахтии дигар моро гиребонгир шуд. Панҷ сол пеш ярч омад ва нисфи деҳаро, айнан гузарҳои моро шуста бурд. Ҳамроҳ бо хонаю дар ва боғоту чорво одамон низ яксар дар зери гилу лой монданд. Он шаби наҳс ҳанӯз ҳам аз ёдам намеравад. Гулдуроси баланди раъду оташакзании барқ ва беист мисли сел рехтани борон ҳамаро ба ташвиш андохта буд, вале баъдан фаҳмидем, ки балои азим ҳанӯз дар пеш будааст. Нисфи шаб замин кӯчид, на сел буду на тарма, ярче буд, ки тамоми теппаҳоро ба ҳам рехта, сели ғализеро бо гилу лойи ғафс аз болои деҳа гузаронд. Ман аз ҳама одамонам ҷудо шудам, писару духтарам низ дар зери балчиқи гил монданд.

Ноҳид аз нав оби дида рехт. Маълум буд, ки барои ӯ нақл кардани рӯзҳои даҳшатбори дидааш хеле сахт аст. Захми тану ҷони ӯ ҳанӯз шифо наёфтааст, ӯро ғами ҷудоӣ аз наздикон азоб медиҳад. Хусрав аз гуфтаҳои ӯ мутаассир шуда, бо ҳисси раҳмдилӣ гуфт:

– Худо сабр диҳад, кӣ медонист он ҳама офат ба сари қандакиён меояд? Ҳадди ақал ту зинда мондаӣ, касе ҳаст, ки чароғи рафтагонро равшан нигаҳ дорад. Ман ҳамдарди туам, азизам.

– Оре, намедонам ба бахти бад ё нек ман зинда мондам. Маро аз зери гилу лой кашида ба бемористон овардаанд, се моҳ гоҳ ҳушёру гоҳ бехуд дар дасти духтурон будам. Вақте ки фаҳмидам касе надорам, зиндагӣ бароям сиёҳ шуд, намедонистам ба куҷо сар гирам. Хушбахтона, як ҳампалатаам, ки корманди ҳамин парваришгоҳ будааст, маро бо худ овард, бароям кор доданд, дар ҳамин ҷо хона ҷудо карданд. Ҳоло мебинам, ки бо шумо вомехӯрам, мақоли «кӯҳ ба кӯҳ

намерасад, одам ба одам мерасад» рост будааст. Бовариам намеояд, ки ин рӯзро бо чашми худ мебинам. Ҳоло шумо нақл кунед, дар ин бисту панҷ сол чӣ рӯзҳоро аз сар гузарондед?

Хусрав бо меҳрубонӣ Ноҳидро дар бағал зер кард ва гуфт:

– Қиссаи маро дар хонаам мешунавӣ, азизам, ҳамин ҳозир чизучораатро ҷамъ кун, бӯғчаатро банд. «Дер ою дуруст ой» гуфтаанд, бо ҳам никоҳ мебандем, ту ҳамсару ҳамрози ман мешавӣ, аз кулчаю фатирҳои қандакиат мепазӣ, маро бо қурутоб сер мекунӣ!

Ноҳид хушҳол шуд, бо чеҳраи шукуфону дидаҳои дилкаши худ манзараҳои айёми ҷавониро ба хотири Хусрав овард, якдигарро гарм дар оғӯш гирифтанд.

## Оби зери коҳ

Нодир дар пушти мизи корӣ гӯё мехкӯб шуда буд. Чинҳои пешониашро ба васати абруҳо ҷамъ карда, беохир ба компутер дида медӯхт ва наистода ангушт мезад. Ӯ саргарми нақшакашӣ ва муҳосибаи ҷузъиёти тарҳи насосхона буд, ба сархорӣ вақт надошт. Намехост кораш ба таъхир афтад ва аз мудир гап шунавад, бе он ҳам бо сабабҳои ночиз соатҳои тиллоии кориро аз даст дода буд. Машғулиятҳои ҳошиявии идора ва кумак ба навкорон ҳеҷ гап не, вақти ӯ бештар бо «фармойиш»- ҳои гоҳу бегоҳи ҳамсараш талаф мешуд. Ба хотири ин ки чанд соати дар хона буданашро бо оромӣ сипарӣ кунад ва аз чеҳраи дудбору тааддиҳои ҳамсари серҷоғ эмин монад, фармудаҳои ӯро ҳар рӯз дар дили кор анҷом медод. Нигаҳбони дами дар ба ӯ одат карда буд, харидҳояшро то поёни соати корӣ дар як гӯшаи қаровулхона нигаҳ медошт ва аз вай як баста сигор мерӯёнду ба касе лом-мим намегуфт.

Ҳамин ки Нодир хост барои ба хотира супурдани нақшаҳову ҳисобу китобаш ба дугмаи ҳофиза ангушт занад, ногоҳ садои телефон баланд шуду як қад парид ва «оббо» гӯён бо ноҳинҷорӣ гӯшакро бардошт:

– Лаббай.

– Лабакатонба шакар, додош, медонед ба хонаамон кӣ омад? – бе муқаддима, дар ҳоле ки наметавонист хушҳолии худро пинҳон дорад, пурсид ҳамсараш.

Нодир дер боз роҳи модари худро мепоид. Шаш моҳ пеш ҳангоми дидорбинӣ гуфта буд, ки дар гармои тобистон ба наздат меравам, маро ба дамгирӣ мебарӣ. Ҳоло бошад, ҳашт моҳ мегузараду аз ӯ дарак нест. Бо ин ки медонист, чашми ҳамсараш ба омадани модари вай намепарад, як он гуфт:

– Очам?

– Ёду хаёли шумо фақат ба одамони худатон банд, – бо зарда гуфт зан, – хато кардед, очаҷони ман омаданд! Ҳамин ҳозир як коғазчаро гиреду ҳар чӣ мегӯям бе камукост нависед ва яке намонда то нисфирӯз ба ман расонед!

– Занак, чиҳо мегӯйӣ? Ман вақти бозоркунӣ надорам, корам бисёр...

– Ҳо, агар очаи худат меомад, ин баҳонаҳо набуд, ҷонам-ҷонсарак ба такудав меафтидӣ! – бо қаҳр ба «ту» гузашта пӯписаашро давом дод ҳамсар. – Ман намедонам, қаламата гиру навис! Ду кило биринҷи «аланга», як кило гӯшти лаҳм, як кило сабзии наргасишуда, равғани зағир, нахӯди тар, зира, сир, пиёз, чакка, помидору бодиринг ба палав. Ҳа, ба рӯйи дастархон ҳам аз будаш ҳар чӣ ҳаст биёр, фақат бодом, писта, шоколади русӣ ҳатман бошад! Як торти тоза, баъд, аз ҳамин бозорчаи худамон чор нони фатир хар, харбузаю тарбуз ҳам фаромӯш нашавад...

– Эй занак, як лаҳза даматро гир, бо забони одамӣ ба ту гуфтам, ки ман вақт надорам ё гӯшат кар шуд?! – гуфт Нодир ҷаҳли худро дошта натавониста.

– Кори ту ҳеҷ тамом намешавад, агар авлоди худат мебуд, поя монда ба сар медавидӣ! Гуфтаҳома накарда ҳам бин, рӯзата сиёҳ накунам, номама дигар мемонам!

Телефон қатъ шуд. Нодир ҳис кард, ки хунаш ҷӯш зада ба майнааш мебароядд, дасту поҳояш меларзиданд. Бо ду ангушт пӯсти пешониашро ба васат кашида худро ором карданӣ шуд. Аммо дарди сар шиддат гирифт, бо беҳолӣ аз ҷо хесту ба берун баромад. Дар роҳрави идора нафас рост кард, беихтиёр бастаи сигорашро бароварда, аз он як донаашро берун кашид. Нодир сигоркашон ба ҳавлӣ баромаду дар роҳакҳои гирди чаман ду-се қадам зад. Вақте ки ҳолаш ба мизон омад, дубора ба сари кор баргашт.

Нодир натавонист бо хаёли том корашро идома диҳад. Азбаски чеҳраи хашмгину нигоҳҳои сӯрохкуни ҳамсарашро дар мадди назар тасаввур мекард ва суханҳои нешдори ӯ дар мовароi гӯшҳояш танин меандохтанд, дасташ аз нақшакашӣ бозистод. Аз нав ба по рост шуд, бо умеди раҳоӣ ёфтан аз ташвиши рӯҳӣ қадам ба сӯйи коргоҳи мудир бардошт. Ӯ бо ин гуна ҳолат чандин бор бо сарвар рӯ ба рӯ шуда буд. Ин дафъа низ як гӯшаи сарашро хорида истода, бо мушкилӣ арзи матлаб кард:

– Раис, андак кори зарур пеш омад, мехостам ду-се соат зудтар ба хона равам.

Мудир бо чунин вазъи Нодир ба хубӣ ошно буд. Ҳеҷ гоҳ хоҳиши ӯро рад намекард, бо эҳтироме, ки ба ӯ дошт, ҳамеша ба додаш мерасид. Аммо ин бор медонист, ки Нодир кори муҳим дар даст дорад ва пешрафти корҳои иҷроӣ куллан ба нақшаю муҳосиботи ӯ вобаста аст, бароящон ҳатто ҳар дақиқа чун обу ҳаво зарур. Бо лаҳни мулоим пурсид:

– Мушкилии туро нағз мефаҳмам, ин дафъа чӣ супориш доданд хонуми кадбону?

– Мисли ҳамеша, сабад дар даст бояд даври «Карзинка» гардам, баъд бозор...

– Аз дасти ин хонумҳо намедонӣ саратро ба куҷо занӣ, оҳ дар бисот надоранду дағдағаашон як хирман! Ту, Нодирҷон, ҳар чӣ мехоҳӣ дар коғаз навису ба ронандаи ман деҳ, корат буд мешавад, – мудир гапзанон медид, ки Нодир аз хиҷолат сар ба зер афкандааст, илоҷи чашм ба чашм мондан надорад, аз ин рӯ, боз ҳам бо ҳамон оҳанги мулоим афзуд: – Ту ба корат часп, имрӯзҳо ҳар муаммое дорӣ ба ман гӯ, худам яктарафа мекунам.

Нодир ҳар қадар бо занаш сар ба сар мезад, бештар пай мебурд, ки ӯ чун оби зери коҳ асту ҳинояш ранге надорад, вале ин тараф сарвар пайваста ҳавои вайро дошт. Шояд ба хотири касби муҳандисӣ буд, ки мудир барояш дари ҳар гуна имкониятро боз мекард. Нодир аз нав бо рӯҳи тоза ба кори худ баргашт ва чунон саргарми компутер шуда рафт, ки нафаҳмида монд соати корӣ ба поён расидааст. «Агар ду рӯзи дигар ҳамин хел саъй кунам, тамоми тарҳу бароварди умпхонаро ба рӯйи мизи раис мегузорам», дар худ андешида аз ҷо хест Нодир ва ҷойи кориро ба тартиб даровару чароғи кабинетро хомӯш кард.

Вақте ки Нодир аз дарвозаи нимабози ҳавлиаш ба дохил даромад, насими атромези фораме ба димоғ зад. Ӯ боғчаи хушманзаре дар назди хона дошт ва се рад дарахту ниҳолҳои себ, олуча, зардолу, шафтолу ва ду бех анору воиши ток, ки ҳама маҳсули дасти «Нодирдеҳқон» буданд ва аз сӯйи дигар, гулҳои ранг ба ранги сабзондаи духтари калониаш дар давру бари боғча чашми бинандаро мебурданд. Саросар саҳну роҳакҳои сангфарши ҳавлиро то остонаи айвон об зада рӯфта буданд. Дар айвон, ки аз шоху барги ғализи ток зери соя монда буд, модарарӯсаш ба рӯйи чор қабат кӯрпача дароз мекашид, як бодзанаки барқӣ аз паҳлу беохир шамол медод ва се духтараш андармони момо – сару гардан, дасту поҳои ӯро наистода масҳ мекарданд. Ҳамсари Нодир дар канори дастархони пурнозу неъмат нишаста салат дуруст мекард ва бо модари худ ғарқи суҳбат буд.

Аз ҳама пеш духтари хурдӣ ӯро дида аз лӯхтакбозӣ даст кашид ва ба пешвозаш давид. Нодир духтаракро сари даст бардошт ва беэътиноии хонагиҳоро нодида гирифта овоз дод:

– Ассалом!

Ҳамсараш ҳамоно аз гапзанӣ бозистода аз ҷо хест ва алейкро ба насия монда, мисли ин ки касе ба дӯшаш санг бор карда бошад, бо чеҳраи гирифта аз канори Нодир гузашту ба самти ошпазхона рафт. Аз модарашон беҳтар, ҳар се духтар бо меҳрубонӣ салом доданд ва модарарӯс низ бо талвосаи пешвозгирӣ сару тани худро бардошта, бо поҳои дарозкарда ба пеш сари ҷо нишаст. Дарҳол набераҳо ба пушташ чорто болиш гузоштанд. Шукри зиёд, хушдоман ҷуссаи чор кас медидагӣ дошт. Поҳои мисли кунда ғафс, шиками карсонмонанд ва саридили барҷастааш, ки гӯё дуто ошкадуро зери курта пинҳон карда буд, гавдаашро хеле боҳайбат нишон медоданд. Ӯ базӯр лабони худро ба табассум моил карда гуфт:

– Салом, сиҳату саломат омадӣ аз кор?

– Ҳа, янга, шумо ҳам хуш омадед, моро хеле хурсанд кардед!

– Дар ин рӯзҳои доғ намехостам биём, духтарам ба ҷону ҳолам намонда ба омадан маҷбур кард. Аз он ки гуфтаӣ ба санатория мебарам, сарам ба осмон расид.

Нодир каме карахт шуд. Азбаски осойишгоҳро барои модари худ гуфта буд, аз чобукдастии занаш лол монд. Бо ин ҳол, сир бой надода ба сухан омад:

– Дар ин синну сол ба шумоён истироҳат лозим, агар пеши дарду нотобиро нагиред рӯйи ҳам чида шуда одамро аз пой меафтонад...

Вақте ки Нодир либос иваз карда дасту рӯ шуст ва дубора ба даври дастархон баргашт, ҳамсару духтаронаш се табақ ошу пешдастиҳои салатро бардошта омаданд. Зан табақи сергӯштро дар назди модараш гузошта, ба гап сар кард:

– Очаҷонам омаданд, як аҳвол! Чашмонашон фурӯ рафтаст, ранги рӯяшон кандагӣ, базӯр нафас мегиранд, илоҷи шинухез надоранд, – ва ба Нодир теғ кашида дар идомаи суханаш иддао кард: – Фардо вақт меёфтагистед ё боз ягон чокара мефиристед? Очама як қатор аз таҳлил нагузаронем намешавад. Дардашона аниқ карда баъд ба санатория мебарем.

Аз он иллатҳое, ки занаш мегуфт, Нодир асаре дар хушдоман намедид. Ӯ ҳамин ки андеша мекард чӣ ҷавобе ба ҳамсараш диҳад, модарарӯс табақи ошро пештари худ кашид ва барои меҳрубон шудан ба палав ба дигарон бо даст ишора карду худаш пайи ҳам луқмаҳои калон бардоштан гирифт. Нодир медид, ки модари «бемор» мисли даҳмардаҳо ғизо мехӯрд. Донаҳои биринҷ ба даври лабу даҳонаш часпида мемонд, аз васати ангуштҳояш ба пушти панҷа равғани зағир шорида мефаромад. Занаш бошад, бо илтифоти зиёд салату чаккаю пораҳои нонро ҳам наздиктар гузошта ба хӯрокхӯрии модараш қувват медод:

– Гиред, очаҷон, рӯзи дароз ҳеҷ чиз нахӯрдаед, калон-калон гиред.

Аз ин манзара дили Нодир ғаш кард, аммо наметавонист ҳарфе беҷо занад. Бар зидди раъйи зан гапе гуфтан ҳамсанги равған пошидан ба оташ буд...

Нодир дар тӯли зиндагии муштарак ба рафтору кирдори ҳамсари худ диққат дода, борҳо пай бурда буд, ки ӯ чӣ қадар камандеш аст. Ин мӯйдарози ақлкӯтоҳ як қадам он тарафро дида наметавонист, бо амалу бархӯрдҳои бемаврид ошкоро одамҳоро аз худ дур меронд, вале ҳозир буд барои наздикони худ ҷонашро адо кунад. Шояд дар ҳаққи ин гуна кадбонуҳо гуфтаанд, «хеши зан қайла бизан, хеши шӯ дега бишӯ». Нодир медонист, ки ҳамсараш барои ӯ очаи бачаҳо, соҳиби хонаю дараш аст, аз ин рӯ, ба хотири осойиши зиндагӣ ҳама рафтору бадгӯйиҳояшро таҳаммул мекард. Ҳарчанд модари азизаш ё

бародаронаш чандин бор аз муомилаи зишти зан ноҳинҷору ноумед шуда манзилашро тарк карда буданд, боз ҳам ӯро мебахшид, саъй мекард сарпӯши дег доимо пӯшида монад...

Нодир дар пушти компутер нишаста буд, аммо дасташ ҳеҷ ба кор намерафт, наметавонист хаёлоти гиреҳхӯрдаашро аз дӯғу дархостҳои ҳамсар раҳо созад. Бо ин фурӯмондагӣ ба наздаш омадани мудирро нафаҳмида монд.

– Боз ҳам хонуми кадбонуро фикр мекунӣ, муҳандис? – гуфт сарвар болои сараш рост истода.

Нодир як қад парид, ҳаросон сари по баланд шуд. Аммо ӯ ҳарфе нагуфта, мудир ба сухани худ идома дод:

– Мо имрӯз бояд ҷузъиёти нақшаҳо ва бароварди миқдору ҳаҷми амалиётро ба соҳибкор тақдим кунем. Дигар вақти изофӣ надорем, агар дер монем тамоми кори сохтмонӣ ба ақиб меафтад. Саъй кун, муҳандисҷон, ба корат рас, ҳама умед ба ту.

Нодир мехост дарди дил гӯяд, аммо забонаш нарафт, чизе нагуфта нигоҳашро аз мудир гурезонд, аз рӯйи одат даст ба пешонӣ бурду худро ором нишон доданӣ шуд. Мудир бошад, маънии ин гуна ҳолатҳоро хуб дарк мекард, даст ба китфи ӯ гузошту амромез гуфт:

– Чӣ муаммо дорӣ, росташро гӯ, муҳандис! Магар дирӯз нагуфтам корҳои хонаатро ба ман супор?!

– Модарашро ба МДС мебурдаам, таҳлили пурра медодааст, баъд...

– Баъд аз рӯйи варақаҳои озмойиш ба осойишгоҳ мебурдаӣ, – бо завқ давоми гапи Нодирро гирифт мудир ва афзуд: – Ин муаммои ман, муҳандисҷон, ту ба корат часп!

Нодир об дар даҳан, вақте ки намедонист бо чӣ забоне арзи сипос кунад, мудир ба ӯ чашмак зада ишораи нишастан дод. Ниҳоят, ба курсӣ нишаста истода ба забон омад:

– Ташаккур, раис.

Он рӯз бо дастури мудир ронанда ва котибааш масъулияти домодро ба ӯҳда доштанд. Модарарӯси гаронвазнро ба ӯҳу уфаш нигоҳ накарда, дар клиника кабинет ба кабинет гирифта гаштанд ва аз муоинаи духтурон гузаронданд. Пас аз ҳама озмойишҳо, агарчи модарарӯс ба ҷуз вазни сарборӣ ва нафси бад касалии дигаре надошт, раҳбари идора ба ҷойи Нодир ӯро ба осойишгоҳ фиристод.

Нодир аз ин ҳиммати ҳамкорон бо тамоми вуҷуд миннатдор буд, вале дар назди мудир худро забонкӯтоҳу ҳақир медид. Ҳар гоҳ ин кумакҳоро дар зеҳни хеш ҳис мекард, ба худ савол медод: «оё кори ман ба ин ҳама пуштибониҳо меарзад?»...

Аз байн чанд рӯз гузашт. Нодир хастаю шалпар аз кор ба хона омад. Баробари ворид шудан ба ҳавлӣ духтари хурдиаш давида ба пешвоз баромад ва бо забони ширини худ хабар дод:

– Додоҷон, момом омаданд!

– Кадом момот? – бо тааҷҷуб пурсид Нодир, зеро барои омадани модарарӯс ҳанӯз хеле вақт буд.

– Момои калонам, – боз ҳам бо лутфи кӯдакона арз кард духтарак.

Нодир бо шитоб худро ба айвон расонд. Дар он ҷо ҳамсараш ба даври сар рӯмолеро баста, гӯё ки бемор бошад, аз одаму олам бехабар, сарболо хуррок кашида хоб мерафт.

Поинтар аз айвон бошад, модари азизаш бар рӯйи замини симонӣ нишаста, донакҳои ҷуворимаккаро аз саракҳои хушкшуда ҷудо мекард. Ӯ бо бетоқатӣ овоз дод:

– Очаҷон, ин шумоед?

Модар бо садои Нодир сар боло кард ва ҳамоно ба пешвози ҷигарбанд аз ҷо хест. Модару писар якдигарро ба оғӯш гирифтанд. Агарчи бӯйи диловези биҳиштие Нодирро маст мекард, ӯ аз тани лоғару устухонии модараш ба риққат омад...





*Сухан ганҷи ниҳон андар дили мост,*
*Сухан, бе ҳеҷ шаке, обу гили мост.*

## ҲИКМАТ СУЛТОНЗОДА

**(1973)**

Ҳикмат Султонзода (Ҳикматов) 30 июли соли 1973 дар деҳкадаи Сойхурди деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато таваллуд ёфтааст. Ӯ мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ фаро мегирад ва донишомӯзиро дар бахши суханшиносии Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе давом медиҳад. Пас аз хатми донишгоҳ дар мактаби миёнаи деҳкадаи Сойхурд аз фанҳои забону адабиёт ба омӯзгорӣ мепардозад.

Ҳикмат Султонзода соли 1998 ба Тошканд омада, фаъолияти кории худро дар шуъбаи тоҷикии нашриёти давлатии «Ӯзбекистон» ҳамчун муҳаррир идома медиҳад. Ӯ дар ин даргоҳ то соли 2003 кор карда, аз наздик бо аҳли илму ҳунар ва адабиёт, рӯзноманигорон ошно мегардад. Ҳамзамон бо кори тасҳеҳу таҳрири китобҳо ба эҷоди бадеӣ низ машғул мешавад, бештар ба шеърнависӣ рағбат пайдо мекунад. Агарчи бо сабабҳои оилавӣ дубора ба деҳа бармегардад, лекин аз эҷодкорӣ даст намекашад. Ҳатто муяссар мешавад ду маҷмӯаи шеърии худро бо номҳои «Бозгашти Ҳикмат» (Тошканд, «Муҳаррир», 2011) ва «Сеҳри сухан» (Тошканд, «Муҳаррир», 2013) ба дасти хонандагон расонад.

Сухангусторӣ кори осон нест. Ба вижа, сухан гуфтан дар қолаби шеър аз ҳар гуна эҷодкор истеъдоди фитрӣ, ҷаҳонбинии васеъ, дарки маънию мантиқи зиндагиро тақозо мекунад. Агар кори шеър соданависию содапиндорӣ дар чаҳорчӯбае мебуд, ҳеҷ гоҳ ба унвони беҳтарину муассиртарин ангезаи хаёлоти инсон шинохта намешуд. Шеър дард аст, ишқ аст, орзуву умед аст, ҳиссиёту бардошти рӯҳии шабурӯзии инсонҳои огоҳ аст. Ҳикмат пас аз бузург шудану то ҷое бархурдор гардидан аз нозукиҳои ҳаёт тасмим мегирад эҳсосоти

ба шӯр омадаи ботини худро ба рӯ барорад ва дар ин амал шеърро интихоб мекунад. Ӯ бештар дар қолабҳои суннатии риштаи назм – дубайтӣ, рубоӣ, чаҳорпора ва ғазал сухану розу ниёзи дили худро ба курсии маънӣ менишонад. Ҳикмат дар дафтари хотироти худ овардааст: «... Яке аз шабҳои салқини тобистон буду ман бар рӯйи тахти чӯбини боғамон рӯ ба боло мехобидам. Боди фораме мевазид, осмони тирагун бо ҳама ҳусну ҷамоли худ, ки ҳам ситорагони хурду калони нурпош, ҳам роҳи Каҳкашон, ҳам «Ҳафт бародарон» ва ҳам бадри мунирро фаро мегирифт, ба сӯйи ман худнамоӣ мекард. Худам бехабар, бо тамошои ин манзараи шабонгаҳ банд шуда, ба ғанаб рафтанамро нафаҳмида мондам. Ҳамон дам дар пеши назарам қиёфаи мӯйсафеди нуроние падид омад, ки ба сар саллаю ба тан яктаҳи сап-сафеди дароз ва дар даст таёқи саркаҷи қуббадоре дошт. Ӯ чанд муддат ба ман дида дӯхта истоду як он табасссуме кард ва аз домани худ як баста коғазро, ки ба назарам пур аз мисраоти шеърӣ буданд, бароварду ба сӯям ҳаво дод. Маро беҳаракат дид магар, ногоҳ асои дасташро бардошту бо зарб ба дӯшам фаровард. Ман ҷаста аз ҷо хестам ва худро гӯё дар як чоҳи зим-зиё торик дидам, вале наметавонистам ором бошам – пайваста ҳарф мезадам ва суханҳоям низ одӣ набуд, ман шеър мегуфтам... Баъдан модарам хоби дидаамро таъбир карда гуфт, ки ба ту Бобои Хизр, ки шояд яке аз паёмбарони шеър бошад, бо асо задан қувват додааст ва туро ба шеъргӯйӣ ҳидоят кардааст...».

Дар воқеъ, Ҳикмат пас аз он шаби тобистон хомаашро канор нагузошт. Ӯ ба ҳар чи, ки дар гирду атрофи худ медид, бо назари ҷиддӣ таваҷҷуҳ кард, барои шинохтани зоҳиру ботини инсонҳои перомуни худ даст ба кор шуд ва пайи ҳам шеъргунаҳои хонданибобу дилнишинро сурудан гирифт. Табъи равони ӯ мададгори ин аҳду талошаш гардид. Васфи ватан ва табиат бо тамоми зебоиҳояш, эҳтиром ба устод ва падару модар, ва албатта, таранниуми ишқу алоқаи ҳамешагӣ ба падидаҳои хайру шарри атроф, ки гӯё аз дили инсони дарвешмаобу ринд ва узлатгузидае садо медиҳад, мавзӯоти умдаи ашъори суханвар аст. Саъй мекунад тавассути каломи мавзуни худ панд диҳад ва хурду бузургро бо каму беш ё пешомадҳои талху ширини ҳаётӣ огоҳ созад. Маҳз бо хамин мақсад кӯтоҳу бомаънӣ «резасуханҳо» низ дорад, ки донистани онҳо аз аҳамият холӣ нест.

Ҳоло Ҳикмат гоҳ дар зодгоҳи худ омӯзгорӣ мекунад, гоҳ дар кишвари Русия мутарҷимӣ, аммо аз гуфтани каломи мавзун даст намебардорад.

## ШЕЪРҲО

### Боз меояд баҳор

Боз ояд шодиву ҳам боз меояд баҳор,
Боз ояд рӯзи нав, ҳам боз меояд нигор.
Эй дил андар синаи ман бош дар ҷӯшу хурӯш,
Боз ояд хандаву ҳам боз меояд хумор.
То тавонӣ дил макан аз гулрухи гулбӯяке,
Боз ояд рӯзи хуш, ҳам боз меояд барор.
Чун гулу булбул нигар, ин зиндагӣ майдони ишқ,
Боз ояд таргулу ҳам боз меояд ҳазор.
Ҳикмато, осуда бош, дар чор сӯйи зиндагӣ
Боз ояд нағмаву ҳам боз меояд баҳор.

### Муаллим

Чароғи машъалу нурӣ, муаллим,
Ба заҳмат беҳтар аз мӯрӣ, муаллим.
Зи дасти нотавониҳои шогирд
Гаҳе ту зинда дар гӯрӣ, муаллим.

Муаллим, зинда бошӣ то қиёмат,
Худо бахшад ба ту бахту саодат!

На коре бесамар ҷӯяд муаллим,
На боре беасар пӯяд муаллим.
Пайи ободии фардои шогирд,
На ҳарфе барҳадар гӯяд муаллим.

Муаллим, зинда бошӣ то қиёмат,
Худо бахшад ба ту бахту саодат!

Ба сина ганҷи ҳикмат шуд, муаллим,
Ҳаме саргарми меҳнат шуд, муаллим.
Барои бахту ободии шогирд
Ҳамеша Оби раҳмат шуд, муаллим.

Муаллим, зинда бошӣ то қиёмат,
Худо бахшад ба ту бахту саодат!

## ҒАЗАЛҲО

Афсӯс, туро бар мани мискин назаре нест,
Арзандатар аз ту ба ду олам гуҳаре нест.
Муштоқи ту то кай бувад ин ҷони рамида,
Ё худ шаби муштоқии моро саҳаре нест.
Ҷуз васфи ту ҳаргиз накунам кори дигар ман,
Манро ба ҷуз аз васфи ту дигар ҳунаре нест.
Ман дар ғами ишқи ту шуда хаставу бемор,
Ҳайҳот, туро бар мани мискин назаре нест.
Ҳарчанд зи кӯйи ту манам дур фитода,
Бар кӯйи дили мо зи ту охир сафаре нест.
То ҳаст туе, ҳаст ҳама оламу одам,
Аз ҳеҷ касе дар ду ҷаҳонам хатаре нест.
Боз ой, ки чашми дили Ҳикмат ба раҳат чор,
Ширинтар аз он шаҳди лабонат шакаре нест.

* * *

Рӯзу шаб шукронаи дунёву даврон мекунам,
Ҷони худро ман барои дӯст қурбон мекунам.
Нест моро ҳеҷ парво бар ғаму дарди ҷаҳон,
Ёри худро, зинда бошам, шоду хандон мекунам.
Дигарон гар мешитобанд аз пайи амлоки дун,
Умри худро сарфи васфи зулфи ҷонон мекунам.
Нест моро дар ду дунё ваъдае бо ҳеҷ кас,
То ки бошад гуфта бошам ину ҳам он мекунам.
Меравам дар кӯчаҳои зиндагӣ масту аласт,
Хешро бо ин аластӣ ёри дунон мекунам.

Гар касе бар қасди мо пӯшад либоси душманӣ,
Бо хамӯшиҳои худ, бингар, чӣ ҳайрон мекунам.

* * *

Хони моро неъмате з-он моҳи тобон кардаанд,
Ҷони моро ташна бар он теғи мижгон кардаанд.
Гаҳ ба хобу гаҳ ба бедорӣ ҳамеҷӯем варо,
Бори умрам сарфи як дидори ҷонон кардаанд.
То бубинам орази ӯро ба чашми ҷони худ,
Чашми ҷонамро бубин, сармасту ҳайрон кардаанд.
Ҷони мо аст орази он дилбари таннози мо,
Баҳри он ҷон ҷони моро аз чӣ қурбон кардаанд?
То наафтад як назар берун зи қадри одамӣ,
Синаи пурдарди моро пур зи пайкон кардаанд.

## ДУБАЙТИҲО

Ба бахти ман, ҷавон омад гули ман,
Латифу меҳрубон омад гули ман.
Набӯсам, то ки ғайри ӯ касеро,
Ба лабҳо ангубин омад гули ман.

* * *

Бародар гар наку гӯйӣ баҳор аст,
Фузунтар аз накугӯйӣ чӣ кор аст?
Сухан дар ҳадди меъёр ар бигӯйӣ,
Саодат дар ду дунё бо ту ёр аст.

* * *

Барои ман чӣ лозим гавҳару зар?
Чӣ лозим давлату дунёи дигар?
Фақат хоҳам дар ин паҳнои олам,
Бароям то абад монӣ ту – модар!

* * *

Баҳор омад, биё, ки шод бошем,
Зи ранҷу ғуссаҳо озод бошем,
Ба сони булбули шӯхи гулистон,
Зи шавқи шодӣ дар фарёд бошем.

* * *

Биё, бо диданат ором гирам,
Аз он шаҳди лабонат ком гирам.
Фурӯшам ҳар ду дунёро ба як ҷав,
Агар аз дастаконат ҷом гирам.

* * *

Биё, ҷоно, манам дар интизорат,
Биё, бар дӯш гирам ҷумла борат.
Биё, ки дидани рӯйи ту ид аст,
Шудам ошиқ ба он чашми хуморат.

* * *

Даво бар дарду ғамҳоят манам, ман,
Рафиқи рӯзи танҳоят манам, ман.
Ки то бинам туро шодону масрур,
Харидори аламҳоят манам, ман.

* * *

Ду дасти одамизодро бубастанд,
Худ аз баҳри тамошояш нишастанд.
Бубин, дар аҳди мо кӯрони буздил
Дарахти одамиятро шикастанд.

* * *

Манам дар ишқи ту сарсону сарсон,
Манам аз ҷилваи ту масту ҳайрон.
Илоҳо, гум шавад номи ҷудоӣ,
Нигар, бе ту дилам вайрону вайрон.

* * *

Миёнборику борикам ту ҳастӣ,
Нигори турку тоҷикам ту ҳастӣ.
Фузун аз ҳуру нур астӣ ту, эй ёр,
Чароғи шоми торикам ту ҳастӣ.

* * *

Миҷозам гарму сард аст, эй гули ман,
Дилам лабрези дард аст, эй гули ман.
Зи дасти дарду ғамҳоят, валекин
Дилам монанди гард аст, эй гули ман.

* * *

Ту ғам дорӣ, алам дорӣ, сад афсӯс,
Ба дида ашки нам дорӣ, сад афсӯс.
Туӣ нозук чу барги гул, нигоро,
Ба ҷони худ ситам дорӣ, сад афсӯс.

* * *

Ҷавонию ҷавон монӣ, илоҳо,
Ҳамеша бехазон монӣ, илоҳо!
Бувад дидори ту бахти сафедам,
Ҳамеша меҳрубон монӣ, илоҳо!

* * *

Ҷаҳони бекарони ман ту ҳастӣ,
Баҳори бехазони ман ту ҳастӣ.
Ту ҳастӣ оламам рангину ширин,
Нигори хушзабони ман ту ҳастӣ.

## РУБОИҲО

Афсӯс, ки хоки одамонро бехтанд,
Афсӯс, ки қолаби дурӯғин рехтанд.
То он ки диҳанд амон ба ёрони худӣ,
Афсӯс, ҳаёти дигаронро сӯхтанд.

* * *

Бо мардуми сода одӣ мебояд буд,
Бо мардуми бодӣ бодӣ[1] мебояд буд.
Ин аст муроди зиндагӣ, огаҳ бош,
Бо мардуми ҷиддӣ ҷиддӣ мебояд буд.

* * *

Дар кӯйи ту, бин, ғулому дарбон моем,
Афтида ба пеши пот бо ҷон моем.
Сад шукр, ки ту ҳастиву ишқ асту мане,
Дар ишқи ту, бин, гадову ҳайрон моем.

* * *

Дидори туро ба ҳар гузар меҷӯям,
Васфи қади ту ба шеъри тар мегӯям.
Эй маҳваши дилҷӯяки ман, гарду биё,
Ман роҳи туро шому саҳар мепоям.

* * *

Мо ташна ба дидори рухи тар бошем,
Ҳам ташна ба дидори чу гавҳар бошем.
То ҳаст ҷаҳону ошиқӣ ҳаст ба ҷо,
Эй кош, ки мо ғуломи дилбар бошем.

* * *

Наврӯз, биё баҳори мо хуррам кун,
Шодиву нишот дар бани одам кун.
Муштоқи туем, то бубинем рӯят,
Моро ба ҷамоли хештан беғам кун.

* * *

Не масҷиду не куништ бошад, эй дӯст,
Не зоҳиру не сиришт бошад, эй дӯст.
Ман бошаму дар канори ту косаи май,
Не дӯзаху не биҳишт бошад, эй дӯст.

* * *

[1] **бодӣ** – олуфта, лофзан, ҳавобаланд

Ҷоно, бинигар гадои рӯят моем,
Мафтуни ҷамоли мушкбӯят моем.
Ҳастӣ ту чароғи ишқро сармоя,
Бе ҳеҷ шаке, ғуломи кӯят моем.

* * *

Эй кош, ба даргоҳи ту маҳрам бошем,
Бар дарду аламҳои ту марҳам бошем.
Ту махзани ганҷинаю асрори фузун,
Дар пӯшиши асрори ту маҳкам бошем.

* * *

Эй кош, туро зи ғусса озод кунам,
Пайроҳаи иқболи ту обод кунам.
То бозрасад ба дасти ман рангу қалам,
Бар васфи ту абёти нав эҷод кунам.

## ЧАҲОРПОРАҲО

Ин макон мероси аҷдоди ман аст,
Маскани имону иршоди ман аст.
Бо ҳама буду набудаш, ёри ман
Манбаи илҳому эҷоди ман аст.

* * *

Манбаи илҳоми ман дил асту бас,
Ғайри дил дарёю соҳил асту бас.
Манбаи илҳоми ман, ҷоно, туӣ,
Ғайри ту олам ба ман гил асту бас.

* * *

Мубталои дарду ғам кист? Одам аст.
Чашмҳояш ғарқи нам кист? Одам аст.
Эй басо афтодаву хору забун,
Дар дилаш садҳо алам кист? Одам аст.

Ҷуръат андар кори нек мардонагист,
Мард будан, ҷонам, аз фарзонагист.
Роҳи дигар нест моро бар мурод,
Роҳи дигар, ҷонам, аз дармондагист.

## БАЙТҲО

Сухан эҳсони олии Худо аст,
Валекин бесухан аз он ҷудо аст.

* * *

Сухан ганҷи ниҳон андар дили мост,
Сухан, бе ҳеҷ шаке, обу гили мост.

## СУХАНРЕЗА

Агар зӯри ту ба душманат нарасад, худро бикӯб.

Аз нақд бисёр ҳарф нагӯед, ҳаёту қисмати инсон нася аст.

Афтодаро зер макуну ноафтодаро боло мабардор.

Баҳодиҳанда бисёр аст, баҳогузор яке.

Дарбеҳи худатро пӯш, то нави ғайреро пӯшӣ.

Дар ҷавонӣ ғам махӯру дар пирӣ афсӯс.

Заифӣ дар ишқ аз тарсончакист.

Қанд зананд ононе, ки дарди ҳазоронро дармон мебахшанд, вой бар ҳоли ононе, ки илоҷи дарди хешро намеёбанд.

Парҳез аз миннат фазилати олист.

Ман аз шумо мураккабиро намеомӯзам, шумо аз ман содагиро омӯзед.

Саги дари касу нокас мабош, луқма аз қадди кӯча ҳам ёфт мешавад.

Сухан аз қанду ҳалво ширинтар аст, вале онро дар бозор намефурӯшанд.

Ҳазор ҷону танат дардманд бошад ҳам, ноумед машав.

Ҳама кор ҷониби шарафмандӣ дорад, ба ҷуз бекорӣ.

Ҷомаи суханро дарозу кӯтоҳ мадӯз.

Ҷӯе, ки об надорад, тоза кардан чӣ ҳоҷат?

Эй одамон, биёед имрӯз ба ҳам оем, чун ҳастем, пагоҳ Худо медонад.

Эҳдои Худованд барои ман аз буда беш аст, зеро шумо барин хонанда дорам.

Яке ҳаққи ҳазор кас хӯрд ҳеҷ кас надид, яке ҳаққи як касро хӯрду ҳазор кас дид.



***Мо пайи ободии олам чунин вайронаем,***
***То ки бошад хонае обод, мо бехонаем!***



## ШАКАР САЙФӢ

**(1979)**

Шакар Сайфӣ (Сайфуллоев) 2 июли  соли 1979 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато дар оилаи коргар дида ба дунё кушодааст. Падари ӯ Зайнуллоҳи Сайфуллоҳ ва модараш Тоҷигул бинти Нурмаҳмад бо вуҷуди надоштани таҳсилоти комил бурдборона аз кӯраи зиндагӣ гузашта, фарзандони худро дар рӯҳияи солими инсонгароӣ ва меҳнатдӯстӣ ба камол расондаанд.

Шакар мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ хатм карда, соли 1996 ба бахши филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил мешавад. Пас аз фориғ шудан аз таҳсили донишгоҳ, муқаддаман аз соли 2000, чанд муддат дар идораи рӯзномаи  «Овози Самарқанд» ба ҳайси мухбир фаъолият мекунад. Сипас, бо ҳидояти дӯстони равшанфикр кори рӯзноманигориро дар бахши тоҷикии радиои Хуросон дар шаҳри Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон идома медиҳад. Ӯ бо ҳамсараш муқими кишвари ҳамсоя шуда, аз наздик бо урфу одат ва тарзи зиндагии ҳамзабонони эронӣ ошно мегардад ва дар давоми ҳамин сафари худ ва ҳамкорӣ намудан бо аҳли зиёи форсизабон боз ҳам бештар ба дунёи рангин ва пурасрори адабиёти форсӣ-тоҷикӣ фурӯ меравад. Вале, пас аз даргузашти модари меҳрубон ӯ маҷбур мешавад касби писандидаи худро раҳо карда, дубора ба деҳа, ба назди падари танҳои хеш баргардад. Чун дар деҳа шуғли доимӣ надорад, барои дар овардани мояи рӯзгузаронӣ гоҳ-гоҳ ба кишвари Русия рафта меистад ва мутарҷимӣ мекунад.

Шакар Сайфӣ ҳанӯз дар овони мактабхонӣ ба фанҳои забону адабиёт шавқу алоқаи беандоза дошт. Ӯ ду бор дар озмунҳои вилоятӣ

ва ҷумҳурӣ ширкат варзида мақомҳои аввалу дувумро соҳиб шуда буд. Дар донишгоҳ бошад, майдони илмомӯзӣ боз ҳам васеътар дар рӯ ба рӯяш доман боз мекунад. Ӯ пайваста ба омӯхтани паҳлуҳои нозуку пурасрори забон ва ба хусус, шеъру шоирӣ машғул мешавад ва бо кумаку дастгирии устодон то ҷое ба ин баҳри маонӣ ва сеҳрнок сар мезанад. Пайи ҳам шеърҳояш дар рӯзномаи «Овози Самарқанд» ба табъ мерасанд ва натиҷаи нахустин саъйҳои хомаронӣ ва табъи равони Шакар буд, ки китоби манзуми «Селоби ишқ» падид меояд. Ин китоби шеъри шоири ҷавон аз тариқи нашриёти самарқандии «Зарафшон» бо таҳрири шоир Хоҷа (Чоризода) ва пешгуфтори шоир Асадулло Шукуров дар соли 2003 ба чоп расидааст.

Зиндагӣ бас тазодҳое дорад. Гоҳ афроде дучор меоянд, ки аслан истеъдоди эҷодкорӣ надоранд, вале бо иштиёқи баланди шуҳратёбӣ калимотро пасу пеш чида, қаламиҳои бемантиқеро ба тартиб медароваранд ва ҳатто дафтару китоби «ашъор» меофаранд. Онҳо барои чопи қаламиҳои худ ҳам сармоя меёбанд ва ҳам китоби «воло»-и худро бо сарсухану наққошиҳои бесобиқа оро медиҳанд. Дар муқобили ин «эҷодкорон», афроде мисли Шакар аз дасти бебизоатӣ ва тазйиқҳои рӯзгор сари ҷо по мезананд ва истеъдоду маҳорати модарзодиро хор мекунанд. Шояд ҳам ин тавр нест, шояд Шакар ҳанӯз ҳам менависад ва дастнависҳои худро ҷамъ мекунад, аммо ҳақиқати талх ин аст, ки мо пас аз «Селоби ишқ» то ҳол дигар ҳеҷ гуна «селоб»-ро надидем.

Шакар Сайфӣ ҷавон аст. Ӯ метавонад дар осмони шеъру шоирии деҳаи Эҷ ҳамчун дурахшонтарин ситора нурпошӣ кунад, зеро бо нахустин шеърҳои худ аллакай ба дили ҳамдеҳагон ва дӯстдорони каломи бадеъ роҳ ёфтааст. Ворид шудани Шакари навдастро ба майдони адабиёт хайра мақдам гуфта, шоир Асадуллоҳ Исмоилзода ба ӯ чунин баҳо дода буд: «Шакар Сайфӣ аз қабили чунин ҷавонони тозаэҷод аст, ки гӯё саропо ишқ асту ошиқона шеър мегӯяд. Зодаи кӯҳистон асту оби зулоли чашмаҳо ба ӯ илҳом ҳадя кардаанд ва кӯҳҳои сарбафалак ба вай тамкин бахшидаанд. Шакар Сайфӣ аз хазоини ашъори шуарои пешин баҳра бардошта, дар орзуи шеъри шаккарин худро бо сайф (шамшер)-и сухан мусаллаҳ гардондааст. Мавзӯоти ашъораш аксаран ишқи ёру меҳри диёр буда, аз онҳо бӯйи баҳору ёду хумор ба табъи хонанда мерасад...» (Селоби ишқ, «Гуфтани шеъри ногуфта орзуст», саҳ.3).

То ба имрӯз Шакар Сайфӣ дар байни қаламфарсоёни ҳавзаи адабии Варорӯд ба тавре ки лозим аст муаррифӣ нашудааст, аммо итминон дорем он рӯзи саъд барои Шакари ширинзабон низ фаро хоҳад расид. Ӯ аз зумраи шоироне хоҳад гардид, ки ҳам бо усули суннатӣ ва ҳам дар қолаби шеъри нав асарҳои мондагор меофаранд ва бо сухани ноби худ муштоқони каломи мавзунро комгор месозанд.

## ШЕЪРҲО

### Эҳё

Аз он рӯзе, ки аз дарёи ишқи ту
чашидам қатрае бар коми қалби ташнаи меҳрам,
бароям зиндагӣ ширину осон аст.
Аз он субҳе, ки аз анфоси хайрангези нобаш
шамидам накҳати зулфат,
бароям бӯйи дигар хушку беҷон аст.
Аз он шоме, ки рӯшан кулбаам гардид
зи нури рӯйи тобонат,
барои ман,
баҳои ҳусни маҳ дигар
баробар бо баҳои санги беҷон аст!
Ту накди ман, алайҳи насяҳои қалби пурдардам,
Ту пирӯзии ман ҳастӣ ба бадхоҳони номардам.
Ту дунёи манӣ, дунёи дигарро намехоҳам,
Ту эҳёи муҳаббат дар дили аз беғамӣ сардам.

### Бороні орзу

Биё, ин лаҳзаи ширин,
ки бо ман ҳамнафас бошӣ.
Биё, то дар макони дил
ниҳон аз хору хас бошӣ.
Туро бар конуни дил,
бар макони меҳру осойиш,
ба дунёи пур аз ишқу

фазои пок,
Хоҳам бурд!
Канори ту зи офатҳо,
зи осебу касофатҳо,
зи гардишҳо,
зи ҷунбишҳо,
зи кулли нобарориҳо басе парҳез хоҳам кард.
Ва ҷоми синаи худ
аз шароби васли ту лабрез хоҳам кард.
Ва сархуш аз майи нилгун,
туро афсона хоҳам гуфт.
Яке афсонаи ширин
зи ишқу ҷонфишониҳо,
зи сӯзишҳо,
зи созишҳо,
зи ҳиҷрону зи хун бигристани ёрон.
Чу Маҷнун дар биёбонҳо,
зи худ берун,
вале дар қайди ёр биншастани эшон,
Ба ту бо лафзи ширин вола[1] хоҳам шуд
ва то рӯзи қиёмат
дар сарат бедор хоҳам буд!

## Селоби ишқ

Бишканад, вайрона созад,
Меситезад, мегудозад,
Шоҳу соил кай шиносад,
Эй тани аз дил ҷудо,
Бигрез аз гирдоби ишқ!

Ногаҳонӣ мерасад он,
Мисли борони баҳорон,
Хуррам аз меҳраш гулистон –

[1] **вола** – шефта, мафтун, шайдо

Булбули дардошно,
Овез бар атъоби[1] ишқ!

Оҳ, чи мағрур асту саркаш,
Ҳам балохезу балокаш,
Душмани дил асту дилкаш –
Эй сари ноошно,
Омез бо селоби ишқ!

Оби оташзода бошад,
Аз само уфтода бошад,
Бегунаҳ озода бошад –
Раҳрави роҳи Худо,
Магрез аз асҳоби ишқ!

Нолаҳояш шодӣ орад,
Аз қафас озодӣ орад,
Мулкро ободӣ орад –
Эй Худои синаҳо,
Мастез бар изноби[2] ишқ!

**Шеъри сапед аз шири сапед**

Оҳ, Модар!
Боз ман раҳгум задам,
боз ман раҳгум задам дар роҳи мақсудам, дареғ.
Роҳи ман омад ба пастӣ,
кӯйи мақсуд ноаён аст,
шуд фазоям тира бо анбӯҳи меғ.

Оҳ, Модар!
Ёварам бош.
Раҳнамо шав боз як бор,

[1] **атъоб** – ранҷҳо;
[2] **изноб** – гуноҳҳо

бахри тифли кӯчакат.
Роҳи некӣ,
роҳи бахту роҳи иқбол
баркушо!
Ҳам бубахшо,
ҷурми фарзандат ба меҳр.
К-ӯ гунаҳкор аст андар зиндагӣ
з-он ки қадри шири покат,
пеши худ нашнохтам ман.
Ҳаққи он бедории шабҳои ту
номи некат
то фалак н-афрохтам ман.
Ҳаққи он нону намак,
ҳаққи он алфози ширин,
ҳаққи ин пойи равонам,
ҷисму ҷонам,
пеши поят чун гилем н-андохтам ман.
Модари ҷон!
Қисматам аз синаат сарчашма дорад ...

**Дуои модар**

Хоб дидам мӯсафеде гаштаам,
Модари ман навҷавону тозарӯ.
Карда дар оғӯш ҷисмам, зери лаб
Сӯйи Яздон илтиҷо мекард ӯ:

« – Эй Худо, бишнав ниёзам ин саҳар,
Марҳамат фармою бар додам бирас.
Аз сари фарзанди ман мӯйи сафед
Бо сияҳмӯйи манаш бинмо иваз!

Умри ман афзо ба умри кӯдакам,
Зиндагияш саҳнаи пирӯзӣ кун.
Ӯ набинад норасоӣ дар ҷаҳон,
Ганҷи оламро ба рӯяш рӯзӣ кун!»

Чашм бикшодам зи хобу худ ба худ,
Таъбире ҷустам ба ин амри муҳол.
Ногаҳон пире ҳувайдо гашту гуфт:
« – Ин ҳақиқат аст, не хобу хаёл.

Модари ту ҷон раҳо карду ба меҳр,
Гармии худро ба ҷисмат ҷо намуд.
Хирмани мӯйи ту мӯйи модар аст,
К-аз сари меҳраш туро эҳдо намуд.

Бо чи заҳматҳо туро Одам намуд,
Бар ту бахшид навҷавонии худаш.
Боз мехоҳад, ки бошад ёварат,
Бо дуои осмонии худаш!...»

## Қалъаи Феҷак
### *(манзума)*

Қалъаи Феҷак[1] сари кӯҳ,
ин замон вайрона гашта.
Торихаш дар байни мардум,
қиссаю афсона гашта...
Буда аммо рӯзгоре,
к-ӯ паноҳи мардумон буд.
Баҳри ҳифзи номуси халқ,
садди роҳи душманон буд.
Мардуми заҳматкашида,
аз фалокатҳо рамида.
Шаҳрҳоро тарк гуфтанд,
дар бағалкӯҳ орамида.
Лек хасми кинапарвар,
сахтрӯю бемурувват.
Гоҳу ногаҳ ҳамла мекард,
бар сари ёрони ғурбат.

[1] **Феҷак** ( فیجک ) – номи қалъа; яке аз бузургтарин ва қадимитарин қалъаҳои кӯҳистони Нурато аст, ки бар фарози деҳаи Эҷ сохта шудааст ва эҳтимол дорад нахустин маскани эҷиён ҳам бошад

Кард ғорат деҳаи Эҷ,
одамонро карда мазлум.
Молу нонаш мерабудӣ,
зору ҳайрон карда мардум.
Лек як рӯзи зимистон,
баъди забту ғорати деҳ.
Душманон duздида бурданд,
духтари хушқомати деҳ.
Ин такони охирин буд,
бар ниҳоди марди тоҷик!
Номуси ӯ ҳастиаш буд,
дарди номус, дарди тоҷик!
Хонааш ғорат намуданд,
ӯ сабурӣ пеша бинмуд.
Тахту тоҷашро рабуданд,
боз ҳам андеша бинмуд.
Бо саховатпешагиаш,
ӯ баробар бо замин буд.
Гар гунаҳ бошад сабурӣ,
айби ӯ танҳо ҳамин буд.
Андар ин дунё барояш,
ғайри номус гавҳаре не.
Ганҷи ӯ номи баландаш,
зинати бому даре не.
Лек имрӯз он лаинон,
даст бар ганҷаш ниҳоданд.
Бехабар гӯйӣ, зи занҷир,
нарраشерero кушоданд.
Дигар он гурди куҳистон,
хест аз ҷо ҳамчу Рустам.
Рағми он дуздони беор,
тавқи ҷангӣ карда маҳкам.
То баҳор андар сари кӯҳ,
қалъае бунёд карданд.
Баҳри ҳифзи номуси халқ,
кори сад Фарҳод карданд.

Баъд аз он ғассоби маккор,
бо ҳазорон макри шайтон.
Ҳар сафар мағлуб мегашт,
дар набарди паҳлавонон...
Қалъаи Феҷак сари кӯҳ,
ин замон вайрона гашта.
Хонаи аҷдодии мо,
бодҳоро хона гашта...

## ҒАЗАЛҲО

Ба замони ибтидоҳо, ки аз интиҳо бихезад,
Ту биё ба хокҷое, ки ба чархи дун ситезад.
Ва дар он макони охир ба ғуруби орзуят,
Ту бипош тухми дигар, ки шафақ аз он бирезад.
Ба нумӯи хештан боз асар аз муҳаббат орад,
Ба хазони зудрас охир алам аз ситам бихезад.
Магар огаҳӣ, ки худ гул зи хазон бувад паёме,
Ки ҳанӯзу боз аз дил алам аз алам бирезад.
Чу ҳаёту марг тавъам сари нуқтаанд саргум,
Бигузор зиндагонӣ ба сарат нишот безад.

* * *

Бар кулбаи эҳзони ман, хуш омадӣ, эй ҷони ман,
Меҳмони дунёем мо, як дам бишав меҳмони ман.
То бар ту гӯям қиссае аз умри бемаҷрои хеш,
Равшан шавад дар пеши ту ҳоли дили гирёни ман.
Оҳанги ғам ояд агар аз суҳбатам, ранҷур машав,
К-ин зарраест аз оташи дар синаам пинҳони ман.
Беҳуда умре бурдаам, роҳе ғалат паймудаам,
Маҷнун намегардад дар ин оворагӣ ҳамсони ман.
Гар ногаҳон бинӣ гуле дар байни хористони даҳр,
Пайке расон аз сӯйи мо, бар дилбари хандони ман.

* * *

Ҷайби ишқам холӣ аз нақди висоли дилбар аст,
Шуд баҳору он кулоҳи ғам ҳанӯз андар сар аст.
Дил ба рӯъё бастаам умрам чу ҳазён меравад,
Ҳар замон садпора дил аз теғи кини дигар аст.
Ташнаи васлам, вале аз ишқ бошам даргурез,
Донаи ашкам ба нӯги мижаи шаб ахтар аст.
Дӯст гуфтам, ҳамдилӣ ҷустам зи ҳар кас дар ҷаҳон,
Нек дидам ӯ ба нақши дӯстӣ бозигар аст.
Рӯҳи озодам намеғунҷад ба шаҳри осиён,
Мурғи навтавлиди дилро орзу болу пар аст.
Ҳар замон як хоҳише сар мезанад аз хоки дил,
Ин замин беҳосилу деҳқон ба кори дигар аст.

* * *

Чун зи фақру ноумедӣ ёди ғурбат мекунам,
Ин замон аз зиндагии хеш нафрат мекунам.
Гоҳ шӯям дасту дил аз ин ҷаҳони бевафо,
Гоҳи дигар бо умеде сабру тоқат мекунам.
Умри фардо хуш бувад мегӯйиву фардо кай аст?
То ба кай бо ҳарфи хушки ту кифоят мекунам?!
Мебарам бар боғу бӯстон гуфтиву чанде дигар,
Андар ин дашти бало бар ту итоат мекунам?
Аз пайи уштур чӣ мегардӣ, садоямро шунав,
Ин манам аз корвони ту шикоят мекунам.
Бо умеди ҷаннате аз ҷаннати худ рафтаем,
Дидаам хоби гарон аз он ҳикоят мекунам.
Нест дармоне ба ҷисми бемадори ман, вале
Аз сари мардонагӣ бо сахтӣ тоқат мекунам.
Зуд бош, эй сорбон, бар кӯйи мақсуд роҳ гир,
В-арна дар ин нимараҳ тарки риоят мекунам.
То ба кай сӯзӣ, Шакар, дар оташи ғамҳои даҳр?
Гӯш дор, аз Саъдиву Ҳофиз ҳикоят мекунам!

## ДУБАЙТИҲО

Баҳор омад зи гул гулдаста бандед,
Ба гулҳо меҳри гул пайваста бандед.
Барои дилбарони боназокат,
Дилу гулдастаро як даста бандед.

* * *

Баҳорон омада, эй дилбари ман,
Биёву нарм биншин дар бари ман.
Ба дунёи хаёлоти муҳаббат,
Дилам хоҳад, ки бошӣ ҳампари ман.

* * *

Биё, ҷоно, ки фасли навбаҳор аст,
Маро бо ёди ту дил беқарор аст.
Ту рафтӣ дар шаби боронӣ аз ман,
Аз он дам дидаҳоям ашкбор аст.

* * *

Дилам хоҳад, ки дар пешат нишинам,
Ба чашмони ту акси худ бубинам.
Зи лабҳоят бичинам шаҳди тоза,
Садо орам, ки хушбахти заминам!

* * *

Зи умри бесамар бигзашта, афсӯс!
Зи шӯри бешарар бигзашта, афсӯс!
Нишастам интизори ӯ шабу рӯз,
Баҳорам бехабар бигзашта, афсӯс!

* * *

Илоҳо, ҳусни ту поянда бошад,
Ду чашмат шуълаи тобанда бошад.
Ҳамеша зинда бошиву саломат,
Шакар бо сеҳри ишқат зинда бошад.

* * *

Муҳаббат дарду дармонам ту бошӣ,
Муҳаббат васлу ҳиҷронам ту бошӣ.
Ман аз олам равам рӯзе ғазалхон,
Муҳаббат марги армонам ту бошӣ.

* * *

Туро гул хонда будам, будаӣ хор!
Магар хорӣ? Хато шуд, будаӣ мор!
Задӣ заҳрат ба ҷони ошиқи хеш,
Дуо гӯям, «Бимонӣ мисли ман зор!»

## РУБОИҲО

Дар доми саҳар лашкари шаб мағлуб аст,
Чун шом расид, равшанӣ худ саркӯб аст.
Панде бувад ин барои ту, эй Одам,
К-умри ту гаҳе соҳибу гаҳ маҳсуб аст.

* * *

Ҳар рӯзи навам олудаи ғам бошад,
Чашмони сарам ба рӯзу шаб нам бошад.
Беҳуда бувад илоҷи дардам ҷустан,
Захме, ки ба дил расад, чӣ марҳам бошад?!

* * *

Эй дил, ба ту бахти безаволе хоҳам,
Шодиву нишоти бемисоле хоҳам.
То зинда бимонӣ ту дар ин даҳри куҳан,
Пайваста навозишу висоле хоҳам.

## ЧАҲОРПОРАҲО

Агар ангуштарӣ бошад дили ман,
Нигини он ту ҳастӣ, эй дилоро.
Чу нахле ишқ бошад навхату сабз,
Замини он ту ҳастӣ, эй дилоро.

* * *

Агар сад соли дигар зинда бошам,
Ҳамеша ошиқат мемонам, эй гул!
Наметарсам ман аз макри рақибон,
Туро аз зиндагӣ бистонам, эй гул!

* * *

Матарс аз гирудори зиндагонӣ,
Дар ин дарё шино кардан биёмӯз!
Чӣ менолӣ зи гарму сарди олам?
Ҷаҳони худ бино кардан биёмӯз!

**АБЁТ**

Аз оғӯшат раҳо гаштему даври беғамӣ бигзашт,
Дигар ин умр оғушта ба бешиву камӣ бигзашт.

Ишқ – оташ, қалб – оташхона, ёдат равған аст,
Панд бар ман, кӯфтани об андаруни ҳован аст.

Мо пайи ободии олам чунин вайронаем,
То ки бошад хонае обод, мо бехонаем!

Насанҷидӣ ба коми худ шароби талхи ҳиҷронро,
Хумори ишқу ширинии васли дил чӣ медонӣ?

То бигирам нек панди худ зи пирони ҳаёт,
Ман ба дасти мӯсафедон чун асое зиндаам.

Ҷайби ишқам холӣ аз накди висоли дилбар аст,
Шуд баҳору он кулоҳи ғам ҳанӯз андар сар аст.



***«– Дадаҷон, ман намехоҳам, ки шумо дар азоби виҷдон монед. Барои ман гӯшвораи тилло он қадар муҳим нест. Бе зару зевар зистан мумкин, аммо бе обрӯ зистан маънӣ надорад …»***

## ФАРИДУНИ ФАРҲОДЗОД

**(1989)**

Фаридуни Фарҳодзод (Йӯлдошев) 5 феврали соли 1989 дар деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато таваллуд ёфтааст. Падари ӯ Фарҳод Йӯлдошев яке аз иқтисоддонҳои варзидаи ноҳияи Нурато ба шумор меравад ва дар ҳолатҳои танги иқтисодӣ тавассути мағоза ва дӯконҳои сайёри худ ба деҳаҳои дурдасти кӯҳпоя дасти ёрӣ дароз кардааст. Модараш Мушарраф аз ҷумлаи кадбонуҳои чашмикордон ва соҳибмаърифати деҳаи Эҷ аст. Падару модари меҳрубон Фаридунро аз кӯдакӣ дар рӯҳияи солими одамгарӣ, қадршиносӣ, илму донишҷӯйӣ тарбият карда ба камол расондаанд.

Фаридун мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ фаро гирифта, соли 2007 ба факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил мегардад. Ӯ соли 2011 давраи бакалаври донишгоҳро хатм намуда, як сол дар мактаби зодгоҳи худ бо касби омӯзгорӣ машғул мешавад. Сипас, барои фаро гирифтани давраи магистратура дубора ба бахши филологияи тоҷик пас меояд. Мактаби олиро бо муваффақият ба поён расонда, бо роҳхати устодон фаъолияти хешро дар шуъбаи тоҷикии радиои Самарқанд бо шуғли хабарнигорӣ оғоз менамояд. Ҳамзамон дар рӯзномаи бачагонаи «Булбулча-доно», ки ба забони тоҷикӣ нашр мешавад, ҳамчун котиби масъул ба кор мепардозад ва то имрӯз ин фаъолияти худро идома медиҳад. Дар ин давра бо тамоми эҷодкорони Самарқанд, минҷумла, бо донишмандони соҳаи забону адабиётшиносӣ – Адаш Истад, Салим Кенҷа, Бахтиёри Ҷумъа, Асадуллоҳ Исмоилзода, Нормурод Каримзода, Фозили Шукурзод, Дилшоди Фарҳодзод аз наздик ши-

нос мешавад ва ҳамроҳ бо матбуоти даврии Самарқанд бо рӯзномаи ҷумҳуриявии «Овози тоҷик» низ равобити маҳками эҷодӣ-бадеӣ ба роҳ мемонад. Дар такмили маҳорати эҷодӣ ва пешрафти Фаридун устод Бахтиёри Ҷумъа бештар аз ҳама саҳм дорад.

Фаридуни Фарҳодзод дар шабакаи ҷаҳонии интернет, ба хусус, дар силсиласомонаҳои «Фейсбук» хеле фаъол аст. Ӯ аз ин тариқа бо даҳҳо адибу шоир ва рӯзноманигори тоҷики берунмарзӣ, аз қабили Марямбонуи Фарғонӣ, Исфандиёри Назар, Абдуқодир Рустам, Шаҳзода Назарзода, Рустами Ваҳҳоб, Аъзам Ҳуҷаста, Бобоҷон Шафеъ, Ҳабиб Саид, Нусратулло Бобоев низ «додугирифт»-и эҷодӣ дорад. Муассис ва мураттиби саҳифа-равзанаи бози «Сайқали сухан» аст, ки дар он бештар насрнависони ҷавон маҳсули хоманигориҳои худро ба маърази арзёбӣ пешниҳод мекунанд. Дар ин саҳифа натиҷаи баҳсу мунозираҳои мухталифи адабию фарҳангӣ, фикру дархост ва назару маслиҳатҳои аҳли қалами пешқадам гирдоварӣ ва ба ҳукми хонандагон ҳавола мегардад.

Фаридуни Фарҳодзод тоза ба адабиёт қадам мондааст. Хушбахтона, ӯ аз зумраи эҷодкоронест, ки бо итминон вориди ин тестгоҳи пурнафосат ва пурназокати ҷаҳони маънавӣ мегардад. Қадамҳои устувори ӯ, ба навбати аввал, аз достонҳои кӯтоҳаш ҳувайдост, ки аллакай мақбули алоқамандону мухлисони зиёд шудаанд. Дар айни ҳол мавзӯъ ва мундариҷаи қаламиҳои Фаридун нозуктарин лаҳзаҳои одобу ахлоқи инсонӣ, ба монанди эҳсоси худмоягӣ, отифаю нафосати зиндагидорӣ, ҳисси меҳрубониву садоқат, орзуи расидан ба ишқу меҳри воқеӣ, иззати бузургсолон, қадршиносии ҳар гуна саъю заҳматро фаро мегиранд. Бояд гуфт, ки эҷодкор дар бахши ҳаҷву мутоиба низ истеъдоди баланд дорад ва дар ин ришта ҳам қувваозмоӣ хоҳад кард. Дӯстдорони адабиёт ва ҳаводорони каломи бадеъ аз Фаридуни ҷавон асарҳои хонданибоб ва шавқоварро чашмдоранд.

# ҲИКОЯҲО

## Истгоҳи наҳс

Фасли поиз. Табиат ранг дигар кардаву дарахтон чун модарони дар ғами фарзанд коҳидарӯй, музтару парешон менамуданд. Дар кӯча рафтуомади одамон ва мавҷи нақлиёт бештар ба назар мерасид. Чун автобусе аз дур намоён мешуд, пиру барно ба ҷунбуҷӯл афтода ҳаракат мекарданд, ки рақами онро бубинанд ва бо омадани автобус монанди ору, ки ба душман ҳамла меорад, худро ба дарунаш мезаданд. Аммо на ҳар кас дохили автобуси серодам мешуд. Дар ин маврид кори ронандагони такси ва соҳибони мошинҳои хусусӣ пешрав буд. Ҳар лаҳза чунин пурсишҳо ба гӯш мерасиданд:

– Ба куҷо?

– Ба кадом тараф?

– Такси даркор не?

Духтари қадбаланди сафедгунае, ки бо вуҷуди серун будани ҳаво дар бар танҳо куртаву поҷомаи атлас дошт, ба мисли дигарон дида аз роҳ намеканд. Дӯшиза автобуси рақами 24-ро интизор буд, ки ниҳоят аз дур намудор шуд. Аз сангпуштвор омадани он аён буд, ки савораҳояш зиёданд. Чун мошин дар истгоҳ қарор гирифт, аз он касе нафаромад. Автобус то дами дар пур буд. Духтар умед барканд ва боз чашм ба роҳи нақлиёти дигар дӯхт...

Чашми рӯз кӯр мешуду адади нақлиёту мусофирони роҳ кам. Шамоли сарсарии поиз торафт сардтар мегашт. Дар зери шуои чароғҳои ду тарафи роҳ қадди баланд, мӯйҳои пурҷилои бофта, оразли сафеду пешу бари таранги духтар боз ҳам зеботар менамуд. Ду нафаре, ки пас аз ӯ ба истгоҳ омаданд, аз интизорӣ дилгир шуда, бо мошинҳои кироя рафтанд. Дар роҳ адади таксиҳо меафзуд. Онҳо бо фурӯзонакҳо ба маънии «такси даркор не?» ишора мекарданд. Автобусе аз дур намудор гардид. Духтар дар дил илтиҷо кард, ки «Худоё, автобуси рақами 24 бошад». Аммо бахт ба рӯйи ӯ нахандиду толеи дигар бошандаи истгоҳ тофт. Вай танҳо монд. Чун аз шабгардӣ метарсид, хост ба хонаи холааш баргардад, аммо шарм кард. «Ду рӯз дар хонаи холаам мондам, ҳоло боз чӣ тавр аз дарашон медароям? Бар замми ин, модарам имрӯз занг зада таъкид карданд, ки баргардам. Наравам, ташвиш мекашанд», аз дил гузаронд духтар. Таъси-

ри шамоли сард буд ё асари тарсу ваҳм, баданаш ба ларза даромад. Ҳамин вақт чароғҳои мошини сабукраве «чашмакӣ» зад ва дар назди ӯ истод.

– Куҷо меравед? – аз тирезаи нимабози кобина сар баровард ронанда.

– …

–Ҷойи гуфтетон мебарам.

– …

– Аз они мо нархи арзону сифати баланд, ойтиҷон.

– …

– Ин қадар ноз накунед-дия. Пулатон набошад, карточка доштагистед, терминал ҳаст, – хандакунон гуфт ронанда. – Агар пластик ҳам набошад, ҳеҷ гап не, ягон роҳи дигар меёбем.

– …

Ба пурсишҳои мошиндор аз санг садо мебаромаду аз духтар не. Сухани охирини нешдори ҷавон ба ӯ сахт расид. Вале медонист, ки гапгардонӣ бефоида аст, хомӯш истод. Ронанда як лаб лесиду мошинашро ба ҳаракат даровард...

Дар кӯча гаштугузори одамон кам шуд. Мошинҳои мусофиркаш дар истгоҳ таваққуфе карда мерафтанд. Баъзеи онҳо одамвор муносибат мекарданд, вале аксарият даставвал бо мулоҳиза сухан гуфта, баъд аз даҳонашон ҳарфҳои дағал, бемаънӣ меборид. Духтар муҳр ба лаб зада, чашм аз роҳ намеканд. Ҳатто, ба сӯйи мошинҳое, ки меистоданд, нимнигоҳе намеандохт. Вақт мерафт, дили духтарро ваҳм зер мекард. Мехост ба мададаш автобусе ояду тезтар ба хона расад...

Ба истгоҳ ҷавони қадбаланде омад. Духтар бо гӯшаи чашм ӯро аз назар гузаронд. Ҷавони рафидарӯе буд, ки чашмони тангу рухсори тираранг ва абрувони паҳну парешоне дошт. Вай бо нигоҳи сарду ҳарисаш сар то пойи духтаракро гӯиё ламс мекард. Тарзи либоспӯшии ӯ низ аҷиб менамуд, тавре ки шими ҷинсаш аз се-чор ҷой дарида, аз болои футболкаи сафед куртаи сабзи рангпаридае пӯшида буд. Занҷири дарози гарданаш дар зери шуои чароғҳои наклиёт ҷило медод. Ба банди як даст дастрӯмол баста, дар дасти дигар тасмаи чармине дошт. Духтар худро тарзе вонамуд кард, ки нигоҳи бешармонаи ӯро аслан пай намебарад.

– Шинос шавем мешавад, ҳурлиқо, – сухан оғоз кард ҷавон, ки як овози хиррии ғафс дошт.

– …

– Номат чист?

– …

– Номи ман Акмал. Номи ту чӣ?.. Чаро гап намезанӣ? Ё гунгӣ?

– …

– Телефон дорӣ?

– …

– Агар секрет набошад, рақамаш чанд?

Духтар, дар ҳоле ки дида ба роҳ дӯхта буд, нафаси амиқе кашид ва ба пойи дигар такя кард.

– Ин қадар ноз накун. Ман ҳам аз бачаҳои савремений, андак-мундак духтарони кӯча қатӣ гап намезанам.

«Духтарони кӯча» гуфтани авбош, ба дили духтар чун нештар халид. Вай дар ҷавоб ба сӯйи он ноҷавонрой нигоҳи пур аз нафрату ғазаб андохт.

– Ӯҳӯ, теғи нигоҳат ҷони одама мегирад-ку. Қаҳрат ояд, боз ҳам дилкашу хушрӯ мешудаӣ.

– …

Шӯрапушт ҷониби духтар як қадам гузошт. Аз ӯ бӯйи баде ба димоғ меомад.

– Оҳ, чӣ қадар ширинӣ! Шакалод-е, шакалод!

Дӯшиза худро аз авбош се-чор қадам дуртар гирифт. Аммо ин номарду нопидром ҳамоно суханҳои бесару нӯг мегуфт, ки аз чанд гуфтааш яктои он ба гӯши духтар мерасиду боқимондаро шамоли сардхӯй мебурд. Дар кӯча равуои автобусҳо қатъ гашт. Духтар мехост, ки аз ин ҷавони шилқин тезтар дурӣ ҷӯяд. Кош, ба мададаш ронандаи солхӯрдае мерасид. Бале, ронандаи калонсолу пурдидае пайдо шавад, ки инсоф дошта бошад... Мошине бо суръати тез омада дар назди истгоҳ тормоз дод, ки садои гӯшхароши чархҳояш баланд шуд. Мошинсаворон се нафар ҷавони сархуш буданд.

– Куҷо меравед, ойтиҷон, – мулоимхунукона сухан оғоз кард нафаре, ки сари фармон менишаст.

– ...

– Ба манзилатон мебарем. Хизматҳоямон литсензия дорад, натарсида шинед, – ба сухан ҳамроҳ шуд ҳампаҳлуи ронанда, ки рӯйи борику бинии калонаш бо ҳам ҷанг мекарданд. – Дар ҷавоб ба мо як «ҳиммат» кунед, бас, – ҳама бешармона баланд хандиданд.

– …

– Э, ҷӯра! Ту роҳи дастгир кардани ин шаҳболакони шабпарро намедонӣ. Барои ба дом афтондани онҳо, аввал зоғу зағани атрофро бояд нест кард, фаҳмо, – гуфт савораи сеюми мошин, ки дар қафои ронанда нишаста буд. – Ӯй, зоғи сиёҳ, – рӯ овард ба ҷавони дар истгоҳ буда, – тез аз ин ҷо дафъ шав!!!

Бачаи «савремений» гӯё интизори ин таҳдид буд, дар як он сояи худро канд.

– Рафтем ҷон… Квартира ҳаст. Хонаи гарм, оби гарм, оғӯши гарм, ҳамёни пур, боз чӣ лозим? – башараи бенури ронанда аз ханда безебтар мешуд.

– …

– Фигура ҳам фигура будааст: шаст ба наваде... Кирои ин қадар ноз ҳаст, – савораи ҳампаҳлӯи ронанда каллаашро аз тиреза баровард.

Ба тамоми бадани духтар мурғак давиду ларзааш афзуд. Аз тарс, ки мабодо бо зӯрӣ ба даруни мошин накашанд, дуртар рафт.

– Ҳамин қадар ноз кофист, ҳӯ париваш! Ҳар шабро дар оғӯши ким-киҳо мегузаронӣ-ку, боре дар канори мо – камбағалон ҳам ҷилва кунӣ, чӣ мешавад? Ё моро назарат намегирад? – ба суханаш идома дод мокурӯйии биникалон.

– Чанд пул гӯйӣ медиҳем, бо мо ҳузур мекунӣ, – илова кард ронанда.

Духтар бо азоб тоқат мекард. Хуб медонист, ки агар ҳарфе занад, бегумон, ба сараш балои азимро мехарад. Ҷавонони тиҳимағз боз чанд сухани пасту баланд гуфтанду хандиданд.

– Э ойтиҷон, «қаҳри лӯлӣ– зиёни хӯрҷинаш», биё ба оғӯши гарми мо. Ҳаво хунук шуда истодааст, мабодо хунук хӯрда, бемор шавӣ... Не? Худат медонӣ, баъдан пушаймон нашав, – гуфт ронанда ва газро зер кард.

Духтар Худоро шукр гуфт, ки аз он бетамизон халосӣ ёфт. Ба худ аҳд кард, ки чанд лаҳзаи дигар меистад, агар кирокаши калонсоле наояд, ба хонаи холааш бармегардад.

Мошинҳои сабукрав омада меистоданд. Духтар ронандаҳои ҷавонро дида, ба маънои «такси лозим не» сарашро меҷунбонд. Ниҳоят, як мошини сафедранги «Нексия» дар истгоҳ қарор гирифт. Дар паси чанбари фармон марди солхӯрдаи ришу мӯйлабдоре мени-

шаст, ки дар сар дасторе ҳам дошт. Духтар хурсанд шуда, нишони манзилашро гуфт.

– Шинед, духтарам, мебарам.

– Чанд сӯм мешавад?

– Ягон чиз медиҳед-дия.

Духтар дар қафо нишаст. Мошин гарму шинам буд ва аз даруни он бӯйи хуше ба машом мезад.

– Хунук хӯрдед, духтарам? – мард бо хандаи ҳалимона ва овози мулоим пурсон шуд. – Таксиро бисёр интизор шудед-чи?

– Ба роҳ бегоҳӣ баромада будам. Автобуси 24 наомаду бевақт шуд. Шуморо Худо фиристод, амак.

– Одами нағзро Худованд ҳамеша дар паноҳаш нигаҳ медорад, духтарам! Ман ҳам танҳо як духтар дорам, ки тахминан ҳамсоли шумост. Аммо вай ногиро, пойҳояш модарзод фалаҷ аст, бо аробача мегардад. Бо ин ҳол, пас аз вафоти модараш ҳама корҳои хонаро худаш анҷом медиҳад. Таом мепазад, либос мешӯяд, хонаҳоро тоза мекунад...

– Қисмат, амакҷон, – тасаллӣ дод духтар.

– Ҳа, ҳаёт… Пештар аз савор шудани шумо занг зада, «нон тамом шудааст, вақти бозгашт нон биёред», гуфт. Агар розӣ бошед, духтарам, ҳамон ду нони дар паҳлуятон будаpo даровapда диҳам,баъд шуморо ба хонаатон мебурдам. Соат аз нӯҳ гузашт, гушна нашинад мегӯям. Хонаамон дар сари роҳ аст. Агар хай гӯед, албатта, – ҳиҷолатмандона хоҳиш кард мард.

– Чаро не гӯям, бемалол, даровapда диҳед, – духтар нонҳоро дароз кард.

Мошин ба тангкӯчае ворид шуд ва қад-қади хонаҳои пасту баланд, аз роҳҳои каҷу килеб хеле дарун рафт.

– Ин роҳ наздик аст, ҳозир мерасем.

– Панҷ дақиқа барвақт равам чию панҷ дақиқа дертар равам чи? Муҳимаш, сиҳату саломат расам шуд, – аз хандаи зебое чеҳраи духтар гул кард.

Ронанда низ аз оина ба ӯ нигоҳ карда лабханд зад.

Мошин дар назди манзиле, ки бо деворҳои баланд иҳота шуда буд, қарор гирифт. Дар зулфини дарвозаи ҳавлӣ қуфли мустаҳкаме овезон буд.

– Азбаски духтарам роҳ гашта наметавонад, дарро қулф мекунам, – мард мошинро хомӯш карда, дар идомаи суханаш гуфт: – Мо танҳо зиндагӣ мекунем. Боз ба хаёлҳои бад наравед?

– Не-е амакҷон, шумо падарам барин гап, чаро фикри бад кунам?

– Офарин духтарам, офарин, – нонҳоро ба даст гирифта фаромад мард ва дарвозаро кушода вориди ҳавлӣ шуд.

Духтар ба гирду атроф чашм давонд. Акнун пай бурд, ки дар ду тарафи роҳ хонаҳои баланд комат афрохта бошанд ҳам, аз чӣ бошад ки, равшании чароғе ба чашм намерасид. Дилаш ғаш карду ноором задан гирифт. Аз тарс ба гирду атроф алосарак нигоҳ афканд.

Мард аз дарвоза берун шуд, назди тирезаи мошин омада гуфт:

– Маро бубахшед, духтарам, аз шумо боз як илтимос дорам.

– Чӣ илтимос, аз дастам ояд ба ҷону дил.

– Духтари ман мехоҳад, ки шуморо бубинад.

– Чаро? – чеҳраи духтар ранг бохту дилаш таҳ кашид.

– Ҳамин ки ёдовар шудам шумо дар мошин ҳастед ва бояд ба хонаатон барам, духтарам, ҳошакалло, хоҳиш кард, ки ба пешаш дароед. Ман… Ман чунин ранг гирифтани воқеаро намедонистам... Маро бубахшед… Агар малол наояд, ду дақиқа бо вай ҳамсуҳбат мешудед, сарам ба осмон мерасид. Дигар чизе лозим нест, пулатон ҳам даркор не, ман то хонаатон мебарам. Илтимос, агар метавонед хоҳиши духтари дилшикастаи маро қабул кунед, – ҳузнангез гуфт мард.

Духтар дудила шуд. Намедонист, ки чӣ кор кунад. Яке мегуфт: «Даро, дили духтари ногироро шод кун, савоб дарёб, ба падараш шодмонӣ бахш», дигаре мегуфт: «Эҳтиёт бош! Ҳеҷ ҷо нарав! Фиреб нахӯр!».

– Намехоҳед, ҳеҷ гап не. Ягон баҳона меёбам, – вориди мошин шуд мард. – «Корашон будааст, дигар вақт меомадаанд», мегӯям ё ягон сабаби дигарро пеш меоварам, – мошинро даргиронд.

«Чаро ба чунин солхӯрдае, ки аз чеҳрааш нур меборад, бовар накунам?» – духтар худро ботинан сарзаниш кард.

– Амак, мошинро хомӯш кунед, як сари қадам пеши духтаратон медароем. Фақат зуд мебароем, ки бевақт шуда истодааст, бояд тезтар ба хона расам. Падарам аз кор баргашта маро дар хона набинанд, қаҳрашон меояду модарамро сарзаниш мекунанд.

– Аз умратон барака ёбед, духтарам, то қиёмат дуоятон мекунам. Барои маро дуруст фаҳмиданатон ҳазор раҳмат, – аз даҳони марди солхӯрда шакар мерехт.

Онҳо вориди ҳавлӣ гардиданд ва дарвоза маҳкам пӯшида шуд…

* * *

Модар бо сухани дурӯғи «духтарамон пагоҳ меомадааст» шавҳарашро ором карда бошад ҳам, тамоми шаб хобаш набурд. Ба пиндор, бистараш пур аз хори мағелон буд. Вақте ғанаб кард, ки акнун чашми рӯз мекафид. Ҳанӯз комилан хобаш набурда, бо садои дарвоза, ки онро сахт мекӯфтанд, ҷасту аз ҷо хест.

«Дар ин саҳарӣ кист, ки дарро мезанад? Илоҳо тинҷӣ бошаддия», кадбону бо ҳавлу ҳарос сӯйи дарвоза шитофт. Дарвоза сахттар кӯфта шуд.

– Ҳозир-ҳозир.

Модар дарро боз карду... бо кадом чашм бинад, ки духтараш дар дами дар бо нигоҳи бемаъно, мӯйҳои парешон, пироҳани дарида, чашмони варамида, дасту рӯйи хуншор рост меистод. Модар аз худ рафт...

Ба духтари девонаавзо ҳеҷ як табобат фоида намебахшид. Бо ин ҳол, ҳама ба оқибати нек умед мебастанд...

Пас аз ҳафтае тавассути оинаи нилгун хабаре пахш карданд, ки як мошини сабукрави «Нексия» ба зери мошини боркаше даромада рафтааст. Дар ин тасодум ронандаи солрафтаи мошини сабукрав, ки дар ин гирду бар ӯро ҳамчун одами тақводору парҳезгор медонистаанд, хирросзанону ӯқ-ӯққунон ҷон додааст...

## ҚАДР

Шамоли тирамоҳ баргҳои дарахтонро ба ҳар сӯ парешон мекард. Тамоми мардуми деҳа машғули хазонрӯбӣ буданд. Онҳо баргҳоро ба зимистонгузаронии чорвояшон захира мекарданд. Тирамоҳ нисф шуда буд ва ҳавои сард аз барвақт омадани фасли зимистон мужда медод. Кӯчаву тангкӯчаҳо, боғу ҷӯйҳо пур аз хазон буд. Баргҳои охирини дарахтон барои дур нашудан аз асли худ бо шамоли бераҳми поизӣ дар талош мешуданд, аммо бод аз ҳар сӯ ҳамла оварда мағлубашон мекард...

Аҳли хонаводаи Музаффар ҳам барои ҷамъ намудани хазон баромада буданд. Зани Музаффар – Рухсора ҳамроҳи ду духтарчааш баргҳои ғундоштаашонро, ки боз шамол парешон месохт, ҷамъ карда мебардоштанд. Духтарчаҳо чун мӯрчаякони донакаш ба модарашон ёрӣ мерасонданд. Онҳо баргҳоро ба ҷуволи калон андохта ба коҳдон мекашонданд. Дар хона модари Музаффар – момои Саломат

танҳо менишаст. Ӯ аз тиреза берунро, ки фақат осмон намудор буд, тамошо мекард. Пиразан, ки зоҳиран зани ҳаштодсоларо мемонд, дар асл ба ҳафтод нарасида буд. Пасту баланди зиндагӣ, душвориҳои ҳаёт ӯро барвақт пир кардааст, ки ожангҳои рӯй ва мӯйҳои тамоман сафедгаштааш аз ин гувоҳӣ медоданд. Момо пиразане буд, ки оромиро намедонист. Бо вуҷуди солхӯрдагӣ лаҳзае қарор намегирифт, пайваста дар ҷунбуҷӯл буд. Маҳз ҳамин нооромиҳо сабаб шуду як рӯз ногаҳон дар рӯйи ҳавлӣ лағжида афтод ва пояш лат хӯрд. Акнун як моҳ боз хонашин, аз субҳ то шом дамгаҳи бухорӣ ҷойи ӯст. Пиразан аз он тоифа занҳоест, ки ҳеҷ гоҳ аз зиндагӣ наменоланд ва ҳамеша ба додаи Худованд шукр мекунанд. Фарзандон ва набераҳояшро низ намегузорад, ки аз зиндагонӣ лаби шикоят кушоянд.

Музаффар писари хурдии пиразан буд. Ӯ саҳарӣ рафта шомгоҳ ба хона бармегашт. Аз даме, ки ақлашро мешинохт, бо меҳнати сиёҳ – аробакашӣ рӯзӣ ба даст меовард. Пагоҳӣ аз деҳа савори ягон мошини мусофиркаш шуда ба шаҳр мерасид ва дар бозори калони шаҳр бо аробаи дастии худ борҳои одамонро кашонда, барои хизматаш пули ночизеро ба даст медаровард. Азбаски дар бозор миқдори аробакашон зиёд буд, тез-тез бо ҳам даргир мешуданд ва аз пайи талоши кор ба ҳамдигар пасту баланд мегуфтанд. Музаффар ба ин ҳама тоқат карда, ба хотири гардондани чархи рӯзгор аз ягон мушкилӣ рӯ намегардонд. Дар ҳавои гарми саратон ба обу арақ ғӯтад, дар сармои зимистон аз сардии ҳаво дасту пояш хунук мехӯрд, пушти панҷаҳояш кафида хуншор мешуд. Вале ӯ ба ин сахтиҳо эътибор намедод ва ҳеҷ гоҳ ба модар ё наздикони худ аз душвории кор ҳасрат намекард. Ҳамеша ба насибаи ёфтаи худ қонеъ шуда, ба шуғлаш бештар меҳр мебаст. Ноне, ки бо меҳнати ҳалол ба даст меоянд, беҳтарин насибаи хӯрандааш аст, гумон мекард ӯ. Хизмати одамонро бо самимият ба ҷо меовард. Дар давоми кор ба ҳар хел воқеаҳо рӯ ба рӯ мешуд, ҳатто, чандин бор ба доми фиреби одамон афтода, дасти холӣ ба хона баргашта буд. Аммо боз сабр пеша мекард.

Маълум буд, ки моморо гӯшанишинӣ дилгир кардааст. Мехоҳад ҳарчи зудтар сиҳат шуда ба корҳои келин ёрӣ расонад. Охир, кори келинаш бисёр: тарбияи чор фарзанд, рӯзгор, боғдорӣ, нигоҳубинии гову бузғолаю гӯсфандҳо... Пиразан серкории ӯро дида доимо мегуфт: «Магар ташвишат кам буд, ки Худо маро ҳам бар дӯшат сарборӣ андохт, духтарам?». Рухсора бошад, бо табассум арз ме-

кард: «Чаро ин тавр мегӯед, модарҷон? Ҳеҷ вазниние нест. Охир мо аз таннозҳои шаҳрӣ нестем, ки аз андак мушкилии зиндагӣ шикоят кунем». Момои Саломат аз меҳрубониҳои келин хурсанд мешуд ва аз он розӣ буд, ки писараш низ ҳамсари худ – Рухсораро дӯст медошт. То ҳанӯз дар ёдаш ҳаст, писар ба пешниҳодҳои дигар ҳатто эътино накарда, ду пойи худро дар як мӯза андохта, изҳор намуда буд, ки «хонадор шавам, ба ҳамин духтар хонадор мешавам, агар ӯро гирифта надиҳед, тамоми умр сари танҳо мегардам». Аз ин хотир, ҳар дам ба писараш мегуфт, ки агар даргузарам, дилам аз ту пур аст, зеро арӯси гул баринам туро ҳамеша ёвару мададгор хоҳад буд.

Пиразан бо сад хаёл пеши бухорӣ нишаста ба берун нигоҳ мекард. Аз дар писарчаи хурдии Музаффар – Пайванд даромад. Аз ғояти хунукии ҳаво рӯй ва дастони наберааш суп-сурх шуда буданд. Модаркалон ба Пайванд канор кушода бо сарзаниш гуфт:

– Туро кӣ маҷбур кард, ки дар ҳамин ҳавои хунук ба кӯча бароӣ?! Бубин, дасту поят яхча бастааст. Дар хонаи гармак, пеши печро гирифта шинӣ, намешавад?

– Ҷӯяам Нодий қатӣ бозӣ кайдам, момоҷон, – бо шеваи бачагона гуфт Пайванд.

– Эҳ, бозӣ-бозӣ... Яке шамол мехӯрӣ, баъд амакат омада укол мекунад, ана баъд бозикуниро мебинӣ!

– Не, амакам мана укол намекунан. Ман дина гӯсфандойи амакама ба обхуйи буйдам. Амакам гуфтан, «дигай туйа укол намекунам».

– Э, бале писарам, бале! Ту ёрдамчии хонаамон-дия, – гуфта ба берун нигоҳ кард ва аз наберааш пурсид: – Пайвандҷон, баргҳои дарахтҳоямон аз шохаҳои поёнӣ рехта истодаанд ё аз шохаҳои болоӣ?

– Намедонам! Чиба ина мепуйсед, момоҷон?

– Раҳматии падарам мегуфтанд, ки агар баргҳои дарахт аз боло сар карда резанд, зимистон хунук меояд, аз поёнаш резанд, он қадар сард намешавад...

Пайванд сухани момояшро шунида ҳаросон ба берун шитофт. Саломатмомо ҳарчанд аз роҳ боздоштан хост, ӯ ба қафо нигоҳ накарда баромада рафт ва пас аз муддате давида омада хабар дод:

– Момоҷон, а афташ имсол ҳаво хунук мешавад. Байгҳои дайахтомо а болояш йехтиян. Ман йафта а очам пуйсидам, гуфтан, ки байгҳо а болояш йехта истодаан.

– Хайр...

Пиразан побанди олами хаёлот гардида, зери лаб: «Эҳ, боз ҳаво хунук ояд, молҳоро чӣ тавр аз зимистон мебароварда бошем? На алафи таъин ҳасту на еми нағз. Хайр, Худо худаш дар паноҳаш нигаҳ дорад...» – гуфт ва ба Пайванди ғарқи бозӣ бехаёл назар андохта, «бачагӣ аҷиб айёмест, на ғаме дар сар дориву на ташвише. Бо мурури калон шудан ташвишҳои одамизод ҳам калон мешудааст...», аз дил гузаронд. Момо дар чунин андешаҳо буд, ки аз берун овозе баланд шуд. Гӯё хонае вайрон шуда бошад, тақар-туқури бадвоҳима ба гӯш расид. Пиразан мушаввашхотир ба берун нигоҳ кард, аммо аз ҷойи нишасташ танҳо осмони абрнок менамуду халос.

– Писарам, баро бин, ин овози чист? Гӯё як тарафи хонаамон вайрон шуд-е?

– Не, момоҷон, хонаамон вайон нашудас, амакам санг овайдан. Дина ҳам ду мошин овайда будан.

– Санг?! Санга барои чӣ меорад?

– Намедонам!

Пиразан бо чашмони хира ба берун нигоҳ мекард ва меандешид, ки писар барои чӣ санг оварда бошад. Ҳамин вақт келинаш Рухсора ба хона даромад.

– Духтарам, аз берун овози чист? Пайвандҷон «амакам санг оварданд» мегӯяд.

– Ҳа, амаки Самандар санг мекашонанд.

– Самандар? Барои чӣ санг меорад? Ягон ҷойи хонааш вайрон шуд-чи? – саволборон кард пиразан.

– Не, модарҷон. Аз байни ҳавлиамон девор мебардоранд.

– Чӣ?! – бо тааҷҷуб пурсид пиразан. – Мобайни ҳавлиҳо девор мебардорад? Нафаси ман сард нашуда, писари калонам ҳавлӣ ҷудо карда истодааст?!

Дар чеҳраи момо парешонӣ намудор шуд, ғарқи гирдоби хаёлот гардид. Андак фикр карда, рӯмоли калонашро аз паҳлу гирифту ба сар баст ва ба Рухсора, ки машғули омодасозии хӯроки бегоҳӣ буд, нигариста гуфт:

– Духтарам, ба хестанам кумак кун.

– Чаро модарҷон? Чӣ кор мекунед?

– Ҳавлӣ мебароям.

– Охир, акнун поятон камтар сиҳат шуд. Писаратон аз ҷояшон наҷунбанд гуфта буданд.

– Не, духтарам, ман нағз, – бо овози ларзон ва чеҳраи парешон гуфт пиразан, – ту камтар ёри кунӣ шуд, ман худам мебароям.

Рухсора хоҳиши хушдоманро рад накард. Момои Саломат ба асояш такякунон ба самти берун қадам бардошт. Рӯйи аз гармии печ сурхшудаи ӯ дар андак муддат чун дока сафед гашт. Дасту пояш меларзиданд, дилаш беорому беқарор мезад. Пайванд дар канори ӯ ба берун баромад. Модари пир бо кадом чашм бубинад, ки дар мобайни ҳавлиашон, миёни хонаи онҳо ва хонаи писари калонаш – Самандар деворе сохта шудааст, ки он қариб ба қадди одам баробар шуда буд. Пиразан бо ғазаб ва чашмони пурашк ба тарафи девор роҳ пеш гирифт. Асову пойҳояш ба ӯ итоат намекарданд, аз дасти наберааш маҳкам дошта пеш рафт. Бо азобе назди девор расид ва асоро аз даст партофту ба девор такя кард. Баъд бо дастони ларзон сангҳои онро як-як канда, ба тарафи хонаи писараш партофтан гирифт. Самандар овози бархӯрди сангҳоро шунида, як он ҷаста ба берун баромад ва рафтори модарашро диду бо садои баланд дод зад:

– Ҳа оча, тинҷӣ? Чӣ кор мекунӣ?

Модар ба суханони писар эътиборе надода, ҳамоно сангҳоро канда партофтан гирифт. Аз ин Самандар оташин шуда наъра кашид:

– Ҳой кампир, магар девона шудаӣ?!

Ин суханони писар чун ханҷари тез ба ҷигари модар халид ва тамоми вуҷудашро араќи сард фаро гирифт. Оби дида аз ҳавзаи чашмон ба ҷӯяҳои гунаҳояш ҷорӣ мешуданд.

– Ту аниқ девона шудаӣ, – такрор кард писари ба шӯр омада ва пойпӯши худро пӯшида ба сӯйи девор шитофт.

– Ҳа, ман девона шудам, – гуфт модари пир, дар ҳоле ки ашк гулугир карда буду овозаш аранг шунида мешуд. – Девона шудам… Аз корҳои ту девона шудам… – бо овози гиряолуд афзуд ӯ.

– Ман чӣ кор кардаам?! – бо тааҷҷуб пурсид Самандар.

– Чӣ кор кардӣ? – баланд шуд овози пиразан, ки аз садояш ғазаби ӯ баръало намудор буд. – Магар намедонӣ чӣ кор кардӣ?! Охир ин чӣ амалест, ки байни ҳавлиҳо девор мебардорӣ? Ман ҳоло зинда ҳастам, амонати худро ба Худо насупурдаам! На… на… намурдаам, ки замин тақсим кунед. Ин чӣ гап?!

– Хайр, чӣ шудааст? Чӣ ҷойи воҳима дорад? – бепарвоёна гуфт Самандар. – Девор мебардорам.

– Девор мебардорӣ? Бемаслиҳат байни хонаи худату хонаи падарат девор мебардорӣ, беандеша?!

– Охир, чаро намефаҳмед? Ба хонаи ман аз ҳар тараф, ҳатто аз шаҳрҳои калон меҳмон меояд. Дар пеши онҳо аз ин дару ҳавлии вайрона шарм мекунам. Бо як илоҷ хонаи худро таъмир кардам, ки андак зеб даровард. Ин хонаи вайронаатон бошад ҳусни ҳавлиамро мекоҳад. Як маротиба не, даҳҳо бор ба додарам гуфтам, ки камтар пеши хонаашро таъмир кунад! Не, накард ва ман маҷбур шудам девор кашам. Ин ҳеҷ ҷойи воҳима надорад, оча!

– Ҳеҷ ҷойи воҳима надорад?! Хонаи мо ҳусни хонаи туро коҳиш дод?! Мана ба ту! Мана ба ту!!! – пиразан, ки беист ашк мерехт, бо дастони бемадор аз нав ба канда партофтани сангҳо азм кард. Дар ин мобайн ҳамсояҳои ҳангоматалаб дар бурҷи хонаву паси девор барои тамошои баҳси модару писар ҷамъ меомаданд.

– Ман ба ту бас кун гуфтам! Магар нафаҳмидӣ?! Бас кун! – дод зад писар.

Ин садои баланд ва суханҳои нописандонаи писар ҷони модарро гӯиё ба лаб овард, вале пиразан худро бардам вонамуд карда, аз дур андохтани сангҳои девор даст накашид. Ӯ гирякунон зери лаб мегуфт:

– Ман чӣ гуноҳ кардам?! Дар куҷо хато кардам, писарам?! Наход туро бо ҳамин ният калон кардам, наход бо ҳамин умед ба ту шири сафед додам?!

Писар дар навбати худ сангҳои рӯйи ҳавлиро ба тарафи девор партофта гап гардонд:

– Шири додаатро миннат накун! Ҳамон гаву буз ҳам, кучуку пишак ҳам ба бачааш шир дода калон мекунад.

Ин суханони писари азхудрафта чун санги сахте буд, ки ба сари модар хӯрд. Ӯ беҳол шуд, пушт ба девор гардонда нишаст. Пеши чашмонаш тира гардид, нафасаш гирифт. Зоҳиран, ӯ чизеро намешунид ва намедид, танҳо сардии вуҷуди худро ҳис мекарду халос. Ҳамин вақт Музаффари аз воқеа бехабар аз кӯча омад. Вай модарро дар назди девор бо ҳолати ногувор диду ҳуш аз сараш парид.

– Модарҷон, ба шумо чӣ шуд?

– Ҳеҷ чиз, писарам, ҳеҷ чиз, – гуфт пиразан, ки танҳо лабонаш меҷунбиданду садояш базӯр шунида мешуд. Ӯ худро чун дарахти бешоху барг ҳис мекард. Дигар ашки чашмонаш андаруни дидагонаш гӯиё ях баста буданд. Намедонист, ки дилаш тапиш дорад ё не. Фақат шунидани овози писар аз зинда буданаш дарак медод.

Музаффар аҳволи вазнини модарро дида, рӯ ба бародар оварда гуфт:

– Магар шарм намедоред?

– Ту тирмизак ба ман ақл нашуда модари девонаатро саришта кун. Ман ҳеҷ кор накардаам, – гуфт бепарвоёна, – ба ҳамааш худаш айбдор! – дод зад Самандар. Мехост ҳама донанд, ки ӯ гуноҳе надорад.

– Ҳар чи бошад, шумо фарзанд ҳастед! Камтар худатонро идора мекардед, хуб мешуд.

– Ман ба ту даҳонатро пӯшида нест шав гуфтам! То ба ман ақл шудана, ин хонаи оғилмонандатро дуруст кун. Беҳуда нагуфта будаанд, ки гапи дуруст ба ҳамзодат намефорад.

– Шуд, Музаффарҷон… Шуд... Маро хона дарор, – гуфт бо нафаси гашта Саломатмомо.

Музаффар ва Рухсора модарро, ки тамоман бемадор шуда буд, гирифта ба хона даровsecurityанд. Пайванд бо лабу лунҷи овезон асои модаркалонро гирифта, аз қафои онҳо вориди хона шуд.

Шаби тираву тор. Асаре аз осмони нилгуну ситораву моҳ набуд. Само торафт асири лашкари абрҳои сиёҳ мегардид.Сукути атрофро танҳо шамоли дайдуи тирамоҳ вайрон мекард. Дар хонаи Музаффар оромӣ ҳукмрон буд, ки пар задани паша шунида мешуд. Касе кайфияти сӯҳбат надошт. Момои Саломат боз назди бухориро иҷора гирифта, нафас дар дарун менишаст. Ҳамон сардие, ки дар танаш аз гапҳои нешдори писар пайдо шуда буд, вуҷудашро тарк намекард. Пасу пеш лавҳаҳои зиндагонӣ чун навори кино аз пеши назар мегузаштанд. То ҳол дар хотир дошт, ки ҳамсараш дар рӯзи таваллуди нахустфарзандашон чӣ қадар фараҳманд шуда буд. Вай аз хурсандӣ ба момодоя як гӯсфанди ҷойдорӣ дода, бо сад умед ба фарзанди нахустин номи ҷӯраи худ – Самандарро, ки дар ҷабҳаи ҷанг якҷо будаанду баъд аз ғалаба ба диёри хеш ҳамроҳ баргаштаанд, гузошт. Вай ҳар дам мегуфт, ки писарам монанди дӯстам ҷавони бақувват, софдил, бовиҷдон ва инсони ҳақиқӣ шуда ба камол мерасад. Ман аз қафои ин писарам фахр карда бо сари баланд мегардам.

Солҳо гузашту онҳо боз соҳиби ду фарзанд – як духтару як писар шуданд. Аммо меҳри падар нисбати фарзанди якум дигар буд. Шавҳараш доим мегуфт, ки дӯстам Самандар дар госпитали ҳарбӣ кор мекард ва маро аз доми марг наҷот дода буд. Худо хоҳад, Саман-

дари ман калон шавад, албатта, духтур мешавад ва ба тани одамони бемор даво мебахшад. Сад афсўс, ки вақти синфи ҳаштум хондани Самандар соябони сараш аз бемории сактаи дил даргузашт ва тарбияи се фарзанду пешбурди зиндагӣ ба гардани ӯ афтод. Модари бечора дар деҳа ягон хешованде надошт, ки ба вай дасти ёрӣ дароз кунад. Танҳо бародари шавaҳараш буд, ки аробаи шалақи зиндагии худро бо сад азоб пеш меронд. Аз ин рӯ, бевазан бо заҳматҳои зиёд бори гарони рӯзгорро ба дӯш гирифт. Азбаски Самандар дар зери навозишҳо ва тарафгириҳои падар калон шуда буд, аз хурдӣ бачаи танбалу якрав ва гапнодаро буд. Таъмини хонавода ба модар душворӣ мекард. Духтараш – Робия маҷбур шуд, ки мактабро партофта ба кори хона ёрӣ расонад. Саломат ҳамроҳи духтараш дар ҳавлиҳои одамони дорои қишлоқи худашон ва ҳатто, ҳамсоядеҳаҳо рафта кор мекарданд. Пули ночизеро ба даст даровaрда, бо як илоҷ зиндагониро пеш мебурданд. Шабона ҳар ду дар равшании чароғ ресмон ресида, ҷӯроб, дастпӯшаку нимтана мебофтанд ва бо нархи арзон мефурӯхтанд. Фарзанди хурди хона – Музаффар дар як ҳафта ду-се маротиба мактаб рафта, рӯзҳои дигар барои аробакашӣ ба бозор мебаромад. Ӯ низ мехост ба модар ва хоҳараш кумак кунад. Самандари бепарво бошад, дар сар хаёли ба корҳои хона ёрӣ расонданро надошт. Модар ӯро ранҷонам рӯҳи падараш ноором мешавад, гуфта, барои таҳсил гирифтанаш тамоми шароитро муҳайё мекард, гарданшахиҳову эркагиҳои ӯро мебардошт. Саломат мехост орзуи шавҳараш – духтур шудани Самандар иҷобат гардад. Аммо писар ду сол ба донишгоҳи тиббӣ дохил шуда натавониста модари бечораро хун хӯронд. Муштипар на дар таом маза меёфту на дар хоби шаб роҳат. Пайваста ғами писарро мехӯрд. Бар замми ҳамаи ин, Самандар ҳамеша ба модар таъна мекард, ки ӯ пушту паноҳе надорад, ки барои донишҷӯ шудан ёрӣ расонад. Нолаву илтимосҳои модари бечора магар ба гӯши Худо расид, дар соли сеюм Самандар ба донишгоҳи тиббӣ дохил шуд. Барои таҳсил маблағи зиёд лозим буд ва ин маҷбур кард, ки Музаффар ба мактаб нарафта, бо аробакашӣ машғул шавад. Аҳли хонавода барои хуб хондани Самандар то ҳадди имкон ҳар коре аз дасташон меомад анҷом медоданд. Саломат бо сари танҳо Робияро ба шавҳар дод, Самандарро хононд, хонадор кард. Ба ӯ хона андохта, дар шифохонаи деҳа ба кор гузошт. Писари хурдиаш Музаффар низ оиладор шуд...

– Модарҷон, гузашта хоб кунед, – гуфтани Рухсора кампирро аз кӯчаю тангкӯчаҳои пурпечи хаёлот берун овард.

Пиразан бо ёрии келин ба рӯйи бистар гузашт. Модар гӯиё мурда буду хунук ношуда. Ҳеҷ чизро, ҳатто дарди пойи зарбхӯрдаашро, ки ҳар шаб азоб медод, ҳис намекард. Мисли ин ки тамоми олами ҳастӣ ба қаъри замин нест шуда буд. Ӯ худро дар оламе мепиндошт, ки гӯё ғайр аз торикиву сардӣ чизи дигаре нест. Гуфтаҳои нахустфарзандаш – «ту девона шудаӣ», «ҳамон гаву буз, кучуку пишак ҳам ба бачааш шир дода калон мекунад», «модари девонаат» паси гӯшаш садо медоданд. Ором, бесадо, беашк, беҳаракат мегирист модари пир. Аз сӯзи дил мегирист. Ба ҳоли худ, ба қадри худ ва зиндагии хеш мегирист. Гиряи ӯро на касе медид ва на нафаре мешунид. Дар ин шаби зулмонии тор аз гиряи бесадои модари зор замину осмон фарёд мекард. Дар тӯли шаб раъду барқ деҳаро даме ором нагузошт.

Саҳарӣ, чашми рӯз накафида, Музаффар аз хоб хест ва барои аробакашӣ тараддуд дид. Пеш аз рафтан чун ҳарвақта дари хонаи модарашро кушода ҳолпурсӣ кард:

– Модарҷон, нағз хоб кардед? Ман ба кор меравам, худатонро эҳтиёт кунед.

Модар, ки ба девор такя карда нишаста буд, чун ҳарвақта «нағз рафта биё, писарам, Худо ёрат бошад» нагуфт. Ин сухане, ки ҳар пагоҳӣ ӯро рӯҳи тоза мебахшид ва мадору қуввати ҷон мегардид, баланд нашуд. Музаффар ба худ ларзид, баданашро сардие фаро гирифт ва аз дигар дарро кушода ба модар хайр гуфт, аммо аз дохил садое набаромад. Зуд вориди хона шуд ва назди модар омада бо овози ҳаяҷономез нидо дардод:

– Модарҷон!

Ранги паридаву ҷисми сарди момои Саломат чун муҷассамаи модари мотамсаро беҳаракат меистод. Музаффар модарашро ба оғӯш гирифт ва бо овози баланд навҳаи ҷонгудоз кашид:

– Э, войи модари ҷафокашам!!!

## Бодбараки орзу

Дар фазои ғуборолуди шаҳри Ҳалаби Суриё зоғҳо села-села парвоз мекарданд. Гоҳ аз наздик ва гоҳе аз дур садои тиру туфанг баланд гардида, бо «қар-қар»-и зоғҳои сиёҳ ҳамоҳанг мешуд. Бӯйи ғализу нофорами партовҳо, ки дар қадди биноҳои валангору кӯчаҳои нотоза ҷамъ шуда буданд, дили касро нороҳат месохт. Коҳиши партави

офтоб аз поён ёфтани боз як рӯзи ҳаёт дарак медод. Гарчанд фасли бедоршавии табиат дар мекӯфт, манзараи шаҳр анҷоми фасли поизро мемонд. Дарахтон шабеҳи одамони дар бими ҷон афтодаи шаҳр музтару ҳайрон менамуданд. Ангор гӯшбақимор буданд, ки ин ҳама ҷангу исён, хунхориву шӯришҳо оқибат бо чӣ меанҷомида бошад?

Дар канори шаҳр, ки ба ҳамвории васеъ пайваст буд, дар назди биноҳои пасту баланди вайронгашта хонаи назарногире ба назар мерасид. Болои боми ин хонаи хурдакак, ки хонаи Ҳозиқ ном сардори як гурӯҳ ифротгароён буд, бомпӯш надошт. Ӯ бо мақсади аз назари бегонагон пинҳон доштани манзили зист дар ин вайрона зиндагӣ мекард. Дар як гӯшаи боми хона мӯрӣ буд ва дар ҷониби дигар маҳвора ба чашм мехӯрд. Мӯрии тираранг ва мавҷгири моҳворай, ки аз боми кулба ба назар мерасиданд, гӯиё нишонаи ду олами ба ҳам зид буданд, ки саҳван ба ҳам омада бошанд. Мӯрӣ гурбаи сиёҳеро мемонд, ки ба дили атрофиён торикӣ меандохт ва баръакс, лаълии мавҷгир ба бинанда умеди рӯшаноӣ ато мекард. Деворҳои гиландоваи хона ҳар ҷо ҳар ҷо афтодаву тирезаҳо аз дарун бо матои сиёҳ маҳкам пӯшонида шуда буданд. Хона ду дар дошт, ки яке ба ҷониби шаҳр кушода мешуду дари дигар роҳ ба самти танӯрхона буд. Аз бағали дари даромад зинае ба зери замин мефаромад. Дар поён ду хона буд – яке иқоматгоҳ, дигаре ошхона. Аҳли ин паноҳгоҳ барои эмин будан аз ҳар гуна ҳамлаҳои вақту бевақт дар зер зиндагӣ мекарданд.

Дар хона, ки тамоми таҷҳизоти зарурии рӯзгорро дошт ва бо қандили овезон аз шифт равшан мешуд, кадбонуи Ҳозиқ таоми шом мепухт. Писарчае, ки яқинан чор ё панҷсола буд, телевизор медид. Бо завқи тамом як шабакаи давлати дигарро, ки мардумаш ҷашнеро пешвоз мегирифтанд, тамошо мекард. Гарчанд забони онҳоро намефаҳмид, аз рақсу бозии бачагон, сурудхонию лапаргӯйии одамон, болои банд гаштани дорбозҳо, гӯштингирии паҳлавонон, суманакпазии мардум завқ мебурд. Дар худ меболид, ду дасташро зери ҷоғ такягоҳ карда, дида аз оинаи нилгун намеканд. Медид, ки бачаҳо бо шохаҳои гул таҳти навоҳои дилкаш мерақсиданд, байтбаракбозӣ мекарданд.

– Модарҷон, ин одамон чӣ кор мекунанд? – пурсид бача бо тааҷҷуби кӯдакона.

– Ҷашн пешвоз мегиранд, – ба телевизор нигоҳ кард зан.

– Чӣ гуна ҷашн?

– Намедонам, шояд ягон иди мардумӣ бошад…

– Мо кай ид мегузаронем?

Зан оҳи сарде кашид. Назди писар омаду паҳлуяш нишаст ва ӯро оғӯш карда аз гунаҳояш бӯсид.

– Худо хоҳад, ҷанг тамом шавад, сиҳату саломат ба озодӣ расем, он гоҳ мо ҳам ид мекунем, иди бошукӯҳ. Ҳама онро якҷоя пешвоз мегирем.

– Ман ҳам ба ид меравам? – рӯ ба модараш овард писарак.

– Албатта меравӣ, шери модар.

– Либосҳои нав мепӯшам, ҳамин тавр?

– Ҳа, падарат бароят либосҳои нав меоранд. Ту онҳоро пӯшида ба ҷашнгоҳ меравӣ, бо дӯстонат бозӣ мекунӣ, хушнудӣ менамоӣ.

– Ман ҷӯра надорам...

– Дунё, ки ором шуд, модарон нотарсида бо кӯдакони худ ба хиёбонҳо мебароянд. Ту ҳам дар байни онҳо дӯсту рафиқ пайдо мекунӣ, шери оча. Дӯстонат зиёд мешаванд.

– Ман ҳамроҳи онҳо рақсида хурсандӣ мекунам-а?

– Ҳа.

– Дар ид ба шумо гулдаста тӯҳфа мекунам, ба падарам китоб медиҳам.

– Чаро ба падарат китоб?

– Охир, он кас китобхониро дӯст медоранд, аз ин рӯ, китоб ҳадя мекунам. Ба шумо аз чунин гулҳои хушрӯ, – ба гулдастаи дасти духтараке, ки дар телевизор нишон медод, ишора кард писарак, – як гулдастаи калон ва як либоси заррини қиматро мебиёрам.

– Барои ин қадар тӯҳфа пули бисёр лозим аст. Пулро аз куҷо мегирӣ? – дар лабони зан хандаи малеҳе гул кард.

– Ман кор мекунам, пули зиёд меёбам. Баъд, ба шумову падарам тӯҳфаҳои ҳархела мехарам.

– Эҳ, шери оча-е, – писаракро ба канор кашид зан ва маҳкам оғӯш кард. – Илоҳо, Худованд ба коми дилат расонад. Ҳамаи ҷангу хунхӯриҳо тез анҷом ёбад. Осудагиву озодие, ки армони мост, ба ту армон нагардад, шери оча, – гуфт зан ва аз ҷо хест.

Телевизор як гурӯҳ бачагонро нишон медод, ки дар ҳамвориҳои васеи сабзадамида медавиданду бодбарак мепарронданд.

– Модарҷон ин бачаҳо чӣ кор мекунанд? – дубора савол дод писарак.

Зан дар даст косаи биринҷ омада нишаст. Биринҷро рӯйи матое рехта, ба тоза кардан пардохту гуфт:

– Бодбарак мепарронанд.

– Бодбарак чист?

– Чизест, ки бачагон аз коғазу чӯбҳои борик ва ширеш месозанд.

– Барои чӣ месозанд?

– Онро сохта аз як гӯшааш ресмон мебанданд ва дар вақти вазидани бод ба ҳаво сар медиҳанд. Он бо шамол дар само парвоз мекунад. Бодбараки касе, ки аз ҳама боло парвоз кунад, ғолиб мегардад.

– Шумо ба ман ҳам бодбарак созед, очаҷон. Ман ҳам мехоҳам бодбаракбозӣ кунам.

– Дар куҷо бозӣ мекунӣ? Онро дар хона бозӣ намекунанд, барои он ҷойи кушоду васеъ лозим. Бачагонро бин, дар дашти калон бодбарак мепарронанд, – ба телевизор ишора кард зан.

– Ман ҳам дар ҳамвории назди хона бозӣ мекунам.

– Ҳеҷ гоҳ! – чун нафаре, ки аз чизе тарсидааст, дод зад зан. – Дар ин бора асло фикр ҳам накун. Магар суханони пардаратро фаромӯш кардӣ, ки агар аз таҳхона берун бароед гӯшҳоятонро мебурам, гуфта буданд?

– Чаро набароям?

– Падарат набаро гуфтанд, пас набаромадан даркор.

– Ман одами ганда не-ку.

– Кӣ туро ганда гуфт?

– Худатон гуфта будед, ки одамони гандаро дар як хона гузошта ҷое рафтан намемонанд. Ман бачаи боодоб-ку, – димоғсӯхта гуфт писарак, – чаро ба ман берун рафтан мумкин не?

– Чунки ҳамон одамони ганда – гапнодарову якрав, бераҳму бадкирдор аз хонаҳояшон гурехтаанд. Ҳозир онҳо дар кӯчаҳо мегарданд. Агар бачаҳои боақлу боодобро бинанд, гирифта мераванд.

– Куҷо гирифта мераванд?

– Ба ҷойҳои бад.

– Чӣ хел ҷойҳои бад? Ба ҳабсхона?

– Ба ҷое, ки аз ҳабсхона ҳам бадтар аст, – сар боло кард зан ва дида ба оинаи нилгун дӯхту фирефтаи хаёл шуд.

– Ман онҳоро «диш-диш» мезанам ва аз дасташон гурехта ба хона меоям.

– Ту наметарсӣ?

– Не-е, наметарсам, – бо забони ширини бачагонаи худ ҳарф мезад писарак.

– Ҳамин шерписари оча саломат бошад-е, – гуфт зан ва биринҷу маторо гирифта назди бухорӣ рафт.

Писарак бошад, аз назди телевизор намеҷунбид. Дар он овозхоне ба сурудгӯйӣ даромад. Писаракро оҳанги шӯху садои гӯшнавоз ба ваҷд овард магар, аз ҷой хеста рақс кард. Модар аз дастафшонию китфҷунбониҳои нури дидаи худ хушнуд гардида, ба кафкӯбӣ даромад. Писарак модарашро низ ба рақскунӣ кашола кард, аммо зан ҳамоно нишаста қарс задан гирифт. Писарак дар атрофи ӯ парвонавор давр мегашт, хушнудии ҳар ду ҳадду канор надошт, мерақсиданд, механдиданд, меболиданд… Баъд аз анҷоми савту суруд барномаи дигаре оғоз шуд, ки дар он дӯшизаи хушлибосу хушсурате дар хусуси тарзи сохтани бодбарак ба сухан гуфтан пардохт. Бача аз телевизор чашм намеканд ва ҳар як ҳаракати дасти духтарро, ки бодбарак месохт, аз назар дур намекард. Пас аз хотимаи барнома писарак дарҳол ба хонаи поинӣ даромада, дар даст чанд чӯби дароз ба боло баромад. Аз рӯйи миз, ки дар он як даста рӯзномаю маҷалла мехобид, як газетаи калонро гирифт. Сипас аз модар хоҳиш кард, ки риштаю ресмон диҳад.

– Риштаю ресмонро чӣ мекунӣ?

– Бодбарак месозам.

Зан як ғалтак ва ресмони дарозеро оварда дар пеши писарак, ки дар миёнаи хона машғули кор буд, гузошт. Пас аз фурсате кушодашавии дари боло шунида шуд. Марде, ки ришу мӯйҳояш расида буданд ва дар сар дастору дар бар либосҳои суриёӣ дошт, аз зина поён омад. Ин сарвари хонадон Ҳозиқ буд. Дастор, гарданбанд, милтиқ ва ҳалқаи тирҳоро ба мех овехта, дар паҳлуи писар нишаст. Писарак саргарми кор ба ӯ эътиборе надод.

– Чӣ кор мекунӣ? – пурсид мард, ки овози ғафси ноформ дошт.

– Бодбарак месозам.

– Метавонӣ?

– Ҳа, – сар аз кор набардошта бо боварии комил гуфт бача.

Мард якпаҳлу нишаста ҷаҳоннаморо ба шабакаи дигар, ки доир ба навигариҳои ҷаҳон хабар медод, гардонд. Писарак пас аз заҳмати тӯлонӣ бодбаракро сохт.

– Ана, тайёр шуд, – рӯ ба падару модар овард. – Чӣ хел шудааст?

– Бениҳоят хуб аст, шери оча, – таъриф кард зан.

Мард нигоҳи ҷиддие афканду ҳарфе нагуфт. Писарак бодбаракро оҳиста дар болои миз гузошт ва ба пеши модар омад...

Субҳ писарак аз садои табарзании падар, ки дар ошхона ҳезум пора мекард, бедор шуд ва дарҳол ҷониби миз нигоҳ кард, ки бодбарак дар ҷояш ҳаст ё не. Зан дар бухорӣ оташ мегиронд.

– Хез, шери оча, дасту рӯятро шӯй, чой мехӯрем, – меҳрубонона гуфт зан.

Мард аз хонаи дарун бо димоғи сӯхта баромад. Аслан ӯ доимо чунин малулу парешон буд. Ҳамеша бо лунҷу димоғи овезон мегашт. Ба касе рӯйи хуш намедод. Чой мехӯрданд, ки аз берун садои тир баланд шуд. Магар дар наздикиҳои хона тирпарронӣ мешуд, ки овози он баръало ба гӯш расид.

– Ҳазор лаънат, – мард бо мушт ба як гӯшаи миз чунон кӯфт, ки писарак як қад парид, – то кай ин ҳол давом мекунад?! То кай ин мардуми ғофилу кофар ба мо муқобилат мекунанд?! – дод зад мард. – Мо бояд тезтар ҳаракат кунем, зудтар мақсади худро амалӣ созем. Танҳо он гоҳ ба озодии асл расиданамон мумкин аст, фақат дар ҳамон вақт.

– Ҳамин корҳо чӣ лозим бошад? – норозиёна гуфт зан.

– Ту чиро ҳам мефаҳмӣ? – писханд зад мард. – Мо дар сари шоҳроҳи бузург қарор дорем. Иншоаллоҳ, Офаридгори ягонаву беҳамто моро ба мақсудамон мерасонад. Мурдани ин мардуми ғафлатзада ва кофар муқаррар аст, аммо кай мурданашон аён нест! Парвардигоро, – даст ба дуо кушод мард, – барои иҷобати орзуи ягонаи мо худат ёрӣ расон,чашмони бандагони ғофилро боз кун, ба дилашон нуру зиё ато фармо ва дар роҳи ҳақ ба онҳо роҳнамо бош, – даст ба рӯй кашид ва аз ҷой хеста, либоси кӯчаравиро пӯшида, туфангро ба даст гирифт. Вақте ки баромада рафт, нигоҳи кадбону дар нуқтае ях карда буду ҳарфе намезад...

Ақрабаки соат аз пешин шудани рӯз хабар медод. Писарак бодбаракро дар канор гирифта ба он ресмон мебаст. Зан хамир мекард.

– Шери оча, аз ошхона ба боло ҳезум барор.

Писарак бодбаракро монда ба хонаи дарун даромад ва дар оғӯш чанд чӯб аз зина боло шуд. Ҳезумро дар қафои дар гузошта бозмегашт, ки чашмаш ба равшание бархӯрд, ки аз як гӯшаи тиреза вориди айвон мешуд. Қадам шумурда ба назди тиреза омад ва як гӯшаи матои кӯфташударо бардошту ба берун нигоҳ кард. Хуршед медурахшид, аз замин сабзаҳои нав сар боло мекарданд. Яқинан шамол мевазид, ки шохаҳои чанд дарахти ҳамворӣ ба ҳар ҷониб меҷунбиданд. «Дар ин шамол бодбарак чӣ хел парвоз мекарда бошад?», аз дил гузаронд писарак. Поён фаромада боз ҳезум баровард ва бори дигар ба берун нигоҳе афканд. Ҳамоно шамол шохсори дарахтону рӯйи сабзаҳоро сила мекард. Ба назари писарак, ки чанд вақт боз табиати берунро надида буд, ҳамвории хароби назди хона чун як замини биҳиштӣ менамуд. «Як маротиба бодбаракамро парронам, чӣ мешавад? Оре, як бор парронам шуд буд. Зуд баргашта ба хона медароям. Дарҳол дароям модарам ҳам пай намебаранд», дар худ андешид писарак ва поён омада, ҳамроҳи чанд ҳезум бодбаракро гирифту ба боло баромад. Модар саргарми кори худ аз ҳаракатҳои ӯ бехабар монд. Ҳезумро гузошта назди даре рафт, ки ба қафо кушода мешуд ва ба ҳамвории фарох мепайваст. Зулфини онро кушод. Аммо дудила шуд, «падарам фаҳманд, гӯшамро мебуранд» аз хаёл гузаронд ва зулфинро аз нав маҳкам карда пас гашт. Дар сари зина истод, ҳаваси бодбаракпарронӣ аз таъкиди падар ғолиб баромад. Дубора назди дар омаду онро оҳиста во намуд. Насими форами баҳорӣ рухсори писаракро навозиш кард. Ӯ оҳиста ба самти берун по ниҳод, дилаш сахт метапид. Ба атроф чашм давонд, чизе ба назар намерасид. Дуртар аз хона чанд бинои пасту баланд маълум буду халос. Писарак барои паррондани бодбарак саъй кард. Пас аз ду-се кӯшиш бодбарак камтар боло шуд ва зуд поён омад. Бача ноумед нашуда, барои ба парвоз овардани бодбарак ҳаракат кард ва ниҳоят, бодбараки ӯ ба ҳаво бархост. Писарак рӯ-рӯйи замини сабзгунаи нарми баҳорӣ чун баррачаи ширхор давид ва аз парвози бодбарак дар худ нағунҷида, беихтиёр садо баланд кард:

– Ӯҳӯ-ҳӯ-ҳӯ-ҳӯ, бодбараки ман парвоз кард, бодбаракам парвоз кард. Ӯҳӯ-ҳӯ-ҳӯ, бодбараки ман пар… – садои тир баланд шуду овози писарак дар гулуяш монд ва сабук ба рӯйи замин афтод, ресмони бодбарак аз дасташ раҳо шуд.

Зан, ки машғули нонросткунӣ буд, садои тирро шунида дасту по хӯрд ва зуд ба боло шитофт. Ӯ ҳамин ки дари қафои хонаро боз дид, мадор аз дасту пояш рафт. Худро ба берун зад ва писаракро афтода дида ба сӯяш дартоз шуд. Вазиши шамол сахттар шуда буд, бераҳмона ба сару рӯйи зан ҳамла мекарду намегузошт, ки пеш равад, ангор мехост ӯро аз роҳ бозгардонад. Ҳайрати кас меояд, ки чӣ тавр дар як фосилаи кӯтоҳ насими баҳорӣ ба шамоли зиштхӯй табдил ёфта буд. Зан на парвои хору санг дошту на парвои шамоли тунд. Давида ба назди писар расиду ҷигарпораи хешро оғуштаи хун дарёфт. Модар нишаста, чун шери ба алам омада наърае кашид ва навҳакунон сари писарро рӯйи зону гузошт. Писарак бо чашмони нимароғ, бо овози гӯшшунав гуфт:

– Оча… очаҷон… бод… бод… бодбараки ман… парвоз… кард…

Зан дубора наъра кашид. Ашкрезон аз дастону чеҳраи дилбанди худ бӯсидан гирифт. Писарро оғӯш карду дар бағал бардошт ва ду қадам гузошта буд, ки бори дигар садои пайиҳами тири дайду баланд шуд…

Зоғони сиёҳ ба ҳар ҷониб парвоз мекарданд, «қар-қар-қар»-гӯён ошӯберо барпо менамуданд. Гӯё ба ҳам мегуфтанд, ки аҷаб махлуқест ин одамизод, ҳеҷ аз рехтани хуни якдигар хаста намешавад…

Бодбараки аз дасти писарак раҳогардида болотар аз замини хунолуд дар осмони дудолуди шаҳри Ҳалаби Суриё парвоз мекард…



## Адабиёти истифодашуда:

**Воронкова, Л.** Дар умқи асрҳо: асари ториxӣ-бадеӣ [манбаи электронӣ] / М.: Детская литература, 1984. – Наҳваи дастрасӣ: http://profilib.com/chtenie/10253/lyubov-voronkova-v-glubi-vekov.php

**Ғафуров, Б.** Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна/ Китоби 1. – Душанбе: Ирфон, 1983. Китоби 2. – Душанбе: Ирфон, 1985.

**Деҳқон, Ш.** Мавҷи Сойи Хурд: маҷмӯаи ашъор / Т.: Ӯзбекистон, 2000.

**Деҳхудо, А.** Луғатномаи Деҳхудо [манбаи электронӣ] / Наҳваи дастрасӣ – http://www.jasjoo.com/books/wordbook/dehkhoda/

**Донишномаи озод.** Маълумот дар бораи Эҷ ва истилоҳи «эҷ» [манбаи электронӣ] / аз Википедия – Донишномаи озод. – Наҳваи дастрасӣ: https://fa.wikipedia.org/wiki ایج

**Зайнаб,** Ҳулбӯйи Катаэҷ: шеърҳо / Эгамдухт З. – Т.: Ӯзбекистон, 2008.

**Зеҳниева, Ф.** Сурудҳои маросими тӯйи тоҷикон/ Душанбе: Дониш, 1978.

**Илёсов, Я.** Суғдиён: асари ториxӣ-бадеӣ [манбаи электронӣ] / М.: Вече, 2009. – Наҳваи дастрасӣ: http://profilib.com/chtenie/66313/yavdat-ilyasov-sogdiana.php

**Имомназар, Ю.** Аз санг сахт, аз гул нозук: ҳикояҳо ва қиссаҳо; очеркҳо ва мақолаҳо / Т.: Extremum press, 2010.

**Имомназар, Ю.** Ҷоми саргардон: қиссаҳо ва ҳикояҳо / Т.: Tamaddun, 2014.

**Камолиддинов, Б.** Забони тоҷикӣ барои синфи 11/ Душанбе: Собириён, 2007.

**Кошонӣ, М.** Ғазалиёт / таҳиягари матн ва ба чоп ҳозиркунанда Ҷ. Орзумурод – Душанбе: Сино, 1995.

**Қамарзода, А.** Гулистони адаб: воситаи таълим барои омӯзгорон ва донишомӯзон / Т.: Шарқ, 2007.

**Набӣ, А.** Раҳоварди кӯҳистонӣ: маҷмӯаи ашъор / Т.: Ӯзбекистон, 2010.

**Набӣ, А.** Сарзамине дар доманакӯҳ: рисолаи ториxӣ / Т.: Ӯзбекистон, 2010.

**Расулзода, Н.** Тазкира: зиндагиномае аз ҳаёти мардумони як деҳ / Т., 2003 (дастхати чопнашуда).

**Сайфӣ, Ш.** Селоби ишқ: шеърҳо / Самарқанд: Зарафшон, 2003.

**Султонзода, Ҳ.** Бозгашти Ҳикмат: шеърҳо / Т.: Муҳаррир, 2011.

**Султонзода, Ҳ.** Сеҳри сухан: шеърҳо / Т.: Муҳаррир, 2013.

**Сӯфиев, А.** Фолклор – афкори эстетикӣ ва иҷтимоии халқ / Душанбе: Ирфон, 1982

**Таронаҳои Самарқанд** / ба чоп ҳозиркунанда Б.Шермуҳаммадов – Душанбе: Дониш, 1966.

**Тӯйназар, Б.** Бори дил: ҳикояҳо ва эссеҳо / Т.: Ӯзбекистон, 1999.

**Тӯйназар, Б.** Дар кӯчаҳои шаҳр: ҳикоя, эссе ва андешаҳо / Т.: Tafakkur qanoti, 2011.

**Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ** / Зери таҳрири С.Назарзода, А.Сангинов, С.Каримов, М.Ҳ.Султон. Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008 (ҷилдҳои 1 ва 2).

**Фарҳодзод, Ф.** Гулчини ҳикояҳо [манбаи электронӣ] / facebook.com: маҳфили «Сайқали сухан», 2016. – Наҳваи дастрасӣ: https://www.facebook.com/groups/440329279492479

**Форишӣ, М.** Мавҷи дил: маҷмӯаи ашъор / Гулистон: Зиё, 2006.

**Форишӣ, М.** Рози ниҳон: маҷмӯаи ашъор / Гулистон: Зиё, 2000.

**Форишӣ, М.** Тоҷикони Фориш: асари этнографӣ / Гулистон: Зиё, 2000.

**Худойназар, Х.** Меҳр: шеърҳо / Самарқанд: Зарафшон, 2009.

**Худойназар, Х.** Пайроҳаи умр: маҷмӯи мақолаҳо ва шеърҳо / Самарқанд: Зарафшон, 2007.

**Ҳамавӣ, Ё.** Муъҷам-ал-булдон [манбаи электронӣ] / Бейрут, ҷ. 3. 1990 (ба забони арабӣ)– Наҳваи дастрасӣ: https://fa.wikipedia.org/wiki (Матни мавриди назар аз тарҷумаи форсӣ дарёфт шудааст).

**Ҳусайни Фасоӣ, Ҳоҷ Мирзо Ҳасан.** Форсномаи Носирӣ: асари торихӣ-ҷуғрофиёӣ[манбаи электронӣ] / Теҳрон: Амири кабир, 1378 ҳ.ш. (2000), ҷ. 2. (Ба забони форсӣ: حسن حسینی فسائی. فارسنامه ناصری/ تهران: امیرکبیر

– Наҳваи дастрасӣ: http://up.tarikhfa.com/uploads/fars-name-naseri-tarikhfa.rar

**Раҷоии Бухороӣ, А.** Лаҳҷаи бухороӣ / Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад: Интишороти Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, шумораи 8, чопи дувум, 1375 ҳ.ш. (1996 м.). (Ба забони форсӣ:

دکتر احمد علی رجایی. لحجه بخارایی: دانشگاه فردوسی، مشهد

**Эдисон, М.** Фотеҳ: асари торихӣ дар бораи Искандари Мақдунӣ [манбаи электронӣ] / М.: АСТ, Астрел, 2004. – Наҳваи дастрасӣ: http://litresp.ru/kniga/ru/M/marshall-edison/aleksandr-makedonskij-pobeditelj

# МУНДАРИҶА

**Давоми нек роҳатро**...3
**Аз муаллиф**...6

**БОБИ ЯКУМ – ВОЖАҲО ВА ГӮЙИШИ МАРДУМӢ**

**Эҷ ва маънои он**...8
**Лаҳҷаи Эҷ**...14
1. Овозҳои **е** ва **у** дар ҷойи овози садоноки **ӯ**...19
2. Пасванди **-о** дар нақши ҳиссачаи саволӣ...22
3. Кӯтоҳ ва тавъам шудани феълҳои таркибӣ...23
4. Ба ҷойи пайвандаки «агар» омадани овози е...24
5. Тағйирёбии шакли феъли «додан» ва тасрифи сиғаи хабарии феълҳои замони ҳозира-оянда...24
6. Мавқеи пешоянди «ба»...25
7. Тағйирёбии таркиби овозӣ ва талаффузи ғайриадабии калима...25
8. Баъзе тафовутҳои таркиби ҷумласозӣ дар байни лаҳҷа ва забони адабӣ...27

**Луғатномаи мухтасари лаҳҷаи Эҷ**...32

**БОБИ ДУЮМ – ТАРОНАҲОИ МАРДУМӢ ВА КАТИБАҲО**

Ганҷинаи заволнопазир...43
Намунаҳо аз эҷодиёти даҳанакии мардуми Эҷ...49
Катибаҳо...81

**БОБИ СЕЮМ – АҲЛИ СУХАН**

**Пешгуфтор**...87
МАҲМУДИ ФОРИШӢ...93
АБДУНАЗАРИ НАБӢ...102
БЕКНАЗАР ТӮЙНАЗАР...110
  Симкати холӣ...112
  Ман зиқ не...118
  Шӯхиҳои Абдумалик (аз дафтари ҳаҷв)...121
ШАКАРДЕҲҚОН...124
ЗАЙНАБ...135
ЮНУСИ ИМОМНАЗАР...145
  Нолаи хар...147
  Писарак...152
  Дер ою дуруст ой...158
  Оби зери коҳ...166
ҲИКМАТ СУЛТОНЗОДА...173
ШАКАР САЙФӢ...184
ФАРИДУНИ ФАРҲОДЗОД...197
  Истгоҳи наҳс...199
  Қадр...205
  Бодбараки орзу...213

**Адабиёти истифодашуда**...221

УЎК: 811.222.8(079)
КБК 81.2-8
И-30

ISBN 978-9943-4724-4-0

**ЮНУСИ ИМОМНАЗАР**

**ДЕҲАИ ЗАРХЕЗ**

Нашри илмӣ-адабӣ

Муҳаррир: **З.Файзуллоева**
Муҳаррири адабӣ: **Паймон (Т.Тӯхтаев)**
Саҳифабанди компютерӣ: **Б.Нурназаров**

Ба саҳифабандӣ 29.09.2016 иҷозат дода шуд.
Ба чопаш 15.12.2016 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60х90 1/16. Гарнитураи «Times New Roman Tj». Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 14,0.
Адади нашр 300 дона. Супориши 161.

Дар шуъбаи табъу нашри нашриёти "Муҳаррир" чоп шуд.
100011, ш.Тошканд, ноҳияи Чилонзор, мавзеи 20[а],
хиёбони Сӯгалли-ота - 5.

E-mail. Muharrir@list.ru